ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис



ВБД: 07:34+17 (575.3) (76.12:67+87.7 (2 Тоҷик))

РАҲИМҶОН ХУШДИЛ

ТАШАККУЛИ МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИВУ ҲУҚУҚӢ ДАР ЖУРНАЛИСТИКАИ ТОҶИК (ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ

аз рӯи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

Мушовири илмӣ:

доктори илмҳои филологӣ

Саъдуллоев Ҷ.М.

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....4

МУҚАДДИМА.....5-21

БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИВУ ҲУҚУҚӢ ДАР ЖУРНАЛИСТИКА.....22-92

1.1. Масъалаҳои назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ.....23-53

1.2. Зарурат ва аҳаммияти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика.....53-92

БОБИ II. РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МЕЪЁРҲОИ ЭТИКӢ ВА ҲУҚУҚӢ ДАР ВАО-И ТОҶИК.....93-155

2.1. Омилҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ.....94-124

2.2. Қабули асноди расмӣ доир ба меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ.....124-155

БОБИ III. МАХСУСИЯТҲОИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚӢ.....156-203

3.1. Таъсири омилҳои этикӣ ба шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ.....156-184

3.2. Меъёрҳои ахлоқии идораҳои воситаҳои ахбори омма ва вижагиҳои онҳо.....184-203

БОБИ IV. ТАНОСУБИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚИЮ ҲУҚУҚӢ ДАР ЖУРНАЛИСТИКА.....204-243

4.1. Асосҳои назариявии алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ.....204-224

4.2. Таҳлили таносубии риояи меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар ВАО-и тоҷик 224-243

БОБИ V. ЗУҲУРОТИ ДЕОНТОЛОГӢ ЧУН ИДОМАИ

МАНТИҚИИ ПАЙВАНДИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚИЮ ҲУҚУҚӢ.....244-288
5.1. Падидаҳои деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик.....244-270
5.2. Ҷанбаҳои амалии равобити меъёрҳои этикию ҳуқуқӣ.....271-288

ХУЛОСА.....289-300
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....301-304
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....305-339

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМВАОМТ – Ассосиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон

БДА – Бозрасии давлатии автомобилӣ

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотисалистӣ

КМ ҲКИШ – Кумитаи марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

МН – Маҷлиси намояндагон

МН МО ҶТ – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

МО ҶТ – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ОИТ – Оҷонсии иттилоотию таҳлилӣ

ТИК – технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

ҲКИШ – ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ

«ЧГ» – «Чархи гардун»

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУҚАДДИМА

Дар кори диссертатсионӣ вазъи ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳқиқ шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мақоми ахлоқ дар ҳаёти инсон ниҳоят муҳим аст, зеро он ҳамчун яке аз аслҳои зиндагӣ шинохта мешавад; агар ҳастии инсон ду рукни аслӣ дорад – яке моддӣ ва дигаре маънавӣ, пас ахлоқ дар меҳвари ҳастии маънавии инсон қарор гирифта, ба ин ҳастӣ маънӣ мебахшад. Ҳамин аст, ки масъалаи хушахлоқӣ ва маҳкум намудани хулқу рафтори бад ҳамчун яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҳастӣ дар тамоми давраҳои ташаккули инсоният ҳамеша вуҷуд дошта, мавриди баррасӣ қарор мегирифтааст, ки нишони зарурату муҳиммияти он аст.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, дар асри иттилоот, ки нақши воситаҳои ахбори оммаро боло бурдааст, дар ҳоле ки имкониятҳои нави дастрасӣ ба иттилоъ ба вуҷуд омадаанд, дар замоне, ки иттилоот ягон марзро намешиносад, воситаҳои ахбори омма ҳамчун неруи пуриқтидор барои амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикӣ истифода шуда истодаанд ва ҳар замон имкони сар задани таркиши иттилоотӣ ҳаст, масъалаи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ чун масъалаи мубрам эҳсос мегардад.

Шароити иқтисоди бозорӣ, моликияти шахсиятҳои алоҳида гардидани идораҳои воситаҳои ахбори омма мазмун ва моҳияти рисолати аслии воситаҳои ахборро зери суол бурдааст. Бо мавриди баррасӣ қарор гирифтан чунин мушкилот ва оқибатҳои он дар фаъолияти минбаъдаи кормандони эҷодии ВАО бозгӯ мешавад.

Дар шароити ҷомеаи демократӣ, ки дар он созмон додани давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ аз ҳадафҳои муҳимтарин ба шумор меравад, масъалаи муносибат бо унсурҳои демократия – озодии сухан ва гуногунандешӣ ба миён меояд. Масъулияти озодии сухан барои сӯиистифода нагардидани он муҳиммияти меъёрҳои ахлоқи касбиро собит менамояд.

Ҷомеашиносони тоҷик ҳам ба ин масъала таваҷҷуҳ карда, таъкид

намудаанд, ки яке аз дастовардҳои бузурги мо дар шароити муосири тезутунди ҷаҳонишавӣ нигоҳ доштани сарчашмаҳои ахлоқии худ буд, ки онҳо ҳамчун бунёди идеологияи давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ба мо хидмат доранд. Аз ин рӯ, ба назари ҷомеашиносон, рӯй овардани миллати тоҷик ба арзишҳои анъанавию ахлоқии худ ақибмондагӣ ва маҳдудияти халқи тоҷик набуда, балки заминаи усулие мебошад, ки тавассути он метавон дар шароити тағйирпазирии ҷаҳони муосир боқӣ монда, хатарҳои ҷиддиро бартараф сохт. Ҳамин аст, ки бо такя ба таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳамқадамӣ бо ҷомеаи демократӣ дар кишвари мо низ кӯшишҳои худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма арзи ҳастӣ карда, ба натиҷаҳои назаррас даст ёфтаанд. Ин раванд ҳам дар илми журналистикаи муосир арзиши баррасӣ ва таҳқиқро дорад.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ низ аз масоиле ҳастанд, ки дар шароити имрӯзаи фаъолияти ВАО хеле муҳим мебошанд. Таҳқиқи ташаккули ин масоил аз масъалаҳои муҳимми журналистикаи муосир аст, зеро ба вуҷуд омадани низоми комилан нав раванди муносибат бо фаъолияти расонаҳоро низ ба куллӣ дигаргун сохт; агар дар низоми қаблӣ масъалаҳои ҳуқуқӣ дар журналистика чандон мақоме надоштанд, дар низоми нав ин масъала ба яке аз муҳимтарин паҳлуҳои фаъолияти рӯзноманигорон табдил ёфт.

Ҳарчанд аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки ин масъала ҷанбаи ҳуқуқӣ дорад, аммо таваҷҷуҳи бештар ба он мавқеъ меорад, ки дар муҳити эҷодӣ ва илмии рӯзноманигории тоҷик ба меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ аз дидгоҳи гуногун муносибат мешавад, ки нақш доштани рӯзноманигорон дар ташаккули чунин аснод яке аз онҳост.

Инчунин, масъалаҳои баҳсноки миёни рӯзноманигорон бо мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида, ки дар доираи гуфтушунидҳо ҳал нагардида, доманаи баҳсҳо то толорҳои суд кашида шудаанд, аз ҷанбаҳое ҳастанд, ки дар воситаҳои ахбори омма ҳам ба таври густурда инъикос ёфтаанд. Зарурати баррасии ин ҷиҳат низ ҳаст.

Масъалаи муҳими дигар алоқамандии меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ мебошад, ки таҳқиқ мехоҳад. Таносуби меъёрҳои ахлоқӣ бо ҳуқуқӣ низ

ҳарчанд падидаи нав нест, аммо аз нигоҳи муносибатҳои муосир мафҳуми тахассусии зуҳуроти деонтологӣ дар журналистика нав мебошад.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд, зеро тавре ки аз мазмун ва моҳияти қонунгузории мамлакат оид ба васоити ахбори омма бармеояд, таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо мебошад» [406].

Ба назари мо, иҷрои ин вазифаҳои муҳим ба муносибати воқеӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ алоқаманд аст, аз ин рӯ, ин ҷиҳат низ мубрам будани мавзуъро собит менамояд.

Ҷиҳати дигаре, ки мубрамии мавзуи таҳқиқро собит менамояд, қабули санадҳои ахлоқии идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори омма аст. Ин ки чунин аснод аз ҷониби ташкилотҳои журналистӣ таҳия, пешниҳод ва қабул мешаванд, раванди муқаррарӣ аст, аммо вақте расонаҳои алоҳида худ санади дохилӣ таҳия мекунанд, масъалаест, ки зарурати баррасӣ гардиданаш вуҷуд дорад, зеро дар ин маврид махсусиятҳои чунин санадҳо маълумтар гардида, аҳамиятнокӣ ва таъсирнокии онҳоро нишон хоҳад дод, ки ин ҳама дар натиҷаи пажуҳиш ба даст меояд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд, зеро тавре ки аз мазмун ва моҳияти қонунгузории мамлакат оид ба ВАО бармеояд, таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо мебошад».

Ба назари мо, иҷрои ин вазифаҳои муҳим ба муносибати воқеӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ алоқаманд аст, аз ин рӯ, ин ҷиҳат низ мубрам будани мавзуъро собит менамояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиёт нишон медиҳад, ки мавзуи мазкур дар журналистикаи тоҷик ҳамчун объекти таҳқиқот нав аст, вале чун яке аз ҷузъҳои муҳими фаъолияти журналистӣ дар асарҳо ва мақолаҳои муҳаққиқони соҳа ба таври мушаххас баррасӣ гардидааст. Дар журналистикаи рус ин мавзуъ то андозае таҳқиқ гардидааст ва чанд рисола ва тадқиқоти илмӣ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, муҳаққиқони рус Е.П. Прохоров [190; 191], В.В. Ворошилов [41; 42], С.Г. Корконосенко [116; 117; 118], ки барои устувории назарияи журналистика тадқиқот бурдаанд, дар асарҳои худ ба таври умумӣ этикаи касбиро ҳамчун қисми таркибӣ ва муҳими фаъолияти журналистӣ шарҳ додаанд ва олимон Р.Г. Бухарсев [33; 34], В.А. Казакова [105], Ю.В. Казаков [104], В.М. Теплюк [226; 227], Д.С. Авраамов [3; 4], Г.В. Лазутина [131; 132; 133; 134; 135], С.А. Муратов [160; 161], М.И. Шостак [266] дар таҳқиқҳои худ ба таври мушаххас моҳияти илмии этикаи касбии журналистро муайян кардаанд.

Мавзуи мавриди пажуҳиш яке аз масъалаҳои актуалии журналистикаи ҷаҳонӣ мебошад. Нахустин маротиба мафҳуми «ахлоқи журналистӣ»-ро соли 1889 муҳаққиқи амрикоӣ Уилям Самуэл Лилли дар як мақолаи илмии худ истифода кардааст, ки муҳаққиқ Дикен-Гарсиа онро оғози гузариш ба стандартҳои нави журналистӣ шуморидааст.

Баъдан солҳои 20-уми асри XX дар журналистикаи Амрико асарҳои назариявӣ доир ба этикаи касбии журналист ба вуҷуд омаданд, ки инҳо «Этикаи журналистӣ»-и Н.Коуфорд, «Этикаи кор дар рӯзнома»-и В.Гиббонс, «Виҷдон дар рӯзномаҳо»-и Л.Флинт мебошанд. Ин таҳқиқотчиён тақрибан андешаҳои яксонро ироа дошта, асосан ба масъалаҳои этикии муносибат бо сарчашмаҳои иттилоъ, амнияти миллӣ, озодии сухан, ҳалли мухолифатҳо, дақиқии маълумот, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва монанди инҳо таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин миён ақидаҳои В.Гиббонс ҷолиб аст, ки ҳарчанд ғояи матбуоти озод ва пешниҳоди бешарҳу эзоҳи далелҳои бешуморро талқин мекунад, инчунин, моҳиятан мазмуни назарияи масъулияти иҷтимоиро баён намудааст.

Асари муҳиму бунёдӣ пас аз ин давра «Чор назарияи матбуот»-и Ф. Сиберт, В. Шрамм ва Т. Питерсон [211; 212] мебошад, ки пас аз хулосаи комиссияи Хатчинс ва эътирофи назарияи масъулияти иҷтимоӣ (назарияи мазкур ба назари муҳаққиқ Э. Ламбет, муҳимтарин санад барои ВАО дар асри ХХ мебошад) эҷод шудааст.

Ҷон Меррил соли 1974 асари «Озодиҳои ҳатмӣ»-ро таълиф намуда, озодихоҳиро тарғиб ва як андоза аз назарияи либертианӣ тарафдорӣ намудааст, вале соли 1989 дар «Диалектикаи журналистика» ӯ ба хулосае омад, ки озодӣ ва масъулият ба ҳам тавъаманд ва зарур аст, ки «истифодаи муътадил ва огоҳона аз озодии журналистӣ» сурат гирад.

Муҳаққиқон Р. Каплар ва П. Мэйнс принсипҳои озодӣ ҳангоми ҷамъоварии маълумот ва муносибати шубҳакорона нисбат ба кори ҳукуматдоронро аз назарияи либералии классикӣ этироф кардаанд.

Дар охири асри ХХ олими шведӣ Ленарт Вейбулл ва муҳаққиқи франсуз Клод Жан Бертран аз муҳаққиқони барҷастаи самти этикаи журналистӣ низ масъалаи масъулиятшиносии журналистонро аввалиндараҷа донистаанд.

Ба назари пажуҳишгар А. Уайт, эҷоди кодексҳои нави ахлоқии ВАО як қисми раванди баланд бардоштани маҳорати касбӣ мебошад, вале ин раванд ҳамеша бо эҳтиёҷоти амалӣ алоқаманд буда, зери фишори беруна сурат мегирад ва журналистонро ба худтанзимкунӣ водор месозад.

Муҳаққиқ Д. Томас чунин андеша дорад, ки такмили механизмҳои худтанзимкунии ВАО дар ҳоле сурат мегирад, ки рӯзноманигорон, аз як тараф, мехоҳанд аз маҳдудиятҳои қонунӣ канорагирӣ кунанд ва аз тарафи дигар, сатҳи касбияти худро баланд бардоранд.

Ба назари муҳаққиқ Д. МакКвэйл, таваҷҷуҳи хос ба принсипҳои ахлоқии журналистика аксар вақт дар шароити буҳронӣ ва гардиши таърихии ҷомеа (ба монанди ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ) ё таҳаввулоти бузург дар соҳаи ВАО (пайдоиши телевизион, монополияи матбуот, рушди технологияҳои нав) ба вуҷуд меояд.

Дар журналистикаи тоҷик низ мавзуи этикаи касбии журналист мубрам

аст. Қариб ҳама асарҳои профессор И. Усмонов дар робита ба ахлоқи касбӣ маълумот медиҳанд. Аз ҷумла, ӯ дастури таълимии «Одоби сухан» [232]-ро таҳия кардааст, ки дар он ботафсил дар хусуси моҳият, қадру мақом ва иқтидори сухан, дар бораи сухани росту нек, сухансанҷӣ, сахтгӯйӣ, навъҳои сухан, таърих ва таърихӣ будани сухан, муъҷазбаёнӣ, донистани қадри худ маълумот додааст. Қисми чоруми асари «Журналистика» [236] -и профессор И. Усмонов низ сарчашмаи муҳим аст, зеро дар он тарҷумаи яке аз асарҳои бунёдии журналистикаи муосир (ки ба назари мо, ба заминаҳои ахлоқию ҳуқуқии журналистика бештар алоқаманд аст) – «Чор назарияи матбуот»-и Ф.Сиберт, В.Шрамм ва Т.Питерсон ҷой дорад.

Дар воситаи таълимии «Асосҳои журналистикаи телевизион»-и А. Саъдуллоев ва М.Шоев [206] ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар телевизион таваҷҷуҳ шуда, хусусияти дидашавандагии ахлоқ тавассути телевизион таъкид шудааст, ки муҳимияти меъёрҳои ахлоқиро собит менамояд.

Дар тадқиқоти профессор А. Азимов [7] ва дотсент П. Гулмуродзода [49, 50] низ баъзе андешаҳои ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ алоқаманд ба назар мерасад.

Профессор М. Муродов дар дастурҳои таълимии «Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист (қисми 1)» [162], «Сотсиологияи журналистика» [163], «Аз се шохаи як илм» [165] «Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ» [166] ба мавзуи мазкур ба таври мушаххас муносибат намудааст. Ба назари мо, ин мавқеи ӯ муҳим аст: вазифаи публисист раҳнамоӣ намудани мардум ба роҳест, ки ҷомеаро ба сӯи равшангароӣ мебарад; сохти иҷтимоӣ метавонад бо таъсири қувваи ахлоқӣ ва афкори иҷтимоӣ дигаргун шавад.

Дар асарҳои профессор М. Муқимов (Ҷовид Муқим) «Радиои «Озодӣ»: ҳақиқат ва дурӯғ» [167], «Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ» [168], «Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз» [169], «Дастур барои радиожурналистони ҷавон» [170] масъалаҳои махсус таҳриф намудани ҳақиқат, хатарҳои ҳамчун силоҳи пуриқтидор истифода гардидани воситаҳои ахбор дар шароити ҷанги иттилоотӣ, шарҳу тафсири дезинформатсия, хомӯшии ҳадафмандона баррасӣ

шудаанд, ки масъалаи ногузирии риояи меъёрҳои ахлоқиро таъкид менамоянд.

Муҳаққиқи соҳа Д. Давронов дар маҷмуаи «Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо» [63, 64] бо зикри баъзе масъалаҳои ахлоқии расонаҳо таъкид мекунад, ки меъёрҳои ахлоқӣ ҳангоми фаъолият басо муҳиманд.

Муҳаққиқ С. Гулов дар маҷмуаи мақолаҳои «Амвоҷи сухан» [51] матлабҳои воситаҳои ахбори оммаи мустақил, ҳукуматӣ, васоити чопӣ ва электронии ахборро таҳлил намуда, риоя нагардидани меъёрҳои асосии этикаи касбӣ, ба монанди одоби сухан, асардуздӣ, зикр накардани сарчашмаи иттилоъ, беэҳтиромӣ нисбат ба аудиторияро ҳангоми шарҳу тафсири масъалаҳои байналхалқӣ камбудии ҷиддии расонаҳо донистааст.

Муҳаққиқ Б. Қутбиддин (Б.Ҳошимзода) дар маҷмуаи «Роҳ ба сӯи эҷод» тазаккур додааст, «муҳарриру корманди рӯзномаро лозим аст, ки дар алоқамандӣ бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ эътимоду боварии хонандаро ба даст оранд» [128].

Боиси таъкид аст, ки масъалаи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар алоқамандӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ зуҳур мекунад. Ин аст, ки дар ин масъала маҷмуаи мақолаҳои Қ. Шарифзода «Мушкилоти озодии сухан» [258] маълумоти муфид медиҳад. Дар маҷмуаи дигар – «Озодӣ ва масъулияти сухан» [259] низ дар ин бора маълумоти зарурӣ вуҷуд дорад.

Дар маҷмуаи «Журналистикаи байналхалқӣ – VI» [91], ки фарогири маводди конференсияи ҷумҳуриявии «Меъёрҳо ва принсипҳои байналхалқии этикаи касбии журналистӣ ва журналистикаи тоҷик» аст, паҳлуҳои гуногуни мавзуъ дар сатҳи илмӣ баррасӣ гардидааст.

Маҷмуаи мақолаҳое ҳам, ки аз маводди конференсияи байналмилалии «Замони муосир ва журналистика: проблемаҳои ҳуқуқ ва озодии сухан» [96] фароҳам омадааст, доир ба мавзуъ мақолаҳои илмии лозимӣ дорад.

«Меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар журналистика» [191] сарчашмаи муҳим мебошад, зеро фарогири чандин асноди ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ аст.

«Рӯзноманигории байналхалқӣ» [186] низ сарчашмаи хубе ба шумор меравад, зеро як боби он ба қонунҳо, меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқи касбӣ дар

шароити муосири фаъолияти рӯзноманигорӣ бахшида шудааст.

Асари Дебора Поттер [188] ҳам доир ба муҳиммияти принсипҳои ахлоқӣ ва қонунҳо дар фаъолияти журналистӣ маълумоти зарурӣ медиҳад.

Маҷмуаи мақолаҳое ҳам, ки зери унвони «Журналистика: масъулияти касби ҷамъиятӣ» [93] ба табъ расидааст, фарогири масъалаҳоест, ки аслан ҷанбаи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ доранд. «Маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма» [149] ҳам сарчашмаи муҳиммест, зеро санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавиро гирд овардааст.

Нахустин таҳқиқ доир ба меъёрҳои ахлоқи касбии журналист рисолаи номзадии Лайло Киёнпур [112] мебошад.

Дар идома доираи мавзуъ васеътар гардида, ба таври мушаххас вазъи риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар матбуоти минтақавӣ аз ҷониби муҳаққиқ М.Бобоҷонова мавриди таҳқиқ қарор гирифт, ки нишони аҳамияти бештар ва вусъатнокии мавзуъ мебошад. М.Бобоҷонова дар мисоли якчанд нашрияҳои вилояти Суғд вазъи риояи меъёрҳои ахлоқиро таҳқиқ намуда, зарурати таваҷҷуҳи бештар ба онҳоро таъкид менамояд [27].

Муҳаққиқ Д. Рустамзода муҳиммияти меъёрҳои ахлоқиро дар расонаҳои электронӣ таъкид мекунад [199].

Як таҳқиқи мушаххаси дигар вобаста ба этикаи касбии журналист, ки дар шакли рисолаи докторӣ анҷом ёфт, диссертатсияи Аббос Афсаҳзод мебошад [17]. Ин таҳқиқ ҳарчанд ба масъалаҳои ахлоқӣ алоқаманд аст, вале дар он асосан ба ҷанбаҳои таърихӣ ва адабии мавзуъ таваҷҷуҳ шудааст.

Санадҳои ташкилоти ҷамъиятии Шурои ВАО ва маълумотномаҳо доир ба шуро ва фаъолияти он низ аз сарчашмаҳои аслӣ барои таҳқиқ ба шумор мераванд [288; 289; 298; 305].

Асари ҳуқуқшинос, коршиноси байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои ВАО Ҷунайд Ибодов [100] доир ба мавзуъ маълумоти зарурӣ медиҳад. Китоби профессор Абдусаттор Нуралиев – «Асосҳои ҳуқуқии журналистика» [179] низ аз нахустин дастурҳо дар ин самт аст.

Ҳуқуқшиноси соҳаи воситаҳои ахбори омма, доктори илмҳои

ҳуқуқшиносӣ Умрилло Меликов низ вобаста ба вазъи ҳуқуқии журналистон «Ҳолати ҳуқуқии журналист» [151] -ро таълиф намудааст.

Асари профессор А.Г. Рихтер – «Асосҳои ҳуқуқии журналистика» [199] аз сарчашмаҳои асосӣ вобаста ба мавзуъ аст, зеро дар 12 боби ин китоб асосҳои ҳуқуқии фаъолияти журналистӣ баррасӣ шудааст.

Яке аз падидаҳои нав пайдоиши интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, хадамоти матбуотӣ ва робита бо ҷомеа аст, ки баррасии масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар чунин муносибатҳо низ муҳим аст; дастури профессор Қ. Мухторӣ [171; 172] дар ин бобат маълумоти муфид медиҳад.

Интернет ба дигаргуншавии куллии воситаҳои ахбори омма боис гардид ва истилоҳи нав ҳам ба вуҷуд омад, ки он ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Дар ин самт низ дастурҳои зарурӣ вуҷуд доранд ва дар онҳо асосан ба ҳифзи амнияти иттилоотӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир шудааст, ки масъалаи муҳимми ахлоқию ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Дастури таҳиянамудаи академик М. Имомзода ва профессор Ҷ. Саъдуллоев намунаи возеҳ аст [101].

Дар баробари ин ҳама сарчашмаҳо, ки дар робита ба муҳиммияташон қисман зикр шуданд, инчунин, маводди рӯзномаву маҷаллаҳо ва сомонаҳои интернетӣ ҳам, ки вобаста ба мавзуъ матолиби зарурӣ доранд, ҳамчун сарчашмаҳои таҳқиқ шинохта мешаванд. Ташкилотҳои ҷамъиятие вуҷуд доранд, ки як самти фаъолияти онҳо ба масъалаҳои озодӣ ва ҳуқуқи ВАО алоқаманд аст. Маводди онҳо низ ба сифати сарчашма мавриди истифода қарор гирифтааст.

Зимнан, мо ин мавзуъро дар шакли рисолаи номзадӣ – «Меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчун механизми худтанзимнамоӣ дар ҷомеаи журналистии Тоҷикистон» [195] таҳқиқ кардем. Дар ин таҳқиқ мо асосан моҳияти санадҳои этикии байналмилалӣ, масъалаҳои ахлоқи касбӣ дар воситаҳои ахбори оммаи мамлакат, моҳият ва фаъолияти Шурои ВАО-ро ҳамчун ниҳоди навтаъсис, нақш ва саҳми он дар танзими муносибатҳои ахлоқӣ ва намунаҳое аз баҳсҳои матбуотиро аз нигоҳи илмӣ мавриди баррасӣ қарор додем. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои дигаре вуҷуд доранд, ки дар ин рисола ба музокира хоҳем кашид.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои журналистика, ҳуқуқшиносӣ ва деонтология иртиботи амиқ дорад. Таҳқиқ як фасли корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 маҳсуб меёбад. Инчунин, кори диссертатсионии мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №263 «Дар бораи стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030» мувофиқат мекунад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар замони муосир яке аз масоили мубрами журналистикаи муосир ба шумор мераванд, зеро шароити муосир чунин муносибатро тақозо дорад. Мақсади таҳқиқи мазкур ҳам таваҷҷуҳ ба асосҳои илмӣ-назариявии пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика ва махсусан, журналистикаи тоҷик, муайян намудани нақши санадҳои марбут ба этикаи касбии журналист дар риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ, ки аҳамияти илмии онҳоро собит менамояд, баррасии баҳсҳо доир ба татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо бо мақсади мушаххас сохтани он ки то кучо воситаҳои ахбори оммаи муосир ба чунин санадҳои худтанзимкунанда ниёз доранд, таваҷҷуҳ ба мақоми асноди ҳуқуқӣ дар шароити муосир, ки кафолати конститутсионии озодии суханро доранд, ҳадафи таҳқиқ аст.

Вазифаҳои таҳқиқ аз баррасии масъалаҳои зерин иборат аст:

- баррасии ҷанбаҳои илмӣ-назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика;
- таҳқиқи омилҳои пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикӣ дар фаъолияти

журналистӣ;

•муайян намудани заминаҳои пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқӣ;

•баррасии зарурати меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ;

•муайян намудани зарурати қабули ҳуҷҷатҳои марбут ба этикаи касбии журналист дар миқёси байналмилалӣ, кишварҳои алоҳида, созмон ва идораҳои журналистӣ;

•пайгирии кӯшишҳо дар самти қабули санади худтанзимкунии фаъолияти ВАО, муайян кардани зарурати чунин чорабиниҳо;

•тасниф ва тафсили намудани санадҳои байналмилалӣ ва тавзеҳи онҳо;

•муайян сохтани дараҷаи мувофиқат ва сатҳи журналистикаи тоҷик дар самти арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ;

•муайян намудани нақши зуҳуроти нави худтанзимкунӣ ва санади он дар риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ;

•баррасии вазъи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ;

•таҳқиқи падидаҳои нави марбут ба масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма.

Объекти таҳқиқи кори диссертатсиониро меъёрҳои этикиву ҳуқуқии марбут ба фаъолияти журналистӣ ташкил медиҳанд, ки дар шакли асноди алоҳида қабул гардида, амал мекунанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқ. Махсусиятҳои меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ ва раванди мавриди истифодаву баҳсҳо қарор гирифтани онҳо мавзуи (предмети) кори диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Асосҳои назарии таҳқиқро асарҳои илмию назариявии олимони соҳаи журналистика, ки ба асосҳои назариявӣ бахшида шуда, доир ба мавзуъҳои мавриди назари мо таъкидҳо доранд, инчунин, асарҳое, ки махсус ба ҳамин мавзуъҳо марбутанд, ташкил медиҳанд. Ҳангоми баррасии масъалаҳои муҳимму умуминазарии мавзуи диссертатсия асарҳои олимону муҳаққиқони тоҷик Б. Камолиддинов [106; 107; 108], А. Саъдуллоев [206; 207], А. Нуралиев

[179], И. Усмонов [231; 233; 237; 239], М. Имомзода [96], М. Муродӣ [162; 163; 164; 166], Ҷ. Саъдуллоев [101], М. Абдуллозода [1; 2], М. Муқимов [167; 168; 169; 170], А. Азимов [7], Ш. Муллоев [59], З. Муъминҷонов [173], М. Ҷӯраева [70], Т. Ҳасанова [243], Б. Ҳошимзода (А. Қутбиддинов) [126; 127; 128; 129], А. Афсаҳзод [17], Қ. Мухторӣ [171; 172], С. Гулов [51; 52; 53; 54; 55], Қ. Шарифзода [259; 260], муҳаққиқони рус Е. П. Прохоров [190; 191], С.Г. Корконосенко [116; 117; 118], В. В. Ворошилов [41; 42], Г. В. Лазутина [131; 132; 135], Д. С. Авраамов [3; 4] ва дигарон истифода гардида, дар заминаи афкору андешаҳои эшон мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ танзим ва ба баъзе масъалаҳои назариявии таҳқиқоти илмӣ равшанӣ андохта шуд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Мавзуи мазкур аз мавзуъҳоест, ки ба таври муфассал дар илми журналистикаи тоҷик таҳқиқ нашудааст. Навгонии таҳқиқи мазкурро ба тариқи зерин нишон додан мумкин аст:

Он ҳамчун объекти таҳқиқот нав аст, зеро ба таври мушаххас дар ин самт кори илмӣ вуҷуд надорад. Баррасиҳои қисмани баъзе муҳаққиқон як андоза комплекси мавзуъро ба вуҷуд овардаанд, вале ҳануз нишони мукаммалии он нестанд, аз ин рӯ, дар чунин шаклу сатҳ баррасӣ гардидани мавзуи мазкур нишони навгонии он аст. Бори аввал дар таҳқиқи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистикаи тоҷик сурат гирифта, иродаи сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омили муҳимми ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии мутобиқ ба ҷомеаи демократӣ, аз ҷумла, меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ дониста шудааст.

Дар таҳқиқ омилҳои асосии ба вуҷудоии меъёрҳои ахлоқӣ ва заминаҳои ташаккули онҳо муайян карда шудааст. Таваҷҷуҳ намудан аз нигоҳи илмӣ ба масъалаи муносибати рӯзноманигорони тоҷик бо меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ бори аввал анҷом дода шудааст. Навгонии дигари мавзуъ дар алоқамандӣ пажуҳиш намудани меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки дар ин зимн, заминаи яке будани дигаре низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Исбот гардидааст, ки таҷрибаи байналмилалӣ дар бавуҷудоӣ ва ташаккули меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар журналистикаи тоҷик саҳми назаррас дорад.

Бори аввал марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик муайян карда шудааст. Барои бори нахуст ба моҳияти умумию илмии деонтология ва ҳамчунин, намунаҳои зуҳуроти деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик таваҷҷуҳ шудааст. Бо назардошти вазъи замони муосир бори аввал ба таври пурра масъалаи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар фазои маҷозӣ – Интернет ба миён гузошта шуда, иқдомҳои суратгирифта таҳлил шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои илмӣ-назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика нишон дод, ки масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ҳамеша аз аҳаммияти хосса бархӯрдор буданд, аммо дар шароити муосир аз муҳимтарин мавзуъҳо на танҳо барои журналистика, балки барои ҷомеа гардидаанд, зеро муносибат бо омили меҳварии журналистикаи муосир – озодии сухан ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар журналистикаи байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида таъсири ҷиддӣ дорад.

2. Омӯзиш нишон дод, ки заминаҳои пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар журналистика аз масъалаҳои муҳимме ба шумор мераванд, ки ба баррасии асосҳои илмӣ-назариявии онҳо зарурат вуҷуд дорад, чунки ин масъалаҳо дар журналистикаи муосир бо вуҷуди собиқаи дерин мубрамтар гардидаанд.

3. Маълум гардид, ки ба вуҷуд омадани асноди худтанзимкунии фаъолияти воситаҳои ахбори омма масъалаи шинохти возеҳи онҳоро ба миён овардааст ва таҳияву қабули санадҳои худтанзимкунии фаъолият нишони таваҷҷуҳи хоси ҷомеаи журналистӣ ба масъалаҳои ахлоқи касбии худ мебошад.

4. Таҳқиқ нишон дод, ки назария ва амалияи рӯзноманигории замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар масъалаи муносибат бо меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ бо журналистикаи байналмилалӣ ҳаммаром аст ва дар ин самт, омӯзишу истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ чун омили таъсиргузор дар ҳар

як марҳилаи ташаккул ба шумор меравад.

5. Муайян карда шуд, ки шароити замон ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ мусоидат карда, барои муҳокимаи ҷомеаи журналистӣ низ имкон додааст; аз ҷониби ҷомеаи журналистӣ мавриди муҳокима қарор гирифтани санадҳои ҳуқуқии марбут ба фаъолияти рӯзноманигорон аз рӯйдодҳои камшумори ҷомеа буда, далели ба сатҳи муайяни рушд расидани раванди ташаккули ҷомеаи демократӣ дар кишвар мебошад.

6. Омӯзиш нишон дод, ки алоқамандии меъёрҳои этикӣ бо ҳуқуқӣ дар шароити муосир боиси ба вуҷуд омадани зуҳуроти нав – падидаҳои деонтологӣ дар журналистика гардидаанд ва хислати пурракунандагии байниҳамии меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ асосу тақвиятбахшандаи якдигарии онҳоро таъкид менамояд.

7. Таҳқиқ муайян намуд, ки нақши ҷомеаи журналистӣ дар ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқии соҳавӣ аз самтҳои муҳимми фаъолияти расонаҳо аст, ки инро муносибатҳо дар қабули санади худтанзимкунандаи фаъолият ва баъди пазируфтани он, муҳокимаҳои тӯлонӣ ва мавриди баҳсҳои мухталиф қарор гирифтани лоиҳаҳои санадҳои худтанзимкунии фаъолият аз ҷониби ҷомеаи журналистӣ ба таври шифоҳӣ (ҷаласаҳо) ва хаттӣ (расонаҳо) нишон медиҳад.

8. Муайян карда шуд, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ ҳолатҳои аз ҷониби ширкатҳои алоҳида қабул намудани санади дохилии ахлоқӣ ҷой дорад, ки натиҷаҳои дилхоҳ додааст. Омӯзиши ин таҷриба ва пайравӣ намудан ба он дар расонаҳои дохилӣ низ ба назар мерасад, ки дар як вақт нишони таъсиргузории ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ ба масъалаҳои умуминазариявии журналистика аст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Этикаи касбӣ меъёри муҳими муайян кардани сатҳи аҳамиятнокӣ ва мақоми иҷтимоии касбу соҳибкасбон - мутахассисон мебошад. Меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти рӯзноманигор омили муайянкунандаи хусусияти касби ӯ буда, риояи ин меъёрҳо дар воситаҳои ахбори омма аз дастовардҳо ва камбудиҳои рӯзноманигор дар фаъолияти

касбии ӯ шаҳодат медиҳад. ВАО-е, ки меъёрҳои ахлоқи миллӣ ва касбӣ, арзишҳои суннатии ҷомеаро нодида мегиранд, муваффақ шуда наметавонанд. Ин нукта муҳим аст, ки ҳама санадҳои дорои хислати худтанзимкунанда дар асоси омӯзиши таҷрибаи чандинсолаи ВАО ба амал омада, бо мақсади ҳимояи шаъну шарафи журналистон ва эътибори касбии онҳо, ҳифзи моҳияти рисолати касбӣ таҳия ва қабул шудаанд. Ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ низ дар журналистика масъалаи муҳим аст, зеро сатҳи муносибати ҷомеаи журналистиро бо онҳо нишон медиҳад.

Аз нигоҳи назариявӣ таҳқиқ комплекси мавзуъро ба вуҷуд меорад. Дастовардҳои таҳқиқро ҳангоми баррасии проблемаҳои этикию ҳуқуқӣ ва барои ба даст овардани маълумоти иловагӣ доир ба шинохти меъёрҳои мазкур истифода бурдан мумкин аст. Маводди диссертатсия ҳангоми таҳқиқотҳои илмӣ доир ба марҳилаҳои минбаъдаи ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ, махсусиятҳои онҳо истифода мешавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанҳои тахассусӣ истифода бурдан мумкин аст. Маводди диссертатсия ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимӣ доир ба этикаи касбии журналист ва асосҳои ҳуқуқии журналистика истифода шуда метавонад. Қисматҳои алоҳидаи кори илмиро ҳамчун маводди боэътимод ҳангоми хондани курсу семинарҳои махсус доир ба проблемаҳои этикӣ дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад. Дар доираи муқаррароти бандҳои 3, 7, 9 ва 11-и «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд:

- нақши меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар ташаккули фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида;

- махсусиятҳои истифодаи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти амалии рӯзноманигорон;

- заминаҳои ҳуқуқии ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти расонаҳои гуногунхислат;

- вижагиҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва муносибати онҳо бо меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқии соҳавӣ;

- махсусияти навъҳои воситаҳои ахбори омма ва қабули санадҳои худтанзимкунанда аз ҷониби онҳо;

- таҳлили муқоисавии санадҳои худтанзимкунандаи идораҳои воситаҳои ахбори омма;

- ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ташаккули фаъолияти воситаҳои ахбори омма вобаста ба муносибат бо меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқии соҳавӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Дар диссертатсия нахустин маротиба дар илми журналистикаи тоҷик масъалаи ташаккул ва алоқамандии меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст. Саҳми шахсии муҳаққиқ дар ҷамъоварии маводди таҳқиқ ва коркарду баррасии он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маърузаҳо ва интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқоти илмии мазкур заҳмати чандсолаи муаллиф ба ҳисоб рафта, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст, зеро дар он масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии довталаб дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Мавзуи диссертатсия актуалӣ буда, дар шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи № 02 аз 30.09.2022) тасдиқ карда шудааст ва муҳимтарин нуктаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалии «Дурнамо ва равандҳои рушди рӯзноманигорӣ, суханшиносӣ ва дидактикаи лингвистӣ» (Международной научно-практической

конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики») (Душанбе, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия, 24 октябри соли 2024), «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо» (Бохтар, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 11-12 апрели 2025) ва конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ» (Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 30 марти соли 2023), «Масъалаҳои рушди журналистикаи муосир: муаммо ва дурнамо» (Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 4 апрели соли 2025), «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (Кӯлоб, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ, 3 майи соли 2025), «Васоити электронии ахбор дар шароити вусъатёбии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ» (Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2 октябри соли 2025) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи № 03 аз 17.10. с.2025) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи диссертатсия 2 монография, 25 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар маҷаллаи дараҷаи Импакт дар Амрико, инчунин, 2 мақолаи дигар дар хориҷи кишвар (яке дар Русия ва дигаре дар Венгрия), 7 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ба табъ расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, панҷ боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 339 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

БОБИ I
ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИВУ ҲУҚУҚӢ ДАР ЖУРНАЛИСТИКА

Масъалаҳои шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои мубрами назарияи рӯзноманигорӣ ба шумор меравад. Ин мубрамият дар замони муосир боз ҳам бештар буруз мекунад, зеро шароити муосир ба ин сабаб гардидааст. Дарки маънавии ҳастӣ аз ҷониби инсонҳо боис гардид, ки онҳо дар созмон додани нахустин ҷомеаи инсонӣ ба сифати унсури муҳимми ҷомеасоз аз ахлоқ кор бигиранд.

Пайдоиши ахлоқ собиқаи дерин дорад ва ҳамчунин, ба вуҷуд омадани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеаи инсонӣ низ таърихи куҳанро дорост, чун ин меъёрҳо, ҳам ахлоқӣ ва ҳам ҳуқуқӣ аз муҳимтарин омилҳои таъмини низоми ҷамъиятӣ ҳастанд ва ҳамин аст, ки ҳамеша ҳамчун унсурҳои асосӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд ва имрӯз низ ҳамин вазифаи муҳимми худро ба сомон мерасонанд.

Бо назардошти ин, масъалаҳои шинохти назариявии ин меъёрҳо ҳамеша мавриди таҳқиқу баррасӣ аз нигоҳи самтҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта, доир ба онҳо изҳори назар шудааст. Бомаром рушд намудани ҷомеаи инсонӣ ва ташаккул ёфтани он боис шуд, ки барои мукаммал гардонидани асли талаботи маънавии инсонҳо ба иттилоот тахассуси муҳим – рӯзноманигорӣ низ шакл гирифта, инкишоф ёбад.

Ин айнияти рӯзгор аст, ки инсон ҳамеша ба маълумот ниёз дорад ва дар асоси он самти ташаккули маънавии худро муайян месозад. Маълумот дар фаҳмиши том мазмуни хеле васеъ аст ва дар журналистика низ ба маънии маҷмуӣ ва ҳам истилоҳӣ фаҳмида мешавад. Профессор М.Муқимов менависад, ки «иттилоъ ва дониш ҳамеша неруи муайянкунандаи ҷомеа мебошанд. Тавассути ВАО таъсири иттилоъ ба ташаккули инсон ва тафаккури он самараноктар сурат мегирад. Зеро инсон дар тӯли ҳаёти худ бо таъсири иттилои ба ӯ расида ташаккул меёбад. Тафаккури инсон чунин сохта шудааст,

ки вай иттилоъро қабул карда, бо таъсири он дар баъзе ҳолатҳо худ куллан тағйир меёбад» [169, с. 5].

Иттилоъ, ки ҳамчун мафҳуми асосию истилоҳӣ дар журналистика дониста мешавад, барои инсон хеле муҳим аст ва дар ин самт - дар пешниҳоди иттилоъ воситаҳои ахбори омма нақши муассир доранд.

Дар ин сурат, тавре зикр шуд, моҳияти иттилоъ хислати касбӣ пайдо мекунад ва куллан тағйир ёфтани инсон бо таъсири иттилоъ дар ҳолест, ки «як иттилоъ созанда асту иттилои дигар сӯзанда. Иттилои созанда неруи пешбаранда дорад... Тавассути иттилоъ ва сухан метавон ҷомеаро идора кард. Ҳамин аст, ки иттилоъ дар ҳамаи даврaҳои рушди ҷомеа мавқеи муҳим дошт ва объекти мубориза буд» [169, с. 5].

Муҳаққиқ В.Г. Афанасев ҳам ба нақши бузурги воситаҳои ахбори омма – матбуот, радио ва телевизион дар пешниҳоди иттилоъ таъкид карда, менависад, ки «онҳо силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон мебошанд ва ягон воситаи дигар чунин имкониятро надорад» [16, с. 226-227].

Воқеан, «ба воситаи тарғиботи сартосарӣ, ки тавассути матбуот ва воситаҳои электронии ахбор сурат мегиранд, ба ҷомеа афкори муайяне бор гардида, ҳамзамон, ахлоқи ҷамъиятӣ, сохторҳои нигоҳдорандаи он вайрон карда мешаванд» [169, с. 6], ки қобили мулоҳиза аст.

Имрӯз рушди босуръати техникаву технологияи рақамӣ ва интернет ба он мусоидат кардааст, ки як иттилоъро метавон дар як лаҳза ба тамоми ҷаҳон паҳн намуд. Яъне, як рӯйдодро расонаҳои бузурги ҷаҳонӣ аз диди худ пешниҳод мекунанд. Ба вуҷуд омадани алоқаи кайҳонӣ бошад, ин равандро боз ҳам тезтар гардонида, акнун имкони пешниҳоди иттилоъ ба тамоми ҷаҳон боз ҳам бештар гардидааст.

1.1. Масъалаҳои назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ

Замони ягонагии халқҳо, асри компютер ва технологияҳои иттилоотӣ, қарни муколамаи кайҳонӣ ва амсоли ин аз ҷумлаи унвонҳоест, ки ба садаи мо

марбут дониста мешавад. Ин ва дигар унвонҳое, ки зикр мешаванд, ба он меоранд, ки натиҷае ҳосил шавад: асри XXI асри зарфиятҳои зеҳнӣ, асри мутахассисон аст.

Яке аз омилҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи дараҷаи таъсирнокӣ ва муваффақии соҳибкасбон (мутахассисон, профессионалҳо) ахлоқи касбӣ аст, зеро ахлоқи касбӣ чун ҷузъи муҳимми таркибӣ муаррифгари фалсафаи касб буда, барои касби мавқеъ, пайдо кардани обрӯву нуфуз замина мегузорад. «Дар аксар ширкатҳои амрикоӣ корманди масъуле ҳаст, ки ӯро нозири ахлоқ ном мебаранд. Вазифаи ӯ нигаҳдории имиҷи (нуфузу эътибори) ширкат аст» [10, с. 159].

Бо назардошти ин, баррасии масъалаҳои шинохти меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ чун зарурате дар журналистика шинохта мешавад, ки асос ва заминаҳои худро дорад, зеро дарёфти моҳияти аслии мафҳумҳо ва дарки зарурати онҳо пеш аз ҳама, шинохти дурусти ин мафҳумҳоро тақозо дорад, аз ин рӯ, масъалаҳои шинохти меъёрҳо аз нигоҳи илмию назариявӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд.

Масъалаҳои ахлоқӣ ва ё этикӣ дар журналистика аз нуктаи назари муҳаққиқон ҳам куҳна ва ҳам нав аст. Оид ба масъалаи кай пайдо шудани ахлоқи касбии журналист ду нуктаи назар мавҷуд мебошад.

Бинобар назари якум, он баробари пайдоиш ва рушди худи журналистика пайдо шуда, тадриҷан инкишоф ёфтааст.

Ба назари гурӯҳи дигар, он замоне, ки пайдоиши публитсистика расман эътироф шуд, яъне, тақрибан дар нимаи аввал ва миёнаҳои асри XIX шакл гирифтааст.

Дар байни муҳаққиқони рус нуктаи назари аввалро И.А.Кумилганова изҳор мекунад: «Сайри таърихӣ нишон медиҳад, ки аз лаҳзаи пайдоиши журналистика ахлоқи касбӣ ҷузъи таркибии он буд. Яъне, дар раванди ҳамчун соҳаи мустақили фаъолияти меҳнатӣ ҷудо шудани журналистика шуури ахлоқии журналистон низ пайдо шуда, ташаккул ёфт» [123, с. 10].

Муҳаққиқ Д.С. Авраамов ақидаи дигар дорад. Ба назари ӯ, «ахлоқи касбӣ

танҳо бо мавҷудияти ҷомеаи касбӣ ташаккул меёбад ва ҷомеаи касбии рӯзноманигорон танҳо дар солҳои 30-40-уми асри XIX ба вуҷуд омадааст, аз ин рӯ, пайдоиши этикаи касбии журналист ҳам ба ташаккули ҷомеаи касбии журналистон марбут аст» [3, с. 61].

Вале Г.В. Лазутина дар байни ин ду ақида мухолифате намебинад. Ӯ менависад, ки ду шакли ташкили фаъолият мавчуд аст, ки инҳо ҳаваскорона ва касбӣ мебошанд ва ин дидгоҳҳои мухталиферо, ки зикрашон рафт, чунин тавзеҳ додан мумкин аст: «аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки этикаи журналистӣ аз мафҳуми рӯзноманигорӣ ҷавонтар аст, вале дар айни замон ин ҷиҳат ҳам ҷойи тазаккур дорад, ки мавҷудияти этикаи журналистӣ метавонад аз ташаккули ҷомеаи касбии журналистӣ пештар бошад, чунки он баробари пайдоиши журналистика ҳамчун навъи фаъолият ба вуҷуд омадааст» [131, с. 65-68].

Муҳаққиқи тоҷик С.Гулов менависад, ки «ба андешаи мо ҳам, ҳар ду гурӯҳ ҳақ ҳастанд, зеро қариб ҳамагуна фаъолият, қариб дар ду шакл - ҳамчун шуғл (шавқу ҳавас) ва ҳирфа (касб) амал мекунанд. Ҳамагуна фаъолият дар ибтидо чун шуғл пайдо мешаванд ва ба он инсон ҳамчун майлу рағбати шахсӣ, бидуни чорчӯбаи ягон уҳдадориҳо, бе тайёрии махсуси касбӣ, бемасъулияти қатъӣ ба натиҷа машғул мешавад. Фаъолияти касбӣ (ҳирфаӣ) дар асоси шуғл пайдо шуда, ҳамзамон бо он амал мекунад» [53, с. 259].

Баҳсҳо дар бораи уҳдадориҳои ахлоқии рӯзноманигорон хеле пеш аз ташаккули ҷомеаи касбӣ (ба фаҳмиши муосири мафҳуми мазкур) оғоз шуда буданд. Онҳо ҳадди аққал аз замони пайдоиши аввалин рӯзномаҳо дар ибтидои асри XVII шуруъ мешаванд. Масалан, яке аз асосгузорони журналистикаи муосир, муассиси рӯзномаи фаронсавии La Gazette Теофраст Ренаудо (шумораи аввалини он соли 1631 нашр шудааст) дар муроҷиат ба хонандагони худ ваъда дод, ки рӯзнома новобаста ба мушкилиҳои мавҷуда, ҳамеша маълумоти дуруст ва дақиқро пешниҳод менамояд. Ё ин ки соли 1690 дар Бостон, дар шумораи якуми ягона рӯзномаи мустамликавии вақт – Zetas Publick Domestick нашири он Бенямин Харрис ваъда дод, ки маълумотҳоро

тариқи рӯзнома софдилона ва дақиқ пешниҳод менамояд, бо манбаъҳо бодиққат муносибат карда мешавад ва инчунин, ҳангоми рух додани хатоиҳо онҳо фавран ислоҳ карда мешаванд. Аммо ин шумораи аввалин ва охирини рӯзномаи мазкур буд, зеро мустамликадорон ба ин тарзи фаъолияти ношир мувофиқат накарданд ва пас аз чопи шумораи якум он дигар аз фаъолият бозмонд, чунки Харрис пеш аз чоп нашрияи худро бо онҳо мувофиқа накарда буд ва эълон ҳам карда буд, ки ин корро намекунад.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки яке аз муҳимтарин масъалаҳои ахлоқи касбӣ – кӯшиши таъмини мустақилияти редаксионӣ аз замони нашри нахустин рӯзномаҳо ба вуҷуд омада буд ва ноширон ҳам ба асосҳо (принсипҳо) ва меъёрҳои муҳимми касбӣ таваҷҷуҳ мекарданд, ки дар ин шумор меъёрҳои ахлоқӣ низ ҳастанд.

Аз чунин тамоюл Русия низ берун намондааст. Барои мисол, «дар миёнаи асри XVIII олими машҳур М.В. Ломоносов матлаби пурмуҳтавое зери унвони «Муҳокимаи вазифаҳои рӯзноманигорон ҳангоми пешниҳоди матолиби онҳо бо мақсади ҳифзи озодии фалсафа» навишта буд, ки як навъ таҳлили фаъолияти журналистӣ аз нигоҳи ахлоқӣ ва ҳам аз лиҳози касбӣ буд» [174, с. 214].

Сабаби навиштани ин матлаби пурмуҳтаво бархӯрде бо маҷаллаи илмии Лейпсиг буд, ки дар он тафсири нодурусти яке аз асарҳои Ломоносов чоп шудааст. Олими машҳур дар ҷавоб ба матлаби маҷалла масъаларо шарҳ дода, ҳафт нуктаи муҳимро зикр намуд, ки онҳо чун қоидаҳои рафтори журналист дониста мешуданд ва қисме имрӯз низ аҳамиятноканд. Мисол, журналист набояд дар банди таассуб бошад, ба ақидаи дигарон эҳтиром гузорад, ғоядуздӣ накунад, ба тавоноии худ дуруст баҳо дода тавонад, аз ҷумлаи андешаҳои ин олими маъруф ҳастанд, ки дар раванди матлаби ӯ баён гардидаанд.

Аммо ҷолиб аст, ки як андешаи ӯ имрӯз чандон қобили қабул нест ва ҳатто дар лабони баъзеҳо табассум пайдо мешавад, чунки мувофиқи андешаҳои муосир дар бораи журналистика ва одоби журналистӣ, рӯзноманигорӣ ҳамчун «шохаи чоруми ҳокимият» ҳисоб мешавад ва яке аз

вазифаҳои асосии он бо роҳи танқид такмил додани тартиби корҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аст.

М.В. Ломоносов менависад: «журналист набояд барои маҳкум кардани фарзияҳо шитоб кунад. Баёни онҳо дар мавзуъҳои фалсафӣ иҷозат дода шудааст ва ҳатто онҳо ягона роҳе мебошанд, ки бузургтарин олимон ба кашфи ҳақиқатҳои муҳимтарин расидаанд. Фарзияҳо таконе ҳастанд, ки барои ноил шудан ба донишу фаҳмишҳое, ки то ин замон дастрас набуданд» [174, с. 216].

Вобаста ба ин андешаи олими маъруф М.В. Ломоносов тазаккур медиҳем, мавқеи мо бар хилофи андешаи муаллифи мақолаи «Этикаи журналистӣ: равандҳои рушд» аст, зеро ӯ ин андешаро як навъ табассумбарангез меҳисобад ва чунин мешуморад, ки гӯё олими маъруф зидди танқид бошад, аммо дар ин андеша мо ин тарзи фаҳмишро намебинем, баръакс, Ломоносов ҳақ аст, ки «журналист бояд ҳадди тавоноиҳои худро бишиносад», яъне пеш аз муҳокимаи андеша ва ё ақидаю фарзияе аввал дар бораи сатҳи донишу фаҳмиши худ андеша кунад, ки оё иқтидори муҳокима ва танқид намудани фарзияеро дорад ва ё аз чунин имкон маҳрум аст. Агар ба худ ва андешаи худ эътимод дорад, пас дар ин сурат, метавонад муҳокима намояд.

Яъне, ин масъала ҳам яке аз муҳимтарин нишонаҳои тафаккури ахлоқӣ ба шумор меравад, ки заминаи устуворе барои созмондиҳиҳои баъдӣ дониста мешавад.

«Муҳокимаи вазифаҳои рӯзноманигорон ҳангоми пешниҳоди матолиби онҳо бо мақсади ҳифзи озодии фалсафа»-и М.В. Ломоносов, ки баъдан машҳур шуда, чун рисолаи алоҳида дар маҷмуаи осори ӯ борҳо нашр гардид, бори аввал соли 1755 бо забони франсавӣ бо мусоидати олими немис Л. Эйлер дар яке аз маҷаллаҳои илмии Амстердам нашр шуд.

Муҳаққиқ К.А. Назаретян ҳам ба он ақида аст, ки бо назардошти баъзе аз номуайяниҳо, ин рисоларо чун зуҳуроти аввалин кодекси ахлоқии журналистон қабул кардан номумкин аст ва андешаи муҳаққиқ Д.С. Авраамовро дастгирӣ менамояд, ки ӯ чунин навиштааст: «чунин номидан нодуруст мебуд, зеро кодексро танҳо ҳамон қоидаҳое ҳисоб кардан мумкин

аст, ки аз ҷониби ҷомеаи касбии журналистон пазируфта шудаанд, аммо дар он замон (асри XVIII) ҷомеаи касбии рӯзноманигорон вуҷуд надошт, аз ин рӯ, онро кодекс номидан нодуруст аст» [4, с. 43].

Ҳарчанд рисолаи олими маъруф М.В. Ломоносовро чун намунаи кодекси аввалини ахлоқии журналистӣ намешуморанд, аммо ба назари мо, он таҳаввулоти ҷиддие дар рӯзноманигорӣ буд ва гувоҳи он аст, ки бо таъсири амалия зуҳуроти нахустини тафаккури ахлоқӣ дар журналистика ба вуҷуд омада буд; нуктае, ки дар замони муосир ҳам омили муҳимми ба вуҷудоӣ ва такмили меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба шумор меравад.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Ғарб монополияҳои тавонои рӯзномаҳо ба вуҷуд омадан гирифтанд, ки аксар вақт аз мавқеи худ сӯиистифода карда, воситаҳои ахбори оммаро барои тарғибу ташвиқи худ ва ҳатто фиребу найранг истифода мебурданд. Ин боиси нигаронии ҷомеа ва пеш аз ҳама, худи рӯзноманигорон гардид, зеро намехостанд ба воситаи амалисозии ҳадафҳои тоҷирону сиёсатмадорон табдил шаванд. «Дар баробари ин, хатари дигар ҳам вуҷуд дошт: танқиди шадиду оммавии ВАО метавонист боиси ҷорӣ шудани танзими давлатӣ ва таҳдид ба озодии матбуот гардад. Дар ин чунин шароит эҳтиёҷ ба механизмҳои худтанзимкунии ахлоқии воситаҳои ахбори омма ба вуҷуд омад» [174, с. 216].

Ба назари мо, ин маълумотҳо чун муқаддимае ҳастанд, ки як андоза ба масъалаи шинохти меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистика ва ё ба ифодаи дигар, ба пайдоиши зуҳуроти ахлоқӣ равшанӣ меандозанд ва собит менамоянд, ки тафаккури ахлоқӣ асоси шинохти мафҳумҳо, асосан мафҳуми меъёрҳои ахлоқӣ ба шумор меравад.

Мо чунин мешуморем, ки дар шинохти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии журналистика назарияҳои маъруфи матбуот нақши муҳим доранд, зеро онҳо аввалан дар шинохти матбуот (матбуот дар ин маврид ифодагари мафҳуми воситаҳои ахбори омма аст. (Р.Х.) нақши назаррас доранд. Аз ин рӯ, лозим медонем, ки ба моҳияти онҳо муфассалтар муносибат намоем, чунки дар ин мазмун моҳияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ низ маълум мегардад. Дар ин

масъала асари консептуалии «Чор назарияи матбуот» маълумоти зарурӣ медиҳад, зеро дар он моҳияти назарияҳо ба пуррагӣ шарҳ ёфтаанд.

Аз замони Эҳё, аз он айёме, ки иртиботи оммавӣ пайдо шуд, то ба имрӯз чаҳор назарияи матбуот мавҷуд аст. Аз ҳамаи назарияҳои зикршуда қадимтаринаш авторитарӣ мебошад. Ин назария дар муҳити авторитарии охири Эҳё ба зудӣ баъди ихтирои дастгоҳи чопӣ ба миён омад. Дар он ҷомеа чунин андеша доштанд, ки ҳақиқат аз аксарияти оммаи одамон на, балки аз теъдоди маҳдуди донишмандон бармеояд, ки онҳо қудрати дигаронро аз паси худ бурдан ва ислоҳ карданро доранд.

«Ҳақиқат аз ҷое бармехезад, ки ба маркази ҳокимият наздик аст. Он замон матбуот аз боло ба поён амал мекард. Ҳокимони онрӯза матбуотро барои он истифода мебурданд, ки одамонро аз чизе ки худашон лозим медонистанд, хабардор кунанд, ҳамчунон аз он сиёсате огоҳ мекарданд, ки дастгириашро лозим медонистанд» [213, с. 3].

Тюдорҳо ва Стюартҳо ба ин ақида буданд, ки матбуот ба ҳокимияти шоҳӣ тааллуқ дорад, биноан вазифадор аст, ки ҳокимияти шоҳиро дастгирӣ намояд. Матбуот танҳо баъди рухсати хос моликияти хусусӣ шуда метавонист ва ин моликиятро борҳо бастан мумкин мешуд, агар эҳсос шавад, ки дастгирии ҳокимияти шоҳӣ халалдор мегардад.

Ҳамин тавр, фаъолияти ноширӣ бо созишномае байни манбаи ҳукуматӣ ва нашриёт қарор мегирифт, ки тибқи он манбаъ ба ношир чизеро аз ҳуқуқи инҳисороти худ мебахшид ва ношир дар навбати худ дастгирии ҳукуматро таъмин мекард. Ҳамзамон ба ин, «манбаи ҳокимият ҳуқуқи муайян кардан ва тағйир додани сиёсат, ҳуқуқи иҷозатнома додан ва баъдан ҳуқуқи сензура карданро нигоҳ медошт. Ошкор аст, ки чунин консепсияи матбуот, он вазифаро бекор мекард, ки имрӯз функсияи оддитарин маҳсуб мешавад - назорати ҳукумат» [213, с. 3].

Ин назария, ки матбуотро ҳамчун хизматгори давлат арзёбӣ мекард, яъне, хизматгузоре, ки барои аксарият чӣ навиштанаш чандон аҳамиятнок набуд ва танҳо дар назди шахсони соҳиби қудрат худро масъулият медонист, дар асри

XVI ва қисман дар асри XVII низ аз ҷониби аксарият эътироф шуда буд.

Ба назари профессор И. Усмонов, чунин консепсия намунаи аввалини системаи матбуоти миллии аксарияти олам буд ва имрӯз ҳам ҳаст: Таҷрибаи авторитарӣ имрӯз ҳам то ҳадде дар ҳамаи қитъаҳои олам татбиқ мешавад, гарчи мамлакатҳои ғайрикоммунистӣ ҳеҷ набошад, дар сухан, назарияи дигарро пазируфтанд. Сарфи назар аз ин ҳама, инкишофи демократияи ҳизбӣ ва озодиҳои динӣ, густариши савдои озод ва муҳити фалсафии замони маърифат асосҳои авторитаризмро барҳам доданд ва эҷоди консепсияи нави матбуотро талаб карданд.

«Назарияи наве, ки дар охири қарни ҳабдаҳум тавлид ёфт, дар асри ҳаждаҳум ташаккул гирифт, қарни нуздаҳум замони шукуфоиаш буд, ҳамоне аст, ки мо назарияи либертарианӣ меномем» [237, с. 5].

Дар шарҳи назарияҳо ин муҳаққиқи тоҷик менависад, ки назарияи либертарианӣ вазъи нисбии шахс ва давлатро дар муқобили оне, ки дар чорчӯби консепсияи авторитарӣ буд, дигар мекунад. Тибқи ин назария инсон махлуқи тобеъ нест, ки онро ҳамроҳӣ ва роҳнамоӣ кардан лозим бошад, балки махлуқи соҳибақидае аст, ки қобилияти ҳақиқатро аз дурӯғ фарқ кардан дорад, дар қолаби ҳақоиқу арқоми мухталиф сарукордор шуда, нағзро аз бад фарқ ва аз маҷмуи имкониятҳо мувофиқашро интихоб карда метавонад.

«Ҳақиқат дигар ҳамчун моликияти хоси ҳокимият фаҳмида намешавад ва ҳаққи сурӯғи ҳақиқат ҳамчун чизи табиӣ ва қисми таркибии ҳуқуқи инсон фаҳмида мешавад. Ва дар ин ҷо ҷойгоҳи матбуот кадом аст? Дар ин назария матбуот ҳамчун ҳамкор дар сурӯғи ҳақиқат шинохта мешавад» [237, с. 5].

Аз назарияи либертарианӣ бармеояд, ки матбуот силоҳи ҳокимият нест, балки василаи пешниҳод намудани фикру далел мебошад ва дар зимни онҳо халқ фаъолияти ҳокимиятро назорат карда, муносибати худро нисбат ба сиёсат муайян менамояд.

Аз ин бармеояд, ки барои матбуот озод шудан, яъне, аз назорат ва таъсири ҳукумат озод шудан, ниҳоят муҳим аст. Барои он ки роҳи ҳақиқат кушода шавад, ҳамаи ақидаҳо бояд шунида шаванд ва бояд «бозори озодӣ»

ақида ва ахбор мавҷуд бошад. Ҳамагуна ақаллият ва ҳамагуна аксарият, ҳам нотавонҳо ва ҳам иқтидормандҳо бояд ба матбуот дастрасӣ дошта бошанд. Ин ҳамон назарияи матбуот аст, ки дар ҳақиқат дар бораи ҳуқуқи мо навишта шудааст.

Штатҳои Муттаҳида ва Британия дар давоми ду асри охир мавҷудияти чунин матбуотро, ки қариб пурра аз таъсири ҳукумат озод аст ва дар раванди идоракунӣ чун «ҳокимияти чорум» иштирок менамояд, таъмин намуданд. Тавре қаблан гуфтем, аксарияти мамлакатҳои ғайрикоммунистӣ, ҳеҷ набошад дар сухан назарияи либертарианиро пазируфтанд. Ҳамзамон бо ин ба асри мо накҳати тозае овард. Дар мамлакатҳои коммунистӣ шакли нави авторитаризм ва дар кишварҳои ғайрикоммунистӣ тамоиле бо шеваи нави либертарианӣ ба миён омаданд. Маҳз ҳамин шакли либертарианиро мо истилоҳи дурусттаре пайдо накарда, назарияи масъулияти иҷтимоӣ номидем.

Ин муқаддимаи китоби мазкур мебошад, ки дар тарҷумаи профессор И.Усмонов ба табъ расидааст. Ин ҷо доир ба моҳияти ин назарияҳо дар маҷмуъ маълумот дода шудааст. Барои мо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои ахлоқии ин назарияҳо муҳиманд, чун ба шинохти меъёрҳо мусоидат мекунанд.

Назарияи якум назарияи авторитарии матбуот мебошад, ки нисбат ба ҳамаи назариёти дигар оид ба консепсияи муносибати матбуот бо иҷтимоъ ва ҳукумат ҳам аз лиҳози таърихӣ ва ҳам аз лиҳози ҷуғрофӣ бештар густариш дорад. Вақте ҷомеа ва дараҷаи инкишофи техникӣ ба ҳадде расид, ки эҷоди он чи ки мо имрӯз «васоили оммавии» коммуникатсия меномем, имконпазир шуд, маҳз ҳамин назарияро аксарияти кишварҳо худ ба худ пазируфтанд. Ин назария имрӯз ҳам асоси системаи матбуоти бисёр ҷомеаҳои муосирро ташкил медиҳад. Дар тӯли қариб 200 соле, ки пас аз паҳншавии китобчопкунӣ гузашт, дар олами Ғарб вазифаи матбуоти оммавӣ ва муносибати вай ба ҷомеаи муосир танҳо дар асоси назарияи авторитаризм муайян карда мешуд.

Тюдорҳои Англия, Бурбонҳои Франсия, Гибебергҳои Испания ва дар воқеъ ҳамаи ҳукуматҳои Европаи ғарбӣ ба асосҳои авторитаризм, ҳамчун бо асоснокунии назариявии системаи назорати матбуот такя мекарданд ва ин

таҷриба мутлақо бо асри дах – шонздах ва ҳабдах маҳдуд наемонад. Дар асрҳои минбаъда низ доираи паҳншавии ин доктрина бузург буд. Дар замони нав вай аз ҷониби сохторҳои гуногуни миллие, чун Япония, Империяи рус, Германия, Испания, бисёр мамлакатҳои Осиё ва Америкаи лотинӣ фаҳмида ё бешуурона қабул шуд. Мувофиқи ин консепсия вазифа ва фаъолияти матбуот ҳамчун институт аз ҷониби ҷомеаи муташаккил, институти дигар – ҳукумат назорат мешавад.

Бояд гуфт, назарияҳои матбуот ҳам вобаста ба назарияҳои шинохти шаклҳои идоракунии давлатҳо муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, онҳо низ заминаҳои амиқи таърихӣ доранд ва заминаашон ҳам ҳамон афкори мутафаккирони қадим аст.

Масалан, мутафаккири машҳури Юнони қадим Афлотун доир ба шаклҳои давлатдорӣ чунин назар дошт: Афлотун тарзи идораи аристократиро идеализатсия кардааст. Вай боварӣ дошт, ки табиати инсон, ба шумули манфиати моддӣ ва талошҳои худхоҳонааш, давлатро маҷбур мекунанд аз аристократӣ бо тимократӣ, сипас ба олигархӣ, демократӣ ва ниҳоят мутлақият табдил ёбад. Ӯ гумон дошт, ки давлат таҳти роҳбарии хирадмандон – судяҳо, ки ба асосҳои ахлоқӣ такя мекунанд ва ин қудрати ахлоқиро барои дар даст нигоҳ доштани қишрҳои поёнии ҷомеа истифода мебаранд, бо муваффақият боқӣ мемонад. Тавре ки хирадманд бо роҳи худдорӣ аз ҷӯши қалб – гурусначашмӣ, бо истифода аз ақл худро тарбия мекунад, ҳамин хел судя дар ҷомеа синфҳои дигари иҷтимоиро аз тамоили бетартибӣ ва хаос нигоҳ медорад. Бо андешаи Афлотун, ҳамин ки ҳокимият дар давлат байни ҳама тақсим шуд, харобӣ оғоз меёбад. Бо иртибот бо ҳамин пастулатҳои асосӣ Афлотун чунин ҷамъиятро одилона медонист, ки давлаташ мақсадҳои сиёсӣ ва фарҳангиро бо ҳам мувофиқ мекард. Ин ақида назорати ҷиддиро барои баёни фикр ва ақида дар назар дошт. Афлотун мехост, ки ҳаёти шаҳрвандон ба кодекси равшани маданӣ, ки ҳар навъ санъат ва ҳатто ақидаро, ки бо докторинаи вай мувофиқа карда нашудааст, «танзим» карда шавад.

«Дар «Республика» бо эҳтиром менависад, ки ӯ ҳамаи вайронкунандагони

қоидаҳои ҷиддиро, ки барои рассомон, файласуфҳо ва шоирон таъйин шудаанд, «ба шаҳри дигар мефиристад». Дар «Қонунҳо» бошад, ӯ боз ҳам нармтар талаб менамуд, ки шоирон бояд асарҳои худро ба судяҳо пешниҳод кунанд, то онҳо муайян намоянд, ки оё ин асарҳо ба саломатии маънавии одамон мусоидат мекунанд ё не» [213, с. 11].

Аз афкори мутафаккирони қадим ҳам бармеояд, ки ахлоқ ва меъёрҳои ахлоқӣ дар меҳвари назарияҳои шинохти шаклҳои идоракунии давлат қарор доранд ва маҳз асосҳои ахлоқӣ такягоҳи асосӣ барои бунёду идоракунии давлат ба шумор мераванд.

Ҷолиб аст, ки «саломатии маънавии одамон» аз замонҳои қадим мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дошт, ки тавассути ахлоқ муайян ва таъмин карда мешуд. Устоди Афлотун Суқрот ҳам, ки дар замони худ дар ҳоле ки ҳуқуқи индивидуалии худро дар мавриди саркашӣ аз қоидаҳои ҳаёти мадании Афина сарсахтона ҳимоя мекард, зарурати фалсафии ба ҳукумат тобеъ буданро низ эътироф мекард. Вай ба муқобили тартиботе эътироз мекард, ки тибқи онҳо ӯ барои беодоб кардани ҷавонони шаҳри худ маҳкум шуда буд, зеро он тартиботро нодуруст мешуморид, аммо ҳаққи ҳукуматро дар мавриди риояи тартиб эътироф менамуд.

Ақидаҳои Георг Гегел, файласуфи немис, ифодакунандаи асосии назарияи сиёсии авторитаризм дар замони муосир мебошад. Пайдоиши коммунизми муосир ва фашизм маҳз аз асарҳои ӯ маншаъ мегирад. Порчаи матне, ки дар зер аз Гегел иқтибос мешавад, яке аз матнҳои муҳимтарине дар ақидаи аврупоӣ маҳсуб мешавад. Тавре ки Алфред Симерн навиштааст, ҳар калима пур аз маънои нав ва аз паси он абрҳои ёддоштҳо аз тафаккури фалсафии гузашта, аз Афлотуну Арасту то рӯзҳои мо равон аст. Ба гуфтаи Гегел, давлат зуҳуроти боахлоқӣ, ин рӯҳи ахлоқӣ аст, ки худро зоҳир кард, шакли айнии воқеии ирода гирифт, ҳамон иродае, ки худро ба олам нишон медиҳад, худро шинохтааст, мақсади худро медонад ва он ҳар чиро, ки медонад дар чорчӯби дониши худаш татбиқ менамояд. Анъана ва одоб шакли берунӣ ва дидашавандаи ботини давлат аст. Худшиносии ҳар як шаҳрванд,

дониш ва амали ӯ шакли зоҳирӣ ва дидашавандаи мавҷудияти бевоситаи давлат мебошад. Худшиносии индивид субстансияи озодӣ ва мавқеи шаҳрвандро пайдо мекунад, ки он моҳияти таъйинот ва бозёфти худшиносиаш мебошад.

Дар ин андешаҳои файласуфи маъруфи немис Гегел ҳам мафҳуми асосӣ ахлоқ аст, ки моҳияти давлатро баён менамояд. Воқеан ҳам, ин ақидаи арзишманд аст, ки одобро шакли дидашавандаи ботини давлат медонад, яъне ахлоқ симои давлат аст, ки ба назари мо, ин мавқеи хеле муҳим мебошад.

Як мафҳуми дигар, ки чун қисмате дар ин назария дониста мешавад, авторитаризми фашистӣ аст. Ҳарчанд бунёдгузорони онро чун файласуфони иҷтимоӣ шинохтан имкон надорад, аммо андешаҳои онҳо доир ба сохти давлатдорӣ ва ҳамчунин, муносибат бо матбуот қобили зикр буда метавонад, зеро ба асли худ ифодагари мафҳуми мушаххасе ҳаст. Масалан, дар ин қисмати назария гуфта мешавад, ки доктринаи Муссолини ба мафҳумҳои зерин арҷгузорӣ мекунад: дастрасӣ ба василаи қувва, мубориза, хабар; дасткашӣ аз патсифизм; бадбинии оштинопазир нисбат ба либерализм ва тоқатпазирӣ; ташкили оммаҳо тавассути элита ё болоиҳо, роҳбарӣ ва сарварӣ дар ҳаракати оммавӣ ва дасткашӣ аз интернасионализм, бартарӣ додан бо «миллате», ки аз синфи миёна иборат аст нисбат ба синфе, ки пролетариатро дар назар дорад… ва таъкиди муҳим будани обшина чун қолабе, ки хушахлоқии комили зиндагиро таъмин менамояд ва монанд кардани чунин ҷамъият бо давлати маҷбуркунандаи имрӯза (ё миллати мусаллаҳ ва муташаккил)... Ӯ мегуфт: «фашизм ба муқобили системаи печидаи идеологияи демократӣ мубориза мебарад ва онро ҳам бунёди назариявиашро ва ҳам фаъолияти амалиашро маҳкум менамояд, фашизм онро нодуруст меҳисобад, ки аксарият танҳо барои он ки аксарият аст, метавонад ҷомеаи инсониро пеш барад; вай ақидаеро рад мекунад, ки танҳо ба миқдор имкони идора кардан ба василаи машваратҳои доимӣ мумкин аст. Фашизм ахлоқи қоим, неку пурмаҳсули инсониро, ки мисли пруссаи одии механикии ҳуқуқи интихоботии умумӣ ҳамеша тағйир ёфта намеистад, пайравӣ мекунад» [213, с. 14].

Бо вуҷуди ҳама он бадномиҳои минбаъдаи фашизм, ба назари мо, ин ақидаҳоро нодида гирифтан имкон надорад, зеро ин ҷо сухан дар атрофи «хушахлоқии комил ва ахлоқи қоиму некуе, ки чандон тағйирпазир нест» ва устувории худро нигоҳ медорад, рафта истодааст ва ба назари мо, аҳамиятнок ҳам ҳаст, чунки таъкиди устувории меъёрҳои ахлоқӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар шинохти онҳо ба шумор меравад; ба ифодаи дигар, моҳияти онҳоро бозгӯ менамояд ва ин назария дар ин самт мавқеъ дорад.

Агар ҳар чаҳор назарияро муқоиса кунем, монандии бештарро байни назарияҳои авторитарӣ ва марксистии коммунистӣ мебинем, дар ҳоле, ки назарияҳои авторитарӣ ва либертарианӣ аз ҳам дур қарор доранд. Манбаи назарияи сиёсии марксизм низ манбаъҳои аввалини авторитаризм буданд, ки онҳо бо назардошти инкишофи саноатӣ ва он проблемаҳое, ки вай ба миён овард, шакл дигар карданд. Тибқи назарияи коммунистӣ, мақсади коммунизм устувор намудани диктатураи пролетариат таҳти роҳбарии ҳизби коммунист аст. Ин диктатура, ки тибқи назорати коммунистӣ метавонад танҳо давраи гузаришро то барҳам хӯрдани боқимондаҳои капитализм дар бар гирад, дар асосҳои назариявии худ ба дигар типҳои таърихии абсолютизм ҳамсон аст. Пас, қарзи ахлоқии воситаҳои ахбори омма дар он аст, ки бояд давлатро дастгирӣ намоянд ва мақсадҳои хоси худи онҳо бошад бо кӯмак ва муваффақиятҳои давлат ҳосил мешавад.

Ҷолиб аст, ки дар ин назария қарзи ахлоқии воситаҳои ахбори омма низ муайян карда шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки ба нақши воситаҳои ахбори омма дар низоми идоракунии давлат баҳои сазовор дода мешавад.

Ин маънӣ дар моҳияти низоми шуравӣ ва муносибати он бо матбуот ҳам бармало мегардад: Дар ду маврид системаи шуравӣ аз системаи авторитарӣ фарқ мекунад. Аввал, коммунистон зарурати онро, ки воситаҳои ахбори омма ҳамчун василаи фоиданоки таблиғ барои дастрасӣ ба инқилоби ҷаҳонӣ кӯмак мерасонанд, таъкид мекунанд. Давлати коммунистӣ ба он қонеъ намешавад, ки имконияти воситаҳои ахбори оммаро барои дахолат ба сиёсати давлат маҳдуд менамояд, баръакс онро барои дастрасӣ ба мақсадаш фаъолона

истифода мебарад. Фарқи дуюм ва асосӣ он аст, ки дар замони коммунизм давлат тамоми воситаҳои ахбори оммаро инҳисор мекунад. Дар гузашта дигар режимҳои диктаторӣ ба воситаҳои ахбори омма ё аксарияти онҳо имконият медоданд, ки ба ҳайси муассисаҳои хусусии сармоядорӣ дар дасти одамони алоҳида монанд. Дар замони коммунизм давлат аз номи аҳли ҷамъият воситаҳои ахбори оммаро соҳибӣ ва идора мекунад. Давлат натанҳо ҳамаи воситаҳои ахбори оммаро дар дохили кишвар идора мекунад, балки бо қадри имкони худ дастрасии тамоми ахбори дигарро аз ҷумла аз манбаҳои хориҷӣ, ба худ вобаста мегардонад.

Ба моҳият, монандӣ ва таафовути назарияҳои матбуот бештар таваҷҷуҳ намудани мо ба он хотир аст, ки онҳо баробари он ки ба шинохти меъёрҳои ахлоқӣ дар низоми воситаҳои ахбори омма мусоидат мекунанд (зеро тавре мушоҳида шуд ба ҷанбаҳои ахлоқии масъалаҳо таваҷҷуҳи асосӣ равона мегардад), дар ин баробар, моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро низ бозгӯ менамоянд, зеро ҳамин тартиби муносибати давлат бо воситаҳои ахбори омма, муайян намудани самти муносибатҳо ва ба роҳ мондани онҳо нахустин зуҳуроти ҳуқуқӣ дар ин масъала аст.

Масалан, ҳамин тафовутҳое, ки дар муносибат бо матбуот миёни назарияи авторитарӣ ва назарияи марксистӣ вуҷуд дорад, дар як вақт баёнгари муносибатҳои ҳуқуқии онҳо аст; назарияи авторитарӣ ба воситаҳои ахбори омма ё аксарияти онҳо имконият медиҳад, ки ба ҳайси муассисаҳои хусусии сармоядорӣ дар дасти одамони алоҳида бошанд (вале дар ҳамин ҳол ҳам дар зери назорат қарор доранд), вале назарияи марксистӣ инҳисор ё худ монополияи пурраи воситаҳои ахбори оммаро дар назар дорад, ки ин тафовути аслӣ моҳияти ҳуқуқии муносибатҳоро баёнгар аст. Дар назарияи авторитарӣ имконияти воситаҳои ахбори омма барои дахолат ба сиёсати давлатӣ маҳдуд карда мешавад, аммо назарияи марксистӣ матбуотро пурра моликияти давлат меҳисобад, ки ин ҳам аз махсусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии назарияҳо бо воситаҳои ахбори омма мебошад.

Зикри қисме аз фаъолияти назоратии воситаҳои ахбори омма дар

ҷомеаҳое, ки консепсияҳои авторитарии матбуотро бо ин ё он ҳад амалӣ мекунанд, шинохти назариявии меъёрҳои ҳуқуқии соҳавиро имконпазир мегардонад, аз ин рӯ, лозим медонем.

Вақте тарафдори ҳокимияти авторитарӣ ба масъалаи вазифаҳои воситаҳои ахбори омма муроҷиат менамояд, вай алакай вазифаҳои асосии идора кардани онҳоро муайян намудааст. Ин вазифаҳо ҳатман муносибати ӯро ҳам бо соҳаҳои фарҳангӣ ва ҳам сиёсии коммуникатсия ба тартиб меоваранд. Масалан, ҳатман бояд ҳукумати дар қудратбударо дастгирӣ кунанд, ба вай ёрӣ расонанд, ки вазифаҳои дар наздаш гузоштаро иҷро намояд. Ин вазифа дар марҳалаи инкишофи воситаҳои ахбори омма бо роҳи манфӣ ҳал карда мешуд, яъне ба маҳдудиятҳое, ки мақсадашон пешгирии дахолате, ки ба дастрасӣ ба мақсади дар назди миллат истода халал мерасонад.

«Дар марҳалаҳои баъдии инкишофи воситаҳои ахбори омма, муносибати бештари конструктивӣ мушоҳида мешавад, яъне давлат дар раванди иртиботи фаъолона иштирок менамояд ва аз воситаҳои ахбори омма чун аз яке аз муҳимтарин таҷҳизоти дастрасӣ ба мақсад истифода мебарад» [213, с. 18].

Дар ҳар системаи ҷамъиятӣ дар ҷойи аввал муайян кардан лозим мешавад, ки кӣ бояд ҳаққи истифодаи воситаи ахборро дошта бошад, яъне лозим аст, ки давлат шабакаҳои иртиботиро бо одамони алоҳида бевосита истифода барад. Ин шабакаҳо чун дастгоҳи ниммустақиле зери назорати давлат қарор дошта бошанд, ё онҳоро барои онҳое озод мондан даркор аст, ки бо меҳнату рафтор исбот кардаанд, ки эҳтимоли ба сиёсати давлатӣ дахолат карданашон камтар аст.

Барои аксар низомҳои авторитарӣ ташкили назорати фоиданок аз болои воситаҳои ахбори хусусӣ масъалаи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Кишварҳои Ғарб бисёр тарзи назоратро санҷиданд, онҳо муваффақиятҳое доштанд, аммо ҳеҷ кадоми онҳо муваффақияти дилхоҳи бардавом набуданд. Яке аз усулҳои кӯҳнатарини таъмини шарҳи дилхоҳи сиёсати ҳукумат, тавре ки қаблан зикр шуд, додани «қарорҳо»-и махсус, ё тавре мегуфтанд, «патентҳо» буданд, ки ба шахсҳои дилхоҳ имконият медоданд, ки ба «назорати фоиданок» шаванд.

Дар Англия ин раванд бо мурури солҳо ба системаи мураккаби дастгоҳи касбӣ табдил ёфт. Патентҳо ба нашрияи некирода дода мешуданд, то китобҳои гуногуннавъ чоп кунанд, китобҳое мисли маҷмуаи қонунҳо, китобҳои мактабӣ, китобҳои динӣ, китобҳои таърихӣ, пйесаҳо ва бисёр навъи дигари китобҳо. Нашрияе, ки барои нашр кардани матолиби ба корҳои давлатӣ дахолаткунанда ҳуқуқ мегирифтанд, хеле бодиққат интихоб карда мешуданд. Бо пайдо шудани аввалин шаклҳои рӯзнома, онҳо ба чунин нашрияе дода шуданд, ки онҳо дар ивази ҳаққи комили инҳисори пахши навигариҳо омода буданд, ки фақат он чизеро чоп кунанд, ки ба муваффақияту комёбии давлат мусоидат намояд.

Системаи патентӣ дар Англия дусад сол давом кард ва дар ин давра усули беҳтарини назорат буд. Таъсиси «Ширкати нашрияи китоб» - ташкилоти маҳдуди патентдорон ва нашрияи «соҳибимтиёз» давраи авҷи ин система мебошад. Вай тавассути аъзо ва хизматчиёнаш тамоми соҳаи матбуотро назорат карда метавонист ва ин ба ҳукумат қариб ки муфт муяссар мешуд. Хартияи подшоҳӣ ба ин созмон имкон медод, аъзои нав қабул кунад, аз сафи ҳамкасбон хориҷ намояд ва ҳамчунин ба вайронкунандагони хурди тартиботи ҷоришуда ҷазои начандон ҷиддӣ муайян намояд. Азбаски вазъи инҳисориаш ба бовар кунонидани ҳукумат нисбати бетарафиаш вобаста буд, созмон назорати худро хеле ҷиддӣ амалӣ мекард.

Дар охири қарни XVII низоми иҷозатдиҳӣ ба фаъолияти чопӣ дарҳам шикаст. Ба ин асосан камбудиҳои худи он ва ҳамчунон инкишофи соҳибкорӣ дар ҳама соҳаҳои истеҳсолот сабаб шуд.

Усули дигари ҳамсоне, ки дар аксарияти кишварҳои Европаи Ғарбӣ ба вуҷуд омад, литсензияи корҳои ҷудогонаи нашрӣ буд. Дар асрҳои ҳабдаҳуму ҳаждаҳум чунин система ба мафҳуми «сензура» пайваст дониста шуд. Баъзан вай ба мавҷуд будани матбуоти литсензиядори инҳисорӣ алоқаманд мешуд ва баъзан дар худ назорати расмиро бар нашароти хусусӣ ва идораҳои нашриётӣ низ дарбар мегирифт.

Ин система таҳти назорати ҳокимияти дунявӣ дар асри XVI, дар замоне,

ки ҳатто ноширон - инҳисоргарон, ё онҳое, ки дар хизмати давлатӣ, аксаран наметавонистанд ё намехостанд самтеро дастгирӣ кунанд, ки сиёсати давлатӣ муайян карда буд, ба миён омадааст. Маъмулан ноширон аз корҳои ҳукумат огоҳ набуданд, аз ин рӯ аз имконоти дар мавриди масоили баҳснок, ки дар матбуот сар мезаданд, ба хулосаи дуруст омадан маҳрум мемонданд. Давлат ин хатоиро ислоҳкунон талаб мекард, ки асарҳое, ки ба соҳаҳое чун дин ва сиёсат бахшида мешаванд, пешакӣ ба он намояндагонаш, ки шояд чӣ хостани давлатро дар ин соҳа медонанд, маслиҳат шавад.

Дар охири қарни XIX маълум шуд, ки таъмин кардани тафтиши теъдоди бисёр матолиби махсус, ки дар матбуот пайдо мешуданд, душвор аст. Баробари он ки рӯзномаҳо ба паҳнкунандаи асосии ахбор дар ҷомеа табдил меёфтанд, масъалаи сензураи матолиб низ ҳамоно душвортар мешуд. Сензорҳоро муҳлатҳои маҳдуди ҳафтаӣ ва баъдтар ҳаррӯзаи тайёр кардани матлаб ба чоп, ҳаҷми онҳо ва ҳамчунон найрангу ҳушёрии журналистон ба ташвиш меовард. Ҳеҷ кадом аз одамони ботаъсир, махсусан одамони тамоили сиёсидошта ба ин кор даст намезад. Дар охирҳои асри ҳабдаҳум аз сабаби пурмасъулиятӣ, вале асосан аз он ки дар он вақт аллакай ҳизбҳои сиёсӣ, ки тамоили демократӣ доштанд, ташаккул ёфтанд, дар Англия сензура рӯ ба нобудӣ овард. Ҳеҷ ҳизб ҳозир набуд, ки чунин дастгоҳи муҳими дастрасӣ ва нигаҳдории ҳокимияти сиёсиро ба идораи дигар ва ба назорати хос диҳад.

Тибқи анъанаҳои ҳуқуқии англо-америкоӣ сензура маънои талаботи қонунии онро дошт, ки тамоми матолиби чопшаванда ва барои маълумоти ҷомеа пахшшаванда бояд аввал барои нашр рухсати расмӣ гиранд, ба истилоҳи калисои католикии Рим – impumatur – санксия дошта бошанд. Чунин регламентасияро дар замони хислати авторетарӣ доштани ҳокимияти давлатӣ аз дигарҳо зиёдтар истифода мебурданд. Онро ҳукуматҳои Франсия, Германия, Испания, давлатҳои Италия ва ҳукуматҳои аввали Америкаи мустамликавӣ истифода кардаанд.

Дар замони мо калимаи «сензура» ба маънои васеътаре истифода мешавад, махсусан аз ҷониби мутахасисони улуми иҷтимоӣ ва ҳамаи соҳаҳои

ба тартибовариро (парламентатсия) дар бар мегирад, хоҳ иҷозатномагирӣ бошад, ё меъёри дигаре. Аммо ҳуқуқшиносон ва муаррихон онро ҳамоно бо маънои аввалиаш истифода менамоянд.

Сеюмин усули маъмули назорати матбуот, ки давлати авторитарӣ истифода намудааст, таъқиботи суд барои вайрон кардани меъёрҳои маъмул ё муқарраршудаи ҳуқуқӣ мебошад. Чун одат чунин муносибат баъди онҳое пайдо шуд, ки қаблан зикр гардиданд.

«Вақте ки инҳисороти давлатӣ ё иҷозатномадиҳӣ дар назорати зарурӣ бефоида шуданд, баъд ба ин усул муроҷиат намуданд. Ин муносибат дар таҷрибаи ба тартибоварии давлатӣ гоме ба пеш буд, зеро судяҳо маъмулан имкон медоданд, ки шахсони дар ҷиноят муттаҳамшуда аз имконияти ҳимояи ҳуқуқӣ истифода намоянд» [213, с. 22].

Ин тавзеҳи муфассал якбора доир ба чанд воситаи назорати матбуот дар давраҳои гуногуни таърихии ташаккули назарияи авторитарӣ маълумот медиҳад, ки моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро низ дар бар мегирад. Яъне, он чи ки барои назорати матбуот анҷом дода мешуд, асосҳои ҳуқуқии худро дошт ва ҳамин тавр, мавриди истифода ва иҷро қарор мегирифт.

Ин давраҳои ташаккули назария, ки бинобар зарурати замон тағйир ёфта, мувофиқи талаботи он амал кардааст, дар як вақт моҳияту ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии журналистика низ дониста мешавад, зеро чун заминаҳои пайдоиш ва рушди меъёрҳо ба шумор меравад: се усули маъмули назорати матбуот, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ба вуҷуд омада, амал кардаанд, дар назарияҳои дигар ва замони муосир низ бо шеваҳои мухталиф мушоҳида мешаванд, аз ин рӯ, баробар бо назарияҳои матбуот баррасӣ намудани онҳо моҳияти масъалаи шинохти ҷанбаҳои илмию назариявии меъёрҳоро баёнгар аст.

Назарияҳои маъруфи матбуот имрӯз дар ҷомеаҳои алоҳида дар шаклҳои гуногуну муосир амал мекунанд ва махсусиятҳои ахлоқию ҳуқуқии Назарияи авторитарии замони навро нависандаи машҳури англис Самуэл Ҷонсон, ки дар асри ҳаждаҳ худаш ҳам дар баҳс оид ба арзишҳои давлат ва озодӣ иштирок

кардааст, бо муваффақият хулоса кардааст:

«Ҳар ҷомеа ҳақ дорад сулҳи иҷтимоӣ ва тартиботро ҳифз кунад. Пас, ҳамаи асосҳоро дорад, ки паҳншавии ақидаеро ки хислати ҳалокатовар дорад, манъ кунад. Агар гӯем, ки судя чунин ҳақ дорад, саҳеҳ намешавад, зеро судя намояндаи ҷамъият аст. Паҳншавии ақидаеро, ки ӯ зарарнок ҳисоб карда, маҳдуд менамояд, аз нигоҳи ахлоқӣ ва динӣ ноҳақ буданаш мумкин аст, вале аз нигоҳи сиёсӣ вай ҳақ аст» [213, с. 23].

Ба назари муаллифони назарияи авторитарӣ, ин хулоса бомуваффақият аст, аммо аз нигоҳи мо, ҳимояи сулҳи иҷтимоӣ ва тартибот, пешгирии ақидаи ҳалокатовар аз муҳитарин вазифаҳои ахлоқ аст, аз ин рӯ, дар чунин ҳол он аз нигоҳи ахлоқӣ нодуруст буданаш имкон надорад. Аммо аз нигоҳи дигар, дар чунин шакл ба миён гузоштани масъала ҳам як ҷанбаи назариявии шинохти меъёрҳои ахлоқиро дар бар мегирад, зеро ин ҷо мавридест, ки баъзан меъёрҳои ахлоқӣ дар сиёсати давлатӣ бо назардошти манфитаҳои сиёсӣ сарфи назар мешаванд.

Назарияи либертиании матбуот яке аз назарияҳои дигар дар шинохти воситаҳои ахбори омма ва самтҳои ахлоқию ҳуқуқии фаъолияти онҳост. Доктринаи либертарианӣ, мисли назарияҳои дигаре ҳам ки вазъият ва таъйиноти воситаҳои ахбори оммаро дар ҷамъият баррасӣ мекунанд, давоми усулҳои фалсафие мебошад, ки барои сохтори иҷтимоиву сиёсии ташаккули воситаҳои ахбори омма асос ба вуҷуд меоранд. Либертаризм, ба сифати чунин системаи иҷтимоиву сиёсӣ барои институтҳое, ки дар дохили ин система мебошанд, тарҳҳое муайян кардааст ва матбуот чун институтҳои дигар дар худ таъсири усулҳоеро, ки асоси ҷомеашро ташкил медиҳанд, дарк мекунад. Дар сад соли охир аксарияти ҷаҳони мутамаддин бастагии худро бо усулҳои либертарианӣ эълон дошт. Барои дарки он ки дар шакли демократии идора матбуот ба кадом усул такя мекунад, донистани он зарур аст, ки фалсафаи либерализм дар асрҳои XVII ва XVIII чӣ гуна инкишоф ёфт. Принсипҳои фалсафии либертарианӣ ё фалсафаи озодии ирода, мисли усули авторитаризм, дар масъалаи муносибаташ бо мавзуъҳои табиати инсон, табиати ҷомеа ва

муносибати шахс ба он, дар мавриди табиати дониш ва ҳақиқат асоснок мешавад. Гарчи файласуфоне, ки озодии иродаро талқин мекунанд, дар назарияҳои худ аз ҳам фарқ доранд, аммо дар эҷоди онҳо як силсила муносибати умумие ҳам мавҷуд аст, ки маҳз ҳамин чизҳо имкон медиҳанд, онҳоро ба мактаби ягона ё системаи фалсафӣ мансуб донем.

Тарафдорони доктринаи иродаи озод мегӯянд, ки мақсади ҷомеа хушбахтӣ ва некрӯзии шахс мебошад ва одам бо мусобаи вуҷуди фикркунанда, қобилият дорад, ки ҳаётро дар атрофи худ созмон диҳад ва қарорҳое қабул кунад, ки талаботи ӯро қонеъ мекунанд. Инсон асос ва пешбарандаи тамаддун мебошад. Ҳамаи тарафдорон дар мавриди он ки вазифаи асосии ҷомеа пеш бурдани манфиатҳои аъзои ҷудогонаи он мебошанд, ҳамақидаанд. Ҳарчанд ҷомеа дар бисёр ҳолат ба некӯаҳволии одам мусоидат намояд, ба анъанаи ҷамъият, ки мехоҳад нақши асосиро ба дасти худ гирад ва худаш мақсади ниҳоӣ гардад, василаҳои муқовимат пайдо кардан лозим аст. Файласуфони либерализм онро қатъан тасдиқ мекунанд, ки ҷомеа ифодаи олии кӯшишҳои инсонӣ мебошад, гарчи онҳо бо баъзе шубҳаҳо розӣ ҳастанд, ки давлат дастгоҳи фоиданок ва ҳатто даркорӣ аст. Давлат чун василае лозим аст, ки фардро бо муҳите, ки дар он шахс имкониятҳои худро татбиқ менамояд, пайванд мекунад.

Дар ҷомеае, ки бар принсипҳои либертарианӣ асос ёфтааст, масъалаи вазъи матбуот проблемаи мутобиқати он бо институтҳои сиёсии демократия ва тарзи зиндагии демократӣ мебошад. Дар давлати демократӣ ҳукумат хизматгори халқ аст. Дар ин сифат муносибати он бо ашхосе, ки вайро дастгирӣ менамоянд, тавре нест, ки дар ҳукуматҳои авторитарӣ аст. Ҳатто ҳукумат бо омма тобеъ ва ҳисоботдиҳанда бошад ҳам, ба вай он қадар бовар намекунанд, ки мақсадҳои онро ба мақсадҳои шаҳрвандон як донанд. Дар мамлакатҳои демократӣ василаҳои бешуморе мавҷуданд, ки ба ҳукумат имкон медиҳанд, ки бо усули авторитарии идора баргардад ва «ҳуқуқҳои ҷудонопазир»-ро халалдор намояд. Тавре қаблан зикр шуд, асосҳои системаи либертариании матбуотро дар қарни XVII Милтон ва Локк гузоштаанд,

механизмҳои мушаххаси он дар асри XVIII муайян ва татбиқ шуданд ва ин система дар асри XIX ба авҷи худ расида, дар олам паҳн шуд. Амалан, ҳамаи мамлакатҳои демократии олам принсипҳои либертарианиро пазируфтанд ва онҳоро дар сарқонунҳои худ ҷой доданд.

Дар чорчӯби консепсияи либертарианӣ, вазифаҳои воситаҳои ахбори омма аз иттилоъ додан ва саргармкунӣ иборат аст. Вазифаи сеюм дар иртибот бо ин ду пайдо шуд ва сабабаш аз нигоҳи иқтисодӣ таъмин кардани худ буд, то ба ин васила аз нигоҳи молӣ мустақил бошад. Ин вазифа фурӯхтан ё реклама аст. Мақсади асосии воситаҳои ахбори омма барои ёфтани ҳақиқат ёрӣ расондан, барои ҳалли проблемаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат кардан ва бо ин мақсад ҳама фикру ақидаро ҳамчун асоси пайдо кардани роҳи ҳалли онҳо истифода бурдан буд.

Хислати муайянкунандаи ин раванд озодӣ аз назорат ва фишори ҳукумат буд. Ҳукумат ва амалдорони он аксар вақт як тарафи низоъ мешуданд ва аз натиҷаи он ҳавасмандона нигаронӣ мекашиданд. Пас, ба вай дар мавриди дастрасӣ ба омма имтиёзи изофӣ додан лозим набуд, зеро дар ниҳояти амр, омма қабул мекард. Ҳамчунон бо ҳукумат ҳуқуқ додан лозим набуд ба он дахолат кунад, ки рақибон чигуна далел пешниҳод менамоянд. Ҳамин тавр, вазифаи матбуот ҳамчун институти сиёсӣ такмил дода шуда буд: «Матбуот вазифадор буд назорат намояд, ки ҳукумат сарҳадҳои барояш муайяншударо нагузарад. Тавре ки Ҷефферсон гуфта буд, матбуот бояд аз болои ҳукумат чунон назоратро таъмин намояд, ки ҳеҷ кадом институти дигар онро амалӣ карда наметавонад» [213, с. 26].

Назоратчиёни либертарианӣ эътироф мекарданд, ки «азбаски матбуот серсадо аст, кадом як ахборе, ки ба омма мерасад, дурӯғ буданаш мумкин ва кадом як ақида ғалат буданаш эҳтимол дорад. Дар ин вақт ҳам давлат набояд ҳуқуқ дошта бошад, ки онҷиро, ки дурӯғ ва хато меҳисобад, манъ кунад. Агар вай чунин ҳуқуқ медошт, бе чуну чаро кӯшиш мекард, танқидро нисбати худ ё ақидаеро, ки бо ақидаи амалдорони давлатӣ мухолифанд, пахш кунад. Либертарианиҳо чунин меҳисобиданд, ки беҳтар он аст, ки ба омма имкон

дода шавад, ки зери бори иттилоот ва ақидае монанд, ки шояд як қисмаш ҳақиқат, қисми дигараш дурӯғ ва дигараш ҳарду бошад. Дар ниҳояти амр ба омма имкон додан лозим буд, ки вай ҳама чизро дар худ ҳал кунад ва ӯ метавонист ҳар он чиро, ки бар зарари манфиати ҷомеа аст, рад кунад ва онро қабул намояд, ки бар манфиати шахсӣ ва ҳама ҷомеа аст» [213, с. 26].

Ин раванди ба хубӣ маълуми «бозгашт ба ҳақиқат буд». Либертарианиҳо таъкид мекарданд, ки дар ҷомеаи демократӣ ақидаи гуногун ҷорӣ мешавад, гарчи на ҳамаи овозҳо шунида мешаванд. Бигузор ҳар касе, ки дар хусуси проблемаҳои иҷтимоӣ гуфтание дорад, сарфи назар аз ҳақ ё ғалат будани он ақидаашро гӯяд, бигузор омма худаш аз он ба хулосае биёяд. Чунин имконият дар ҷомеа ҳеҷ вақт воқеият нашудааст.

Тарафдорони доктринаи либертарианӣ ба муқобили инҳисори давлатии шабакаҳои иртибот эътироз мекунанд. Ба ақидаи онҳо, «ҳар кадом шаҳрванд ё хориҷие, ки майли хос дорад, бояд имконияти номаҳдуди соҳибӣ ва идора карданро ба василаҳои иртиботи омма дошта бошад. Ин соҳаи фаъолият барои ҳама боз буд. Дар назар буд, ки воситаҳои ахбори омма дар ҷомеаи сармоядорӣ, ки бо асли соҳибкории озод устувор аст, фаъолият намоянд, азбаски матбуот серсадо аст, кадом як ахборе, ки ба омма мерасад, дурӯғ буданаш мумкин ва кадом як ақида ғалат буданаш эҳтимол дорад. Дар ин вақт ҳам давлат набояд ҳуқуқ дошта бошад, ки онҷиро, ки дурӯғ ва хато меҳисобад, манъ кунад. Агар вай чунин ҳуқуқ медошт, бе чуну чаро кӯшиш мекард, танқидро нисбати худ ё ақидаеро, ки бо ақидаи амалдорони давлатӣ мухолифанд, пахш кунад. Либертарианиҳо чунин меҳисобиданд, ки беҳтар он аст, ки ба омма имкон дода шавад, ки зери бори иттилоот ва ақидае монанд, ки шояд як қисмаш ҳақиқат, қисми дигараш дурӯғ ва дигараш ҳарду бошад. Дар ниҳояти амр ба омма имкон додан лозим буд, ки вай ҳама чизро дар худ ҳал кунад ва ӯ метавонист ҳар он чиро, ки бар зарари манфиати ҷомеа аст, рад кунад ва онро қабул намояд, ки бар манфиати шахсӣ ва ҳама ҷомеа аст» [213, с. 26].

Ин чунон маъно дошт, ки асбобҳои иртибот дар дасти одамони алоҳида

мешаванд ва дар бозори озод рақобат менамоянд. Дар сурати мавҷуд будани сармояи кофӣ ҳар кас метавонист дар соҳаи алоқа муассисаи худро ташкил диҳад, ки комёбӣ ё нокомии он аз қобилияти бо дастовардани фоида вобаста буд. Фоида аз он вобаста буд, ки соҳибкор талаботи гирандагонро чигуна қонеъ карда метавонад. Аз ин рӯ, муваффақияти муассиса ба онҳое вобаста аст, ки муассис онҳоро қонеъ кардан мехоҳад.

Масъалаи дастгирии иқтисодии воситаҳои ахбори омма проблемае буд, ки назариётчиёни либертарианӣ аз он роҳи гурез меҷустанд. Онҳо зидди дастгирии давлатӣ буданд, зеро он хоҳу нохоҳ ба назорат оварда мерасонд. Биноан, чунин меҳисобиданд, ки системаи сармоядории соҳибкории хусусӣ масъаларо худаш ҳал мекунад. Қаблан рӯзнома ва маҷаллаҳо дар фурӯши эълон ё реклама ба зудӣ манбаи фоиданоки даромадро ёфтанд, ки ин ба инкишофи вазифаи нави матбуот - қонеъ кардани ҳавасмандкунии истеъмол ва фурӯши матбуот сабаб шуд: «Инкишофи реклама ҳамчун василаи дастгирии иқтисодии матбуот махсусан дар Амрико ва Англия ба мушоҳида расид ва маҳз дар ҳамин кишварҳо рӯзномаву маҷаллаҳо камтар аз ҳукумат вобаста буданд. Тибқи назарияи либертарианӣ ҳар субъекте, ки василаи иқтисодӣ дорад, дар соҳаи иртиботот амал карданаш имконпазир аст» [213, с. 26].

Василаҳои асосии назорати воситаҳои ахбор дар ҷомеаи демократӣ кадомҳоянд? Ҳар чи ки нагӯем, давлат олоти гуногуни дар даст доштаашро бо мақсади дар раванди иртиботот иштирок кардан истифода мебарад. Либертарианиҳо инро медонанд, аммо чунин меҳисобанд, ки он ҳар қадар камтар бошад, ҳамон қадар беҳтар аст. ҳамин тавр, аз ҳадди имконпазири иштироки ҳукумат саволи доимие ба миён меояд. Чун одат давлат хизмати почтаро, ки баъзе намуди воситаҳои ахбор тавассути он паҳн мешаванд, идора мекунад. Дар бисёре аз кишварҳо давлат ҳамчунин умури телефон ва телеграфро низ идора мекунад, ки бо истифода аз онҳо маҳдудият ворид карданаш мумкин аст. Давлат воридот ва содироти молро назорат менамояд ва аз ҳама асосӣ вай соҳиби андоз аст. Бо истифода аз ҳар кадом ин олот ҳукумат метавонад ба воситаҳои ахбори омма маҳдудиятҳои махсус муайян намояд.

Дар бисёре аз кишварҳои дунё василаи асосии назорат системаи судӣ аст. Масалан, дар ИМА дар ин самт судяҳо нақши аввалдараҷа доранд, зеро онҳо натанҳо қонунҳои марбут ба матбуоти кишварро татбиқ менамоянд, балки ҳамчунон муайян ҳам мекунанд, ки дар кадом ҳолат дигар рукнҳои ҳокимият монеа эҷод намудаанд, ки он ба ҳолатҳои конститутсионӣ мухолифат доштанаш мумкин аст, ё мақоме чӣ гуна мехоҳанд аз ваколати худ сӯиистифода намоянд. Дар ниҳояти амр дар шароити системаи конститутсионии мо маҳз судҳо он марзро муайян менамоянд, ки то ҳамон ҳад давлат ҳангоми татбиқи ҳукумати худ бар васоили ахбори омма омада метавонад. Дар дигар давлатҳои демократӣ ин вазифа ба анъанаҳо ё ҳокимияти қонунбарор вогузор мешавад.

Назарияи либертарианӣ дар ивази назорати давлатӣ навъи нисбатан ғайрирасмии назоратро мегузорад, ки ба василаи «раванди бозгашт ба ҳақиқат» ё ба василаи рақобати озод дар бозори ахбор, ақида ва саргармкунӣ амалӣ мешавад. Вазифаи асосии давлат таъмин кардани сохтори муназзам ба ҳисоб меравад, ки дар дохили он нерӯҳои озоди фардӣ метавонанд бо ҳам бархӯрдҳои мухталиф дошта бошанд. Баъзан ин бархӯрдҳо хислати хаостикӣ ва натиҷаи манфӣ пайдо карданашон мумкин аст. Вале дар ниҳоят чунин муносибат аз роҳбарии авторитарӣ беҳтар менамояд.

Такроран иброз менамоем, ки таваҷҷуҳи бештар ба моҳияти назарияҳои матбуот, ки имрӯз низ амал менамоянд, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимме ҳастанд, ки дар таркиби худ мазмуни меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқиро низ ифода мекунанд ва масъалаҳои назариявии шинохти меъёрҳои мазкур низ аз онҳо бармеояд.

Масалан, бо вуҷуди тафовутҳои ҷиддии миёни назарияҳо боз ҳам меъёрҳои ахлоқӣ дар онҳо мақоми хосса доранд, ки ин ҷанбаи муҳим шинохти онҳоро осонтар менамояд. Дар назарияи либертианӣ ҳарчанд моҳияти ахлоқии он таъкид намешавад, аммо аз афкори файласуфони нахустини он бармеояд, ки ақидаҳои онҳо бар асосҳои ахлоқӣ устуворанд, зеро вақте инсонро озоду пешбарандаи тамаддун эътироф мекунанд, хушахлоқии ӯро дар назар доранд,

ки барои расидан ба ҳадафҳояш мусоидат мекунад.

Дар назарияи либертианӣ масъалаи озодии матбуот ба таври васеъ ба миён гузошта мешавад ва дар мавриди маҳдуд сохтани озодӣ низ фикрҳои мухталиф вуҷуд доранд ва ақидаи умумие, ки аз ҷониби ҳама чун нишони маҳдудсозии озодии матбуот эътироф шудааст, ба ахлоқ алоқаманд мебошад: Манъи нашри матолиби носазо ва беадабона боз як намунаи аз ҷониби ҳама қабулшудаи маҳдудкунии озодии матбуот аст. Қонунҳо дар ин бора ба ҳеҷ як асли муайянкунанда такя намекунанд, танҳо як асл дар ин бобат мавҷуд аст – чунин маҳдудият барои ҳимояи ахлоқ лозим аст. Моҳияти носазо маъмулан аз ҷониби ақаллияти агресивӣ ташаккул дода мешуд, ё баҳое буд, ки судяе ба вазъияти ахлоқ медод. Гарчи баъзе либертарианиҳо ба муқобили ҳар навъ маҳдудкуниҳо барои беодобӣ эътироз менамоянд, аксарият ба он фикранд, ки давлат вазифадор аст ҷомеаро, ё ҳадди ақал як қисми онро аз матолиби бешармона ва беодобона ҳифз намояд.

Яке аз назарияҳои муҳимми дигар, ки дар замони муосир вусъати густурда ва алоқамандии бевосита бо мавзуи мо дорад, назарияи масъулияти иҷтимоӣ мебошад. Тавре маълум аст, ҳар як назария дар даврaҳои ташаккули худ ба дигаргуниҳо дучор шуда, қисме аз афкори заминавии он вобаста ба талаботи замон ба рукуд дучор мешаванд ва ин боис мешавад, ки ақидаҳои дигар ба вуҷуд оянд. Назарияи либертианӣ низ ба чунин ҳолат рӯ ба рӯ гардид. Аз ин рӯ, зарурати таваҷҷуҳ ба назарияи нав ба вуҷуд омад.

Дар замони мо, ҳангоми муҳокимаронiҳои нашрони рӯзномаҳо перомуни касбашон, дар суҳбаташон, пеш аз ҳама мафҳумҳои мисли «ҳуқуқи ҷомеа ба ахбор» ва «масъулияти иҷтимоии ахбор»-ро шунидан мумкин аст. Чунин идеяҳо ва амали матбуот, ки аз онҳо бармеоянд, шаклдигаркунии муҳими назарияи анъанавӣ аст, зеро дар дигар ҳеҷ ҷои назарияи либертианӣ таъкиди ҳуқуқи аҳли ҷамъият ба ахбор ё аз нашрон талаб кардани он ки ба худ масъулияти ахлоқӣ гиранд, во намехӯрад. Ба Вилям Питер Гомилтон аз Уолстрит чунин шакли равшани ниҳоят асосноки мавқеи нашри тарафдори назарияи либертианӣ мансуб дониста мешавад: Рӯзнома муассисаи хусусие

мебошад, ки аз омма ҳеҷ чиз қарздор нест ва омма ҳам ба рӯзнома ҳеҷ ҳуқуқ надодааст. Лиҳозо рӯзномаро ҳеҷ гуна манфиати ҷамъиятӣ ба ташвиш намеоварад. Бегумон вай моликияти соҳибаш мебошад, ки ӯ маҳсулоти истеҳсолкардаашро бо тарсу таваккали худ мефурӯшад.

Тавре аз моҳияти ин назария бармеояд, мафҳуми асосӣ дар он ахлоқ аст, зеро унсури аслии тафовут масъулияти ахлоқӣ мебошад, ки дар раванди «шаклдигаркунии муҳимми назарияи анъанавӣ» ба вуҷуд омадааст. Яъне, муҳим будани масъулияти ахлоқии ноширон бунёди ин назарияро ташкил медиҳад, зеро дар ҷараёни дигаргуншавии назарияи либертианӣ андешамандоне пайдо шуданд, ки матбуотро моликияти шахсони алоҳидае ҳисбоиданд, ки дар назди ҷамъият ҳеҷ масъулияте надорад ва ҳадаф аз он даромад овардан ба моликаш мебошад: Дар қарни бистум дуршавии пайгирона аз назарияи софи либертарианӣ ба амал омад ва ҷои онро ба истилоҳ «назарияи масъулияти иҷтимоии матбуот» гирифт. Мо зери мафҳуми «назарияи масъулияти иҷтимоӣ» чиро мефаҳмем? Баъдтар, вақте мо ин назарияро бо назарияи либертарианӣ муқоиса мекунем, онро дар ҳаҷм ва аҳамияти пурра хоҳем дид: Назарияи масъулияти иҷтимоӣ аз манбаи асосии зерин бармеояд: озодӣ ҳамсафари масъулияти хос мебошад ва матбуот, ки дар системаи идораи мо мавқеи имтиёзнок дорад, вазифадор аст, дар иҷрои вазифаҳои муайяни иртиботӣ дар ҷомеаи имрӯза дар назди ҷамъият ҳам масъулият дошта бошад. Дар он ҳадде, ки матбуот масъулияти худро дарк мекунад ва амали кори ҳаррӯзаашро бар он асос медиҳад, системаи либертарианӣ ба талаботи ҷомеа мувофиқат менамояд.

«Ба он ҳадде, ки матбуот масъулиятро ба зиммаи худ намегирад, ба ҳамон ҳад кадом як нерӯи дигар матбуотро маҷбур менамояд, ки вазифаҳои асосии иртиботи омма татбиқ гарданд» [213, с. 34].

Дар ин маврид ҳам ҷанбаи муҳимме, ки моҳияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳам ҳуқуқиро ошкор месозад, муносибат бо мафҳуми озодӣ аст. Озодӣ дар навбати худ меъёри ҳуқуқӣ мебошад, зеро кафолати қонунӣ, дар аксар маврид ҳатто кафолати конститутсионӣ дорад. Шинохти меъёрҳои ҳуқуқӣ дар чунин ҳол

муҳимтар мегардад, ки кафолат ҳеҷ гоҳ нишони озодии мутлақ нест, зеро ин махсусияти меъёрҳои ҳуқуқӣ аст, ки баробари эътирофи ҳуқуқ мавҷудияти уҳдадориро таъкид менамояд.

Яъне, назарияи масъулияти иҷтимоӣ аз он назарияҳоест, ки ҷанбаи назариявии шинохти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро низ ба вуҷуд меорад. Мо бо назарияҳои дигар, ки унсурҳои онҳоро қисман зикр кардем, якбора ба муносибати онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам ахлоқӣ таваҷҷуҳ намудем, ки ин амал бо мақсади меъёрҳои сурат гирифт.

Ҷолиб аст, ки ҳар як назария дар афкори бунёдии худ ба ахлоқ ва ҳуқуқ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир мекунад, вале баъдан ба тамоюли тағйирпазирӣ дучор шуда, аз ақидаҳои бунёдӣ дур меравад ва дар ин сурат зарурат ба афкори дигар ба вуҷуд меояд. Ончунон ки дар назарияи авторитарӣ давлат зуҳуроти ахлоқӣ дониста мешуд, назарияи либертианӣ низ қарзи ахлоқии воситаҳои ахбори оммаро таъкид менамуд. Назарияи масъулияти иҷтимоӣ чун натиҷаи ин ду назария, тавре аз унвонаш бармеояд, ба масъалаи аввалиндараҷа табдил додани эҳсоси масъулиятро аз ҳадафҳои асосии худ қарор дод.

Гуфтан душвор аст, ки маҳз кадом вақт анъанаи назариявии озодии дар воқеъ номаҳдуди матбуот, ба гум кардани мавқеаш сар кард ва ноширон ба худ масъулияти муайяне гирифтанд. Албатта дар он даврае, ки ноширон пеш аз ҳама табоатчӣ буданд ва ба рӯзномаҳои худ ҳамчун ба мисли муассисаи табоатии худ нигоҳ мекарданд, гумон аст, ки тарафҳои ахлоқии касбашон инҳоро ба ташвиш меоварда бошад, гарчи аз замонҳои қадимтарин ҳам дар байни журналистон одамони некандеш буданд. Аз нимаҳои асри нуздаҳум сар карда, журналистика ашхоси босавод ва принсипнокро ҷалб кардан гирифт, ки онҳо ба касби худ талаботи олӣ муқаррар намуда, кӯшиш менамуданд, ки онро риоя кунанд. Баъзеи онҳо кодекси одоби коргарони худро навиштанд. Мустаҳкам кардани рӯҳи касбӣ то ҳадде ба мактаби журналистика низ мусоидат намуд, ки онҳо дар солҳои аввали асри мо пайдо шудан гирифтанд ва ин мактабҳо на танҳо равиши кори журналистиро ёд медоданд, балки бо

мурури замон ба масъулияте таваҷҷуҳро ҷалб мекарданд, ки онро бояд воситаҳои ахбори омма ба дӯш мегирифтанд.

Аз ибтидои асри бистум сар карда, ноширон ҳар чи бештар дар бораи масъулиятҳое сухан мегуфтагӣ шуданд, ки аз вазъияти имтиёзноки матбуот дар Сарконун бармеомаданд. Ҷон Пулитсер соли 1904 пешниҳодашро дар мавриди ташкили мактаби журналистика асоснок карда, дар «Норт америкэн ревю» навишта буд: «Танҳо идеалҳои олитарин, бовиҷдонтарин кӯшиши адолатпешагӣ, аз ҳама дақиқтар донистани проблема, ки ба инҳо мувоҷеҳ мешавад ва ҳисси самимонаи масъулият журналистро аз ғуломӣ дар назди синфи доро, ки мақсади эгоистона дорад ва муқобили некӯаҳволии омма аст, халос мекунад» [213, с. 36].

Маълум аст, ки ҳар як зуҳуроти ҷамъиятӣ сабаб ва омилҳои бавуҷудоии худро дорад. Пайдоиши назарияи масъулияти иҷтимоӣ низ ҳамчун падидае дар журналистика аз ин хусусият орӣ нест; аз навиштаи Пулитсер ҳамин заруратро дарёфтан мумкин аст. Сармоядорон аз имкониятҳое, ки назарияҳои дигар доир ба ахлоқи журналистӣ пешниҳод намуда буданд, сӯиистифода карда, матбуот ва дигар воситаҳои ахбори оммаро тобеъ гардонида, онҳоро барои ҳадафҳои худпарастонаи худ истифода намуданд ва ин боиси нигаронии онҳое гардид, ки шарафи касбии худро кӯшиши ҳимоя кардан доштанд.

Омили дигаре, ки ба пайдоиши ин назария мусоидат кард, танқиди матбуот буд, ки асосан барои аз имконияти бузурги худ ба манфиати шахсӣ истифода намудан: шахсоне, ки соҳиби матбуотанд, ақидаҳои худро, махсусан дар соҳаҳои сиёсат ва иқтисод бар зарари ақидаи мухолифони пеш мебаранд; матбуот ҷузъе аз тиҷорати калон гардида, ба рекламадиҳандагон имконият медод, ки сиёсати редаксионӣ ва муҳтавои матолибро назорат кунанд; матбуот ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ мухолифат менамояд; дар инъикоси масъалаҳои ҷорӣ аксар вақт на ба масъалаҳои муҳим, балки ба масъалаҳои сенсатсионию саргармкунанда аҳамияти бештар медиҳад ва аксар вақт бемуҳтаво аст; матбуот ба ахлоқи ҷамъиятӣ хатари ҷиддӣ мебошад; бе асосҳои кофӣ ба ҳаёти шахсии одамон дахолат менамояд; онро як гурӯҳи иҷтимоӣ-иқтисодии маҳдуд

идора мекунад, ба одамони нав дохил шудан ба ин муҳит душвор аст, яъне зери хатар қарор додани озодии ақидаҳо танқид мешуд.

Тавре мушоҳида мешавад, аксар ҳолатҳои боиси танқид гардидани матбуот ҷанбаи ахлоқӣ доранд, аз ин рӯ, меҳвари назарияи масъулияти иҷтимоиро низ ахлоқ ташкил медиҳад: «...аз ин аз ибтидои ин аср сар карда, баъзе китобҳо барои тахриби ахлоқи ҷомеа маҳкум карда мешуданд» [213, с. 41]. Сарнавишти теъдоди зиёди китобҳо, ки дар солҳои чилум ва панҷоҳум дар муқоваҳои арзони коғазӣ чоп шуданд, низ чунин буд. Маҷалларо маъмулан вақте танқид мекарданд, ки тамоми матбуотро дар якҷоягӣ зери танқид мегирифтанд ва баъзан махсус барои он танқид мекарданд, ки ба масъалаи тиҷоратӣ бештар таваҷҷуҳ мекунад ва маводди он хеле кам аҳамияти иҷтимоӣ дорад. Танқиди шадид ба унвони нашрияҳои маргиналии даврӣ, ки ба порнография (беҳаёӣ) ва комиксҳо сарукор доштанд, садо медоданд, барои он ки онҳо ба вайроншавии ахлоқ сабаб шуда, ҷавононро ба ҷиноят тела доданд.

Тавре дида мешавад, масъалаи ахлоқ боз ҳам аз мавзуъҳои меҳварӣ аст ва таваҷҷуҳи асосӣ ҳам ҳангоми таъкиди бознигарии фаъолияти матбуот ба меъёрҳои ахлоқӣ ва зарурати риояи онҳо равона гардидааст.

Нуктаи муҳимме, ки дар ҳама назарияҳо ба назар мерасад ва дар назарияи масъулияти иҷтимоӣ боз ҳам муҳимтар аст, алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, зеро дар ҳамаи онҳо ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳ зоҳир мегардад ва вобастагии бевоситаашон таъкид мешавад. Яъне, шинохти меъёрҳои мазкур дар алоқамандӣ бармало мегардад.

Масъалаи шинохти меъёрҳои ҳуқуқӣ дар назарияҳои мазкур дар шаклҳои идора ва ё назорати матбуот ифода меёбад, зеро чигунагии татбиқи назария ба ин ҷанбаи муҳим вобаста аст.

Дар назарияи масъулияти иҷтимоӣ ҳам ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад, зеро ин айният ҳамеша дар мадди назар ҳаст, ки зарурати назорати матбуот вуҷуд дорад. Агар дар назарияҳои қаблӣ ба давлат имконияти гуногуни назорати матбуот дода мешуд, дар ин назария ҳам ба шакли дигар ин шароит фароҳам оварда мешавад; ташкили комиссияҳои назоратии давлатӣ

нишони он аст, ки воситаҳои ахбор дар доираи меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ бояд амал кунанд ва ин меъёрҳоро риоя намоянд. Ин меъёрҳо дар шаклҳои маъмули имрӯзаи қонунҳо ифода ёфтаанд, ки назорати риояи онҳо ҳам ба уҳдаи давлат аст. Муҳаққиқон Р.Каплан ва П.Мейнз ҳам навиштаанд, ки принсипҳои асосии ахлоқие, ки рӯзноманигорон аз ин назария ҳосил кардаанд, мустақилият дар ҷамъоварии иттилоот ва муносибати эҳтиёткорона бо фаъолияти ҳукумат мебошанд. Ба назари онҳо, назарияи масъулияти иҷтимоӣ на танҳо ба ташаккул ва ислоҳи меъёрҳои ахлоқӣ, балки «ба ташаккули шуроҳои матбуотӣ ва ниҳоди нав - омбудсмен низ таъсир расонд» [174, с. 229].

Мо асосан мо ба назарияҳои матбуот ҳамчун ҷанбаи муҳимми шинохти ВАО, нақши онҳо дар ҷомеа муносибат карда, ба унсурҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар ин назарияҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудем, зеро назарияҳои мазкур фарогири масъалаҳои илмию назариявии воситаҳои ахбори омма ҳастанд, чун онҳо хулосаи чандин назариёти фалсафӣ доир ба низоми идораи давлатӣ ва робита бо матбуот ҳастанд ва ин аст, ки дар асоси онҳо муносибат бо матбуот шакл гирифта, баъдан идома ёфтаву имрӯз низ аз унсурҳои онҳо кор гирифта мешавад.

Мо асосан ба китоби бунёдии асри ХХ «Чор назарияи матбуот» такя намудем, чун дар ин асар моҳияти назарияҳои матбуот ба пуррагӣ шарҳ ёфтааст ва мо таваҷҷуҳи асосиро ба масъалаҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар ин назарияҳо равона карда, аз нигоҳи худ, асосҳои назариявии ин ҷанбаҳоро муайян кардем.

Бо вуҷуди он ки ин китоб яке аз асарҳои консептуалии шинохти воситаҳои ахбори омма дар ҳама ҷанбаҳо ба шумор меравад, чун онро аз муҳимтарин сарчашмаҳо дар шинохти озодии матбуот медонанд, ин нуктаро ҳам дар назар дорем, ки муҳаққиқон дар баъзе масъалаҳо онро зери танқид қарор додаанд. Масалан, муҳаққиқ Ҷ. Нерон соли 1996 навишт, ки «ин назарияҳо андешаҳои замони ҷанги сарданд ва барои замони муосир куҳнашуда ба ҳисоб мераванд. Ё муҳаққиқ Э. Ламбет навиштааст, ки камбудии ин асар дар он аст, ки ба журналистон ягон тавсияи мушаххас

намедиҳад» [174, с. 230].

Ин муҳаққиқон дар навбати худ ҳақ ҳастанд, зеро ин андешаҳои худро асос мекунанд.

Вале барои мо масъалаҳои илмию назариявии шинохти меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма муҳиманд, ки дар асари мазкур баробари шарҳи назарияҳо моҳияти ин меъёрҳо ҳам аз нигоҳи таърихӣ ва ҳам моҳиятан пурра баён гардидаанд.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ боз ҳам мубрам боқӣ мемонанд, зеро ин меъёрҳо дар баробари фаъолияти тағйирпазири воситаҳои ахбори омма дар шаклҳои гуногун зоҳир гардида, рисолати худро иҷро менамоянд.

Аммо ин нукта муҳим аст, ки дар ҳама баррасиҳои назариявӣ ба муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳам ҳуқуқӣ авлавият дода мешавад ва онҳо дар меҳвари андешаҳо қарор мегиранд; инро баррасии назарияҳо собит менамояд, ки моҳияти меъёрҳои мазкурро дар маҷмуъ, манфиати ҷомеа ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ, натиҷае, ки ҳосил мешавад, он аст, ки меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ бо он моҳияте, ки доранд, дар журналистика аз мақому мавқеи хоссае бархӯрдоранд, зеро масъалаҳои назариявии шинохти онҳо бозгӯи он аст, ки чун масъалаи муҳим ҳамеша мавриди баррасӣ қарор доштаанд; дар ҳама сохтҳои давлатдорӣ бо шеваҳои мухталиф, вале чун мавзуи меҳварӣ баррасӣ гардидани масъалаҳои ахлоқӣ далели сухан аст.

1.2. Зарурат ва аҳаммияти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика

Чун идомаи мантиқии фасли якум, дар назарияи масъулияти иҷтимоӣ иброз мешавад, ки ба ҳадди пешрафти асри бистум, ноширони дигар ҳам ба таври шабеҳ на танҳо дар бораи ҳуқуқашон ба озодии матбуот, балки аз масъулияти вобаста ба ин ҳуқуқ доштаашон мегуфтанд: “Киноматографистон

ва кормандони радио ва телевизион низ бо онҳо ҳамфикр шуданд. Ноширон дар шаҳрҳое, ки як рӯзнома дошт, дар бораи масъулияте сухан мегуфтанд, ки ҳолати инҳисоргариашон ба онҳо овардааст.

Дар дохили индустрияи воситаҳои ахбори гурӯҳҳои алоҳида кодекси меъёри рафтори касбиро омода мекарданд. Чунин руҳия натанҳо дар ташкилотҳои бузурге ҳукмрон буд, ки ба василаҳои иртиботот тааллуқ доштанд, балки барои мисол, баъди панҷоҳ соли он ки Пулитсер фикри худро барои «Норт америкэн ревю» навишт, саҳҳомони ҷаридаи «Перк риҷен Экоу» дар шаҳри Александрияи Иёлоти Миннесот низ дар бораи хосторҳояшон деклоратсия қабул карданд: Қабл аз ҳама мо бояд эътироф намоем, рӯзномаи воқеан ҳам олӣ бояд бо кадом як ҷиҳаташ нисбат ба виҷдони шахсӣ ё умумии онҳое, ки онро таҳрир мекунанд, беҳтар бошад. Ин чунон маъно дорад, ки рӯзномаи воқеан олӣ бояд аз майлҳои ҳар гурӯҳи дорои манфиати хос озод бошад.

Дар ин маврид меъёрҳои ахлоқӣ дар маҷмуъ тасаввур мешаванд, яъне ин ҷо алакай дар мавриди маҷмуаи меъёрҳои ахлоқӣ ё кодексҳои ахлоқӣ сухан меравад ва моҳияти онҳо дар ин чунин шакл фаҳмида мешавад, яъне дар шакли санадҳои алоҳида таҳия ва қабул гардидани меъёрҳои ахлоқӣ нишони зарурати ҷомеа ба онҳо ва аҳамияташон дар фаъолияти пурсамари воситаҳои ахбори омма аст.

Муҳаққиқ Е.П. Прохоров менависад, ки дар муҳити журналистӣ дар баробари масъулияти шаҳрвандӣ ҳамчун идомаи мушаххасот ва танзими он принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқӣ ташаккул меёбанд. Ба назари ӯ, ахлоқ ҳамчун самти муҳимми шуури инсонӣ дорои асосҳои назариявӣ ва амалӣ аст, ки татбиқ гардидани он ногузир мебошад. Ин муҳаққиқи маъруф менависад, ки «принсипҳои умумии ахлоқӣ дар чунин ҳолатҳо таҷассуми мушаххас пайдо карда, моҳияту зарураташон маълумтар мегардад: журналист-аудитория; журналист-манбаи ахбор, журналист-муаллиф, журналист-персонажи эҷодӣ, журналист-муаллиф, журналист-муҳаррир, журналист-гурӯҳи эҷодӣ, журналист-ҳамкасбон» [190, с. 331].

Профессор И. Усмонов ҳам андешаи мазкурро ҷонибдорӣ карда, менависад, ин ақида дар воқеъ ҳам барои шинохтани одоби журналист муҳим мебошад. Мо ҳоло дар мисоли баъзеи онҳо, дар баъзеи ҳолатҳо ин чизро месанҷем. Масалан, журналист - аудитория. Яъне, ахлоқи журналист, некию бадии он ҳангоми муроҷиат ба аудитория, яъне гирандагон чигуна бояд бошанд, меомӯзем. Гиранда - хонандаи рӯзнома, маҷалла, шунавандаи радио ва бинандаи телевизион аст. Сухан чунон навишта ва гуфта шавад, ки дар он малоҳати калом риоя шавад, сухан ақлҳоро, гӯшҳоро азият надиҳад, ба иззати нафс нарасад, таҳқир ва таҳдид накунад, бадгӯӣ ва дурӯғгӯӣ набошад, ҳақиқатро таҳриф накунад ва ниҳоят принсипи «Сухан бисёр дону андаке гӯй» риоя шавад. Агар сухан ба воситаи радио ва телевизион гуфта шавад баланду пастии сабт, тарзи зада, меъёри каломи адабӣ риоя шавад, агар сухан аз телевизон бошад, чеҳра ҳолати одоби гӯйишро танзим кунад, табиӣ бошад. Ба хотир бояд дошт, оне ки одоби сухан шуниданро талаб мекунад, бояд одоби сухан гуфтанро фаромӯш накунад:

«Борҳо аз телезизион дидаем, ки барандаи намоиш ё натто қ «тамошобинони муҳтарам» гуфта, муроҷиат мекунад, аммо чашмонаш на ба сӯи бинанда, балки дар ҷои тамоман дигар аст ва дар ақлу ҳушаш ҳам тамоман чизи дигар аст ва дар чеҳрааш низ намехонӣ, ки тамошобинони муҳтарам гуфт ё «меҳмонӣ равем» мегӯяд, ё «шиками холӣ» гуфтанист. Гоҳо мешавад, ки мо дар телевизион мебинем баранда ба ҳамсуҳбаташ савол медиҳад, аммо ба ҷои дигар менигарад ва фикраш ҳам дигар аст. Ин ахлоқ ё беодобиамон муносибати аудиторияро ба мо наздик намекунад» [231, с. 70].

Ба назари мо, ин шарҳи муҳаққиқи маъруфи тоҷик моҳияти раванди муносибати журналист-аудиторияро бармало месозад.

Профессор И. Усмонов пеш аз шарҳи ин мавзуъ зарурат ва аҳамияти меъёрҳои ахлоқиро ба таври амиқ баён кардааст, ки ба назари мо, яке аз возеҳтарин шарҳҳо дар мавзуи мазкур ба шумор меравад: «Одоби журналистӣ маҷмуи хислатҳое мебошад, ки аз як тараф хоси касби журналистиро ташкил медиҳанд, аз тарафи дигар онҳо бо хусусиятҳои хоси ҳар шахс пурра шуда,

комплекси симои эҷодии нигорандаро ба вуҷуд меоранд» [231, с. 71].

Ин хислатҳо ба сифати матолиби навишташуда таъсир мерасонанд: онро хонданӣ ё муттанафур, диданӣ ё нописанд мекунанд. Зеро дар татбиқ гардидан ё амалӣ нашудани меъёрҳои касбӣ ё шахсии ахлоқи журналист алоқамандии гирандагонро ба он матлаб ба вуҷуд меорад. Дар ин чиз масъулияти иҷтимоии журналист низ зоҳир мешавад.

Ба вуҷудорандаи комплекси симои эҷодии нигоранда ҳисобидани меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба назари мо, аз омилҳои муҳимтаринест, ки шарҳи дурусту мантиқии худро пайдо кардааст. Дар ҳақиқат ҳам, меъёрҳои ахлоқи касбӣ нахустин унсури муайянсози шахсияту ҳайсияти журналист ба шумор мераванд, аз ин рӯ, ниҳоят муҳиманд ва зарураташон ҳам дар ҳамин нукта ифода меёбад.

Дар идомаи андешаҳои худ профессор И. Усмонов ба як масъалаи муҳимми дигар дахл мекунад, ки ин ягонагии меъёрҳои ахлоқӣ ва яксон будани онҳо дар ҳама ҷомеаҳо мебошад.

Дар журналистикаи сотсиалистӣ агар ба ҳайси нишондиҳандаи аввалиндараҷаи масъулияти иҷтимоӣ масъулияти ҳизбӣ ва ҳуқуқӣ гузошта мешуд, дар матбуоти буржуазӣ, аз он вақте ки он ба марҳалаи масъулияти иҷтимоӣ дохил шуд, масъулияти шахсии журналист барои бетарафона инъикос намудани хабари нав дар ҷои вввал номбар мешавад. Ин ҳар се ҳам аслан ҷузъҳое мебошанд, ки ба масъулияти ахлоқӣ дохил мешаванд, зеро иддае аз тарафҳои одоби касбиро ошкор месозанд.

Воқеан ҳам, тавре мушоҳида шуд, ҳама назарияҳои матбуот ахлоқ ва меъёрҳои ахлоқиро дар меҳвар қарор дода, дар заминаи онҳо фаъолият намуданро тақозо доранд. Ин ақидаи профессор И.Усмонов ҳам тақвияти ҳамон андеша аст, ки маҳаки аслии ахлоқ эҳсоси масъулият аст ва дарки он ҳамеша муҳим мебошад.

Муҳаққиқ Е.П. Прохоров ҳам ҳар яке аз он доираи муносибатҳои зикршударо шарҳ медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба онҳо зарурати мавҷудияти меъёрҳои ахлоқиро дар журналистика собит менамояд. Масалан, дар шарҳи

журналист-манбаи иттилоот менависад, ки чандин меъёрҳои ахлоқӣ ин муносибатҳоро танзим мекунанд, ки шаклҳои дарёфту истифодаи иттилоот ва маводди дастраси шахси воқеӣ ё расмиро муайян мекунанд.

Дар баробари ин, робитаи журналист бо манбаи иттилоот метавонад хусусияти «кушода» дошта бошад (вақте ки журналист ба сифати корманди расмии ВАО дар назди сарчашмаи иттилоот мақсади худро баён мекунад) ё «пинҳон» (назорати пинҳонӣ, вақте ки «журналист касбашро иваз мекунад», ба сифати ронандаи таксӣ, фурӯшанда, кондуктор ва ғ. амал мекунад ва ё дар айни замон ҳузури ӯ маълум нест, яъне вақте ӯ камераи пинҳонӣ, микрофони пинҳонӣ ва ғайраро истифода мебарад). Шакли кушоди ҷамъоварии мавод журналистро вазифадор мекунад, ки худро ба сарчашмаҳои маълумот шинос намояд, зеро суҳбат бо шахсони мансабдор, ки аксаран сарчашмаи маълумот онҳо ҳастанд, расмиятро талаб мекунад. Дар раванди иртибот бо ашхоси алоҳида хоҳиши ба даст овардани иттилооти максималӣ наметавонад ба талабҳои ғайриқонунӣ ва қатъӣ мубаддал гардад, ки бо беэътиноӣ ба манфиатҳо, хоҳишҳо ва нуқтаи назари ҳамсуҳбат ба миён омадааст. Саркашии шахсон аз пешниҳоди маълумот бояд эҳтиром карда шавад.

Муҳаққиқ Е.П. Прохоров моҳияти тарзи пинҳонии ба даст овардани маълумотро аз нигоҳи ахлоқӣ шарҳ дода, менависад, ки танҳо дар ду ҳолат назорати пинҳонӣ асоснок буда метавонад, ки инҳо мушоҳидаи рафтори ғайриахлоқии шахсиятҳо (чун онҳо дар ҳангоми мушоҳидаи ошкоро худро дигаргуна нишон медиҳанд) ва зарурати гирифтани маълумот дар бораи ҷанбаҳои дидаву дониста пинҳоншудаи амалиёту ҳуҷҷатҳои махфӣ, ки бар зарари ҷомеа анҷом дода мешаванд, ба шумор мераванд. Ин муҳаққиқ дар шарҳи суханони худ менависад, ки «назорати пинҳонӣ як кори душвор ва хатарнок буда, бояд дар ҳолатҳои истисноӣ бо риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсоне, ки объекти назорат мешаванд, анҷом дода шавад» [190, с. 334].

Мо низ ба ин нуктаи назар мувофиқ ҳастем, ки аслан анҷом додани чунин амалҳо, яъне назорати пинҳонӣ аслан кори журналистон нест, барои ин

мақомоти марбута вуҷуд дорад, ки вазифаи худро ба сомон мерасонад, аммо истисно дар ҳама ҳолат ҳаст ва дар ҳолатҳои истисноӣ аз хидмати журналистон низ истифода мегардад, ки тавре зикр шуд, бояд дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ сурат гирад.

Ҳамин тавр, ҳар яке аз он муносибатҳо аз ҷониби муҳаққиқ Е.П. Прохоров шарҳ меёбанд, ки ҳама дар маҷмуъ, ифодагари зарурати меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ мебошанд. Мо дар мисоли ду ҳолати муносибатҳо ин маъниро баррасӣ намуда, ба ин натиҷа расидем.

Паҳлуи дигари масъала, ки ба назари мо зарурати меъёрҳои ахлоқиро бозгӯ менамояд, яксон будани онҳо дар ҳама шароиту вазъият аст. Масалан, имрӯз ҳарчанд дар шароити иқтисоди бозорӣ навъҳои журналистика вобаста ба моликият ба вуҷуд омадааст ва инро дар ҷомеаҳои мутараққии демократӣ эътироф мекунанд, вале он чӣ ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ рабт дорад, ба назари мо, умумияте барои ҳама гуна воситаҳои ахбор аст. Дар мавриди санадҳое, ки марбут ба этикаи касбии журналист ҳастанд ё ба истилоҳ, кодексҳои ахлоқӣ таҳиягарони маҷмуаи «Роҳнамо барои худтанзимкунии ВАО» чунин суолгузорӣ мекунанд: кодексҳои ахлоқи касбӣ нисбат ба кадом журналистон татбиқ мегарданд? ва ҷавоб медиҳанд [193, с. 24-25]: журналистикаи холис ҷавобгӯйи манфиатҳои ҷомеа мебошад. Чунин журналистика иттилооти боэътимод, холис ва мутавозинро хабар дода, ба онҳое имкони сухан гуфтан медиҳад, ки имкони баён кардани андешаҳояшонро надоранд, инчунин андешаҳои мухталифи барои маводди мушаххас зарурро пешниҳод менамояд. Бо вуҷуди дорои ғояҳо ва рағбатҳои шахсӣ будан, журналистикаи холис бояд дар байни фактҳо, тафсирҳо ва андешаҳо марзи мушаххас гузорад. Фарқи журналистикаи холис аз журналистикаи тарғиботӣ, журналистикаи пардапӯш, журналисткаи миссионерӣ ё журналистикаи намоишкорона, ки ба мақсадҳо ё манфиатҳои мушаххас хизмат менамоянд, аз ҳамин иборат аст. Тамоми журналистони поквиҷдон бояд ба кодексҳои ахлоқӣ ҳамеша аҳамият диҳанд.

Дар ин ҷавоб ҳарчанд он моҳият ки чаро кодексҳои ахлоқӣ зарурат доранд, таъкид мегардад, вале масъалаи дигаре ба миён меояд, ки ба ахлоқи

касбӣ рабт дорад.

Аз нигоҳи мо, шарҳи «журналистикаи холис» ҳарчанд асоснок аст, вале дар тафовутгузорӣ миёни дигар «навъҳо»-и журналистика мавҳум мегардад.

Ба назари мо, ин андеша дар асоси фаҳмиши рисолати аслии воситаҳои ахбори омма ба вуҷуд омадааст; муҳим будани пешниҳоди иттилоъ нисбат ба изҳори ақида асоси ин тасаввурот аст. Мавқеи калидии ақида, хислати таъсиррасонии журналистикаро профессор И.Усмонов асоснок мекунад: Журналистикаро баъзеҳо яке аз мақомҳои иҷтимоии ҷомеа ҳисоб мекунанд ва дигарҳо ин мафҳумро тақвият дода, балки баланд бурда рукни чоруми ҷомеа мегӯянд. Журналистика воқеан дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа нақши барҷастае дорад: вай эҳтиёҷи ҷомеаро, аз шахси алоҳида сар карда, то гурӯҳҳои калони он ба таври фаврӣ ва ҳамаҷониба ба ахбори хислати иҷтимоию сиёсӣ дошта таъмин мекунад, тавассути иттилооташ ба мафкураи одамон таъсир мерасонад, ақидаи онҳоро бедор мекунад, мафкураашонро савқ мебахшад, онҳоро ба ҳаракат меорад. Ҳеҷ кадом василаи дигар ба ҳамин шакл, сатҳ ва шева ин корро иҷро карда наметавонад: Чунин таъсири иҷтимоии муассири журналистика барои он мавҷуд аст, ки аз як тараф он дар маркази афкори ҷомеа қарор дорад, яъне яке аз мақомҳои иҷтимоии ҷомеа аст, аз тарафи дигар вай фаъолияти иҷтимоие мебошад, ки ба таблиғи ахбори оммавӣ машғул аст ва ин ду хислат имкон медиҳад, ки он ҳамчун омили идораи иҷтимоии ҷомеа таборуз намояд. Моҳияти ин се самти кори журналистӣ онро чун рукни хоси ҷомеа таборуз медиҳад, зеро ҳар кадом самти фавқ ҷиҳатҳои ба худ хосе дорад.

Моҳияти ахлоқии масъала он аст, ки новобаста аз «навъҳо»-и гуногун, меъёрҳои ахлоқӣ барои ҳамаи журналистон яксон аст ва мо ин посухро ба ҳамаи онҳо нисбат медиҳем, зеро бовиҷдонӣ аз ҳама журналистон тақозо мегардад.

Нозукии масъалаи меъёрҳои ахлоқист, ки чун муназзими рафтори одамон хислати хулқӣ доранд, яъне меъёрҳое ҳастанд, ки дар доираи ахлоқ меғунҷанд. Чанде аз меъёрҳои ахлоқӣ дар қонунҳо низ зикр шудаанд ва боз нормаҳое

вуҷуд доранд, ки онҳоро «қонунҳои нонавишта» ном мебаранд. Зарурати таҳия ва қабули «қонунҳои нонавишта» – меъёрҳои ахлоқӣ барои журналистонро баррасӣ мекунем.

Дар ҷомеаҳои демократӣ журналистон аз ҳуқуқҳои ҳимояшаванда ва имтиёзҳое бархӯрдор мебошанд, ки онҳо озодии таъсис додани воситаҳои мухталифи ахбори омма, ба таври оммавӣ ҷамъ овардани факту андешаҳо, интишор додани навигариҳо ва талаботи ҳисоботдеҳ буданро таъмин месозанд. Журналистонро зарур аст, ки дар навбати худ масъулиятшинос бошанд; бо виҷдони пок ва мақсадҳои шаффоф фаъолият намоянд. Ногузир замоне мерасад, ки журналистон, ба хотири ҳимояи некӯаҳволии ҷомеа, ҳадди озодиҳои худро бояд санҷанд. Агар журналистон мувофиқи меъёрҳои маслиҳатшудаи ахлоқии рафтор, дар асоси боэътимодӣ, холисона, мустақилона ва масъулиятшиносона фаъолият кунанд, онҳо бо зиддиятҳои қонунӣ камтар рӯ ба рӯ хоҳанд гардид. «Кодексҳои ахлоқӣ, амалан, тантанаи озодии суханро таъмин месозанд» [193, с. 24].

Дар ин посух доир ба озодии сухан ва масъулиятшиносӣ метавон мувофиқ буд, ки озодӣ танҳо соҳибҳуқуқ будан нест, балки он масъулият низ ҳаст. Масъулиятшиносӣ василаи ҳифзи шарафи касбиву мавқеи устувор аст; ба толори суд даъват нагардидан ва ё дар мурофиаҳои судие, ки дар асоси «тасодуфе» сурат мегиранд, ғолиб омадани журналист гувоҳи шинохти рисолат ва масъулияти касбӣ аст. Ба назари мо ҳам кодексҳои ахлоқӣ бояд тантанаи озодии сухан бошанд, ҳамон озодие, ки барои «дарёфти ҳақиқат кӯмак расонад ва ин ҳақиқат ба мардум некӣ биёрад» [234, с. 151].

Зарурати дигаре, ки журналистонро ба қабули кодекси ахлоқӣ водор месозад, чунин шарҳ ёфтааст: Хабарнигорон ва муҳаррирон бояд барои пурзӯр гаштани эътимоди хонандагон ба онҳо мусоидат намоянд. Вазифаи мазкур рӯз то рӯз мураккабтар мегардад, зеро мардум рӯз аз рӯз серталаб гардида, мехоҳанд ба воситаи интернет мудом бо воситаҳои иттилоотӣ ҳамкорӣ карда, аз онҳо перомуни масъалаҳояшон сари вақт маслиҳат ва иттилоот дастрас кунанд. Дар аксари ҷомеаҳо сатҳи маълумотнокӣ ва «маърифатнокии

иттилоотӣ» зуд баланд шуда, аҳли ҷомеа ба иттилооти муғризона ва таҳрифшуда зуд сарфаҳм мераванд. Истифодаи кодекси ахлоқӣ ба ташкилотҳои иттилоотӣ барои ҳаллу фасли масъалаҳои мазкур ва бо хонандагонашон барпо намудани робитаҳои воқеан судманд кӯмак мерасонад. Дар ниҳоят, «кодекси ахлоқӣ сармояи пуразиши тиҷоратӣ ва воситаи таъмин намудани рақобатнокӣ мегардад» [193, с. 25].

Маҳаки асосии ҳама гуна кодексҳои ахлоқиро бедор намудани ҳисси масъулияти иҷтимоии журналист ташкил медиҳад; водор намудан ба эҳсоси масъулият асосе барои комёбиҳои дигар аст. Вақте воситаҳои ахбори омма барои сухани гуфтаашон, барои матлаби навиштаашон масъулият эҳсос мекунанд, нисбат ба худ эътимоди аудиторияро ба вуҷуд меоранд. Дар ин тавзеҳ он ҷиҳат аҳамиятнок аст, ки истифодаи дурусту самараноки интернетро зикр мекунад, «сармояи пуразиши тиҷоратӣ» ва «воситаи таъмин намудани рақобатнокӣ» будани кодекси ахлоқӣ низ аз нуктаҳои муҳимест, ки дар замони муосир ба таври бояд маърифат нашудааст. Ба назари мо, баррасии масъалаи мазкур, муоинаи кодексҳои ахлоқӣ ин нуктаро собит намуда метавонад; мавҷуд будани кодексҳои ахлоқӣ дар идораҳои ВАО-и муваффақ тасдиқи ин фикр аст.

Дар тақвияти он ки ҳама санадҳои ахлоқӣ аз рӯйи моҳият якранг ҳастанд, метавон зикр намуд, ки ҳама қонунҳои ахлоқӣ андешаи ягонаро барпо кардаанд, ки тибқи он анҷом додани нукоти зайл мумкин нест: туҳмати шифоҳӣ ва ё нашриявӣ (диффаматсия)» асардуздӣ, таҳрифи барқасд, порагирӣ; ҳама маҷмуи қонунҳои ахлоқӣ зарурати беғаразӣ ва мустақилияти кори рӯзноманигорро махсус қайд мекунанд, ҳар гуна маҷмуи қонунҳои ахлоқии рӯзноманигор дақиқӣ ва эътимоднокиро ҳидоят медиҳад.

Муҳаққиқи англис Д. Бойник суол мегузорад: «Кодекси ахлоқӣ таъсирнок аст?» [147, с. 3] ва барои дарёфти посух дар се нашрия – «Индианаполис Стар» (адади нашр 200 ҳазор нусха), «Овенсборо Мессенджер Инквайрер» (адади нашр 33 ҳазор нусха), «Шелбивил Нюс» (11 ҳазор нусха) таҳқиқ мегузаронад. Дар ин таҳқиқ маълумоти асосӣ тавассути мусоҳиба бо роҳбарият ва

кормандон, мушоҳидаи ҷараёни кор дар идораи нашрияҳо ба даст оварда шудааст. Натиҷаи таҳқиқ он аст, ки ба қабули кодексҳои ахлоқӣ зарурат ҳаст, зеро ҳар як коллективи эҷодӣ маданияти хоси худро дорад ва кормандон барои коста нагардидани он бояд кӯшиш намоянд. Дар як нашрия масъалаҳои ахлоқи касбӣ мавриди муҳокима қарор намегиранд ва сабаб он аст, ки роҳбарият ба кормандони интихобкардаи худ бовар дорад, вале қабули кодекси ахлоқиро низ зарур медонад, зеро ҳолатҳои истисноӣ арзи ҳастӣ карда метавонанд. Дар ду нашрияи дигар баръакс, роҳбарият тарафдори он аст, ки масъалаҳои ахлоқӣ дар ҷаласаҳо муҳокима шаванд, ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир гардад. Дар ин рӯзномаҳо низ ҳадаф нигоҳ доштани меъёрҳои муайяни рафтор аст ва кодексҳои ахлоқӣ ҳамчун муайянкунанда ва танзимгари маданияти хоси нашрия шинохта мешаванд. Журналистон низ қабули кодекси ахлоқиро зарур донистаанд, зеро он ҳамчун дастур барои қабули қарори дуруст мусоидат ва пайдоиши ҷузъиётеро барои хӯрдагирӣ пешгирӣ мекунад.

Роберт Кембелл, журналисте, ки дар шабакаҳои машҳури телевизионии Амрико фаъолият намудааст, дар семинари «Ташкили кори шуъбаи ахбор» ба директорони шуъбаҳои ахбор моҳият ва зарурати ахлоқи касбӣ, объективият ва аниқии маълумотро ҳангоми фаъолият бо мисолҳои мушаххас собит намуда, мавҷудияти кодексҳои ахлоқиро дар шабакаҳои телевизионӣ воситаи ба даст овардани эътимоди бинандагон ва ҳифзи шарафи касбӣ донистааст.

Ӯ ба таъкид изҳор медорад, ки иҷозати бо реклама кор кардани журналист ӯро аз рисолати касбиаш дур мегардонад ва аз даст додани мустақилият нишонаи аввалин аст; ӯ бо далелҳои мантиқӣ собит менамояд, ки «ба таҳияи сужаҳои тиҷоратӣ машғул шудан журналистро ба чоҳе меафканад, ки худ кандааст» [111, с. 40-42].

Муаллифи китоби «Тоҷикистон: дурнамои рушд (китоби сафеду сабз)» зикр мекунад, ки «воситаҳои ахбори умум меъёри сатҳи камолоти маънавии ҷомеа мебошанд. Беэътиноии ҷомеа ба рӯзноманигор ва беэътиноии рӯзноманигор ба ҷомеа мояи нобудии ҳар дуи онҳост» [110, с. 249].

Меъёри сатҳи камолоти маънавии ҷомеа донистани воситаҳои ахбори

омма, ба назари мо дуруст аст, зеро онҳо муайянкунандаи сатҳи маънавиёти ҷомеа мебошанд ва ба руҳияи инсонҳо таъсири амиқ доранд.

Масъалаи ахлоқи касбӣ ва дар шакли қабули санадҳои худтанзимкунанда ба танзим даровардани он, дар шакли меъёрҳои муайян пазируфтан дар журналистикаи мамолики хориҷӣ таърихи тӯлонӣ надошта бошад ҳам, вале нисбат ба зуҳури журналистика бо талаботу қоидаҳо мавҷудияти масъала ба дарозо мекашад, яъне ин масъала дар таърихи журналистика қариб ҳамқадами аввалин зуҳуроти назариву амалии касбӣ аст.

Муҳаққиқ Г.В. Лазутина менависад, ки яке аз ҳамкасбони мо чунин фикрро баён кард: Дар касбе, ки бо тақозои вазъият ҳар замон дигаргун мешавад, дар бораи этикаи касбӣ ҳарф задан хандаовар аст. Ӯ мегӯяд, ин мавқеъ маро ба андеша водор кард ва ба натиҷае расидам, ки модоме журналистон, инҳо одамоне ҳастанд, ки аз як касб намояндагӣ мекунанд, пас аз ин ҷо бармеояд, ки дар ҳолати мавҷуд будани нукоти назари мухталиф ва ҳолатҳои гуногун боз ҳам бояд онҳоро рафтори мушаххаси касбӣ ва ахлоқи касбӣ роҳнамоӣ кунад, чунонки «барои инсоният низоми ягонаи ахлоқӣ вуҷуд дорад, барои касби мушаххас ҳам низоми ягонаи танзимкунандаи рафтор бояд вуҷуд дошта бошад ва зарур аст, ки ин ҳақиқат ҳамчун ҷузъи муҳимми фаъолияти журналистӣ қабул шавад» [131, с. 50-51].

Ин андеша ба назари мо, хеле арзишманд аст, чун дар натиҷаи баррасии ҳолати ихтилофӣ ба вуҷуд омадааст ва зарурату аҳамияти меъёрҳои ахлоқиро дар фаъолияти журналистӣ таъкид менамояд.

Дар ин самт кодексҳои ахлоқӣ ё худ санадҳои худтанзимкунандаи фаъолияти расонаҳо нақши назаррас доранд. Санадҳои худтанзимкунандаи воситаҳои ахбори омма аз нигоҳи фарогирӣ ё ҳудуди амал ҳамсон нестанд, аз ин рӯ онҳоро гурӯҳбандӣ мекунанд. Ба таври умумӣ онҳоро ба «кодексҳои ахлоқии як нашрия ё ширкати ВАО, кодексҳои ахлоқии як соҳаи журналистика ва кодексҳои ахлоқии сатҳи миллӣ» [239, с. 4] ҷудо мекунанд.

Ба назари мо, кодексҳое, ки хислати байналмилалӣ доранд, бояд таъкид намуд, зеро ин гуна санадҳо моҳият ва муҳиммиятро бештар бозгӯ карда

метавонанд.

Профессор И. Усмонов ба мавзуъ муфассалтар муносибат карда, ғайр аз ин навъҳо боз одобномаҳое, ки барои як ҳавза тайёр карда мешавад (ин чунин маъно дорад, нашрияҳое, ки дар як шаҳр, ноҳия ё вилоят ҷойгиранд, аҳд мекунанд, ки ҳамин навъ одобро риоя кунанд ва тибқи он фаъолият намоянд) ва одобнома барои навъҳои воситаҳои ахбори омма (рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион, агентиҳои иттилоотӣ)-ро зикр мекунад.

Мо дар ин фасли кори худ чанд санадеро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки намунаи хуби санадҳои ахлоқӣ маҳсуб меёбанд, аз ҷумла, «кодексҳои одоби Британияи Кабир, телевизиони Ал – Ҷазира ва баъзеи дигар, ки ба ҳайси намунаи хуби чунин ҳуҷҷатҳо дониста мешаванд» [239, с. 5].

Дар миқёси байналмилалӣ ҳарчанд бонуфузтарин ташкилоти ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид доир ба меъёрҳои ахлоқи касбии журналист санаде мушаххасе қабул накардааст, аммо дар аксари асноди марбут ба ҳуқуқи инсон, озодии сухан ва дастрасӣ ба иттилоъ доир ба муаммоҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ ишораҳо дорад. Ба таври мушаххас, чандин санадҳое вуҷуд доранд, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқии журналистӣ қабул гардида, хислати байналмилалӣ касб кардаанд. Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки бо назардошти муҳиммияти масъалаи муносибатҳои ахлоқӣ Созмони Милали Муттаҳид моҳи майи соли 2006 ба журналистон пешниҳод намуд, ки барои инъикоси ҳодисаҳои марбут ба терроризм барои худ кодекси ахлоқӣ қабул намоянд.

Муҳтавои ин пешниҳод дар ҳисоботи Ассамблеяи Генералии СММ зикр ёфтааст, ки ҳадаф аз он халал нарасонидан ба ҷараёни амалишавии стратегияи байналмилалии мубориза бо терроризм арзёбӣ мегардад. Таъкид мешавад, ки воситаҳои ахбори омма василаи муҳиме барои бетаъсир гардонидани фаъолияти террористон, пешгирӣ аз қатли ом ва азияти оммавӣ мебошанд. Ҳамчунин, пешниҳод мешавад, ки дар кодексҳои ахлоқии қабулшаванда мусоҳиба бо террористон, паҳн кардани маводе, ки як навъ ҳусни тавоҷҷуҳ ва эҳсоси ҳамдардиву ғамхориро нисбат ба онҳо ба вуҷуд меорад, манъ гардад,

зеро ин амалҳо чун воситаҳои мусоидаткунанда ба густариши терроризм мебошанд.

Ба назари мо, чунин пешниҳоди Созмони Милали Муттаҳид бо он ҳадафе, ки пайгирӣ мекунад, қобили дастгирӣ аст, вале бо вуҷуди ин, Федератсияи журналистони мустақил дар шаҳри Брюселл ба унвонии Дабири кулли СММ нома навишта, изҳор доштааст, ки қабули чунин кодекс қадами ҷиддии нахустин дар роҳи маҳдуд сохтани озодии сухан дар тамоми ҷаҳон аст. Ҳайати вакилони Канада низ зикр намудаанд, ки манъи иғвогарӣ, шӯрандозӣ вобаста ба терроризм маҳдудсозии озодии воситаҳои ахбори омма аст.

Ҳарчанд ин пешниҳоди СММ ҳамчун тавсияест ба журналистон, вале ба назари мо, вокунишҳои мазкур натиҷаи фаҳмиши ғалати озодии сухан ҳастанд; ин амал тарафдории ҳамон озодиест, ки зӯроварӣ, қатл, куштор, даҳшатафканиро таблиғ кардан мехоҳад, он озодие, ки «мақсадаш нишон додани фаҳш аст, мақсадаш бофтану сохтани қиссаҳоест, ки соҳибхоназанҳоро ба риққат меоваранд ё он озодие, ки тавассути он мардум ҳамдигарро озор медиҳанд» [234, с. 150].

Бо вуҷуди ин, дар арсаи байналмилалӣ чандин санадҳое ҳастанд, ки бо назардошти муҳимияти меъёрҳои ахлоқи касбӣ бо мақсади ҳимояи шарафи касбии журналист қабул гардидаанд. Муҳимтарин асноди байналмилалиро метавон чунин муаррифӣ кард:

Кодекси шарафи касбии журналистон, ки Федератсияи байналхалқии журналистон соли 1939 дар Конгресси 7-уми Бордо қабул кардааст.

Принсипҳои байналхалқии этикаи журналистӣ дар Мулоқоти машваратии 4-уми созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқии журналистӣ соли 1983 дар Прага қабул гардидааст.

Хартияи озодии матбуот – қатъномаи Конфронси умумиҷаҳонӣ – Садои озодӣ доир ба муаммоҳои сензураро, ки 16 январи соли 1987 дар Лондон баргузор гардида буд, инъикос мекунад.

Эъломияи принсипҳои рафтори журналист аз тарафи Федератсияи байналхалқии журналистон 25-28 апрели соли 1954 дар Конгресси 2-юми

умумиҷаҳонӣ дар Бордо қабул ва 2-6 июни соли 1986 дар Конгресси 17-уми умумиҷаҳонӣ дар Хелсинки ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

Кодекси меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби Ҷомеаи журналистони касбӣ соли 1996 қабул гардидааст.

Дар меҳвари «Кодекси шарафи касбии журналистон» [53, с. 260] чунин талабот меистад: 1. Бовиҷдонӣ. Журналист набояд дар гирифтани иттилоъ аз роҳҳои ғайришаръӣ истифода барад. 2. Масъулият. Журналист барои ҳамаи навиштаҳояш масъулият дошта бошад. 3. Сареҳият. Агар журналист пешакӣ донад, ки хабар нодуруст аст, аз чопи он даст кашад. 4. Эҳтироми факт ва рӯйдод. Журналист набояд ба таҳриф роҳ диҳад. 5. Эҳтироми одамон. Журналист пешдоварӣ накунад, набояд шахсро то ҳукми суд гунаҳкор эълон кунад, шахсро туҳмату таҳқир накунад. 6. Бошарафӣ, бовиҷдонӣ. Журналист ба асардуздӣ роҳ надиҳад, иқтибос оварда, ҳатман сарчашмаи онро бояд нишон диҳад. 7. Мустақилият. Масъулияти ахлоқӣ. Журналист кореро накунад, ки ба эътиқоди худаш зид бошад. 8. Шарафмандӣ. Журналист набояд бо гирифтани маблағ манфиатҳои ҳукумат, ин ё он гурӯҳ ё шахсони алоҳидаро ҳимоя кунад. Агар бо ивази маблағ маводе чун реклама омода карда мешавад, аудитория бояд хабардор карда шавад. 9. Эҳтиёткорӣ. Журналист дар инъикоси масъалаи аҳамияти давлатӣ ё шахсӣ доштае, ки ба ӯ бовар карда шудааст, бояд эҳтиёткор бошад. 10. Ҳамраъйӣ. Журналист ҳангоми фаъолияти касбӣ набояд ба ҳамкасбони худ зарар расонад ва бояд меъёрҳои ҳамраъйии касбиро риоя кунад.

Дар «Принсипҳои байналхалқии этикаи журналистӣ» [53, с. 261] ба чунин паҳлуҳои фаъолият таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуджааст:

1. Ҳуқуқи одамон дар гирифтани иттилоъ. Одамон на танҳо ба гирифтани иттилоъ ҳуқуқ доранд, балки дар баён доштани ақида низ ҳақ доранд.

2. Садоқати журналист ба воқеияти объективӣ. Вазифаи аввалини журналист –додани кафолат ба мардум дар гирифтани иттилоъ тавассути инъикоси воқеияти реалӣ.

3. Масъулияти иҷтимоии журналист. Журналист бояд аз рӯи арзишҳои

ахлоқӣ фаъолият намояд ва ӯ натанҳо дар назди муассис, балки дар назди аудитория низ масъулият дорад.

4. Бошарафӣ ва бовиҷдонии касбии журналист. Ошкор накардани сарчашмаи иттилоъ (агар зарур бошад) ва асардуздӣ накардан. Барои манфиати шахсӣ аз манфиати умум сарфи назар кардан ба ҳеҷ ваҷҳ норавост.

5. Ба умум дастрас будани фаъолияти ВАО ва дар фаъолияти он ширкат доштани омма. Журналист бояд барои ислоҳи хатои худ талош намояд ва ҳуқуқи ҷавоб гуфтанро ба ҳама тарафҳои дахлдор диҳад.

6. Эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва шарафи одамӣ. Журналист аз таҳқир, туҳмат, айбдоркуниҳои бардурӯғ парҳез намояд.

7. Эҳтироми манфиатҳои умумӣ: Журналист бахусус эҳтироми сохторҳои демократӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷамъиятро риоя кунад.

8. Эҳтироми арзишҳои умумиинсонӣ ва гуногунфарҳангӣ. Фаъолияти журналист бояд барои сулҳ, пешрафти иҷтимоӣ, таҳкими адолат, демократия, ҳуқуқи инсон, баробарҳуқуқии халқу милллатҳо, боварӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, мусоидат кунад. Этикаи касбӣ журналистонро вазифадор мекунад, ки аз созишнома, изҳорот ва қатъномаҳои байналхалқӣ огоҳ бошанд.

9. Муқобилият ба ҳама зуҳуроте, ки бар зидди инсоният нигаронида шудаанд. Журналист бояд дар фаъолияташ муқобили амалҳое бошад, ки бар зарари инсоният равона шудаанд.

10. Мусоидат ба низоми нави байналхалқӣ дар бахши иттилоот. Журналист ҳангоми фаъолияти касбӣ ба низоми нави байналхалқӣ дар бахши иттилоот ошно бошад ва барои дар амал ҷоришавиашон мусоидат кунад.

«Хартияи озодии матбуот» [53, с. 262] асосан чунин тавсияҳо медиҳад:

1. Ҳамагуна сензура, бавосита ё бевосита, мақбул нест.

2. ВАО-и мустақил дар ҳамаи кишвар озодона ташкил шавад ва фаъолият кунад.

3.Мақомоти ҳокимият набояд воситаҳои иттилоъро ба табъизи иқтисодӣ ё дигаре гирифтор кунад.

4. Давлат набояд дар дастрасӣ ба маводди чопӣ, чопхона, шабакаҳои

паҳнкунӣ, каналҳо, дастгоҳҳои РТВ маҳдудият эҷод кунад.

5. Барои фаъолияти журналистӣ монеа набояд бошад, ё барои машғул шудан ба фаъолияти журналистӣ иҷозатнома талаб карда нашавад.

6. Журналистон низ чун дигар шаҳрвандон аз тарафи қонун кафолати дастнорасии ҳаёти шахсиашонро доранд.

Эъломияи принсипҳои рафтори журналист эълон доштааст:

Эҳтироми ҳақиқат ва ҳуқуқи ҷомеа оид ба донистани ҳақиқат – вазифаи аввалини журналист мебошавд.

Журналист ҳангоми фаъолияти касбӣ бояд принсипҳои озодӣ дар гирдоварӣ ва нашри иттилоъ, ҳуқуқи шарҳ ва танқидро риоя кунад.

Журналист ба сарчашмаҳои маъмурӣ такя кунад.

Дар гирифтан ва истифодаи иттилоъ, расм ва аснод танҳо аз усулҳои шаръӣ кор гирад.

Журналист барои пешгирӣ ва ислоҳи иттилое, ки нашру пахшаш зарари ҷиддӣ мерасонад, талош кунад.

Журналист асрори касбиро риоя карда, сарчашмаи иттилоъро ошкор накунад.

Журналист ҳама шакли табъизро бояд маҳкум кунад.

Журналист бояд донад, ки асардуздӣ, таҳрифи барқасдонаи факт, тӯҳмат, таҳқир, айбдоркунии беасос, гирифтани пора дар ҳама шакл барои чоп кардан ё чоп накардани ин ё он мавод вайронкунии ҷиддии меъёрҳои касбӣ мебошанд.

Журналист бояд иҷрои принсипҳоро қарзи худ донад. Дар доираи қонунгузории кишвари худ фаъолият намуда, журналист дар ҳалли ин ё он масъала танҳо ба қонун (на ба ҳукумат ё шахси масъул) такя кунад.

Дар Кодекси меъёрҳои ахлоқӣ омадааст:

«Ҳақиқатро ҷӯед ва онро ба мардум расонед. Ҷустуҷӯйи хабар барои анҷом додани ҳар амале асос шуда наметавонад. Мустақилона амал кунед. Журналист барои манфиатҳои шахсӣ не, балки барои ҳуқуқи иттилоъгирии ҷомеа масъул аст. Масъулият эҳсос кунед» [53, с. 262].

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз кишварҳои бузургтарини олам аст, ки дар самти озодии баён дастовардҳои зиёде дорад ва ҳамчун ҷорикунандаи демократия дар ҷаҳон шинохта мешавад. Дар ин кишвар низ ба масъалаҳои ахлоқи касбии журналист таваҷҷуҳ зиёд аст.

Одоби касбии журналист дар ИМА махсусияти худро дорад. Дар ин мамлакат қонуни ягонаи ВАО, ки фаъолияти онҳоро ба танзим дарорад, мавҷуд нест. Тибқи иловаи якум ба Конститутсияи ИМА, ки 15 декабри соли 1791 ба тасвиб расидааст, Конгресс набояд қонунеро қабул кунад, ки озодии сухан ва матбуотро маҳдуд намояд. Иловаи мазкур дараҷаи баланди озодии сухан ва озодии ВАО-ро таъмин менамояд. «Ҳамин аст, ки аз нигоҳи сиёсати редаксионӣ расонаҳо мустақиланд. Дар ҳамин ҳол, журналистон масъулияти иҷтимоии худро пеши ҷомеа чун уҳдадории маънавӣ мефаҳманд. Масъулияти иҷтимоӣ ва маънавии журналистон дар механизми худтанзимкунии ВАО зоҳир мешавад» [91, с. 10].

Механизми худтанзимкунии воситаҳои ахбор дар шакли қабули кодексҳои ахлоқӣ ва созмон додани Шуроҳои назоратӣ зуҳур меёбад.

Гурӯҳи дигари санадҳое, ки дорои хислати миллӣ ва соҳавӣ мебошанд, аз аввалин аснод низ дониста мешаванд. Ба сифати яке аз аввалин асноде, ки доир ба ахлоқи касбии журналист аст, ҳуҷҷате дониста мешавад, ки Ҷамъияти муҳаррирони рӯзномаҳои Амрико 28-апрели соли 1923 қабул намудааст.

Ин санад «Усулҳои журналистика» ном дошта, чун меъёрҳои этикӣ шинохта шудаву эътироф гардидааст. Дар муқаддимаи санад зикр мешавад, ки муҳимтарин вазифаи рӯзнома огоҳ намудани аҳли башар аст. Иттилоъ расонидан маҳаки асосии фаъолият аст, зеро маълум аст, ки одамон кор мекунанд, қобилияти эҳсосро доро ҳастанд, андеша меронанд ва дар ин ҳол хабардор будан аз ҷараёни ин амалиёти рӯзгор хеле муҳим аст. Ба ин хотир, нафаре, ки мехоҳад ин функсияро иҷро намояд, бояд соҳиби зеҳни тез, хиради воло, дараҷаи ниҳоии идрок ва таҷриба бошад. Ҳамчунин, завқи табиӣ ва инкишофёфтаи зиракиву бофаросатӣ, мушоҳидакорӣ бояд ба журналист хос бошад, зеро дар симои як нафар иттилоърасон, омӯзгор ва шореҳ ҷамъбаст

мешавад.

Баён намудани қоидаҳои зер ин натиҷаи дарку омӯзиши амали журналистони амрикоӣ аст, ки аз орзуҳои наҷиб ва кӯшишу талошҳои бошарафона ибтидо мегирад.

Пас аз чунин муқаддимаи возеҳ қонунҳои журналистика як-як зикр шудаву шарҳ меёбанд. Ин санад дар хусуси масъулият, моҳияти озодии матбуот, мустақилият, садоқат, хаққоният, саҳеҳият, беғаразӣ, бовиҷдонӣ, хушахлоқӣ маълумот медиҳад. Ҳар яке аз ин принсипҳо ба сифати қонуни журналистика дониста мешаванд, ки аз нигоҳи муносибати ахлоқӣ ба касб бисёр муҳим ҳастанд. Аз ин рӯ, ба сифати аввалин санади ахлоқӣ муаррифи намудани он мукаммалӣ ва аҳамиятнокиашро нишон медиҳад. Ин ҳуҷҷат ҳамчун «санади ахлоқи касбӣ» пазируфта шудааст, зеро қоидаҳое, ки зикрашон рафтааст, сатҳи баланди касбияти журналистро фаро мегиранд ва муҳиммаш он ки аз дидгоҳи ахлоқӣ хеле хуб баррасӣ шуда, ба воқеиятҳои рӯз бархӯрди муносибе дошта метавонанд.

Меъёрҳое, ки дар ин санад қоидаҳои журналистика дониста мешаванд, принсипҳое мебошанд, ки ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешаванд ва аҳамияти худро нигоҳ медоранд. Масалан, дар хусуси озодии матбуот гуфта мешавад, ки он ҳуқуқи дахлнопазири башар аст. Озодии матбуот имконияти муҳокимаи озоди ҳамагуна маълумотеро, ки қонун манъ накардааст, медиҳад. Нуктаи муҳим он аст, ки қонун бояд ҳеҷ гоҳ мақсади маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандонро надошта бошад.

Натиҷаи ниҳоие, ки аз ин санад бармеояд, боз ҳам хулосаи ахлоқист; риояи қонунҳои мазкур ҳеҷ гоҳ аломати маҳдудият нест, баръакс василаи нигоҳдории обрӯ ва шаъну эътибор аст.

Санади дигар «Кодекси этикии (қонуни ахлоқии) Ҷамъияти журналистони касбии ИМА» мебошад, ки соли 1993 қабул гардидааст ва пешгуфторе дорад. Дар сарсухан нуқтаҳои муҳим зикр ёфтаанд ва ифодагари мундариҷаи онанд: «Ҷамъияти журналистони касбӣ бар он бовар аст, ки вазифаи муқаддаси журналист талош барои ҳақиқат аст.

Мо бовар дорем, ки ВАО дар доираи Конституцсия фаъолият намуда, озодона ба дарёфт ва пахши фактҳо машғул мешаванд, ки ин ниҳояти дастёбӣ ва муҳокимаи воқеии маълумот мебошад. Мо бовар дорем, ки маърифатнокии одамон асоси пойдории адолати иҷтимоӣ аст ва ҷустуҷӯи ҳақиқат меъёри конституцсионист, зеро барои таъмин намудани ҳуқуқ ба донистани ҳақиқат муҳим аст. Мо бовар дорем, ки ин ҳуқуқ масъулият низ дорад ва он аз журналистон талаб мекунад, ки бо фикри солим амал намуда объективона, бо саҳеҳият, боадолатона фактҳоро пешниҳод намоянд».

Ин санад меъёрҳои худро қонуну қоида не, балки принсип ном мебарад ва шаш принсипро мушаххас менамояд: масъулият, озодии матбуот, ахлоқ (этика), саҳеҳият ва объективият, муносибати бовиҷдонона ба касб, эътимоди тарафайн.

Махсусияти ин санад он аст, ки баробари ҳуҷҷати ахлоқӣ будан боз бахши алоҳидаеро «этика» ном мебарад ва хосияти ахлоқии фаъолияти журналистро мушаххасан зикр мекунад. Дар ин ҷо масъулияти ҷамъиятии журналист ҳатмӣ ва ягона дониста мешавад, ки он бе натиҷа намондани кӯшишҳо барои донистани ҳақиқат аст. Пешкаш намудани туҳфаҳо, хизматрасониҳои гуногун ба журналистон воситаи халалдор намудани покизагии ахлоқи онҳо ва идораест, ки он ҷо фаъолият доранд. Кодекс ҳушдор медиҳад: ҳеҷ кас набояд туҳфаҳои гаронбаҳоро қабул намояд, зеро он мумкин аст бо мақсади бадном сохтани журналист ё муҳаррир сурат гирифта бошад. Ҳамчунин, журналист набояд дар як вақт дар ҷое фаъолият дошта бошад, ки мухолифи иҷрои масъулияти касбиаш аст: ширкатдори фаъолияти сиёсӣ, вазифадори маъмурӣ ё интихобӣ будани ӯ қабул нест.

Ҳаёти шахсии журналистон набояд мухолифате бо масъулияти иҷтимоии онҳо дошта бошад; мақсаду маром ва рафтори онҳо ягона аст. Журналистон бояд бо вуҷуди ҳама монеасозиҳо барои пайдо намудани маълумоти зарурии ҷомеа талош намоянд; ҳеҷ гоҳ вазифаи муқаддаси худро фаромӯш накунанд. Онҳо ҳуқуқи ахлоқӣ доранд, ки манбаи иттилооти махфиро ошкор насозанд.

Ҳамаи ин пешниҳодҳо муҳим ҳастанд, вале нуктаи ниҳоии бахши

«Этика» плагиат (асардуздӣ)-ро бешарафӣ, расвоӣ, номақбул донистани он аст. Дар маҷмуъ, натиҷае, ки аз ин санад бармеояд: «Риояи принсипҳои кодекси мазкур барои ҳифз ва боз ҳам қавӣ намудани эътимоди тарафайн, эҳтироми ҷонибҳо бисёр зарур аст. Ба даст овардани боварии мардум ва ба эҳтироми халқи Амрико сазовор гардидани журналистони америкоӣ нишонаи касбияти волои онҳост» [191, с. 159].

Ҷиҳати дигари ахлоқии ин санад он аст, ки ба идораҳои матбуоти даврӣ ва шабакаҳои радиоиву телевизионӣ иҷозаи қабули кодекси этикии махсусро медиҳад.

Изҳороти (декларатсияи) усулҳои бунёдии Ҷамъияти муҳаррирони рӯзномаҳои Амрико, ки соли 1996 қабул гардидааст, санади нисбатан мукаммалест, ки ба меъёрҳои этикӣ боз ҳам ҷиддитар муносибат мекунад; меъёрҳои он чун қонунҳо «модда» ном доранд. Ин ҷиддият сабаби худро дорад. Дар сарсухани санад зикр мешавад, ки аввалин тағйирот ба Конститутсияи ИМА озодии суханро аз дахолати давлат орӣ донист ва ба матбуот имтиёзи конститутсионӣ дод. Аз ин рӯ, бар уҳдаи кормандони рӯзномаҳо масъулияти муайяне гузошта мешавад.

Таъкид мешавад, ки журналистика талаб мекунад: «Дар баробари кӯшишу ғайрат ва дониш риояи принсипҳо, комилии шахсият, мувофиқати он бо масъулияти касбӣ зарур аст» [191, с. 167].

Кодекси этикии Ассосиатсияи миллии мухбирони суратгири ИМА соли 1998 пазируфта шудааст ва моҳияту нозукиҳои касби хабарнигор-суратгир (фоторепортёр)-ро шарҳ медиҳад. Кодекс ҳашт муқаррарот дорад ва инҳо барои аъзои Ассосиатсия хусусияти дастурро соҳибанд; ҳар як узв чун нишони изҳори ризоият имзои хешро мегузорад.

Нуқтаи муҳимме, ки дар ин санад таъкид мешавад, он аст, ки дар фаъолияти мухбирони суратгир меъёрҳои ахлоқӣ аҳамияти дучандро касб мекунанд, зеро касби онҳо бисёр нозук ва дар баробари ин василаи зарурии пешниҳоди дақиқи иттилоъ мебошад. Вазифаи шахсии ҳар як мухбири суратгир дуруст инъикос намудани ҳақиқат, воқеият ва холис будани ӯст.

Ин чор санаде буд, ки қоидаҳои рафтори журналистони амрикоиро аз дидгоҳи ахлоқӣ муайян мекард. Меъёрҳое, ки ин ҳуҷҷатҳо зикр намудаанд, асосҳои бунёдӣ ва собитшуда доранд.

Мақсади қабули кодексҳо ва изҳорот ба таври возеҳ шарҳ меёбад, далелҳои мантиқӣ мавҷудияти онҳоро ногузир медонанд. Ин ки меъёрҳо, муқаррароти ин санадҳо то куҷо риоя мешаванд, масъалаи дигар аст, вале вуҷуд доштани қонунҳои ахлоқӣ худ ифодагари бисёр ҳолатҳо буда метавонад; ҳатман муҳокимаҳо сурат мегиранд, зарурати эътироф кардан ё тағйир додан, такмилу тасҳеҳ намудан пеш меояд.

Дар маҷмуъ, ин санадҳо нишонаи онанд, ки дар ҷомеаи демокративу рушдёфтаи Амрико қоидаҳои ахлоқӣ ҳеҷ гоҳ мақому мазмуни худро дар фаъолияти журналистон аз даст надодаанд, балки баръакс зарурате ба онҳо пайдо шудааст. Ҷомеаи журналистони Амрико пас аз тағйироти нахустини Конститутсияи ИМА ба санадҳои ахлоқӣ ниёз пайдо кард; тағйироти конститутсионӣ воқеият аст ё на, ин масъалаи дигар аст, вале он ки зарурати худтанзимкунӣ ба вуҷуд омадааст, метавон ба натиҷае расид, ки воқеият дорад.

Шурои миллии рӯзноманигорони Британия 29 июни соли 1994 Кодекси рафторро қабул намудааст, ки банди аввалини он чунин аст:

«Журналист вазифадор аст дар фаъолияти худ ин меъёрҳои касбӣ (тахассусӣ) ва этикиро риоя кунад» [191, с. 171].

Ин санад дувоздаҳ қоидаи рафторро муайян мекунад, ки онҳо моҳиятан фаъолияти журналистро фаро мегиранд. Хосияти кодекси рафтор дар он зоҳир мешавад, ки меъёрҳои он журналистро вазифадор ва масъул медонад. Дар ҳар як муқаррарот «журналист вазифадор аст» ё «журналист бояд…» вуҷуд дорад, ки бо чунин тарзи ифода ҳатмӣ будани риояи онҳо таъкид мешавад. Журналист масъул аст, ки дар ҳама ҳолат озодии матбуотро вобаста ба дарёфти иттилоъ ҳифз намояд; ӯ бояд ҳеҷ гоҳ ба таҳрифкорӣ роҳ надиҳад. Журналист бояд бодиққат ва фавран саҳеҳияти маълумотро муайян намояд, дар ҳолати дақиқ набудан ҳуқуқи ҷавоб гуфтани шаҳрвандонро эҳтиром кунад

ва танқидро ба унвонии худ чун зарурати ногузир қабул намуда, барои худ муҳокима намояд. Журналист бояд ҳангоми дарёфту пешниҳоди иттилоъ ва маводди тасвирӣ (суратҳо) шарафи хешро нигаҳ дорад: бо «роҳи рост» биравад. Ин масъала нозук аст ва зикри «шараф» на он қадар дуруст мебошад. Муқаррароти кодекс низ «истифода накардани роҳҳои дигар» аст. Шарҳе бар ин нукта дода мешавад:

«Истифодаи роҳҳои дигар мумкин аст бар он асоснок шавад, ки ба хотири манфиатҳои ҷомеа сурат гирифтааст (ва ба ин монанд масъалаҳо). Вале дар ин ҳолат гӯш додан ба амри вичдон зарур аст» [191, с. 172].

Журналист набояд ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон дахолат намояд; ҳолати истисноӣ аҳамияти ҷамъиятӣ доштани маълумот аз ҳаёти шахсӣ мебошад; журналист ҳеҷ гоҳ мустақилияти касбиро бояд аз даст надиҳад; на бар ивази инъомҳо ва дигар мавод.

Журналист набояд ба хотири реклама ва ё чизи дигар ҳақиқатро таҳриф намояд; журналист бояд аз таҳияи матолиби хусусияти табъизӣ (дискриминатсионӣ) дошта даст кашад ва ҳеҷ гоҳ тамасхуру муносибати истеҳзоомез накунад; журналист барои истифодаи ҷузъҳое аз фаъолияти касбӣ, ки хусусияти оммавӣ пайдо карданашон шарт нест, ҳақ надорад. Дар таҳияи матлабҳои хосияти рекламаи тиҷоратидошта ширкат намудан хилофи вазифаи журналист аст.

Ба назари мо, ҳамаи меъёрҳои кодекс барои танзими рафтори журналист дар доираи ахлоқ хеле муҳимманд ва интихобан чанде аз онҳоро зикр намудем.

Ҳуҷҷати дигаре, ки ба фаъолияти журналистони Британия алоқаманд аст, «Кодекси маҳорат» мебошад. Он 26 ноябри соли 1997 аз ҷониби Комиссияи британӣ оид ба арзҳои (шикоятҳои) матбуотӣ тасдиқ гардидааст ва аз 16 қисмат иборат аст [191, с. 172].

Кодекс талаботи худро дорад: бисёр муҳим аст, ки риояи он натанҳо дар рӯйи қоғаз, балки дар ҳаёт татбиқ шавад. Муҳаррирон бояд бо Комиссия оид ба шикоятҳо ҳамкории доимӣ дошта бошанд. Дилхоҳ ВАО ҳангоми вайрон

намудани меъёрҳои кодекс бояд бе таъхир раддияи Комиссияро нашр кунанд. Кодекс мақсади ба шакли муайян даровардани меъёрҳои ахлоқиро дорад ва ҳадафи ниҳоияш ҳимояи манфиатҳои ҷомеа аст. Дар он манфиатҳои ҷомеа дар умум шарҳ меёбанд: иттилоъ доштан аз омодагии ҷиноятҳои мудҳиш, ки мусибати калон меоранд; амният ва сиҳаттии ҷомеа, дур будан аз машваратчиёне, ки маслиҳатҳои бардурӯғ ва хатарнок медиҳанд.

Ҳамчунин, кодекс дар ин қисмат зикр мекунад, ки вақте сухан аз манофеи ҷамъиятӣ меравад, комиссия аз муҳаррирон тақозо дорад то маълумоти мушаххаси дорои ҳимоятгари манофеи ҷамъиятиро муфассал эзоҳ бидиҳанд.

Ғайр аз он муқаррароте, ки дар санади қаблӣ зикрашон рафт, ин кодекс боз дар хусуси фишороварӣ, дахолат ба вазъияти душвор (мусибат), кӯдакон, ноболиғон ва ҷиноятҳои шаҳвонӣ, фиреб, дӯстону наздикон ҳарф мезанад ва муносибатҳоро дар ҳар яке аз ин ҳолатҳо тавзеҳ медиҳад. Ҳангоми фоҷеа аз ҳолати садамавии одамон истифода намудан мумкин нест. Пахши иттилоъ дар чунин ҳолатҳо иҷозат дода мешавад, вале он набояд нисбат ба хулосаи суд бартарӣ дошта бошад.

Журналист набояд кӯдакони то синни 16-соларо объекти фаъолият (бидуни иҷозати волидайн) қарор диҳад. Онҳоро аксбардорӣ намудан, дар хусуси ҳолати саломатӣ ва шароити зиндагиашон пурсидан мумкин нест. Дар мактаб низ бе иҷозаи маъмурият саволборон кардани бачаҳо манъ карда мешавад. Ноболиғон ва ҷиноятҳои шаҳвонӣ аз зумраи масъалаҳои нозуки ахлоқи касбист. Матбуот набояд онҳоро бо ҷиноятқорон ва қурбониёни чунин ҳодисаҳо баробар донад, ҳарчанд қонун инро манъ намекунад. Дар муносибат бо ноболиғони гунаҳкор эҳтиёткор мебояд буд, зеро тақдири минбаъдаи онҳо ба муносибат сахт вобаста аст.

Дар мавриди пинҳонӣ гӯш кардан ё пайвастан ба гуфтугӯи телефонӣ. Дар асоси ин гуна маълумот таҳияи матлаб ниҳояти беодобист.

Ҳамчунин, ин кодекс қисматҳое бо номҳои «Журналистика ва молия (маблағ)», «Иттилооти пулакӣ» дорад, ки масъалаҳои молиявиро муҳокима мекунанд: Журналист набояд маълумоти хусусияти молиявидоштаро барои

манфиати худ истифода намояд. Вай набояд дар хусуси масъалаҳои молиявии идора чизе нависад, масалан, нархи қоғаз…

Маблағ додан барои иттилоъ (бевосита ва ё ба воситаи миёнарав) ба шоҳидон дар он ҳолат мумкин аст, ки ин маълумот дархӯри манфиатҳои ҷомеа дониста мешавад ва танҳо ба воситаи маблағ ба даст меояд. Журналист бояд бовар дошта бошад, ки сарчашмаи иттилоъ мақсади тамаъкорӣ надорад. Ин амал барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба донистани иттилоъ сурат мегирад. Ҳамчунин, ин кодекси ахлоқӣ нозукиҳои рафторро ҳангоми муносибатҳои молиявӣ таъкид месозад.

Санади дигар «Принсипҳои публисистика (Кодекси матбуот)» [173, с. 175]-и Олмон аст, ки Шурои матбуоти Олмон дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди рӯзноманигорон бо пешниҳоди Президенти мамлакат 12 декабри соли 1993 омода намудааст.

Кодекс масъалаҳои ахлоқи касбиро ба 16 қисм ҷудо менамояд ва вобаста ба онҳо дастур (директива) медиҳад. Дар муқаддимаи он зикр мешавад, ки эҳтироми ҳақиқат ва расонидани иттилооти воқеӣ масъулияти бузургест, ки ба матбуот бовар карда шудааст. Барои он ки матбуот ба ин боварӣ сазовор бошад, бояд дар асоси принсипҳои муайян амал намояд. Баъзе аз талаботи ин кодексро интихобан барои маълумот зикр мекунем:

Сарлавҳа ва ё тафсири расм бояд ба матни матлаб мувофиқ бошад; сохтакорӣ ва таҳриф мумкин нест. Маводди ҳуҷҷатӣ бояд дар шакли саҳеҳ пешниҳод гардад. Расмҳои рамздор бояд дақиқан ташхис шаванд ва бо нишонаҳои маълум мувофиқат кунанд. Мактуби хонанда имконияти омӯзиши афкори умумро медиҳад. Он метавонад хусусияти дигар низ дошта бошад: тавсифи аз ҳад зиёд. Ҳангоми нашри мактубҳо риояи принсипҳои публисистика муҳим аст.

Пешакӣ иттилоъ расонидан. Ҳамагуна эҳтимолият бояд ба эътибор гирифта шавад. Таҳрири матн ва ё ихтисор намудани он бояд тавре шакл гирад, ки ба мақсади аслӣ халал нарасад. Ҳар як корманди матбуот бояд эътибор ва нуфузи идора (воситаи ахбор), асрори касбиро ҳимоя кунад; аз

шоҳидӣ додан даст кашад. Фаъолияти иктишофии (разведкавии) журналист ё ношир ба кӯшишҳо барои ҳифзи сирри касбӣ ва эътибори нашрия баробар нест, мувофиқат намекунад.

Дар нашрия бояд миёни матлаби нашриявӣ ва реклама ҳатман тафовут бошад. Матлаби фармоишӣ бояд дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун реклама қайд шаванд, то барои хонанда фаҳмо бошад, ки сухан дар атрофи чӣ меравад.

Аз рӯйи шарҳи кодекс рекламаи пинҳонӣ (пӯшида) бовариро ба нашрия аз миён мебарад. Журналист ҳангоми таҳияи мавод дар бораи маҳсулоти муассиса, хизматрасонӣ ва тадбирҳои он набояд ба рекламаи пӯшида роҳ диҳад, зеро ин аломати сарфи назар кардани манфиатҳои хонандаву ҷомеа аст. Нашри матолиби хусусияти рекламавидошта манъ карда намешавад, вале он расман чун реклама зикр гардиданаш зарур аст. Журналист ҳангоми инъикоси ҳаводиси вобаста ба шахсият; беморӣ, худкушӣ, ҷиноятқорӣ, ёддоштҳои гунаҳкорон бояд эҳтиёткор бошад. Дар хусуси мухолифин (оппозитсия) ва фирор навиштан ҳам масъулияти зиёдеро талаб мекунад; якчанд принсип бояд риоя шавад.

«Кодекси ахлоқи касбии журналистони Русия [374]»-ро, ки 23 июни соли 1994 аз ҷониби Конгресси журналистони Русия қабул гардидааст, метавон чун намунаи хуби кодексҳои ахлоқӣ пазируфт.

Дар он зикр мешавад, ки журналист ҳамеша уҳдадор аст, ки дар доираи принсипҳои ахлоқии касбие фаъолият намояд, ки дар ин маҷмуи қонунҳо сабт ёфтаанд ва қабул кардан, ба тасвиб расонидан ва риояи он барои аъзошавӣ ба Иттифоқи журналистони Русия шарти ҳатмӣ аст.

Бандҳои дигари ин кодекс муқаррар мекунад, ки журналист қонунҳои кишварашро рияо мекунад, аммо дар масъалаи он ки ба иҷрои вазифаи касбии ӯ дахл дорад, танҳо доираи ҳуқуқи ҳамкасбонашро эътироф намуда, ҳар гуна фишор ва дахолатро аз ҷониби ҳукумат ва ё шахсу ҷониби дигар рад мекунад; журналист танҳо он хабареро интишор медиҳад, ки ба эътимоднокии он бовар дорад ва сарчашмаи он барои ӯ маълум аст, вай тамоми кӯшишҳоро баҳри он ба харҷ медиҳад, то бар асари нопуррагӣ ва ё дақиқ набудани хабар, барқасд

пинҳон доштани хабаре, ки аҳамияти иҷтимоӣ дорад ва ё паҳн кардани ахбори дурӯғу бофта ба касе ягон зарар нарасонад.

Дар ҳолати пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ё таҳрифкорӣ журналист барои ислоҳ талош мекунад ва тавассути воситаи ахбор узр мепурсад; ӯ байни далелҳои воқеие, ки дар бораи онҳо ҳарф мезанад ва оне, ки андешаҳо, тахминҳо ва пешниҳодҳоро ташаккул медиҳад, ба таври дақиқ фарқ мегузорад ва медонад, ки дар фаъолияти касбии хеш уҳдадор нест, бетарафиро ихтиёр намояд; журналист ба шаъну шараф ва эътибори шахсии одамон эҳтиром мегузорад, аз муносибати нописандона ба миллат, нажод, ранги пӯст, дин мавқеи иҷтимоӣ, ҷинс ва камбуди ҷисмонии одамон худдорӣ мекунад; ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои касбияш журналист барои дарёфти ахбор аз воситаҳои ғайриқонунӣ ва ношоиста сарфи назар менамояд; журналист ҳуқуқи шахсӣ ва юридикии одамонро доир ба нашр накардани хабар ва ба саволҳо посух надодан, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун онҳоро барои иттилоъ додан уҳдадор мекунад, эҳтиром мегузорад, ӯ ҳамчунин, ин уҳдадориро эътироф мекунад, ки хоҳиши мусоҳибонро дар боби фош нашудани баъзе гуфтаҳояшон эҳтиром мекунад.

Журналист ин принсипро риоя мекунад: «ҳеҷ кас гунаҳкор нест, гунаҳкорро суд муайян мекунад»; журналист мақоми касбии худро ба ягон уҳдадории дигар баробар намекунад, на ба мақомоти қонунгузор, иҷроия ва суд, на ба мақоми роҳбарияти ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилоти сиёсӣ. Барои ӯ маълум аст, фаъолияти касбиаш дар он ҷое хотима меёбад, ки вақте «яроқ»-ашро мегузорад; журналист медонад, ки фаъолияти касбӣ ва рекламавӣ ба ҳам тавъам буда наметавонанд, зеро этика ин ҳолатро номумкин меҳисобад.

Журналист набояд имкониятҳоеро, ки касбаш медиҳад, барои манфиати шахсӣ истифода намояд; журналист ба ҳуқуқҳои касбии ҳамкорон эҳтиром қоил аст ва қоидаҳои рақобати солимро риоя мекунад. Ҳангоми истифода аз матлаби ҳамкорон сарчашмаи маълумотро зикр месозад; журналист ҳатман бояд аз зуҳуроти таҳқиромез дурӣ ҷӯяд, зеро он ба ҳолати равониву ахлоқӣ ва ҷисмонии одамон зарари калон мерасонад. Таҳқиқи журналистӣ ва дахолат ба

ҳаёти шахсӣ бо он асоснок мешавад, ки ба хотири ҳимояи манофеи ҷомеа сурат гирифтааст; ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ журналист набояд аз роҳу воситаҳои ғайриқонуниву нораво истифода намояд.

Ҳамин тавр, аз мушоҳида ва баррасии чандин кодексҳои ахлоқӣ, ки мо онҳоро чун нишони зарурат ва аҳамияти меъёрҳои ахлоқи умумиинсонӣ ва касбӣ дар фаъолияти журналистӣ медонем, маълум мегардад, ки дар ҳама навъи ҷомеаҳо ва шакли фаъолияти расонаҳо мавҷуд будани меъёрҳои ахлоқӣ ва зарурати риояи онҳо чун воқеияти ногузир қабул мегардад, ки ин нишони аҳамиятнокӣ ва зарурати мавҷудияти ҳамешагии онҳост.

Муҳаққиқ С.Г. Корконосенко ҳам ба ин назар аст, ки вақте сухан дар атрофи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва қабули санадҳои марбут ба ахлоқ меравад, бояд таъкид намуд, ки ин ташаббуси худ ҷомеаи журналистӣ аст; журналистон он масъалаеро муҳокимаҳо намуданд, ки барои баланд бардоштани эътибор, таъсирбахш кардани матлабҳо ва бартараф намудани монеаҳои фаъолият чӣ бояд кард? Ба хулосае расиданд, ки «роҳи дуруст қабули кодекси ахлоқист, зеро он аз низоъ ва ихтилофот пешгирӣ намуда, барои муттасилу таъсирбахш фаъолият намудан мусоидат мекунад» [117, с. 277].

Зарурат ва муҳиммияти меъёрҳои ахлоқиро дар замони муосир боз ин нукта тақвият мебахшад, ки риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар ҳифзи амнияти иттилоотӣ нақши муҳим доранд. Муҳаққиқ Д. Ҳомидов менависад, ки амнияти иттилоотӣ муҳим аст, зеро мо ба ин васила марзҳои иттилоотӣ, фарҳанги миллӣ, забон ва захираҳои иттилоотии худро ҳифз мекунем; аз ин лиҳоз, «риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар таъмини амнияти иттилоотӣ вазифаи умумимиллӣ буда, васоити ахбори омма дар ин самт нақши муҳим дошта метавонанд» [244, с. 92].

Дар идомаи ин андешаҳо лозим ба зикр медонем, шароити ҷомеаи муосир, ки фарогири навгониҳои сершумори оламшумул аст, боис ба пайдоиш ва мубрам гардидани мафҳумҳое шудааст, ки онҳо аслу бунёди ҷомеаро ташкил медиҳанд. Пешрафти босуръати техника ва технология, ки маҳсули зеҳни инсон аст, боиси он гардидааст, ки ҷомеаи имрӯзаи мо унвони ҷомеаи

иттилоотиро гирад.

Ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеаест аксари аъзо пурра (ё қисман) дар истеҳсол, нигаҳдорӣ, таҳия ва амалисозии иттилоот, махсусан, дар шакли баландтарини он – донишҳо ширкат меварзанд. Махсусиятҳои ин марҳалаи рушд аз афзоиши нақши иттилоот, донишҳо ва технологияи иттиллоотӣ дар ҳаёти ҷомеа; афзоиши шумораи одамони машғул ба технологияҳои иттилоотӣ, иртибот ва истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои иттилоотӣ, афзоиши ҳиссаи он дар маҳсулоти умумии дохилӣ; иттилоотикунонии афзояндаи ҷомеа бо истифодаи телефон, радио, телевизион, шабакаи интернет ва ВАО-и анъанавию электронӣ; ташкили фазои умумиҷаҳонии иттилоотии таъмингари ҳамкории босамари одамон, дастрасии онҳо ба захираҳои ҷаҳонии иттилоот, таъмини талаботи онҳо ба маҳсулот ва хизматрасониҳои иттилоотӣ; тавсеаи демократияи электронӣ, иқтисодиёти иттилоотӣ, ҳукумати электронӣ, давлати электронӣ, бозорҳои рақамӣ ва шабакаҳои хоҷагидорӣ иборат аст.

Тавре аз ин шарҳ бармеояд, ҷомеаи иттилоотӣ мафҳуми ниҳоят васеъ аст, ҳама самту соҳаҳоро фаро мегирад ва бештар ба воситаҳои ахбори оммаву фаъолияти онҳо иртибот дорад.

Мушаххас гардидани ҷомеаи иттилоотӣ боиси мубрамтар гардидан ва ба вуҷуд омадани мафҳумҳои наве ба монанди фазои иттилоотӣ, ҷанги иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ гардидааст. Ҳарчанд фазои иттилоотӣ ва амнияти фазои иттилоотӣ мафҳумҳои наве нестанд, аммо ба вуҷуд омадани ҷомеаи иттилоотӣ боиси он гардидааст, ки мафҳумҳои хосе бо унвони муборизаҳои иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ арзи ҳастӣ намуда, ҳамчун истилоҳи илмӣ дар илми сиёсатшиносӣ пазируфта шавад.

Дар доираи илми сиёсӣ ва низоми амнияти миллӣ мафҳуми амнияти иттилоотӣ яке аз мафҳумҳои калидӣ ба шумор меравад. Амнияти иттилоотӣ ҳолат ва шароите мебошад, ки ҳар гуна хавфу хатар ба дилхоҳ маълумоти муҳим ва сарнавиштсози ин ё он давлат пешгирӣ ва бартараф карда шуда, дастрасӣ ва таъсиргузории гурӯҳҳои тахрибкор ва ҷиноятпеша ба маълумот, ҳуҷҷатҳо ва ё афкори омма маҳдуд шудааст. Ҳадаф ва мақсади асосии таъмин

намудани амнияти иттилоотӣ дар давлат аз он иборат аст, ки бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва системаи таъмини амнияти иттилоотӣ дилхоҳ хатару таҳдиди воқеӣ, эҳтимолӣ ва имконпазир ба фазои иттилоотии давлат бартараф ва ба ин васила, якпорчагӣ, суботу оромӣ ҳифз ва рушди устувор дар ҷомеа таъмин карда мешавад.

Ба назари сиёсатшинос Алиназар Ашӯров, «дар шароити муосир рушду пешрафт ва ҳатто мавҷудияту бақои давлатҳо ба устувории амнияти иттилоотӣ вобастагии амиқ дорад, зеро идоракунии иттилоот дар ҷаҳони муосир ва шаклгирии равандҳо аҳамияти ҷиддиро касб намудааст» [399].

Таҳлилҳо собит намудаанд, ки ноустувор ва ё заиф будани амнияти иттилоотӣ боис мегардад, ки давлатҳои соҳибистиқлол ва рушдкарда ба майдони моҷаро ва бархӯрди манфиатҳои қудратҳои муайян табдил ёбанд; агар як назар ба таърихи «Инқилобҳои ранга» ва «Баҳори араб» намоем, маълум мегардад, ки заиф будани системаи амнияти иттилоотӣ ва ё беаҳамиятӣ зоҳир намудан ба таҳдидҳои иттилоотӣ чӣ гуна боиси сар задани низоъҳо гардидааст.

Аз нигоҳи мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Силмон Мавлоназаров, амнияти иттилоотӣ маҷмуи чорабиниҳои мушаххаси ҳифзи муҳити иттилоотонии ҷомеа ва шахсони алоҳида буда, раванди дурусту қонунии бо он таъмин кардани аҳолӣ ба бехатарии фаъолияти технологияи навини иттилоотӣ вобастагӣ дорад.

Ба назари ӯ, аҳдофи муғризонаю халалдоркунандаи амнияти иттилоотӣ бештар тавассути расонаҳои иттилоотӣ, асосан, шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мешаванд ва ин бесабаб нест, чунки дар марҳилаи кунунӣ таъсири ВАО тамоюли афзоишро касб намуда, дар заминаи рушди интернет шабакаҳои иҷтимоӣ беш аз пеш таъсиргузоранд: Қобили тавоҷҷуҳ аст, ки «поварақи матолиби баъзе аз расонаҳо, хоса воситаҳои ахбори омма ва гурӯҳҳое, ки ҳангомасозӣ дар онҳо меҳвар аст, ба майдони мубоҳиса табдил ёфтаанд.

Мутаассифона, дар ин раванд аксар маврид назокату одоби баҳс сарфи назар шуда, онҳо моҳияти сиёсӣ касб менамоянд» [346].

Сардори раёсати таъминоти иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зубайдулло Давлатов доир ба роҳҳои таъмини амнияти иттилоотӣ менависад, ки муҳимтарин омили таъмини амнияти иттилоотӣ он аст, ки бояд ВАО моҳияти рӯйдодҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявию байналмилалии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар сатҳи баланди касбият, ба таври муъҷаз ва саривақтию фаҳмо ба ҷомеа расонанд ва дар ташаккули афкори мусбӣ ва дуруст дар ҷомеа саҳми муносиб гузоранд: Дар ин сурат шиддати таъсири ҳар гуна иттилооти беасос ва бардурӯғ дар расонаҳои манфиатхоҳ ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористию ифротгаро ва ҷонибҳои манфиатхоҳ метавонад камтар гардад, чунки табиати инсон чунин аст, ки ба иттилои аввал дарёфтнамуда бештар эътимод пайдо мекунад. «Эътимод ва боварӣ ба иттилооти расонаҳои расмӣ моҳиятан эътимод ва бовариро ба мақомот ва ҳукумат бештар месозад» [399].

Аз ин нуктаҳои назар, ки моҳияти амнияти иттилоотиро бозгӯ намуда, ҳамчунин, доир ба чораҳои таъминкунандаи он низ маълумот медиҳанд, он ҷанба бештар ба мавзуи мо алоқаманд аст, ки дар ин раванд аксар маврид назокату одоби баҳс сарфи назар шуда, онҳо моҳияти сиёсӣ касб менамоянд.

Ин ҷо масъалаи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба миён меояд, ки дар ҳар давру замон ва дар ҳама шароити фаъолияти воситаҳои ахбори омма муҳиммияти худро боз ҳам бештар маълум менамояд.

Ҳарчанд ҷомеаи иттилоотӣ баробари дастовардҳои беназираш, ки ба манфиати ҷомеа мебошад, маълум аст, аммо дар ин баробар, ба пайдоиши мафҳуме бо номи ҷанги иттилоотӣ низ сабабгор аст ва дар ин ҳолат риояи принсипҳо ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ барои журналистон аз нигоҳи аввал амали дуюмдараҷа ба назар мерасад, чун ҳадаф дар ҳама ҷанг ғалаба аст ва барои расидан ба он ҳама василаҳо дурустанд, вале таҷрибаи муборизаҳои иттилоотӣ гувоҳи он аст, ки сарфи назар кардани меъёрҳои ахлоқи касбӣ на

ҳамеша ба манфиат аст; сухан атрофи дидаву дониста дурӯғпароканӣ ва таҳрифи воқеият меравад, ки борҳо собит гардида, боиси адами эътимоди аудтитория шудааст.

Аз ин нуктаи назар, муҳиммияти меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар муборизаҳои иттилоотӣ ба таври ҳамешагӣ боқӣ мемонад ва омили муҳимми комёбии расонаҳои иттилоотӣ мебошад.

Аз лиҳози ҳуқуқӣ, амнияти иттилоотӣ ҳамчун мафҳуми мушаххаси илмӣ ва рукни муҳимми амнияти миллӣ зарурати танзими ҳуқуқиро дорост ва бо назардошти ин нуктаҳои муҳим, дар ҷумҳурии мо ба он муносибат шудааст.

Ба назари мутахассисон, «қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи сирри давлатӣ», «Дар бораи имзои электронии рақамӣ», «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020», «Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва монанди инҳо аз ҷумлаи санадҳои меъёрию ҳуқуқие ҳастанд, ки ба ин масъала рабт доранд ва шоистаи таъкид аст, ки 7.11.2003 с. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» содир шуда, дар асоси он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004 «Барномаи таъмини амнияти иттилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳам тасдиқ гардид.

Маълум мегардад, ки заминаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо бо амнияти иттилоотӣ вуҷуд дорад ва қисми аксари онҳо ба фаъолияти журналистӣ алоқаманд буда, аз воситаҳои ахбори омма ҳангоми таъмини он бештар тақозоҳо мешавад ва ба назари мо, дуруст ҳам ҳаст, зеро фаъолияти расонаҳо бевосита ба ин самт равона гардидааст.

Муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ дар раванди муносибат бо амнияти иттилоотӣ он аст, ки расонаҳо худ сабабгори ба вуҷуд омадани хатарҳои иттилоотӣ мешаванд ва ин ҳолат зарурати таъмини амнияти иттилоотиро бештар менамояд.

Муҳаққиқ А.А. Тертичний дар мақолаи «Амнияти иттилоотӣ ва имкониятҳои худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма» [229, с. 46-49] менависад, доир ба мафҳуми амнияти иттилоотӣ бисёр таърифҳо мавҷуданд, ки ба ҳолатҳои гуногуни истеҳсол ва паҳнкунии иттилоот (бо истифода аз воситаҳои ахбори омма) алоқаманданд, аммо, ба андешаи мо, мафҳуми умумитарини амнияти иттилоотӣ метавонад таърифе бошад, ки мувофиқи он амнияти иттилоотӣ ҷуз мавҷуд набудани хатари иттилоотӣ чизи дигаре нест ва хатари иттилоотӣ асосан дар чунин ҳолатҳо сар мезанад: набудани иттилооти мувофиқи ба эҳтиёҷоти асосии инсон алоқаманд; нопурра будани маълумоти зарурӣ (аудитория доир ба мавзуи барояш муҳим маълумоти нопурра мегирад); пешниҳоди маълумоти бардурӯғ (дезинформатсия); пешниҳоди иттилооти ғаразноку барқасдона, ки арзишҳои ҷомеаро тавассути арзёбиҳо ва робитаҳои бардурӯғ беқурб менамояд («муқаррарӣ» сохтани зиштиҳо - нашъамандӣ, танфурӯшӣ, қаллобӣ, тамаъкорӣ ва дигар фаъолиятҳои бадахлоқона ё девонавор чун доктринаи ҷанги иттилоотӣ-психологӣ).

Тавре аз ин тавзеҳот бармеояд, хатарҳои иттилоотӣ асосан аз ҷониби расонаҳо сар мезананд. Дар замони муосир, ки муборизаҳои иттилоотӣ хеле суръатнок гардидаанд, воситаҳои ахбори омма василаи асосии онҳо шудаанд, ба ибораи дигар, ҷанги иттилоотӣ ба ҷуз расонаҳо силоҳи дигаре надорад.

Дар идомаи андешаҳо А.А. Тертичний менависад, ки таҷовузи иттилоотӣ на танҳо бо истифода аз воситаҳои ахбори анъанавӣ, балки бо кӯмаки интернет-журналистика ва дигар коммуникатсияҳои ба наздикӣ пайдошуда (шабакаҳои иҷтимоӣ дар назар аст) сурат мегирад ва дар ҷомеаи журналистии Русия ин хавфҳои иттилоотие, ки журналистика ба вуҷуд меорад, аз он шаҳодат медиҳад, ки журналистика дар раванди ташаккули худ мушкилоти

муайянеро аз сар мегузаронад, аз ин рӯ, барои бартараф кардани онҳо чорачӯӣ бояд кард.

Ӯ мисол меорад, ки намояндагони ҷомеаи журналистӣ ин душвориҳоро дарк намуда, масъулияти шаҳрвандиро барои ҳодисаҳои рухдода эҳсос карда, барои баланд бардоштани обрӯи касб бо истифода аз механизмҳои худтанзимкунии фаъолияти эҷодӣ дар журналистика кӯшиш карданд, ки қуввахои солимро муттаҳид созанд. Бо ин мақсад конфронси сармуҳаррирони беш аз 30 рӯзномаҳои шаҳрӣ ва вилоятӣ дар мавзуи «Рӯзноманигорон зидди фасод» баргузор гардид. Дар он зикр гардид, ки солҳои охир гурӯҳҳои олигархӣ ба таври фаъол рӯзномаву телевизион ва радиоро ба ихтиёри худ даровардаанд, ки ин боис гардид пас аз соли 1996 ахлоқи умумии касбӣ аз байн равад, зеро ҳолатҳои зархаридии рӯзноманигорон ҳам зиёд ба назар расид. Намояндагони ҷомеаи журналистӣ ба натиҷае расиданд, ки паймони «Килки пок» таҳия гардад, то принсипҳои журналистӣ ва махсусан, меъёрҳои ахлоқи касбӣ мушаххас гардида, барои риояи ҳатмии онҳо талош карда шавад. Баъзе аз муқаррароти ин санад чунин аст: «паёми иттилоотӣ бояд аз шарҳ ба таври равшан ҷудо карда шавад; ҳама гуна таблиғот, иқтисодӣ ё сиёсӣ, бояд бо истифода аз сарлавҳаҳо ё унсурҳои графикии барои истеъмолкунандагони иттилоот фаҳмо таъкид карда шаванд; маълумот бе истинод ба манбаъ ба сифати истисно танҳо дар ҳолатҳое иҷозат дода шавад, ки журналист ин манбаъро дақиқ медонад ва ӯ метавонад, агар қонун ӯро ба ин водор созад, маълумотро бо истинод ба ҳуҷҷат ё шаҳодати шахсӣ тасдиқ кунад; ҳама гуна мусоҳиба, аз ҷумла ҳамчун порчаи матни васеъ, бояд бо мусоҳиб мувофиқа карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин шахс қасдан аз тасдиқи суханони худ даст кашад, ки журналист метавонад бо роҳи дигар тасдиқ кунад; дар жанри таҳқиқоти журналистӣ бояд нуқтаи назари «тарафи дуюм» ҳатман пешниҳод шавад. Дар хулосаи санади мазкур зикр гардид, ки паймони «Килки пок» барои ҳамаи журналистон ва идораҳои журналистие, ки дарк мекунанд, журналистикаи ғаразнок ба асли мавҷудияти ВАО ва касби журналистӣ таҳдид мекунад, боз аст ва онҳо метавонанд ба он ҳамроҳ шаванд.

Воқеан ҳам, ин андешаи муҳаққиқ А.А. Тертичний аҳамиятнок аст, ки мегӯяд истифодаи расонаҳо ҳамчун воситаи асосии ҷанги иттилоотӣ хатаре ба асли журналистика аст ва моҳияти онро ҳамчун касби муҳимми ҷамъиятӣ зери суол мебарад. Мо низ ба ин назар мувофиқ ҳастем, чун ҷомеа журналистикаро на ҳамчун силоҳ, балки ҳамчун сарчашмаи иттилооти саҳеҳу беғараз мешиносаду қабул дорад, аз ин рӯ, набояд ба ин шинохт беэътиноӣ кард.

Ин андешаҳои бештар аз 20 соли пеш аст, ки дар замони дигаргуниҳои куллии ҷомеа ба миён омада, зарурати пешгирӣ аз ғаразу манфиатхоҳӣ тавассути журналистикаро таъкид намуда буд.

Ба назари профессор Ҷ. Саъдуллоев, дар замони муосир фаҳмиш доир ба журналистика ва таъйиноти он дигаргун гардидааст; ба гунаи мисол, он фаврияте, ки қаблан тақозо мешуд, имрӯз аввалиндараҷа нест, зеро журналистика ва воситаҳои расонандаи иттилоъ аз ҳам тафовут доранд, аз ин рӯ, аз журналистика иттилои боэътимоду саҳеҳ талаб мешавад, ки ин вазъият зуҳури журналистикаи босифат аст.

Дар тақвияти ин андешаҳо, мо ба он назар ҳастем, ин ҳамон ҳолатест, ки зарурат ё худ ногузирии риояи меъёрҳои ахлоқи касбиро таъкид менамояд, зеро асоси эътимод ахлоқ аст, ҳарчанд дар чунин шароит ҷанбаҳои ахлоқӣ низ мазмуни нав пайдо мекунанд, аммо асли онҳо боқӣ мемонад.

Дар мавриди ҷанги иттилоотӣ ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар мисоли муноқишаҳои марзии ду соли қабл изҳори назар карда, андешаи худро иброз намудан мехоҳем, чун ин мавзуъ яке аз бахшҳои муҳим дар таъмини амнияти иттилоотист. Дар ҷомеаи журналистии кишвари мо чунин афкоре пайдо шуд, ки гӯё мо ҷанги иттилоотиро бохтем, чун расонаҳои кишвари ҳамсоя хеле фаъол буданд ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ онҳо фаъолтар ба назар мерасиданд, зеро маълумоти зиёдеро дар ихтиёр доштанд.

Аммо ба назари мо, ин тавр набуд, чунки расонаҳои мо танҳо ба маълумоти расмӣ такя карданд ва мақомоти дахлдори мо низ ба расонаҳои байналмилалие, ки худро эҳтиром мекунанд ва барои якҷониба инъикос накардани масъала муроҷиат карда буданд, маълумоти заруриро пешниҳод

карданд, ки барои фаҳмиши дурусти ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат кард; риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ боиси комёбии фаъолият мегардад.

Вобаст ба амнияти иттилоотӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии журналистика ин намуна шоистаи зикр аст: моҳи феврали соли 2016 вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори соҳаи табъу нашр ва матбуот ба палатаи поёнии Парлумони мамлакат – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод намуд, ки бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар ВАО» тағйирот ворид карда шуда, мутобиқи он «ба вазорати фарҳанг ҳуқуқ дода шавад, ки ҳангоми рух додани қонунвайронкуниҳо аз ҷониби идораҳои воситаҳои ахбори омма бо дархости мақомоти прокуратура фаъолияти онҳоро ба муддати се моҳ қатъ намояд» [387].

Аммо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат ҳангоми барраси ин пешниҳод онро напазируфт [387], ки далели возеҳи арҷгузории кишвари мо ба меъёрҳои конститутсионӣ ва арзишҳои ҷомеаи демократӣ мебошад. Аз ин ҷо чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки ба хотири ҳифзи амнияти иттилоотӣ, ки воқеан ҳам, масъалаи муҳим аст, меъёрҳои дигари қабулшуда сарфи назар намешаванд.

Дар маҷмуъ, аз ин баррасиҳо ба натиҷае расидан мумкин аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии журналистика дар таъмин ва ҳифзи амнияти иттилоотӣ нақши муҳим доранд, зеро воситаҳои ахбори омма предмет ва субъекти муборизаҳои иттилоотӣ мебошанд, аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба онҳо ҳамеша хосса аст. Дар чунин шароит талош барои нигаҳдории асли моҳияти тахассус хеле муҳим аст, ки дар ин самт меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ аз мафҳумҳои асосӣ ба шумор мераванд.

Дар замони муосир, дар ҷомеаҳои демократӣ яке аз рукнҳои аслии фаъолияти журналистӣ кафолати озодии сухан ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои фитрии инсон ба шумор меравад, зеро мавқеи бузурги матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма ҳамчун омилҳои амаликунандаи ҳадафҳои ҷомеаи демократӣ эътироф карда мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам дар ҷаласаи тантанавӣ ба ифтихори 100-солагии матбуоти тоҷик ҳамин моҳиятро таъкид намуданд: «Дар ҳақиқат, матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд» [393].

Озодии сухан ва мақоми воситаҳои ахбор дар ҷомеаро ёдовар гардидани мо ба он хотир аст, ки зарурати танзими ҳуқуқии фаъолияти журналистиро тазаккур диҳем, зеро озодии сухан нахустин рамзи зуҳури меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистика ва ҳамин тавр, нишони аҳамияту зарурати онҳо дар фаъолияти журналистӣ ба шумор меравад.

Мо дар бораи зарурат ва аҳамияти меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар фаъолияти журналистӣ маълумот дода, ин нуктаро низ фаромӯш намекунем, ки бархе аз муҳаққиқону рӯзноманигорон, бигзор ангуштшумор ҳам бошанд, вале андешаҳои мухолиф доранд. Масалан, муҳаққиқ И.М. Дзялошинский менависад, муаллифи китоби машҳури «Журналисти универсалӣ» Д. Рендалл ба он андеша аст, ки суҳбат бо рӯзноманигорон дар бораи ахлоқ мисли мавъиза доир ба покдомонӣ бо маллоҳоне аст, ки пас аз шаш моҳи баҳрнавардӣ ба бандар омадаанд: «Ӯ бо ин тезиси ҳайратангези худ изҳор дошт, ки ахлоқ як масъалаи беаҳамият аст, зеро рӯзноманигорон ҳангоми фаъолият барои андешидан дар бораи он вақт надоранд, барои онҳо муҳим маош ва пешсафӣ дар рақобат аст» [72, с. 7].

Аммо ҳамин муаллиф дар китоби худ – «Журналисти универсалӣ» як боби алоҳидае дорад бо номи «Этикаи нав» [197, с. 47-53]. Дар ин боби китоби худ ӯ доир ба этикаи касбии журналист маълумоти ҷолибе пешниҳод намуда, 13 меъёри ахлоқиро низ муқаррар мекунад:

Журналистон бояд танҳо ба рӯзнома ва хонандагони худ хидмат намоянд;

мақсади ҳар як мақола бояд ҷустуҷӯи рӯирости ҳақиқат бошад;

ҳеҷ гоҳ ваъдаи чопи ягон маводро дар рӯзнома надиҳед;

журналистон набояд ба рекламадиҳандагон имкон диҳанд, ки ошкоро ва ё бо ягон воситаи дигар ба мундариҷаи маводди рӯзнома таъсир расонанд;

маводди журналистӣ танҳо барои таҳрир ва мувофиқа ба қаҳрамони матлаб дода шавад, на ин ки мундариҷа бо ӯ муҳокима гардад;

иқтибосҳо бояд ҳамеша дақиқ бошанд;

ҳеҷ гоҳ мақоми худро барои таҳдид ё имтиёз истифода накунед;

ваъда надиҳед, ки ба хотири дӯстӣ ё ягон хизматрасонӣ мақоларо аз рӯзнома «мегиред»;

ҳеҷ гоҳ одамонро барои гирифтани иттилоот аз онҳо фиреб накунед;

маълумотро аз пеши худ набофед ва онро барои беҳтар кардани маводди худ истифода набаред;

ҳеҷ гоҳ сарчашмаи иттилооти худро фош накунед;

ҳамеша хатоҳои худро ислоҳ намоед;

набояд ҳеҷ гоҳ аз мақолаи худ имтиёзҳои шахсӣ интизор дошта бошед.

Тавре аз ин меъёрҳо бармеояд, ҳама ба тарзе ифодагари маҷмуии меъёрҳои ахлоқии маълуму машҳур ва дар аксар санадҳои ахлоқии сатҳҳои гуногун мавқеъ доранд. Аз ин ба натиҷае расидан мумкин аст, ки ҳеҷ гоҳ наметавон меъёрҳои ахлоқиро инкор кард; аз як тараф метавон як андешаро баён намуд, вале табиати ахлоқи инсонӣ аст, ки боз худ ба ахлоқ ниёзманд мегардад.

Тасдиқи ин сухан андешаи дигар мебошад: Собиқ сармуҳаррири рӯзномаи донишгоҳии Колумбияи шаҳри Ню–Йорк «The Columbian Daily Spectation» Марк Артур риояи принсипҳои ахлоқиро муҳим намешуморад, зеро ба ақидаи ӯ, зимни таҳлил ва баррасии масоили сиёсӣ дар баъзе мавридҳо ба хотири риояи меъёрҳои ахлоқӣ ҳақиқат аз аудитория пинҳон дошта мешавад. Ӯ чунин мепиндорад, ки сиёсатмадорони дунё принсипи мазкурро барои манфиатҳои худ истифода мебаранд ва дар натиҷа чеҳраи аслии онҳо аз назари ҷомеа пинҳон мемонад. Ба назари Марк Артур, бояд рӯзнома вазифаи

аввалиндараҷаи худ – иттилоъ расониданро бе чуну чаро иҷро намояд; дар ҳама лаҳзаҳои эҷодӣ бояд баҳри ифшои ҳақиқат ва таъмини озодии баён кӯшиш кунад. Ин амал бояд шиори ҳамешагии журналист бошад.

Ин андеша ҳам аз нигоҳи аввал, гуё зидди мавҷудияти меъёрҳои ахлоқӣ мебошад, вале вақте амиқ муносибат менамоем, ба назари мо, айни эътирофи меъёрҳои ахлоқи касбӣ аст, зеро иҷрои вазифаи аввалиндараҷа ва ифшои ҳақиқату таъмини озодии баён аз нахустин талаботи касбӣ ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба шумор мераванд; бидуни таваҷҷуҳ ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ иҷрои вазифаи аввалиндараҷа ва муҳимми касбӣ, таъмини озодии баён ғайримумкин аст, чун озодии баён пеш аз ҳама, худ мафҳуми ахлоқист. Мафҳуми ахлоқӣ ном бурдани мо ба хотири эҳсоси масъулияти он аст, зеро озодӣ бидуни масъулият ҳеҷ мазмун ва маъное надорад ва ҳатто аз рӯйи баъзе мушоҳидаҳо метавон гуфт, ки хатарнок ҳам ҳаст.

Мо ин мавқеъро ишғол намуда, далели журналист Марк Артурро низ ба эътибор мегирем, зеро ӯ пинҳон доштани ҳақиқатро аз аудитория мутобиқ ба талаботи меъёрҳои ахлоқӣ мешуморад, вале ин нуктаро ҳам таъкид намудан мехоҳем, ки меъёрҳои ахлоқӣ то ҳадди имконпазир ҳеҷ гоҳ пинҳон доштани ҳақиқатро талаб намекунанд.

Аз ин андешаҳо ба натиҷае мерасем, ки меъёрҳои ахлоқи касбӣ ҳамеша муҳим ва зарурӣ ҳастанд, чун дар ҳама маврид пешорӯи журналистон қарор мегиранд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки 10 декабри соли 1948 қабул гардида, риояи он ба ҳамаи кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид тавсия шуда буд, дар моддаи 18-ум озодии фикриро ба тамоми инсонҳо кафолат медиҳад.

Эъломияи мазкур нахустин ҳуҷҷати ҳуқуқии ҷаҳонӣ буд, ки баъдан ҳамчун сарчашмаи аксар конститутсияҳои кишварҳои демократии олам шинохта шуд, яъне он ҳама кишварҳое, ки пас аз ин эъломия самти равишу рушди худро демократӣ эълон карданд, онро сарчашмае барои қадршиносии инсон донистанд.

Ин як муқаддимае барои дарки моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шароити

муосир буд, ки дар асоси он маҳаки аслии ҳама меъёрҳоро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои инсон ташкил медиҳад. Аммо ин нукта ҳам шоистаи таъкид аст, ки ҳар гоҳ сухан дар атрофи ҳуқуқ ва озодиҳо меравад, ҳатман мафҳумҳои уҳдадорӣ ва масъулият низ ҳамроҳи онҳо ҳастанд, ки ҳамин ҷанбаи муҳим моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро ифодагар мебошад.

Муҳаққиқ, профессори факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов, директори Институти масъалаҳои ҳуқуқи иттилоотӣ, сармуҳаррири маҷаллаи «Қонунгузорӣ ва таҷрибаи расонаҳо» А.Г. Рихтер дар муқаддимаи китоби «Асосҳои ҳуқуқии журналистика» менависад, ки «барои дарки масъала пеш аз ҳама, бояд ба моҳияти ҳуқуқ, сарчашмаҳо ва принсипҳои он таваҷҷуҳ намуд» [199, с. 8].

Ба назари ӯ, мафҳуми ҳуқуқ дар ду навъи фаҳмиш ифода меёбад: субъективӣ ва объективӣ: Аз нигоҳи субъективӣ, ҳуқуқ ифодагари мафҳуми меъёрҳои дурандешонае мебошад, ки манфиатҳои молумулкӣ ва ё ғайримолумулкии шахсонро дар ҳолатҳои мушаххас муайян ва ҳифз менамояд. Аз нигоҳи объективӣ бошад, ҳуқуқ ин низоми меъёрҳои барои ҳама ҳатмии рафтор мебошад, ки бо мақсади таъмини баробарии инсонҳо ва ҳифзи манфиатҳои онҳо муқаррар гардида, ҳадии озодиҳои онҳоро низ муайян мекунад; ин низоми меъёрҳо метавонанд дар қонунҳо ва дигар санадҳои расмӣ ифода ёбанд. Риояи онҳо аз ҷониби давлат таъмин мегардад ва ин низом ҳамеша бо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию маънавии ҷомеа мувофиқ гардонида мешавад. Хислати муҳимтарини ҳуқуқ он аст, ки меъёрҳои он бояд ҳатман дар қонун ва ё дигар санадҳои расмӣ дарҷ гарданд. Ин санадҳо метавонанд паймонҳои байналмилалӣ, фармон, қарор ва дигар аснод бошанд, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ қабул гардидаанд. Ин ҳуҷҷатҳо ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқ дониста мешаванд.

Ӯ таъкид мекунад, ки дар муносибати ҳуқуқ бо давлат нисбат ба дигар низоми муносибатҳо, ба монанди ахлоқӣ, сиёсӣ, динӣ, корпоративӣ тафовутҳо ҷой доранд: «Мундариҷаи меъёрҳои ҳуқуқиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои ҷамъиятӣ дар раванди муносибатҳо ташкил медиҳад, ки ба

воситаи онҳо озодӣ ва манфиатҳои субъектҳо ҳифз карда мешавад» [199, с. 9].

Ин шарҳҳо, ки дар маҷмуъ, моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро бозгӯ менамоянд, ба назари мо, зарурат ва аҳамияти онҳоро низ дар ҷомеа ошкор месозанд. Тавре аз ин тавзеҳот бармеояд, меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳз барои он шакл гирифтаву низом пайдо мекунанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ таъмин гардида, ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои ҷомеа ҳифз карда шавад.

Ҳуқуқшиноси маъруф Ҷунайд Ибодов ҳам тазаккур медиҳад, ки қонунгузории муосири ҷаҳонӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон равона гардидааст ва ин саабу омилҳои худро дорад, ки ваҳшонияти Ҷанги дуюми ҷаҳон далели он мебошад. Ӯ аз чор озодии муқарраркардаи президенти вақти ШМА Рузвелт ёд мекунад, ки инҳо «озодии сухан ва баёни ақида, озодии эътиқод, озодӣ аз муҳтоҷӣ ва озодӣ аз тарс мебошанд» [100, с. 5].

Ҳамин тавр, чун идомаи мантиқии ҳамин фаҳмиш, меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистика, ки дар шакли қонунҳо ва дигар санадҳои расмӣ ифода ёфтаанд, барои иҷрои ҳамин аҳдоф қабул мегарданд ва раванди иҷроишашон назорат мегардад, ки ин ҳам ба назари мо, ҷанбаи хеле мубрам аст, зеро назорате, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ хос гардида, хеле муҳим мебошад.

БОБИ II
РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МЕЪЁРҲОИ ЭТИКӢ ВА ҲУҚУҚӢ ДАР ВАО-И ТОҶИК

Ба назари мо, одоби журналистӣ ҳамчун мафҳуми мушаххаси касбӣ бо вуҷуди таърихи беш аз як асра доштан бояд дар доираи васеътар мавриди баррасӣ қарор гирад. Сайри таърихӣ доир ба дарки мафҳуми ахлоқ аҳамиятнок аст, зеро ин мафҳуме, ки имрӯз дар журналистика мавриди истифода қарор дорад, аз шарҳҳои фалсафии он оғоз меёбад ва имрӯз низ чунин зовияи фаҳмиши мафҳум аҳамияти худро гум накардааст.

Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем ин мазмунро ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор диҳем, зеро ахлоқи журналистӣ аз меъёрҳои умумии инсонӣ сарчашма мегирад ва баъдан мушаххас мегардад.

Дар таърихи халқи мо сар аз Зардушт ва маҳаки таълимоти ӯ – «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» то Саъдии Шерозию Унсурулмаолии Кайковус ва муаллифони «Ахлоқи Муҳсинӣ»-ву «Футувватномаи султонӣ», ҳама адибони классик ба масъалаҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудаанд, зеро асоси ҳастии инсон дар ҷомеа будани он барояшон дақиқ буд.

Таълимоти онҳо то имрӯз арзиши худро гум накардааст, балки бештар гардида, чун василаи такомули ахлоқии ҷомеа эътироф мешавад.

Дар осори олимону файласуфони Шарқ, чун Абӯалӣ ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Муҳаммад Ғаззолӣ, Ибни Рушд бахшҳои алоҳидае ба ахлоқ ихтисос дода шуда, муҳимтарин ҷанбаҳои он дар робита ба қонуниятҳои идораи давлат ва низоми ҷамъият зикр гардидааст.

Ин тазаккурот аз ҳар ҷониб аҳамиятнок мебошанд, зеро таваҷҷуҳ ба қонуниятҳои идораи давлату низоми ҷомеа аз муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор мераванд; омилҳои асосии танзимкунандаи ҷомеа ахлоқ ва ҳуқуқ мебошанд, ки диққати асосӣ дар ҳар таълимот ба махсусиятҳои онҳо равона гардидааст.

2.1. Омилҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ

Мафҳуми ахлоқ аз дидгоҳи фалсафӣ ҳануз дар Юнони қадим мавриди баррасӣ қарор гирифта, файласуфони бузурге чун Афлотун, Арасту, Эпикур, Суқрот ва дигарон доир ба он изҳори назар кардаанд. Агар дар андешаҳои Афлотун ва Арасту ахлоқ ҷузъе аз ҳастӣ бошад, пас Суқрот ба сифати нафаре шинохта мешавад, ки меҳвари фалсафаи ӯро ахлоқ ташкил мекард: Дар маркази таваҷҷуҳи фалсафаи Суқрот инсон ва худшиносии вай меистад. Дар зери худшиносии инсон, ки он бо ифодаи «худро бишинос» дар пештоқи даромадгоҳ ибодатхонаи Апполон дар Делфа ҳамчун шиор навишта шуда буд, шиори Суқрот низ буд. Шиори дигари Суқрот «Ман медонам, ки ҳеҷ чизро намедонам» буд. Худшиносӣ дар фалсафаи Суқрот, маънии худшиносӣ ҳамчун ҳастии ҷомеавӣ ва ахлоқӣ ба шумор мерафт. Хулоса, «муҳтавои асосии фалсафаи ӯ масъалаҳои ахлоқӣ буданд. Инсонро Суқрот ҳамчун ҳастии ахлоқӣ баррасӣ мекард. Бинобар ин фалсафаи ӯ инсоншиносии (антропологизми) ахлоқӣ мебошад» [156, с. 56].

Муҳаммад Ғаззолӣ яке аз мутафаккирони барҷастаи асрҳои миёнаи халқи тоҷик аст. Бо он ки дар фалсафа ба бисёр афкору ақидаҳои илмӣ комилан зид баромада, дар Шарқу Ғарб ба сифати назариётчии дин шӯҳрати зиёд пайдо кардааст, дар боби ахлоқ андешаҳое дорад, ки онҳоро сатҳи олии ақидаҳо номидан мумкин аст. Ақидаҳои ахлоқии Муҳаммад Ғаззолӣ дар асарҳои «Таҳофут-ул-фалосифа», «Эҳё-ал-улумаддин», «Кимиёи саодат», «Ахлоқ» ифода ёфтааст. Дар ин асарҳо сифатҳои беҳтарини инсониро ба монанди хушахлоқӣ, оқилӣ, хоксорӣ, қаноатмандӣ, олиҳиммативӣ, ростиро ситоиш намуда, хулқи бад, ҷоҳилӣ, такаббур, ҳарисӣ, бахилӣ, беадолатӣ, каззобиро маззамат кардааст. «Хушахлоқӣ, – қайд мекунад Ғаззолӣ, – симои одамро муайян мекунад ва он дарвозаест, ки ба сӯйи биҳишту қурби Парвардигор мафтуҳ мегардад. Хушахлоқӣ ва хушфеълии инсон беҳтарин фазилатҳои ҳусни инсон аст. Аз ин рӯ, хушахлоқӣ нишонаи зотии инсон буда, бидуни он

ҳастии ҷомеа имкон надорад. Аз ҳамаи илмҳо, ба андешаи Ғаззолӣ, илми ахлоқ шарифтарин илм ба ҳисоб меравад, ки ҳадафи асосиаш тарбияи одаму одамият мебошад» [62, с. 7].

Ҳамчунин, Муҳаммад Ғаззолӣ фазилатҳои чоргонаи Афлотун (ҳикмат, шуҷоат, иффат ва адолат)-ро пазируфта, ба мисли Арасту тарафдори эътидол буд: «Шиддат ва сангдилӣ аз худ ҷое ва раҳмдилӣ ҷое дорад. Камоли инсон дар он нест, ки дар ҳар ҳол шадид ва дар ҳар ҳоле нарму меҳрубон бошад» [56, с.9]. Ба назари мо, ин андешаи муҳимми ахлоқӣ мебошад, зеро эътирофи эътидол – шинохти ҳадди худ ва риояи он дар ҳама ҳолат, ба ибораи дигар, дарёфти миёнаи тиллоӣ яке аз аввалин ва муҳимтарин афкори ахлоқӣ мебошад.

Муҳаммад Ғаззолӣ бар хилофи он ақидаҳо, ки ахлоқро қобили тағйир намедонистанд ва табиатан чӣ хеле ҳаст, ҳамин тавр бе ягон тағйирёбӣ, такомулот ҳамин хел мондан мегирад, зид баромада, қайд мекунад, ки ахлоқ ба василаи риёзат қобили тағйир аст, инсон метавонад ба воситаи илму дониш, маърифатнокӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, бо таъсири муҳити атроф ҳусни ахлоқи худро тағйир дода, ба камолот соҳиб шавад. Мутафаккир қайд мекунад, ки агар ахлоқ қобили тағйир намебуд, ин ҳама насиҳатҳо, панду ҳикматҳо, роҳнамоиҳо ва таърифҳо беҳуда нигоҳ дошта намешуд ва паёмбар намефармуд, ки ахлоқи хешро накӯ созед.

Дар баробари он ки афкори арзишманде дар боби ахлоқ изҳор гардидааст, инчунин, андешаҳое ҳастанд, ки бо мурури замон, кӯҳна гардида, аз ҷониби мутафаккирони дигар мавриди интиқод қарор гирифтаанд. Ин ҳолат агар аз як ҷониб, гувоҳ ва сабаби пешрафти ҷомеа бошад, аз тарафи дигар, нишони зиддиятнокии мавқеъҳо мебошад, ки имрӯзҳо низ вуҷуд дорад ва чун гуногунандешӣ муаррифӣ мешавад.

Яке аз файласуфони асримиёнагии Шарқ Абӯбакр Муҳаммад ибни Яҳё маъруф ба Ибни Боҷа ба масъалаҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳи хос дошт. Дар таълифоти ӯ, манзараи камолоти ахлоқии фард, ки туфайли ба ақли фаъол пайвастани ақли инсон ва хушбахт гардидан фаро мерасад, инъикос ёфтааст.

Ба назари Ибни Боҷа, муҳимтарин омиле, ки инсонро ба саодати ҳақиқӣ мерасонад, ин дӯстӣ, муҳаббати тарафайни одамон мебошад. Лекин бояд қайд кард, ки андешаи Ибни Боҷа доир ба муҳаббат маҳдуд аст, чунки ӯ сабаби нобаробарии гурӯҳҳои мухталифи ҷамъиятӣ ва тафовути қатъии тарзи зиндагии ошкор карда натавониста, халқро ба муҳаббату дӯстӣ даъват мекунад. Ф. Энгелс таълимоти ахлоқии Фейербахро танқид карда, менависад, ки ӯ бо тамоми қувва ба табиат ва одам мечаспад, аммо ҳам табиат ва ҳам одам дар асарҳои ӯ суханҳои хушку холӣ шуда мемонанд. Фейербах чӣ дар бораи табиати воқеӣ ва чӣ одами воқеӣ ягон чизи муайян гуфта наметавонад. Мухтасар гӯем, ба назарияи ахлоқи Фейербах айни ҳамон ҳодисае руй додааст, ки ба ҳамаи гузаштагони вай рӯй дода буд. Ин ахлоқ барои ҳамаи замонҳо, барои ҳамаи халқҳо, барои ҳамаи ҳолатҳо ба вуҷуд оварда шудааст ва маҳз барои ҳамин дар ягон ҷо ва ҳеҷ вақт татбиқ шуда наметавонад.

«Ин фикри Энгелсро ба ақидаҳои Ибни Боҷа, ки аз Фейербах ҳафт аср пештар, дар давраи хеле паст будани дараҷаи инкишофи қуввaҳои истеҳсолӣ зиндагӣ мекард, пурра татбиқ кардан мумкин аст» [219, с. 107] .

Ақидаи дигари Ибни Боҷа, ки ба категорияи ахлоқӣ – некӣ ва бадӣ марбут аст, ҷолиби диққат мебошад. Ба ақидаи ӯ, инсон мавҷудоти аз ҳама олӣ мебошад, вай ки шарафи одамро гирифта аст, бояд фақат адолату некиро парварад ва бо ҳамин номи некашро дар хотири насли оянда боқӣ гузорад. Ӯ ба аъёну ашроф, ҳокимон муроҷиат мекунад, ки ҳамеша аз пайи накӯӣ ба халқ бошанд. Ин ақидаи мутафаккири асри XII Ибни Боҷа бо вуҷуди соддалавҳона буданаш аз баъзе мутафаккирони даврaҳои минбаъда хеле прегрессивитар мебошад. Агар дар он замон файласуф бар зидди бадӣ ва ҷоҳилӣ баромада, ба имконияти нест шудани он боварӣ дошта бошад, файласуфи асри XVII-и англис Бернард Мандевил дар бораи роли бадӣ дар ҷамъият чунин навишта буд: ...дар он лаҳзае, ки бадӣ мавҷудияташро гум кунад, ҷамъият ба таназзул ё умуман ба вайроншавӣ омада мерасад. Ақидаҳои файласуфи классикии асри XVIII-и немис Эммануэл Кант дар бораи некӣ ва бадӣ ҳам хато ва ҳам реаксионӣ мебошанд. Ахлоқи ҷамъияти маҳзунашро мушоҳида карда, Кант

қайд мекунад, ки гӯё насли инсоният моҳиятан бад ва вайроншуда мебошад. Ин сифатҳои бади инсон модарзодӣ буда, тағйир ва инкишоф намеёбанд.

Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Рушд, ки дар Аврупои асримиёнагӣ бо номи Авёрроэс машҳур аст, яке аз симоҳои барҷастаи маданияти асри XII мебошад. Андешаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии Ибни Рушд дар чунин асарҳояш: «Шарҳ ба Республикаи Афлотун», «Шарҳ ба Ахлоқи Никомаи Арасту», «Дар бораи ақл», «Масъалаҳои фалсафа», «Фасл-ал Мадал» (рисолаи эътимоднок) ва монанди инҳо инъикос ёфтааст.

Ибни Рушд ҷиҳатҳои мусбати таълимоти пешинро оид ба масъалаҳои ахлоқ қабул намуда, манбаи мафҳумҳои ахлоқро дар ҳаёти реалии одамон, дар саъю кӯшиши онҳо барои хушбахтӣ ва зебоӣ ҷӯё мешавад. Мутафаккир ҳангоми муайян кардани вазифа ва мақсади илми ахлоқ ақлу хирад ва ахлоқу одобро аз беҳтарин сифатҳои инсонӣ ва воситаи пешрафти ҷамъият шуморида, адолатро бидуни ин сифатҳои инсонӣ ғайри қобили тасаввур медонист.

Яке аз ақидаҳои ҷолиби Ибни Рушд доир ба ахлоқ, ин таъкиди «инсон табиатан майл ба камолот дорад» мебошад. Бо ин мавқеи худ мутафаккир ба баъзе ақидаҳо, ки тарбияи ахлоқро мушкил пиндошта, ба табиати баду неки он сарфаҳм нарафта, гумон карданд, ки тағйири он ғайримумкин аст, вай табиатан тағйирнопазир мебошад, зид мебарояд.

Ӯ ҳамчунин, таассуби диниро маҳкум карда, меъёр ва қоидаҳои ахлоқро дар заминаи таҷрибаи ҳаёти ҷамъиятии одамон мебинад. Ба ақидаи Ибни Рушд, категорияи ахлоқӣ дар шароити конкретии фаъолияти одамон метавонад дигаргун шавад ва тараққӣ кунад. Категорияҳои ахлоқӣ, мувофиқи таълимоти ӯ, бояд на фақат дар худ қоидаю меъёрҳои муайяни муносибатҳои ахлоқиро дар бар мегиранд, балки то як андоза натиҷаи фаъолиятноки оқилонаи одамон мебошанд. Мутафаккири бузург таъкид мекунад, ки инсон бояд дар кирдори худ на тарсу ҳаросро, балки хиради озод, шавқу ҳавас ва муфидро дастурамал намояд: «Берун аз хираду ақл ирода вуҷуд надорад. Ба назари ӯ, иродаи озод пайваста бо ақлу хирад барои одамон аҳамияти бузургро молик мебошад. Ақл аз ҳиссиёт ва рағбату хоҳиш баландтар меистад. Ақл

бояд асоси ахлоқро ташкил кунад» [219, с. 152].

Барои пурра огоҳ ёфтан аз моҳияти ахлоқ ба афкори мутафаккирони бузурги замони қадим ва асрҳои миёнаи Юнони қадим ва Шарқ рӯй овардем. Афкори Афлотуну Арасту доир ба ахлоқ маълумтар ҳастанд (махсусан он таъкиди Арасту, ки ахлоқ бояд ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошад), вале барои мо ҷолиб буд, истилоҳи «этика» ҳамчун илм ва ё шохаи илм аз куҷо сарчашма мегирад. Файласуфи Юнони қадим Эпикур этикаро ҳамчун шохаи илм таъкид карда, онро шарҳ медиҳад. Аз ин рӯ, вақте изҳори назар мекунем, ки масъалаҳои ахлоқӣ аз муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти инсоният ҳастанд, маҳз ҳамин андешаҳоро дар назар дорем.

Аз ҷониби дигар, вақте пайдоиши меъёрҳои ахлоқиро дар журналистика пайгирӣ мекунем, ҳатман ба заминаҳои умумӣ таваҷҷуҳ мебояд, зеро маҳз онҳо асоси пайдоиши меъёрҳо дар соҳаҳои алоҳида ҳастанд. Таваҷҷуҳ намудан ба андешаҳои ахлоқии файласуфи бузург Ғаззолӣ, ки хушахлоқиро нишонаи зотии инсон, ҳастии ҷомеаро бидуни он ғайримумкин ва ахлоқро шарифтарин илм дар тарбияи одамият медонад, зарурат дорад ва мо низ ин заруратро истисно накардем, зеро хулосаи ниҳоии бақои ҳастии инсоният ба ахлоқ вобаста аст.

Нигоҳи маҷмуӣ ба афкори мутафаккирони аҳди қадиму асрҳои миёна гувоҳи он аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ чун ҷузъи муҳимми ҳаёти инсон аз оғози худшиносии инсонӣ мавриди таваҷҷуҳу баррасӣ қарор дошта, муҳиммияти он ҳамеша таъкид шудааст. Аз ин рӯ, омили пайдоиши меъёрҳои ахлоқиро метавон ба ҳастии маънавии инсон пайванд дод.

Муҳаққиқ Р.Соҳибназарбекова масъалаи худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма дар кишварҳои Осиёи Марказиро [218, с. 33] таҳлил намуда, менависад, танзими ахлоқии журналистика барои кишварҳои Осиёи Марказӣ падидаест, ки маҳз дар даврони истиқлол амалӣ шудааст... Сайри мухтасар ба таърихи нисбатан кӯтоҳи таҳаввулоти худтанзимкунӣ дар фазои пасоШуравии Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, пас аз ба даст овардани истиқлолият миёни ҷумҳуриҳои минтақа дар Қирғизистон аввалин кӯшишҳо барои қабули

кодекси одоби касбӣ сурат гирифта, соли 1997 бо дастгирии Иттиҳоди журналистони ин кишвар чунин санад бо имзои аксар сардабирони рӯзномаҳои бонуфузи ба имзо расид, вале ба роҳбарӣ гирифта нашуд, чун он замон ҳеҷ ниҳоде барои назорати риояи он таъсис наёфта буд... Бори дуюм соли 2008 Кодекси одоб дар анҷумани якуми Иттиҳоди журналистони Қирғизистон қабул гардид ва ин дафъа ниҳоди махсус – Комиссия оид ба шикоятҳо алайҳи ВАО таъсис дода шуд, ки ба татбиқи кодекси одоб масъул буд. Аз рӯи тартиби қабули санадҳои ахлоқӣ Қирғизистон баъд аз Ӯзбекистон қарор дорад; соли 2004 Кодекси ахлоқии журналистони Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори омма ва Оинномаи ширкатҳои телевизион ва радиошунавонии ғайридавлатӣ, соли 2006 Иттиҳоди рӯзноманигорони Ӯзбекистон Кодекси ахлоқии рӯзноманигорони матбуот ва оҷонсиҳои иттилоотӣ қабул гардид.

Доир ба таҷрибаи Тоҷикистон менависад, ки баҳсҳо оид ба қабули санади ахлоқӣ аз соли 2002 оғоз шуд, лоиҳаҳои гуногун омода шуданд, аз ҷумла, лоиҳаи аввал дар ин сол аз ҷониби профессор И.Усмонов, ки он вақт коршиноси Ассосиатсияи миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон (АМВАОМТ) ҳам буд, таҳия ва пешниҳод карда шуд. Сарфи назар аз он ки лоиҳаи мазкур дар семинарҳои гуногун дар маркази вилоятҳо, дар пойтахт муҳокима шуда бошад ҳам, қабул нагардид. «Баррасии зарурати қабули санади ахлоқӣ дар доираи лоиҳаи раёсати иттилооти вазорати корҳои хориҷӣ оид ба омӯзиши журналистон ва намояндагони сохторҳои давлатӣ дар заминаи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар назди ҷомеа соли 2007 аз сар гирифта шуд, вале боз ҳам қабул нашуд» [218, с. 34].

Ин муҳаққиқ ҳам нахустин кӯшиши қабули кодекси ахлоқиро ба лоиҳаи АМВАОМТ марбут медонад (чун Нуриддин Қаршибоев лоиҳаи Иттифоқи журналистонро сарфи назар мекунад) ва сабабҳои қабул нагардидани ин лоиҳаҳоро шарҳ надода, танҳо ишора мекунад, ки лоиҳаҳои мазкур аз ҷониби ҷомеаи журналистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, доир ба онҳо дар саҳифаҳои матбуот матолиб чоп шуданд ва ҳатто бо ташаббуси журналист

Зулфиддин Муъминҷонов дар шабакаи телевизионии «Пойтахт» мубоҳисаҳо атрофи лоиҳаи кодекси одоб ташкил карда шуданд.

Доир ба омилҳо танҳо ин нукта тазаккур меёбад, ки ҷомеаи касбии журналистони мамлакат дар масъалаи қабули меъёрҳои ахлоқӣ ва таъсиси як ниҳоди худтанзимкунӣ дар мавқеи ягона набуданд; аммо сарфи назар аз ихтилофҳо, дар соли 2009 рӯзноманигорони тоҷик василаи муҳими худтанзимкуниро бо номи «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ» дарёфт карданд, ки муқаддима ва 17 банд дорад.

Муҳаққиқ Р.Соҳибназарбекова ба таври муқоиса менависад, ки чунин вазъ дар дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ (ба истиснои Туркманистон, ки дар ин кишвар масъалаи қабули санади ахлоқӣ аз ҷониби рӯзноманигорон матраҳ нашудааст) низ ба мушоҳида мерасад.

Ӯ дар мисоли таҷрибаи Қазоқистон ҳолатҳои ҷолиберо зикр мекунад, ки нишони аҳамияти бузурги меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ ҳастанд; дар ин кишвар ҳам лоиҳаи кодекс дар ибтидои асри XXI таҳия ва мавриди баррасию баҳсҳо қарор гирифта, ба охир нарасида буд, чун дар миёни ҷомеаи журналистӣ мухолифон зиёд буданд ва иддао доштанд, ки қонуни васоити ахбори омма талаботи кодекси ахлоқии ҷомеаи журналистӣ ё меъёру қоидаҳои ахлоқии таҳририяро дар бар намегирад, аз ин рӯ, оинномаи намунавӣ, ки меъёру қоидаҳои ахлоқӣ ва кафолатҳои иловагии журналистонро дар бар мегирад, таҳия карда шавад.

Соли 2006 ҳангоми кӯшиши навбатии қабули кодекси ахлоқӣ Дариға Назарбоева (он замон вакили парлумон) пешниҳод кард, ки талаботи ин кодекс ба шартномаҳои меҳнатии рӯзноманигорон ворид карда шавад: Ҳамин тариқ, ихтилофҳо боиси он гардид, ки кодекси ахлоқӣ пас аз 10 сол, яъне соли 2012 танҳо пас аз суханронии президент Нурсултон Назарбоев дар бораи он ки «ВАО бояд дар асоси меъёрҳои возеҳи Кодекси миллии ахлоқи журналистӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқии истеъмолкунандагонро аз иттилооти таҳрифшуда ва ғайриқонунӣ ҳифзкунанда» фаъолият намояд, қабул гардид» [218, с. 35].

Зикри таҷрибаҳои кишварҳои минтақа бо мақсади муайян намудани

умумият ва тафовути муносибатҳо бо меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ анҷом дода шуд, ки ин амал моҳияти санади Шурои ВАО-и Тоҷикистон – «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ»-ро бештар ошкор менамояд. Муҳаққиқ Р. Соҳибназарбекова ҳам ба таври муқоиса баъзе аз меъёрҳои санадҳои ҳамгунро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки чанде аз онҳоро тазаккур медиҳем, чун ин меъёрҳо дар навбати худ махсусияти санадҳоро нишон медиҳанд.

Ӯ менависад, ҳама меъёрҳои ин санадҳо арзишманд ҳастанд ва қисме аз онҳоро махсус бояд зикр кард. Масалан, дар санади ахлоқии журналистони Қирғизистон чунин муқаррарот ҳаст: рӯзноманигор бояд аз узвият ба ҳизб, фаъолияти сиёсӣ, кор дар хизмати давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ худдорӣ намояд. Дар акси ҳол, ӯ бояд дар ин бора ба аудиторияи худ хабар диҳад», ки ин тавзеҳи бештари принсипи беғаразии фаъолияти журналистиро дар назар дорад. Ду меъёри зерини Кодекси журналистони Қазоқистон, ба андешаи мо, на ба меъёрҳои ахлоқӣ, балки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ дахл доранд, масалан, «журналист аз тамоми кафолатҳои ҳимоя дар суд ва дигар расмиёти пешбининамудаи қонунгузории Қазоқистон дар ҳолати зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварӣ, таҳқир, таҳқир, зарари моддӣ ё маънавии журналист бархурдор аст», «журналист қонунгузории амалкунандаро эътироф мекунад ва масъулиятро барои вайрон кардани он бар дӯш мегирад», ба вазифаҳои журналист ишора мекунад. Дар Кодекси журналистони Ӯзбекистон ба масъалаҳои ҳифз ва рушди анъанаҳои халқи ӯзбек таваҷҷуҳи махсус дода шудааст: «журналист масъулияти худро барои ҳифз ва рушди анъанаҳои халқи ӯзбек дарк мекунад».

Меъёрҳои зерини санади ахлоқии рӯзноманигорони Ӯзбекистон низ қобили таваҷҷуҳ аст: маҳорати касбии рӯзноманигор аз таҳкими эътимоди мардум ба ВАО, мусоидат намудан ба муколамаи ошкоро бо аудитория, қабули шикоятҳои одилонаи ҷомеа дар бораи фаъолияти худ ва журналист бояд ба намунаҳои беҳтарини эҷодии намояндагони ин касб пайравӣ намояд. Аммо дар баробари ин, банди навбатии Кодекс, яъне эҳтиром ба мақомот ҳамчун институти муҳими иҷтимоӣ, ки барои идоракунии ҳаёти ҷамъиятӣ

пешбинӣ шудааст, ба мақомот дар фаъолияти касбии журналистон мавқеи махсус медиҳад.

Ин муҳаққиқ ба таври муқоиса аз санади ахлоқии Тоҷикистон ҳам намуна меорад: васоити ахбори омма ва рӯзноманигорон ҳангоми инъикоси ҳама гуна мавзуъ ҳувияти миллӣ ва эҳтиром ба фарҳанги миллатҳои дигарро ҳифз мекунанд. Онҳо аз таблиғи бадахлоқӣ, ки метавонад ба ахлоқи миллӣ зарар расонад, худдорӣ мекунанд.

Дар воситаҳои ахбори омма чоп кардани лаҳзаҳои ҳаёти шахсии одамон, ки аҳамияти ҷамъиятӣ доранд, иҷозат дода мешавад. Дар баробари ин, ҳуқуқи одамоне, ки ба ин масъала дахл надоранд, эҳтиром карда мешавад.

Ба назари мо, ин муқоисаҳо, ки дар баробари умумият махсусияти санадҳои ахлоқиро бозгӯ менамоянд, аҳамияти онҳоро дар фаъолияти журналистӣ таъкид намуда, он андешаро, ки «масъалаи меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистикаи кишварҳои пасоШуравӣ чандон аҳамиятнок нестанд» [251, с. 10], рад менамояд.

Вақте таъкидан ба масъалаи нақши меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистика рӯй меорем, ин мавқеи журналисти маъруф Раҷаб Мирзоро иброз медорем, ки дар як мусоҳибаи ихтисосӣ ба суоли он ки «агар этикаи касбии журналистӣ намебуд, чӣ мешуд?» ҷавоб додааст ва ба назари мо хеле посухи амиқу арзишманд мебошад: Оё медонед, одобномаи журналистӣ дар дунё барои чӣ пайдо шуд? Дар кишварҳои ғарбӣ ҷараёне шакл гирифт, ки ҳукумат мехост ба воситаи қонунгузорӣ фаъолияти журналистиро маҳдуд намояд. Дар натиҷа онҳо тасмим гирифтанд, ки худашон кодекси ахлоқӣ нависанд ва фаъолияташонро назорат кунанд. Ҳоло дар бархе кишварҳо, аз ҷумла дар Олмон қонуни матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма вуҷуд надорад. «Барои омӯзиши ин раванд ба Олмон сафар доштам ва таҷрибаи онҳоро омӯхтам. Шурои ВАО, ки ин одобномаро назорат мекунад, ҷазои сахттаринро барои журналист таъйин мекунад: яъне ин ё он журналист ё расонаи хабариро дурӯғгӯ ва манбаи маълумоти нодуруст, ё берун рафтан аз доираи ахлоқи касбӣ эълон мекунад. Ин ҷазои бамаротиб сахттар назар ба зиндонӣ кардан ё

муҷозот намудан аст. Мардум дигар ба ин журналист ё расонаи хабарӣ эътимод намекунанд ва ӯ ҳамин тавр аз фаъолият боз мемонад» [366].

Ин намуна, ки аз ҷониби шоҳиди бевоситаи раванди муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар яке аз кишварҳои мутамаддин нақл мешавад, далели возеҳи мавқеи хосса доштани ин меъёрҳо дар фаъолияти журналистӣ мебошад. Аммо ин ҷо як нукта ҷойи мубоҳиса дорад, ки сабаби пайдоиши назарияи маъруфи «масъулияти иҷтимоӣ» дигаргуна шарҳ меёбад. Аммо ба ҳар сурат, андешаи мазкур асоснок гардида, баъдан ба ҳолати муносибат дар дохили кишвар мурур мешавад: Дар Тоҷикистон ҳам беш аз як даҳсола аст, ки Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ ва Шурои ВАО амал мекунад. Мутаассифона, бо сабабҳои айниву зеҳнӣ он ҷойгоҳи худро наёфт. Дар натиҷа, он қадар ғаждиҳоро дар бархе ба истилоҳ расонаҳоямон мебинем, ки агар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳам онҳоро пайгирӣ намоянд, барои ҷазо аз рӯи чандин бандҳои кодекси ҷиноятӣ пеш меояд. «Ҷиддӣ мегӯям, ки аз хондану дидани бархе «озодиҳо» дар журналистикаи мо худи ман ба даҳшат меоям. Ин раванд, агарчӣ барои доираҳое шояд муҳим нест, аммо дар оянда метавонад боис ба мушкилоти ҷиддӣ гарданд. Доимо мегӯям, ки озодӣ ин пеш аз ҳама масъулият аст ва ҳар одами озодиписанд талаботи касбиву ахлоқиро убур намекунад. Ҳамоно мутмаинам, ки ҳама чиро гуфтан мумкин: бидуни шак дар доираи қонун ва ахлоқи касбӣ!» [366].

Ин андешаҳо, ки ба таври муқоиса ҳолати муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбиро дар ҷомеаи журналистии мо ба таҳлил гирифтаанд, мазмуни амиқ доранд, чун вазъи воқеӣ ва ояндаи чунин муносибатҳоро бозгӯ менамоянд. Ҷолиб аст, ки дар ин нуктаи назар агарчи тавоҷҷуҳи асосӣ ба меъёрҳои ахлоқист, вале дар алоқамандӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ баён гардида, дар маҷмуъ, як шакли мукаммал ифода ёфтааст, ки ин ҷиҳат ба робитаи ногусастании ахлоқ ва ҳуқуқ рабт пайдо мекунад.

Пас аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон муносибатҳои вобаста ба фаъолияти журналистон тағйир ёфтанд. Давлати мустақили миллӣ мақсади бунёди ҷомеаи демократиро дар назди худ гузошт ва бо вуҷуди

нобасомониҳои дохилӣ соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид ва бо меъёрҳои муқаррарнамудааш дар қатори демократитарин конститутсияҳои дунё ҷой гирифт, зеро инсон ва ҳуқуқу озодиҳои фитрии ӯро арзиши олӣ донист. Конститутсия Тоҷикистонро ин гуна муаррифӣ мекунад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [149, с. 4].

Пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ низ дар журналистикаи тоҷик махсусиятҳои худро дорад. Муҳаққиқ Қ.Шарифзода рушди журналистикаи муосири тоҷикро аз ҳашт марҳила иборат медонад [260]. (Чун ин марҳилаҳои муқарраргардида аз қабули нахустин санади ҳуқуқии соҳавӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» сарчашма мегирад, мо ба он таваҷҷуҳ мекунем).

Ба назари муаллиф, марҳилаи якум аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар ВАО» ибтидо мегирад, ки соли 1990, замоне, ки Тоҷикистон ҳануз дар ҳайати давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ буд, қабул гардида, бо махсусияти хоси худ маълум аст.

Ин махсусият бори нахуст дар таърихи беш аз 70 соли мавҷудияти матбуоти Шуравии тоҷик ба таври расмӣ ва қонунӣ эълон доштани озодии матбуот ба шумор меравад: «ВАО-и Тоҷикистон ба шарофати аввалин қонуни соҳавӣ – Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» (14.12.1990) пеш аз истиқлоли давлатӣ мустақилият касб намудааст. Аҳамияти таърихии қонуни мазкур дар он аст, ки бори аввал матбуот ва дигар ВАО-ро озод эълон намуд» [261].

Дар ҳақиқат, ин озодӣ оғози рушди матбуоти муосири тоҷик гардид ва маҳз чунин шароит имкон дод, ки рӯзномаву маҷаллаҳои шаклан дигар низ ба вуҷуд оянд. Дар ибтидо он марҳилаи рушди воситаҳои ахбори оммаи кишвар, ки ба сӯйи соҳибистиқлолӣ равона буд, гардид, вале баъдан равиши номатлубе касб кард. Профессор И.Усмонов менависад, ки ман, аслан мисоли онеро намедонам, аниқтараш пайдо накардам, ки дастгоҳи матбуотӣ муқобили

соҳиби худаш таблиғ карда бошад. Вақте ин суханро мегӯям, ман меъёрҳои доимии классикии матбуоти ҷаҳониро дар назар дорам. Он воқеаҳое, ки дар муҳити иҷтимоӣ гӯё чун таборузи озодӣ ба амал омаданду меоянд ҷуз ба шеваи ҷаълӣ таборуз додани озодии баён, ба ибораи бузургон гӯем, ҷуз ба пул фурӯхташавии журналистон чизи дигаре нестанд. Масалан, дар ибтидои солҳои навадум «Тоҷикистони Шуравӣ» (муҳаррир М.Муҳаббатшоев) аз ношираш «талоқ» талаб мекард, «Ҷавонони Тоҷикистон» (муҳаррир А.Воҳидов) аз созмони комсомол ҷудо шуданӣ буд, «Паёми Душанбе» (муҳаррир Д.Эгамов) ҳомии нав мекофт: Инҳо нишонаи он набуданд, ки ин рӯзномаҳо озодона гуфта метавонистагӣ шуданд, озодӣ ба даст оварданд. Балки дар ҳақиқат «далеле буданд ба он ки сармоягузори зерпардагие ёфтаанд, ки он ташвиқ мекунад, «ҳай-ҳуй» меандозад ва бо ин мақсад садақа медиҳад. Зеро таърихи ВАОТ-и ҷаҳон, аз ҷумла сарнавишти ин нашрияҳо баъди соҳиби «истиқлолият» шуданашон дурӯғ будани он бозию ҳангомаҳои сиёсиро нишон доданд» [231, с. 14].

Ба назари мо, ин ҳар ду ҳолати ҷойдошта дар мавқеи худ дуруст ба шумор мерафтанд, чунки фаҳмиши аввал, ки озодии матбуотро омили рушди матбуот мешуморад, дарки дурусти мафҳуми озодиро дар назар дорад ва мисоле, ки аз ҷониби профессор И. Усмонов тазаккур ёфт, далели равиши номатлубе дар фаҳмиши озодӣ ба шумор меравад. Яъне, дар марҳилаи якум чунин ҳолатҳои мухталиф низ ҷой доштанд ва боиси он гардиданд, ки доир ба меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибати мухталиф сурат бигирад.

Ташаббуси қабули чунин қонун заминаи худро дошт: дар давраи бозсозӣ роҳбарияти олии ҳизбию давлатии ИҶШС тадриҷан зимоми идоракуниро аз даст дода, ҲКИШ ҳамчун ҳизби ягонаи сиёсӣ ва қувваи пешбарандаи ҷомеа мақому нуфузи худро аз даст дода буд. Дар чунин вазъу ҳолати ногувори сиёсӣ моҳи феврали соли 1990 Пленуми КМ ҲКИШ дар бораи даст кашидан аз монополияи сиёсӣ ва идеологӣ, аз тарзи идоракунии маъмулӣ-фармонфармоии давлатӣ ва хоҷагӣ, такя кардан ба дастгирии интихобкунандагон дар доираи низоми бисёрҳизбӣ, даст кашидан аз низоми

майдонтозии яккаҳизбӣ қарор кабул намуд. Моҳи марти соли 1990 Анҷумани сеюми ғайринавбатии вакилони халқи ИҶШС ба моддаи 6-уми Конститутсияи ИҶШС тағйироту илова ворид намуд, ки дар он гуфта мешуд, Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ, ташкилотҳои дигари ҳизбӣ, иттифоқи касаба, ҷавонон, ташкилотҳои дигари ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои оммавӣ тавассути намояндагони худ, ки ба Шурои вакилони халқ интихоб шудаанд ва шаклҳои дигар дар таҳияи сиёсати Давлати Шуравӣ, дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ иштирок менамоянд. Тағйироти мазкур дар Конститутсияи ИҶШС ба фаъолияти ҲКИШ ҳамчун ҳизби ягона ва яккатоз хотима гузошта, заминаи ҳуқуқии пайдо шудани низоми бисёрҳизбӣ дар мамлакат гардид.

«Дар Тоҷикистон низ пайдо шудани низоми бисёрҳизбӣ ва созмону ҳаракатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба давраи бозсозии горбачёвӣ рост меояд» [387].

Яъне, ҳамин тағйироти куллӣ дар низоми давлатдорӣ заминаи ба вуҷуд омадани қонуни матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма ҳам ҳаст. Инчунин, ин факт набояд сарфи назар шавад, ки Шурои Олии ИҶШС аввал қонуни умумииттифоқиро дар бораи матбуот қабул кард ва барои қабули қонун дар Тоҷикистон низ замина фароҳам сохт. Қонуни матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма аз ҷониби Шурои Олии ИҶШС 12 июни соли 1990 қабул шудааст. Дар оғози он чунин гуфта шудааст: Матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма озоданд. Сензура бекор карда шудааст. Муаллифони лоиҳаи қонун – айни замон узви вобастаи Академияи илмҳои Русия Юрий Батурин, профессор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Михаил Федотов, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, адвокат Владимир Энтин ва чанд тани дигар заминаи ҳуқуқии ин қонунро гузошта буданд.

Пас аз гузашти солҳо онҳо дар як нишасти илмӣ изҳор доштанд, ки «таъсири он ба озодии матбуот ҷиддӣ буд; давраи мавҷудият ва амали қонун як давраи кӯтоҳ, вале хеле амиқи оғозу рушди озодии матбуот буд» [343].

Ҳамин муаллифон дар идомаи нишаст иброз медоранд, ки лоиҳаи онҳо баъдан ҳамчун Қонуни Федератсияи Русия «Дар бораи матбуот ва дигар

воситаҳои ахбори омма» (27.12. с.1991) қабул гардид, ки то имрӯз амал мекунад, аммо ба эътирофи онҳо, дар таҳрири нав он ба таври хеле таҳрифшуда пешниҳод гардид.

Зикри ин нукта барои он аст, ки замони истиқлол дар Русия низ махсусияти худро дошт ва зарурати таҳрири дигарбораи қонун ба вуҷуд омада буд. Яъне, заминаҳои ташаккули қонунгузорӣ доир ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма ба вазъи замон вобаста аст, ки ин ҳолат ба аксар кишварҳо рост меояд.

Дар бораи қонуни нахустини вобаста ба воситаҳои ахбори омма ҳарф зада, онро ба вазъи замон вобаста донистем. Дар идома ба ин нукта низ таваҷҷуҳ мекунем, ки «соҳаи журналистика низ ба мисли дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, дар доираи кафолатҳои конститутсионӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки қонунҳои алоҳида муайян менамоянд, фаъолият мекунад. Дар солҳои поёни Шуравӣ журналистика қонунҳои соҳавӣ надошт, балки фаъолияти соҳа бо қарорҳои Ҳизби коммунист ва фармону нишондодҳои мақомоти ҳизбии ҳукуматӣ ҷараён мегирифт. Бояд гуфт, ки пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр яке аз аввалин декретҳои Ҳукумати болшевикон «Декрет дар бораи матбуот» буд. Ба қавли муҳаққиқи журналистикаи рус С.М. Гуреевич «Декрет дар бораи матбуот», ки 27 октябри соли 1917, пас аз Инқилоби Октябр Ҳукумати нав – Шурои Комиссарони халқи РСФСР қабул намуд, хислати манъкунанда ва ҷазодиҳанда дошт. Озодӣ барои матбуот ва манъи сензура баъди устуворгардии низоми нав, ки болшевикон дар ин санад ваъда мекарданд, дигар ҳеҷ замон амалӣ нагардид. Ҳамагуна муносибати матбуот бо ҷомеа ва ниҳодҳои он маҳз бо қарору дастурамалҳои роҳбарони мақомоти ҳизбӣ ва ҳизбии ҳукуматӣ ба танзим дароварда мешуд. Дере нагузашта, 28 январи (10 феврали) соли 1918 дар пайи «Декрет дар бораи матбуот» Трибунали инқилобии матбуот таъсис ёфт, ки таъиноташ аз баррасии ҷиноёт нашрияҳо ва шахсони алоҳида, ки бар зидди мардум тавассути матбуот содир менамоянд, яъне интишори хабарҳои бардурӯғ ва ё маълумотҳои таҳрифнамуда аз ҳодисоту зуҳуроти ҳаёти ҷамъиятӣ иборат буд. Чун натиҷаи фаъолияти ин

суди низомӣ то июли соли 1918 дар Петроград қариб ҳамаи газетаҳои буржуазӣ баста шуданд. Ҳамон сол аввалин ниҳодҳои роҳбарии мутамарказ ба матбуот – комиссариатҳои таблиғу тарғиб ва матбуот таъсис шуда буданд.

Ба назари муҳаққиқ Қ. Шарифзода, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» ҳарчанд дар даврони Шуравӣ, ки ҳокимияти диктатураи коммунистӣ мегуфтанд, қабул шуд, дар соҳаи журналистика моҳиятан тағйироти куллӣ ба вуҷуд овард. Дарвоқеъ, он солҳо даврае буд, ки дар кишвари Шуроҳо ошкорбаёнӣ ҳамчун як меъёри муайянсозандаи Бозсозии Горбачёвӣ ва рӯй овардан ба демократисозии ҷомеа, дар ҳаёти давлат ва мардум таҳаввулоти ҷиддиеро дар бар дошт... Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» барои ба вуҷуд омадани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунии соҳаи ВАО заминаи боэътимод гузошт. «Зимнан, меъёри муқаррарнамудаи моддаи 2-юми Қонуни матбуот пас аз чор соли дигар, ҳангоми таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба ҳайси меъёри конститутсионии моддаи 30-и Конститутсия ҷой гирифт, ки ин дар таҷрибаи конститутсионалӣ ҳориқаи беамсолест» [261, с. 170].

Ин муҳаққиқ ҳамчунин, дар мисоли муносибатҳо ба рафти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур ва дар шакли нав қабул гардидани он раванди ташаккули қонунгузории соҳаи воситаҳои ахбори оммаро ба риштаи таҳлил кашидааст, ки зикри чанде аз нукоти онро лозим медонем:

Бознигарии Қонуни матбуот дар аввали моҳи июли соли 2010 шуруъ гардида, то қабули он идома дошт. Гуфтанист, ки дар аввал ин амал ҳамчун дар шакли лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунанда бо ташаббуси вакилони МН МО ҶТ Олимҷон Салимзода ва Акрамшо Фелалиев шурӯъ шуд ва баъди берун аз коргоҳи вакилон баромадани гапу овоза, вокуниши ҷомеаи журналистӣ, вакилони муҳтарам аз пайи дар таҳрири нав таҳия намудани лоиҳаи Қонун шуданд. Чун тибқи талаботи қисми 1-уми моддаи 42-и Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (26 марти с.2009) – «Агар тағйиру

иловаҳои ба санади меъёрии ҳуқуқӣ воридкардашаванда аз нисфи матни санади меъёрии ҳуқуқӣ (қисми таркибии он) зиёд бошанд ва ё онро душворфаҳм гардонанд, пас санади меъёрии ҳуқуқӣ (қисми таркибии он) дар таҳрири нав баён карда мешавад», – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» бояд дар таҳрири нав таҳия мегардид. Пас аз чанде бо қарори Шурои Маҷлиси намояндагон Гуруҳи корӣ оид ба омодасозии лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар ҳайати 12 нафар, аз ҷумлаи вакилони МН, намояндагони ниҳодҳои ҳукуматӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ (Нуриддин Қаршибоев – раиси АМВАОМТ ва Қироншоҳ Шарифзода – раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Журналист») таъсис дода шуд. Дар 19 ҷаласаи гурӯҳи корӣ ва 10 нишасти баргузорнамудаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо ҳамдастии созмонҳои байналмилалӣ, матни таҳрирнамудаи муаллифони Лоиҳа ва дархосту пешниҳодоти созмонҳои касбӣ ва рӯзноманигорон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Раиси Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилооти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимҷон Салимзода ҳам дар мусоҳиба бо рӯзномаи «Имрӯз News» гуфтааст, ки «сабаби асосии пешниҳоди лоиҳаи нави қонун талаботи ҷомеа буд ва дар маҳфилу нишастҳои журналистӣ низ ба ин нукта ишора мешуд, ки қонуни матбуот ба бознигарии ҷиддӣ эҳтиёҷ дорад» [324].

Дар ин мусоҳиба вакили парлумон нуктаҳои муҳимми тағйирёбандаро кам намудани муҳлати посух ба рӯзноманигорон вобаста ба дарёфти маълумот, тартиби нави мувофиқ ба дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ барои ба қайдгирии давлатии расонаҳо арзёбӣ кардааст.

Ҳамин тавр, 19 марти соли 2013 баъд аз муҳокимаву баррасиҳои зиёди сесола Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз нав қабул шуд. Ин қонун, ки санади асосии танзимкунандаи фаъолияти журналистӣ ва идораву ташкилотҳои ВАО дар кишвар ба шумор меравад, бо кӯшишҳои ҷомеаи журналистӣ дар тафовут аз

қонуни пештара дорои чанд бартарӣ гардид: Аввал, номи қонун тағйир ёфт. Акнун қонуни асосии соҳаи воситаҳои иттилооти омма расман Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ном дорад. Чунин тағйирёбии номи Қонун зоҳирӣ набуда, балки аз тақозои воқеият бармеояд, зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки 14 декабри соли 1990, ҳануз дар даврони Шуравӣ, қабул шуда буд, ба сифати нахустин қонуни соҳавӣ, танзими ҳуқуқии тамоми воситаҳои ахбори оммаро дарбар мегирифт. Чун дар ин миён қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи табъу нашр» (27 декабри с.1993) ва «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» (14 декабри с.1996) ба ҳайси санадҳои ҳуқуқии танзимгари фаъолияти субъектҳои табъу нашр, ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонӣ қабул шуда буданд, доираи танзими қонуни нав бо фаъолияти матбуоти даврӣ мушаххас гардида, аз 40 ба 36 модда кам гардид. Дигар, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» вобаста ба чанд масъала усулан тағйир ёфтааст. Аз ҷумла, шарҳи мафҳумҳои асосӣ (м. 1), ҳуқуқ ба раддия (м.19), ҳуқуқ ба гирифтани иттилоот (м.23), ҳифзи сарчашмаи ахбор (иттилоот) – (м. 27), ҳуқуқҳои журналист (м. 28).

Дар моддаи 1-ум 16 мафҳум, чун мафҳумҳои асосии дар Қонуни мазкур истифодашуда, шарҳи илмию ҳуқуқии худро ёфтааст, ки чанде аз онҳо ба мисли «ақида», «раддия», «ҷавоб» бори нахуст дар қолаби мафҳумҳои ҳуқуқӣ зикр шуда бошанд, иддаи дигар, чун «аккредитатсия», «иттилооти оммавӣ», «журналист», «матбуоти даврӣ», «сензура», дар шакли саҳеҳу комил сабт гардидаанд. Масалан, дар Қонуни мазкур мафҳуми «Воситаҳои ахбори омма» ба таври зайл шарҳ ёфтааст: Воситаҳои ахбори омма – матбуоти даврӣ, ҳамчунин агентиҳои иттилоотӣ, барномаҳои телевизиону радио, кинохроникаҳо, сабтҳо ва барномаҳои аудио ва аудиовизуалӣ мебошанд, ки дар як сол на камтар аз як маротиба тавассути эфир ё кабел паҳн мешаванд. Мафҳуми «журналист», ки дар фаҳмиши омиёна ба тарзи гуногун аст, ба тарзи қонунӣ чунин муайян шудааст: Журналист – шахси воқеиест, ки ба ҷамъоварӣ,

таҳрир ва омода намудани ахбору мавод барои редаксияи воситаҳои ахбори омма машғул буда, бо ин редаксия тавассути шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ё дигар муносибатҳои шартномавӣ алоқаманд аст ва аз рӯи ваколати ба ӯ додашуда фаъолият менамояд ва ё узви иттиҳодияҳои касбии журналистон мебошад.

«Бешубҳа, меъёри муҳимтарин ва ё «сутунмуҳраи» Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» моддаи 3-юми он «Озодии матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» мебошад, ки дар такя ба моддаи 30-юми Конститутсияи ҶТ муқаррар намудааст» [261, с. 172].

Муҳаққиқи мазкур доир ба нуктаҳои баҳсноки қонуни қаблӣ сухан ронда, масъалаи ҳуқуқ ба раддияро ба баррасӣ мегирад: Меъёри баҳсноки қонуни пешина ба масъалаи ҳуқуқ ба раддия дахл дошт, ки дар моддаи 19-уми қонуни нав ба баррасӣ кашида шуд. Ҳуқуқ ба раддия, ки дар қонуни куҳнаи матбуот (м.24) якҷо бо ҳуқуқ ба ҷавоб ҷой дошт, бинобар номуайянӣ ва номушаххасии худи мафҳумҳо, сабабгори баҳсҳои рӯйзадаи миёни даъвогар(он) ва редаксияи нашрияҳо мегардид. Қонуни нави матбуоти даврӣ баробари мушаххас гардонидани мафҳуми раддия («талаби хаттии шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар хусуси рад намудани маълумоти нодурусти дар воситаҳои ахбори омма паҳншуда, ки шаъну шараф ва эътибори корияи ӯро паст мезанад»), дар қисми 2-юми моддаи 19-и Қонуни мазкур меъёри афзалиятноке барои редаксияи ВАО ҷой додааст: «Агар редаксияи воситаи ахбори омма дар бораи дуруст ва ба ҳақиқат мувофиқ будани маълумоти паҳннамудааш далел надошта бошад, вазифадор аст, ки дар худи ҳамон воситаи ахбори омма раддияро нашр намояд». Ва ё масъалаи ҳуқуқи дастрасии журналист ба иттилоот, ба хусус аз манбаъҳои расмӣ, бо вуҷуди дар чанд моддаҳои Қонуни пешинаи матбуот зикр ёфтан (м.м. 5, 27, 31, 33), аз масъалаҳои доғи фаъолияти касбӣ буд. Албатта, гуфтанӣ нестем, ки Қонуни нав ҳама мушкилоти ин масъаларо ба якборагӣ ҳал мекунад, чун қонун санади меъёрии раҳнамо буда, самари он, яъне таъмини фазои озоди фаъолият, ба қонунтадбиққунӣ бештар вобаста аст. Вале муқаррароти дар ин бобат мушаххас намудаи қонуни нави матбуоти

даврӣ имконоти дастрасии фаврии журналист ба манбаъҳои иттилоотро бамаротиб афзуда, ҳамзамон масъулияти мансабдорони давлатиро дар баробари муносибат ба журналистон, вокуниши саривақтӣ ба матолиби танқидӣ ва таҳлилии ВАО, баланд мебардорад. Барои мисол, тибқи талаботи қонуни куҳна мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор имкон доштанд дархости журналист ба иттилоотро то муҳлати як моҳ кашол диҳанд, Қонуни нави матбуоти даврӣ дар қисми 3-юми моддаи 23, ки «Ҳуқуқ ба гирифтани иттилоот» унвон дорад, муқаррар намудааст: Мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо вазифадоранд, ки ба воситаҳои ахбори омма маълумоти расмии зарурӣ ва ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии онҳо, ки омӯзиши иловагиро талаб намекунанд, дар мӯҳлати то се рӯзи кории баъди муроҷиат ё нашр (пахш) гардидани маводди дахлдор, ҷавоб диҳанд. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо иттилооти таъҷилӣ, ки аҳамияти ҷамъиятӣ дошта, ба номгӯи маълумоти дорои сирри давлатӣ ва дигар маълумоте, ки бо қонун ҳифз карда мешавад, дохил нест ва омӯзиши иловагиро талаб наменамояд, бе таъхир пешниҳод карда мешавад. Қисми 4-уми моддаи мазкур роҳбарони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳоро вазифадор месозад, ки ба маводди танқидӣ ва таҳлилии вобаста ба фаъолияташон, ки омӯзиши иловагиро талаб мекунанд, дар мӯҳлати на бештар аз ду ҳафтаи баъди рӯзи нашри (пахши) онҳо ба воситаи ахбори оммаи дахлдор ҷавоб диҳанд.

Ба назари мо, ин масъалаҳое, ки ба баррасӣ кашида шуданд ва дар қонуни нав то андозае роҳи ҳалли онҳо аз лиҳози ҳуқуқӣ муайян гардид, дар ҳақиқат ҳам, нишони раванди ташаккули қонунгузории соҳавӣ дар кишвари мо мебошад.

Муҳаққиқ Қ. Шарифзода ҳамчунин, ба масъалаҳои меҳварие, ки дар қонуни нав инъикоси равшани худро пайдо намудаанд, дахл карда, онҳоро возеҳ шарҳ медиҳад: Муқаррароти доир ба масъалаи ҳифзи сарчашмаи ахбор (иттилоот) як нуктаи усулан тағйирёфтаи қонуни нави матбуоти даврӣ аст. Зеро ин масъала дар Қонуни пешинаи матбуот мушаххас набуд. Ҳол он ки дар

фаъолияти журналистӣ, ба хусус ҳангоми навиштани мақолаҳои танқидӣ ва таҳлилӣ, ки бо ибораи «Тадқиқоти журналистӣ» мӯд шудааст, қонунан ҳифз гардидани сарчашмаи иттилоот дасту дили муаллифро гарм месозад ва ҷасорати касбиро меафзояд. Дигар ин ки ба Қонун ворид намудани ин муқаррарот дар аксари пешниҳодҳои аз ҷомеаи журналистӣ ироашуда ба ҳайси як ҳалқаи муҳими доираи фаъолияти озод таъкид гардида буд. Барои тақвияти фикр, моддаи мазкурро иқтибос меоварем: 1. Журналист ва редаксияи воситаи ахбори омма барои фош кардани сарчашмаи иттилоъ ва ё маълумот уҳдадор нестанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. 2. Фош кардани сарчашмаи иттилоъ ва ё маълумот танҳо бо розигии соҳиби чунин иттилоъ ва ё маълумот ва ё дар асоси қарори суд мумкин аст. 3. Иттилоъ ва ё маълумоти тибқи қарори суд фошшударо танҳо бо мақсадҳои дар қарори суд зикршуда истифода бурдан мумкин аст. Аслан, меъёрҳои зиёди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» фарогири муқаррароти ҳуқуқ ва уҳдадории журналистон ва идораву ташкилотҳои ВАО аст. Бо вуҷуди ин, моддаи алоҳидаи Қонуни мазкур (м. 28 – Ҳуқуқҳои журналист) дар 10 банд ҳуқуқи соҳибони ин касбро мушаххас намудааст. Ёдрас мешавем, ки дар Қонуни пешинаи матбуот моддаи ҳамгун 8 бандро дарбар мегирифт. Дар баробари бештар гардидани бандҳои моддаи «Ҳуқуқҳои журналист», муқаррароти банди 4-уми моддаи мазкур - бо нишон додани шаҳодатномаи журналистӣ дар маҳалҳои махсус муҳофизатшавандаи офатҳои табиӣ, садама, маҳалҳои бетартибӣ ва ҷойҳои ҷамъшавии шаҳрвандон, инчунин дар малҳалҳое, ки дар онҳо вазъи фавқулодда эълон шудааст, дар гирдиҳамоӣ ва роҳпаймоиҳо ҳузур дошта бошад, – «барои дастёбӣ ба иттилооти «доғ» аз маҳалли воқеаву ҳодиса имконоти ҳуқуқии журналистро бамаротиб меафзояд» [261, с. 174].

Аз ин баррасиҳо бармеояд, ки қонуни нав, ки аз қонунҳои бунёдии соҳаи журналистика аст, дар таҳрири дубора комилан дигаргун гардида, ба манфиатҳои ҷомеаи журналистӣ пурра мувофиқ шудааст.

Муҳаққиқ Қ. Шарифзода ҳам ба ин нукта ишора намуда, бо вуҷуди ин, изҳори нигаронӣ мекунад, ки қонуни мазкур бо вуҷуди санади меъёрии ҳуқуқии комилтар гардидан, мутаассифона, ба ҳуҷҷати ҳуқуқии воқеан таъсирбахш мубаддал нагардидааст. Сабаби ин ҳолатро бо қонуни асосии фаъолияти касбӣ ошноӣ надоштани аксари журналистон, гоҳо қонунписандии онҳо дониста, инчунин, илова мекунад, ки ҳама гуна қонуни хуби соҳавӣ на дар танҳоӣ, балки дар ҳамнавоӣ ва амали муштараки дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: қонунҳо дар бораи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, моддаҳои дахлдори кодексҳои маданӣ, ҷиноятӣ, мурофиавӣ, ки дараҷаи гуноҳкории вайронкунандагони қонуни матбуоти даврӣ аниқу дақиқ муайян шуда бошад, амали муассир дошта метавонад. Ӯ чун роҳи ҳалли масъала иброз медорад, «зарурат пеш омадааст, ки ба як силсила қонунҳое, ки ба фаъолияти озоду пурсамари журналистон мусоидат намуда метавонанд, аз ҷумла қонунҳои ҶТ «Дар бораи иттилоот» (м.29), 2 Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот2 (м.13), Ба КҶ ҶТ (М. 330 –Таҳқири намояндаи ҳокимият), тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид гарданд» [261, с.175].

Мо ҳам ба ин назар ҳастем, ки масъалаи ҳамоҳангии қонунҳои соҳавӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқии журналистика ба шумор меравад ва зарур аст, ки таъмин карда шавад. Ҷомеаи журналистии кишвар ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, ташаббуси ба як санади меъёрии ҳуқуқӣ муттаҳид сохтани якчанд қонунҳои соҳавиро ба роҳ монда буданд, ки то ҳануз анҷом нашудааст: Чанде пеш лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои ахбори омма», ки Ташкилоти ҷамъиятии «Хома» дар ҳамдастӣ бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пайи баррасӣ ва муҳокимааш будааст, дастрасамон гардид. Новобаста аз он ки ташаббус аз кадом ҷониб сар задааст, иқдоми мазкур, яъне ба раванди қонунгузорӣ ҷалб шудани ҷомеаи шаҳрвандӣ амали сутуданист. Вақте сухан дар бораи лоиҳаи қонуне марбут ба фаъолияти ояндаи як ниҳоди муҳими иҷтимоии ҷомеа – Воситаҳои иттилооти омма

(меравад, таҳия, баррасӣ ва қабули он бояд бо иштироки намояндагони фаъоли расонаҳо сурат бигирад. Ҳамзамон гуфтанист, ки лоиҳаи чунин қонуне ба мисли «Дар бораи воситаҳои иттилооти омма», бинобар ба фаъолияти тамоми ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ, қишрҳои аҳолӣ дахл доштани меъёрҳои он, боз ҳам беҳтар мебуд бо мақсади фаҳмидани афкори мардум, дархосту пешниҳоди мушаххаси истифодабарандагону истъмолгарони иттилоот дар расонаҳои хабарӣ интишор меёфт.

Ба назари мо, ин пешниҳоди хуб аст, чун ба манфиати ҷомеа мебошад ва аз рӯйи таҷрибае, ки мақомоти қонунгузору ҷомеаи журналистии кишвари мо дорад, метавон ба он умед баст, ки дар оянда татбиқ хоҳад шуд. Ҳамчунин, намунаҳое аз баррасиҳо дар моҳи майи соли 2024 далели он аст, ки ин кор шуданӣ аст: Вакилони порлумон ва ҷомеаи рӯзноманигории Тоҷикистон рӯзи 14-уми май тарҳи қонунро «Дар бораи воситаҳои ахбори омма» баррасӣ карданд. Гуфта шуд, ин қонуни комиле хоҳад буд, ки бар пояи таҷрибаҳои пешрафта ва хулосаҳои коршиносони байнулмилалӣ кори расонаҳоро дар кишвар танзим хоҳад кард. Муҷибахон Ҷавҳарӣ, вакили порлумон, гуфт, зарурат пеш омад, то ду қонуни расонаҳо дар як санад ба ҳам оварда шавад: Дар ибтидо таҷрибаи кишварҳои гуногуни минтақа омӯхта шуданд ва бо таҳлилу хулосаҳои коршиносони сатҳи байнулмилалӣ низ ошно гардидем. Порлумон бо як кардани қонун «Дар бораи матбуоти даврӣ ва воситаҳои дигари ахбори омма» ва «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ҳамчунин иловаҳои дигаре низ ба ин тарҳ афзудааст. Баъзе аз намояндагони созмонҳои рӯзноманигорӣ гуфтанд, тарҳи нав монеаҳои зиёди сабти номи расонаҳоро бартараф накардааст. Нуриддин Қаршибоев, раиси Анҷумани миллии расонаҳои мустақили Тоҷикистон, гуфт: «Агар хоҳем ин қонун муосир бошад, пеш аз ҳама, сабтином тариқи огоҳ кардани мақомоти давлатӣ кофист. Яъне, агар мехоҳед воситаи ахбори омма таъсис диҳед, асноди худро омода кунед ва мақомоти ваколатдорро огоҳ кунед, ки мо аз фалон рӯз ё фалон сол ба кор сар мекунем. Дар кишварҳои мутамаддин ҳамин огоҳ кардан кофист, ки шумо кори расонаро оғоз кунед» [396].

Дар идомаи ин гузориши муфассали радиои “Озодӣ” зикр мешавад, ки лоиҳаи қонуни нав барои сабти номи расона маълумотномаи Кумитаи давлатии амнияти миллиро пешбинӣ намекунад, пештар ҳам ин маълумотнома қонунӣ набуд, аммо мақомоти сабткунанда онро талаб мекарданд: Дар тартиби баҳисобгирӣ сабукиҳо илова шудааст. Одатан таҷриба нишон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои зиёди иҷборие талаб карда мешаванд аз васоити ахбори омма. Дар қонун дақиқан нишон дода шудааст, ба ҷуз ин рӯйхати ҳуҷҷатҳо касе ҳақ надорад аз шумо санади дигар талаб кунад.

Ҷомеаи рӯзноманигорӣ ба лоиҳа меъёрҳои гуногунеро дар бахши озодии баён, ҳуқуқи инсон, масъалаи мудирияти расонаҳо ва мавридҳои баҳсбарангези зиёде пешниҳод кардаанд. Ба назари Шаҳло Акобирова, бояд ин қонуне бошад, ки барои рушди бозори расонаҳо ёрӣ расонад: Дар масъалаи табъиз бисёр нуктаҳои муҳим дар он ҷо зикр шудааст. Дар масъалаи ҳуқуқи кӯдак бисёр бандҳои алоҳида аст. Масъалаи таснифбандии син ҳаст, масъалаи ҳимояи одамони имконоташон маҳдуд ҳаст, масъалаи ҳатман ҷорӣ кардани тарҷумони сурдологӣ (забони имову ишора) дар барномаҳои хабарӣ ҳаст, масъалаи аҳамияти бештар додан дар нашри иттилоъ ба забони камшуморони миллӣ ва чизҳои зиёди дигар дар назар дошта шудааст.

Дар баррасии лоиҳаи қонун нигарониҳое аз сӯйи ҷомеаи рӯзноманигорӣ садо дод, ки ҳамеша пешниҳодҳои онҳо баъдан аз сӯйи порлумон пазируфта намешаванд. Аммо масъулони порлумон гуфтанд, назари ҷомеа ин бор ҷиддан ба эътибор гирифта хоҳад шуд: «Итминон дорем, ҳар пешниҳоде, ки бар манфиати ҷомеа аст, бар манфиати давлат аст ва амнияти ҷомеаву давлатро ҳифз мекунад ба қонун ворид карда мешавад» [396].

Пас аз панҷ моҳи баррасии лоиҳаи мазкур, ки барои муҳокима ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод шуда буд, нусхаи хулосаи ҳукумат ба радиои «Озодӣ» дастрас мегардад ва ин расона дар ин бора низ гузориш таҳия карда, навишт, ки Ҳукумати Тоҷикистон лоиҳаи нави Қонуни матбуотро, ки аз сӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва Маҷлиси намоядагон таҳия шуда буд, рад кардааст. Муаллифон гуфта буданд, ин қонуни комилест, ки бар пояи таҷрибаҳои

пешрафта ва хулосаи коршиносони байнулмилалӣ омода шудааст. Аммо ҳукумати Тоҷикистон ин лоиҳаи қонунро коста ва нопурра хонда, рад кардааст.

Мақомот навиштаанд, бо чанд сабаб ин лоиҳаро қабул надоранд. Аз ҷумла ин ки тарҳи нав масъалаҳои муҳими кори расонаҳоро дар кишвар танзим накардааст ва мафҳумҳои истифодашуда сода ва фаҳмо нестанд. Ҳукумат хостааст, кори матбуот, радио, телевизион ва оҷонсиҳо бояд ба таври ҷудогона дар қонун танзим шавад. Эроди дигари мақомот ба расонаҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон дахл дорад. Дар қарори ҳукумат омадааст, ҳарчанд дар тарҳи нав шеваи кори расонаҳои хориҷӣ пурра ҳаллу фасл гардида, аммо бояд ба масъалаҳои амнияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, фарҳанг ва маданияти миллӣ диққати махсус дода шавад. Хатоҳои зиёди имлоӣ ва мутобиқат накардани матнҳои тоҷикӣ ва русӣ аз сабабҳои дигаре будааст, ки ҳукумат гуфтааст, бояд матни қонун ислоҳ шавад. «Дар кулл, ҳукумат зарурати қабули чунин қонунро рад кардааст ва гуфтааст, амрҳои тарҳи нав метавонанд ба Кодекси иттилоот илова шаванд» [377].

Ба назари мо, эродҳое, ки дар ин хулоса зикр шудаанд, (вале радиои «Озодӣ» бо унвони ҳангомадори «ба ҳукумат нафоридааст», нашр кардааст), аз нигоҳи касбӣ ва ҳам ҳуқуқӣ дуруст мебошанд. Масалан, он чи доир ба танзими алоҳидаи матбуот, радио ва телевизион, оҷонсиҳо гуфта мешавад, вобаста ба махсусиятҳои фаъолияти онҳо дуруст аст. Инчунин, замони муосир шароитеро ба вуҷуд овардааст, ки кишварҳои алоҳида ҳангоми муносибати расмӣ бо расонаҳои хориҷӣ ҳатман бояд ба масъалаҳои амниятӣ, фарҳангу маданияти миллии худ таваҷҷуҳи хос зоҳир намоянд.

Нуктаи муҳимме, ки аз ин хулоса бармеояд, ишора ба қабули кодекси иттилоот аст, ки пешниҳодҳои дар лоиҳаи мазкур ба миёнгузошташуда ба эътибор гирифта хоҳад шуд.

Ҳамин тавр, оғози марҳилаи пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ин қонун сарчашма мегирад, ки муддати зиёде ба таври умумӣ мавриди истифода қарор дошт. Қонуни мазкур дар замони осоишта – замоне, ки ҳануз

шуравӣ пойбарҷо буд, қабул гардид, чунки барои эътирофи озодии матбуот заминаҳои мусоиди сиёсӣ вуҷуд доштанд.

Аммо мавриди таъкид аст, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки ба таври раъйпурсии умумихалқӣ дар замоне, ки ҳануз вазъи кишвар ноором буд, қабул гардид, ба ин ҷанбаи муҳимми фаъолияти воситаҳои ахбори омма – озодӣ эътибори ҷиддӣ дода шуд ва дар моддаи 30-юми он ба таври возеҳ иброз гардид:

«Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст. Номгӯи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад» [149, с. 5].

Манъи назорати расмии давлатӣ (сензура) ва таъқиб барои танқид чун муқаррароти конститутсионӣ ба бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд асос гузошт ва қонунҳои соҳавие, ки баъдан қабул гардиданд, ин меъёрҳоро дар маҳаки мундариҷаи худ қарор додаанд. Мавриди сухан аст, бояд бигӯем, ки ин меъёр дар баробари он ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ дониста шуданд ва чандин меъёри дигар боис ба он гардиданд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз беҳтарин конститутсияҳо дар арсаи ҷаҳон дониста шавад.

Ин кафолати конститутсионӣ раванди ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии журналистикаро вусъат бахшид, зеро тавре зикр шуд, қонунҳои баъдан қабулшуда онро сарчашмаи моҳияти худ қарор доданд, яъне арҷ гузоштан ба озодии баён идома пайдо карда, дар асоси он барои фаъолияти озодонаи воситаҳои ахбори омма имкон дода шуда, инчунин, дигар самтҳои фаъолият аз нигоҳи қонунӣ мушаххас гардид. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», ки дар соли 1996 қабул гардид, далели возеҳи ин сухан аст, ки дар бобу моддаҳои худ ҳама самтҳои фаъолияти ташкилотҳои телевизион ва радиошунавониро дар ҳудуди мамлакат пурра ба танзими ҳуқуқӣ даровард ва дар муқаддимаи он зикр шуд, ки бо истифода аз

озодии сухан асос ёфтааст.

Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ шоистаи таъкид аст. Аввалан, таъкиди ягонагии ВАО (ба давлатӣ ва мустақил ҷудо накардан) мавқеи ниҳоят муҳимми Сарвари давлати мо аст, ки ба ташаккули расонаҳои мустақил мусоидат намуд. Баъдан, Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баргузор намудани нишастҳои матбуотӣ» (аз 4 марти соли 2005, № АП-1677), ки чун майдони муносиби муколама ва дарёфти иттилоъ тавассути пешниҳоди саволу дархостҳо ба роҳбарони сатҳи аввали вазорату идораҳо дониста мешавад. Инчунин, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» (аз 7 феврали соли 2009) иқдоми нодири дигар барои боло бурдани мақоми ВАО дар ҷомеа ба шумор меравад, ки солҳои аввал чун нишастҳои матбуотӣ хеле пуртаъсир буд.

Фармони мазкур бо мақсади мустаҳкам намудани низоми иҷроия, баланд бардоштани нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷамъятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа қабул шуда, барои журналистон боз як имконияти ҳуқуқӣ гардид: Фаъолияти воситаҳои ахбори омма, ки ба ҳамкории созанда ва самаранок бо вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба инъикоси ҷараёни дигаргунисозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мамалакат равона гардидааст, дастгирӣ карда шавад.

Профессор М. Муродов ҳануз дар солҳои аввали ба имзо расидани фармони мазкур муносибати ҷомеаи журналистӣ ва шахсони мансабдорро, ки ҷонибҳои манфиатдору уҳдадори он ба шумор мераванд, таҳлил намуда, навишта буд, ки моҳиятан ин фармон мазмуни ба вуҷуд овардани ҳамкориҳои созанда ва самаранок миёни рӯзноманигорон ва шахсони мансабдорро мефаҳмонад. Албатта, фармони мазкур то андозае барои ҳамкории рӯзноманигорони ва шахсони мансабдор мусоидат кард, аммо бештари вокунишҳо ба мулоҳизаҳои танқидӣ хусусияти худсафедкуниро касб карданд. Мутаассифона, дар аксарияти вокунишҳои матбуоти даврӣ ҷонибҳо дарёфти

тадбирҳои мушаххасро як сӯ гузошта, ба танқиди ҳамдигар, баъзан ба паст задани шаъну эътибор даст мезананд. Чунин муносибат ҳамчунин «дар баҳсҳои матбуоти даврӣ, хоса нашрияҳои хусусӣ, вақтҳои охир зиёдтар ба назар мерасад: Баъзе муаллифон дар баҳсҳо асосан ба худсафедкунӣ ва донотарошӣ саргарм шуда, на танҳо одоби баҳсро вайрон мекунанд, балки худро холису ҳақ вонамуд месозанд. Бехабар аз дастовардҳо ва ё кордониву масъулиятшиносии ҷониби дигар ӯро ноуҳдабарову нокора арзёбӣ мекунанд. Ҳол он ки майдони матбуот ҷои баҳс, ташаккули афкор ва ёрии ақлҳо бояд бошад, на ҷои ҳақорату тӯҳмат ва ҳеҷ шуморидани ҳамдигар» [164, с. 16-17].

Ин ҳолатро (ки мутаассифона, бо гузашти беш аз даҳ сол низ чандон тағйир накардааст) таҳлил намуда, аз нигоҳи мо, ба чунин натиҷаи ҷолиби диққат мерасад: вайрон кардани этикаи рӯзноманигорӣ, ба инобат нагирифтани ҳуқуқҳои инсонӣ, ҳамчунин касбӣ дар раванди эҷоди журналистиро метавон як навъ амали ноуҳдабароёна ва ғаразнок номид. Мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ талаботи нисбатан принсипиалӣ барои журналист қарзи касбӣ, масъулият, виҷдон ва эътибор аст. Журналист ҳамчун субъекти фаъолият баробари дигар субъектҳои иҷтимоӣ дорои шаън, эътибор ва обрӯй мебошад. Ӯ аз як тараф, ин ҷиҳатҳоро бояд пеш аз ҳама худ риоя ва ҳимоя кунад, аз ҷониби дигар, ҳуқуқ надорад, ки ба таҳқир ва паст задани шаъну эътибори дигарон роҳ диҳад [164, с. 17].

Ин нуктаи назар барои он ҷолиб аст, ки алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ таъкид гардида, муҳиммияти этикаи касбӣ баробари меъёрҳои ҳуқуқӣ ва риояи ҳарду ҳатмӣ дониста мешавад.

Ҳамин тавр, метавон ба натиҷае расид, ки дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ заминаҳои мушаххаси худро доранд, ки аз марҳилаҳои муайян иборат мебошанд ва чун ин меъёрҳо вобаста ба талаботи замон дигаргун мешаванд, боз ҳам дар такомул хоҳанд буд. Аммо дар ҳамин давраи муайяне, ки мо дар назар дорем, чанд марҳилаи ташаккули меъёрҳои мазкур ба назар расид, ки чун идомаи мантиқии ҳамдигар барои мушаххас гардидану дар шакли санади алоҳида

пазируфта шудани меъёрҳои этикӣ, инчунин, созмон ёфтани ташкилоти алоҳидаи вобаста ба назорати риояи ин санад мусоидат карданд.

Мушаххасан, аз баррасиҳои мо бармеояд, ки ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷомеаи журналистии Тоҷикистон аз 4 марҳила иборат аст:

Марҳилаи якум, ин давраи муносибати сатҳии созмонҳои журналистӣ ва рӯзноманигорон ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ, ки намунаҳое аз ин муносибатҳо ва бархӯрд ба онҳоро тазаккур додем.

Марҳилаи дуюм, замони муносибати нисбатан ҷиддитари рӯзноманигорон, ки бо назардошти эҳсоси муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ сурат гирифтааст ва ин тарзи муносибат ба қабули санади мушаххаси ахлоқӣ замина гузошт.

Давраи сеюми ташаккули муносибатҳо ин қабули санади ахлоқӣ – «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» ва таъсиси ташкилоти ҷамъиятии Шурои ВАО-и Тоҷикистон мебошад, ки ҳануз аз замони таъсис 64 муассисаи воситаҳои ахбори оммаро дар бар мегирифт.

Марҳилаи чорум, бознигарии пурраи «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» ва дар шакли нав қабул гардидани он (пас аз бештар аз 10 соли амал) мебошад, ки ин давра ҳам дорои муносибатҳои хоси ҷомеаи журналистӣ аст.

Дар мавриди меъёрҳои ҳуқуқи журналистика ҳам метавон гуфт, ки он дорои заминаҳои мушаххаси ташаккул аст, ки аз марҳилаҳои муайян иборат мебошад ва ин давраҳо бо махсусиятҳои худ хосияти ҷомеаро низ нишон дода, дар маҷмуъ, фарогири ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти журналистӣ ва танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқии онҳо мебошанд.

Аз нигоҳи худ раванди ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии соҳавиро низ муайян кардем, ки аз 5 марҳила иборат аст. (Ин марҳилаҳоро бо он асоснок мекунем, ки дар онҳо таҳаввулоте ба вуҷуд омадааст ва инро мо дар раванди баррасиҳо мушоҳида кардем).

Марҳилаи якум, ин давраи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар ВАО» дар соли 1990 мебошад, ки доир ба махсусияти

он маълумот додем.

Марҳилаи дуюм, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон2 мебошад, ки чун нишони мустақилона муайян намудани муносибати худ бо воситаҳои ахбори омма ва эътирофи ҳуқуқи шаҳрвандон аз тарафи кишвари соҳибистиқлол баромад мекунад.

Марҳилаи сеюм, ба имзо расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баргузор намудани нишастҳои матбуотӣ» ба шумор меравад. Тавре баррасиҳои мо нишон медиҳанд, ин марҳила дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма аз замони ба имзо расидани фармони мазкур то имрӯз мақоми хос дорад.

Марҳилаи чорум, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар таҳрири нав мебошад, ки як андоза эҳтиёҷоти ҷомеаи журналистиро аз нигоҳи ҳуқуқӣ таъмин намуда, барои фаъолияти муассир замина фароҳам овард.

Марҳилаи панҷум, давраи ба имзо расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» мебошад, ки ин санади меъёрии ҳуқуқӣ низ барои мустаҳкамтар гардидани мавқеи расонаҳо дар ҷомеа мусоидат кард.

Ба таври замима матни пурраи Фармонро тазаккур медиҳем, зеро муқаррароташ баёнгари нақши муҳими он ҳастанд:

ФАРМОНИ

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма»

Бо мақсади мустаҳкам намудани интизоми иҷроия, баланд бардоштани нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа

ФАРМОН МЕДИҲАМ:

Фаъолияти воситаҳои ахбори омма, ки ба ҳамкории созанда ва самаранок бо вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба инъикоси ҷараёни дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат равона гардидааст, дастгирӣ карда шавад.

Роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

ҷиҳати вокуниш ба мулоҳизаҳои танқидӣ ва пешниҳодҳое, ки дар воситаҳои ахбори омма иброз мегарданд, дар муҳлатҳои тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ муқарраргардида тадбирҳои бетаъхири мушаххас андешида, аз натиҷаи баррасии онҳо ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воситаҳои ахбори оммаи дахлдор иттилоъ диҳанд;

имконияти телевизион, радио, рӯзнома ва маҷаллаҳоро барои сари вақт хабардор намудани аҳолӣ аз ҷараёни иҷрои масъалаҳои дорои аҳамияти ҷамъиятӣ пурратар истифода баранд.

3. Роҳбарони воситаҳои ахбори омма:

- таъмини воқеият ва таъсирбахшии маводҳои танқидӣ ва таҳлилиро вазифаи асосии фаъолияти хеш ҳисобанд;

- дар барномаҳои радио ва телевизион, саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳо инъикоси саривақтии натиҷаҳои вокунишро ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилӣ таъмин намоянд.

4. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
7 феврали соли 2009
№ 622 [139, с.164].

Аз нигоҳи мо, Фармони мазкур боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар он таносуби ахлоқӣ ба эътибор гирифта шудааст; ҳам уҳдадории роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ҳам масъулияти роҳбарони воситаҳои ахбори омма муқаррар гардидааст, ки ҳар яке дар навбати худ масъулияти ҷиддӣ эҳсос намоянд.

Ин марҳилаҳо тавре гуфтем, ҳар яке дорои махсусиятҳои ба худ хос ҳастанд ва чун як давраи муайяни ташаккулёбии меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма дониста мешаванд. Дар ин фасли кори худ ба ба таври маҷмуӣ ба ҳар яке аз ин марҳилаҳо муносибат доштем, аз ин рӯ, дар анҷоми фасл ба таври мушаххас аз нигоҳи худ марҳилаҳои мазкурро муайян намудем.

2.2. Қабули аснодӣ расмӣ доир ба меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ

Ахлоқ ва ҳуқуқ дар ҳама марҳилаҳои давлатдориҳо ҳамеша ҳамчун масъалаҳои калидии вуҷуди миллатҳо дар марҳилаи гуногун ва кунунии рушди онҳо ба ҳисоб мерафтанду имрӯз ҳам чунин мавқеъро доранд.

Ба назари муҳаққиқ А. Афсаҳзод, вобаста ба арзишҳое, ки ба низоми сиёсӣ, динӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ мутобиқ шудаанд, онҳо ҳам дар зеҳни шаҳрвандон ва ҳам ҷомеа ҳукмронӣ мекарданд ва ба таври возеҳ, мисли коғази лакмус, тағйироти ночизро пурранг нишон медоданд. «Дар ҳаёти ҷамъиятии мардуми тоҷик ҳам давлатдорӣ, фарҳанг, анъана ва маросимҳои онҳо, ки таърихи хеле бой ва намунаҳои нисбатан устувор доранд, то аввали асри 21, пас аз ба даст овардани истиқлолият ва соҳибихтиёрии воқеӣ, таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ тағйироти назарраси арзишӣ ба амал омаданд» [17, с. 110].

Ин муҳаққиқ дар идома меафзояд, масъалаи бунёди ҷомеаи инсондӯстона ва одилона, ҷомеае, ки бо қонун идора мешавад, ҳамеша дар меҳвари масъалагузориҳои ҷомеа қарор дошт, зеро чунончи ақидаи маъмули сиёсӣ вуҷуд дорад, дар асл, ҷомеа пеш аз давлат ба миён меояд ва давлат маҳсулу натиҷаи рушди ҷомеа аст.

Дар ин ҳолат, аксиомаи маъруф он аст, давлате, ки роҳи рушди мустақилона, бахусус рушди демократиро интихоб кардааст, наметавонад бидуни муқаррароти қонунгузории мувофиқ ва ба таври муайян онро ҳифзкунанда пешрафти минбаъдаю сатҳу сифати беҳтари зиндагиро таъмин намояд.

Муҳаққиқ А.Афсаҳзод инчунин, ба хусусияти дунявии идоракунии муосири Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, решаҳои онро аз таъсиси ҷумҳурии мухтор дар соли 1924 мешуморад ва менависад, аз соли 1924 то сентябри соли 1991 бинобар як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ идеяи волоияти қонун дар аввал аз ҷониби шуури ҳуқуқии инқилобӣ ҷаббида шуда, сипас аз ҳаёти воқеӣ комилан хориҷ карда шуд. Ба назари ӯ, нигилизми ҳуқуқӣ бо тамаркузи қудрати воқеӣ дар дасти дастгоҳи ҳизбӣ ва ҷудо кардани ин қудрат аз мардум боиси инкори пурраи ташкили ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ, ки бар асоси принсипҳои адолат асос ёфтааст, дар назария ва амалия ва дар ниҳоят, ба таъсиси давлати тоталитарӣ оварда расонд.

Ба назари олимони муосири давлат ва ҳуқуқ низ илми сиёсии Шуравӣ идеяи волоияти қонунро дар двлатдорӣ рад карда, онро буржуазӣ ва комилан мухолифи мафҳуми синфии давлат меҳисобид. Инкори бепарвоии мақомот ва радди илмии таҷрибаи садсолаҳо дар назария ва амалияи давлатдории бо қонун асосёфта боиси низоъҳои ҷиддии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва миллӣ дар ҳаёти ҷомеа гардид.

Дар солҳои охир дар доираи равандҳои ислоҳот тағйироти назаррас дар назари олимон дар бораи давлат ва ҳуқуқ ба амал омадаанд ва равишҳои нав барои арзёбии нақши онҳо дар низоми сиёсии ҷомеа ба таври возеҳ пайдо шудаанд. Бо такя ба иқтидори илмии гузашта ва ҳозира, инчунин таҷрибаи амалии бунёд ва фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд дар кишварҳои мутамаддини муосир таҳқиқоти ҳуқуқӣ, афкори фалсафӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ омилҳои воқеии чунин давлатро дар ҷомеа муайян кардаанд.

Конститутсия бояд ҳадафи давлатро ҳамчун таъмингари ҳаёти осоишта ва босаодат барои шаҳрвандони худ ва ҳамзамон, ҳуқуқи онҳо ба моликиятро

муқаррар кунад, яъне давлати ҳуқуқбунёд рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намуда, муносибатҳоро дар асоси баробарӣ бунёд мекунад. Аз ин рӯ, таърифи анъанавии давлат ҳамчун усули ташкили ҷомеа ба он дахл надорад. Давлати бо қонун идорашаванда волоияти қонунро таъмин мекунад ва инҳоро амалӣ менамояд: ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; баробарии умумӣ дар назди қонун; принсипи тақсимоти қудратҳо; ҳалли низоъҳо тавассути додгоҳи одилона.

Ба назари ҳуқуқшиноси машҳур Б.М. Лазарев, давлати бо қонун идорашаванда бо инҳо тавсиф мешавад: мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандии рушдёфта; фаъолияти механизмҳои зиддимонополӣ, ки аз тамаркузи қудрат дар ягон ҳалқа ё муассиса пешгирӣ мекунанд; ҳифзи ҳуқуқии афрод аз қарорҳо ва амалҳои худсаронаи ҳар кас; баланд бардоштани мақоми додгоҳ ҳамчун воситаи асосии таъмини волоияти қонун; маҳдуд кардани қудрати давлатӣ [130, с. 400].

Дар ин робита, профессори Донишгоҳи давлатии Маскав А.Г. Рихтер таъкид мекунад, дастрасии ҳар як шаҳрванд ба мундариҷаи гуногунандешонаи воситаҳои ахбори омма яке аз нишондиҳандаҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад ва мавҷудияти ВАО-и алтернативӣ ба ташаккули ҷомеаи озод мусоидат мекунад: «Инъикоси манфиатҳо ва ақидаҳои гуногун аз ҷониби ВАО ба нарм шудани ақидаҳои тундрав, рушди таҳаммулпазирӣ ва омодагии бештар ба созиш мусоидат мекунад» [199, с. 68].

Ин андешаҳо гувоҳи онанд, ки эътирофи гуногунандешӣ яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ва махсусан, давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки бояд заминаҳои худро дошта бошад. Дар кишвари мо низ ин раванд дорои асосҳои мушаххас аст.

Ба назари муҳаққиқ А. Афсаҳзод, оғози соҳибихтиёрӣ бояд қабули як қатор санадҳои меъёрӣ ҳисобида шавад, ки сохтори ҳокимият ва сатҳи худшиносии шаҳрвандонро то аввали солҳои навадуми асри бист ба таври назаррас тағйир доданд. Дар қатори аввал Қонун «Дар бораи забон» (22 июли соли 1989), ки ба доираҳои васеъ дар масъалаи худшиносӣ эътимод ва илҳом

бахшида, ба ниҳодҳои ҳокимият ва давлатдорӣ таъсир расонид, ки баъдан боиси қабули чунин қонунҳои тақдирсоз ба монанди «Дар бораи соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» (24 августи соли 1990), «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҶШС Тоҷикистон» (12 декабри соли 1990) ва ғайра гардид.

Ин муҳаққиқ таъкид мекунад, ки маҳз ҳамин санадҳои қонунгузорӣ ба сиёсикунонии шадиди ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон мусоидат карданд ва заминаи воқеии ҳуқуқиро барои таъсису фаъолияти ҳаракатҳо ва ҳизбҳои иҷтимоӣ фароҳам оварданд.

Ба назари ӯ, мувофиқи меъёрҳои қабулшуда ва он чизе, ки эълон шудааст, бояд ба назар гирифта шавад, ки ба шаҳрвандони кишвар, аз ҷумла рӯзноманигорон ҳуқуқ ва озодиҳо дода мешаванд. Агар мо эътирофи баробарии ҳуқуқии одамонро дар асоси додани ҳуқуқ ва озодиҳо ба онҳо ҳамчун хусусияти асосӣ ва пояи ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ кунем, пас дар Конститутсияи ҷумҳурӣ он бо чунин шакл қабул шудааст: Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, шаъну шараф, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои табиии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд ва «ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар касро, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ, маълумот, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулкиашон, кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробаранд. Дар асоси гуфтаҳои боло, маълум мешавад, ки ваъдаи асосӣ қабули қонуне буд, ки бар асоси баробарии ҳуқуқӣ ва принсипҳои шартномавии одамони озод ва муносибатҳо асос ёфтааст, ки моҳияти ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳанд.

Воқеан, давлати ҳуқуқбунёд аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад, чун тавассути имкони иштироки баробар дар ҳаёти ҷамъиятӣ, бо эътирофи ҳуқуқу озодиҳо ҳар кас имкон дода мешавад, ки худро ҳамчун шахсоне, ки дорои иродаи озод мебошанд ва қодиранд барои амалҳо ва оқибатҳои ҳуқуқии худ масъулиятро ба дӯш гиранд, ифода кунад. Ба назари муҳаққиқ М. Марченко

ҳам «ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи одамони баробарҳуқуқ аст, ки шахсият ва ташаббуси эҷодии худро озодона ифода мекунанд, ҷомеаи имкониятҳои баробар, ки аз мамнуиятҳои нолозим ва қоидаҳои дақиқи маъмурӣ озод аст» [144, с. 230].

Журналистика ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ дар асри XVII барои ҷамъоварӣ, коркард ва паҳн кардани иттилоот ташаккул ёфта, дар тӯли ин чанд аср фазои иттилоотии кишварро бо иттилоот пур карда, ҳамеша бо ин ё он роҳ бо давлат ва постулатҳои он алоқаманд буд ва «агар қаблан, дар шароити барҳӯрдҳои идеологӣ ва сиёсӣ, журналистикаро «қудрати панҷуми бузург» ё «қувваи сеюм» меномиданд, ҳоло бештар онро «ҳокимияти чорум» меноманд, зеро он нақши назарраси худро дар ҷомеа тавассути ташаккули шуури оммавӣ дар миқёси ҷаҳонӣ дорад.

Ба назари муҳаққиқ Е. Прохоров, «фазои ягонаи иттилоотӣ ин мавҷудияти чунин «зичии» майдони иттилоотӣ дар ҳар нуқтаи кишвар аст, ки ҳар кас имкон дорад тамоми маълумоти «зарурӣ ва кофӣ»-ро барои самтгирии муносиб дар ҳаёти кишвари худ, инчунин минтақа ва ҷаҳон, барои таҳияи назар ва ақидаҳо, барои қабули қарорҳо (аз интихоби маҳсулот то интихоби президент) ба даст орад» [192, с. 5].

Истилоҳи «плюрализм» баъди бозсозии Горбачёв барои фазои пасоШуравӣ шинос шуд. Худи ин калима, ки решаи лотинӣ дорад, маънои «гуногунӣ»-ро дорад. Файласуфон онро ба ду қисм тақсим мекунанд - идеологӣ ва сиёсӣ, ки бо ҳам зич алоқаманданд ва баробарии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро ифода мекунанд. Аммо дар ҳоле ки плюрализми идеологӣ ҳамеша ба афрод имкон медиҳад, ки ақида ва андешаҳои худро дошта бошанд, плюрализми сиёсӣ, ки равиши бисёрвекторӣ ва доварӣ ва ақида дар дохили ҷомеаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ тақсимшударо дар назар дошта, ҳамеша ақидаҳои афродро пахш мекунад.

Аз ин ҷиҳат, тафаккури гурӯҳӣ хеле зараровар аст, ки дар аломатҳои зерин ифода меёбад: иллюзияҳои осебпазирӣ, эътиқоди бечунучаро ба ахлоқи гурӯҳ, ратсионализатсия, назари стереотипӣ ба мухолифони беруна, ки аксар

вақт ҳамчун душман ҷойгир карда мешаванд, фишори қавӣ барои мутобиқ шудан, худсензура, иллюзияи якдилӣ ва ҳузури «нигоҳдорандагони ақл» дар дохили гурӯҳ: «Дар ин ҳолат, ба назари мо, шарҳ додан лозим нест, зеро таърихи Тоҷикистони Шуравӣ таърихи ИҶШС аст, ки дар он ҳамаи ин нишонаҳо намоён буданд ва ҳама гуна «андешаи инфиродӣ» пурра аз байн рафта буд» [17, с. 124].

Ба назари муҳаққиқ А.Афсаҳзод, аз замони эълони сиёсати бозсозӣ, ошкорбаёнӣ ва плюрализми афкор вазъият дар Тоҷикистон ба таври назаррас тағйир ёфт. Дар Анҷумани XXVII ҲКИШ (феврал-марти соли 1986) М.С. Горбачёв изҳор дошт: Масъалаи густариши ошкорбаёнӣ барои мо асосӣ аст. Ин масъалаи сиёсӣ аст. Бе ошкорбаёнӣ демократия, эҷодкории сиёсии омма ё иштироки онҳо дар идоракунӣ вуҷуд надорад ва буда ҳам наметавонад. Ба шарофати ин формула, ВАО дар тавсифи мушкилоти мавҷуда озодии бештар пайдо карданд.

Аммо аз байн рафтани давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ дар сарнавишти ҷумҳуриҳои ҳайати он тағйироти куллӣ ба вуҷуд овард, зеро онҳо соҳибистиқлол шуда, ба марҳилаи комилан нав дар ҳама самтҳои давлатдорӣ рӯ ба рӯ гардиданд.

Ҳамин тавр, пас аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон муносибатҳои вобаста ба фаъолияти журналистон ҳам тағйир ёфтанд. Давлати мустақили миллӣ мақсади бунёди ҷомеаи демократиро дар назди худ гузошт ва бо вуҷуди нобасомониҳои дохилӣ соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид ва бо меъёрҳои муқаррарнамудааш дар қатори демократитарин конститутсияҳои дунё ҷой гирифт, зеро инсон ва ҳуқуқу озодиҳои фитрии ӯро арзиши олӣ донист. Конститутсия Тоҷикистонро ин гуна муаррифӣ мекунад:

«Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [124, с. 5]. Ин муқаррарот низ низоми нави давлатдориро муайян намуда, ҷомеаро расман ба «ҷаҳони нав» раҳнамун сохт. Ҳамчунин, дар моддаи 30-юми Конститутсия «ба ҳар кас озодии сухан, нашр

ва ҳуқуқи истифода аз воситаҳои ахбор» кафолат дода мешавад.

Шоистаи зикр аст, ки манъ будани сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид ҳам муқаррароти конститутсионист.

Раванди ба «ҷаҳони нав» ворид гардидани ҷумҳуриҳои собиқи Шуравӣ табиист, ки ҷараёни ба дигаргуниҳои куллӣ рӯ ба рӯ шуданро дар пай дошт, зеро пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар ҳудуди он «таркиши иттилоотӣ» ба вуҷуд омад. Ин як марҳилаи таърихии ҳассос буд. Дар чунин марҳилаи ҳассос қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки ба замони бозсозӣ, пеш аз касби Истиқлолияти давлатӣ дар соли 1990 (14-декабр) рост омада буд ва давоми 23 сол (2013) барои ҷомеаи журналистии Тоҷикистон хидмате сазоворе анҷом дод, зеро қонуни мазкур бо руҳияи ошкорбаёнӣ дар заминаи талошҳо баҳри мустақилият пазируфта шуда, руҳияи демократӣ дошт: «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки дар поёни даврони Шуравӣ қабул гардида буд, бешубҳа, ба талаботи матбуоти озод ҷавобгӯ мебошад» [234, с. 142].

Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» низ, ки соли 2013 (19-март, № 961) [149, с. 8] пазируфта шуд, шакли такмилёфтаи қонуни пешина буда, ба талаботи ҷомеаи демократӣ ва журналистон мувофиқ аст, зеро ин қонун тӯли ду сол дар муҳокимаи умумӣ қарор дошта, пешниҳодҳои ҷомеаи журналистӣ низ ҳангоми таҳияи он ба эътибор гирифта шудааст.

Дар чунин марҳилаи таърихӣ, бо истифодаи самараноки имкониятҳои ҳуқуқӣ фаъолият намудан боз ҳам масъулияти бештарро тақозо мекард, ки дар аксар ҳолат сӯиистифода гардид. Фаъолияти матбуоти хусусӣ дар давраи ҳассоси таърихи миллат ба барҳӯрдҳои мухталиф дучор шуд. Мавҷуд набудани заминаи таърихӣ барои дарку тааммул боиси як қатор саросемагиҳо ва сарфи назар намудани принсипҳои журналистика гардид; муассисон ва муҳаррironро бозиҳои сиёсӣ саргарм карда, ба саҳнаи худ кашида буданд.

Ба назари мо, дар ҳолати вуҷуд доштани шароити муътадили ҷамъиятӣ

имкони қабули меъёрҳои ахлоқӣ ва риояи ҳатмии онҳо бештар аст, зеро шароити муътадил имконияти андешидан доир ба рисолати аслӣ ва ҳифзи шарафи касбиро медиҳад; дар лаҳзаҳои ҳассос ҳифзи манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ мавқеи аввалиндараҷа касб мекунад, ки дар ин ҳолат талаботу принсипҳои касбӣ хислати дуюмдараҷагӣ пайдо мекунанд.

Вале набояд фаромӯш кард, ки баъдан ҳукми таърих ба ҳар нафар мувофиқ сурат мегирад ва муайян мекунад, ки кӣ ба чӣ гуна муносибат сазовор аст. Ин аст, ки дар лаҳзаҳои ҳассос риояи меъёрҳои ахлоқӣ чун зарурати таърихӣ зуҳур мекунад, вале мутаассифона, нодида гирифта мешавад, ки баъдан эҳсос мегардад.

Назари сатҳӣ ба вазъи матбуоти он солҳо ошкор месозад, ки заруру аҳамиятнок будани меъёрҳои ахлоқӣ на ҳамеша ва на дар ҳама ҳолат дар мадди назар буд ва метавон гуфт, ки доир ба он касе фикр ҳам намекард.

Дар ҷомеаи журналистии Тоҷикистон бархе бар он бовар ҳастанд, ки демократия дар кишвари мо падидаи нав аст ва барои ба сатҳи давлатҳои рушдкарда расидан солҳои зиёд лозим аст. Аз ин рӯ, татбиқи талаботи демократӣ ба осонӣ даст намедиҳад.

Ин назар ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ низ дахл дорад, яъне агар озодии сухан воқеӣ бошад ва дар фаъолияти журналист маҳдудиятҳои қонуниву ғайриқонунӣ вуҷуд надошта бошад, пас дар ин ҳол зарурати қоидаҳои худтанзимкунӣ ба миён меояд. Ин нигоҳи соҳибназарҳоест, ки «дар нашрияҳои мустақил фаъолият доранд ва «барои иҷрои рисолати касбӣ» имконияти бештаре доштан мехоҳанд» [317].

Мавзуи мавриди назар басо нозук ва гуногунпаҳлӯ мебошад. Ба назари мо, нозукиаш эътирофи зарурати он аст, ки муқобилон низ эътироф мекунанд, гуногунпаҳлӯ буданаш дар он зоҳир мегардад, ки ба ҳар як назар муносиб фаҳмишеро пешниҳод мекунад. Масалан, тавре тавзеҳ меёбад, муқобилони меъёрҳои ахлоқӣ мегӯянд, озодии суханро набояд дар чорчӯба маҳдуд кард, алалхусус, дар сурате, ки дар таҳияи маҷмуи қонунҳои ахлоқ намояндагони ҳокимиятҳо ширкат меварзанд; бо вуҷуди мавҷудияти маҷмуи меъёрҳои

ахлоқӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас воситаҳои ахбор аз рӯйи фаҳму фаросати худ ва вазъи ҷорӣ қарорҳо қабул мекунанд; қонуни бозор ва қонуни муборизаи ВАО барои ҷалб кардани таваҷҷуҳи тамошобин ва ё хонанда рӯзноманигоронро водор месозад, ки ҳамеша меъёрҳои ахлоқиро сарфи назар намоянд; меъёрҳои ахлоқӣ барои рӯзноманигороне заруранд, ки дар мавзуъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ менависанд, аммо агар рӯзноманигор хоҳиши ба матбуоти зард гузаштанро пайдо намояд, ин меъёрҳоро бояд фаромӯш кунад [186, с. 7].

Мо ба ин нукоти назари муаллиф, ки аз номи мухолифони қабули меъёрҳои ахлоқӣ меорад, мувофиқ нестем, вале инкор намекунем, ки чунин андешаҳо табиист, ки бояд вуҷуд дошта бошанд; дар ҳоли муқоиса бартарӣ пайдо кардан, афзалият доштани яке аз тарафҳо равшан намудор мегардад.

Ба ин назари ӯ мувофиқем, ки барои тарафдорӣ аз мавҷудияти меъёрҳои ахлоқӣ андешаҳои зеринро баён мекунад: рӯзноманигорон хештанро дар ҷойи қаҳрамононашон тасаввур намуда, бояд меъёрҳои ахлоқиро риоя намоянд, масалан, хабарнигор ҳангоми раҳсипор шудан барои иҷрои вазифааш худ ба худ суҳбат мекунад: оё вай ҳам шахсан хоҳиш дошта метавонад, ки ӯро дар шакли ғайримуқаррарӣ аз тариқи телевизион нишон диҳанд ва ё дар тамоми рӯзномаҳо дар бораи ӯ ҳарф зананд? Мардум ба воситаҳои ахбор боварӣ доранд, барои ҳамин ҳам рӯзноманигор ба ҷомеа зарари ислоҳнашаванда мерасонад, агар ӯ меъёрҳои ахлоқиро сарфи назар намояд; рӯзноманигор бояд ҳангоми дурӯғро аз рост ҷудо кардан, ки бар қонунҳои ахлоқӣ асос меёбад, қобилияти идора карда тавонистани худ, эҳсосот ва иззати нафси худро дошта бошад [186, с. 8].

Дар таҳияи маҷмуи меъёрҳои ахлоқӣ ширкат доштани намояндагони ҳокимиятро ба назари мо, танҳо он ҳолат метавонад истисно кунад, ки агар ҳуқуқшиносон аз нигоҳи ҳуқуқӣ, барои ба мушкилоти ҳуқуқӣ гирифтор нашудани журналистон маслиҳатҳо диҳанд (на ин ки бо муқаррароти қонунӣ маҳдудиятҳо гузоранд) ва кумитаи марбутаи парлумон мавқеи худро муайян кунад, ки то куҷо ин амал дар доираи манфиатҳои ҷомеа сурат мегирад, на ин

ки дар доираи манофеи ҳукумат амал намояд.

Доир ба он ки озодии суханро набояд дар чорчӯба маҳдуд кард, мо ба он назар ҳастем, ки меъёрҳои ахлоқӣ мақсади таъкиди масъулияти озодии суханро доранд ва масъулияти озодии сухан тақозо дорад, ки моҳияти озодӣ ба таври пурра дарк шавад: озодӣ он маъноеро надорад, ки ҳар чӣ хоҳӣ гӯиву ҳар чӣ хоҳӣ нависӣ; озодии сухан бояд боиси фақат хислати ахборӣ пайдо кардани воситаи ахбори омма, хислати валвалаи воситаи ахбор нашавад, балки вай сабаби дуруст тарбия карда тавонистан, сабаби рӯҳбаланд карда тавонистан, сабаби ба мақсади муайян равона кардан гардад; «озодии сухан барои донистани ҳақиқати зиндагӣ ва ба ин васила расидан ба ҳаёти беҳтар аз имрӯз даркор аст» [234, с. 150].

Ба назари мо, муҳимтарин омиле, ки таваҷҷуҳ ба маҷмуи қонунҳои ахлоқиро ба вуҷуд овардаву такмил медиҳад, ин ба рӯзноманигор ҳушдор додани он ки ба қобилияти идора карда тавонистани худ, эҳсосот ва иззати нафси худ хунсардона муносибат накунад ва ҳам таъкиди он ки соҳаи ҳассостарини инсон – хулқу фитрат муносибати нозукона ва эҳтиёткоронаро тақозо дорад, зеро ахлоқи рӯзноманигорӣ ин дарк кардани масъалаест, ки ба суханони дар рӯзнома дарҷёфта ва аз тариқи радиову телевизион талаффузшуда ҳазорон одамон баробари хондан ва шунидану дидан боварӣ пайдо мекунанд. Айбу гуноҳҳои маъмуле, ки ба рӯзноманигорон нисбат дода мешаванд, аз ҷумла, ба эътибор нагирифтан ва таҳрифи далелҳои воқеӣ, дахолати густохона ба ҳаёти шахсии инсон, таҳқири шараф ва эътибори шахс, сухан кардан аз номи шахси дигар, беэътиноӣ ба муқаррароти қонунҳои мавҷуда, паҳн намудани маълумоте, ки хусусияти махфӣ дорад ва хатоҳои касбие, ки боиси қадамҳои нодурусти рӯзноманигор мегарданд, аз ҷумла, санҷиши рӯякии факту далелҳо, тавзеҳи ғайримустақими далелҳои воқеӣ, ки ба баҳодиҳии ғаразнок оварда мерасонанд, бидуни мувофиқати ҳамсуҳбат пинҳонкорона амал кардан, тамаъкорӣ, рекламаро чун матни журналистӣ пешниҳод намудан, сӯиистифода аз ҳолати рӯҳии одамон, буридани ҷузъҳои «нодаркор» ҳангоми таҳрири мавод, ки баъдан барои эътироз замина мешавад,

баъзан ба матн илова намудани ҷузъиёти дар асл мавҷуднабуда, нашри матлабҳои эътирозӣ ё вокунишҳо дар сатҳи нобаробар, ба эҳсосот дода шудан, аз матн кофта ёфтани ифодае, ки табъи дили худ аст, сабаб гардидаанд, ки масъалаи меъёрҳои ахлоқи касбӣ мубрамтар гардад ва ба таври ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Кӯшиши аввалини ба таври расмӣ омода сохтани маҷмуи меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон соли 1999 сурат гирифтааст. Иттифоқи журналистон лоиҳаи «Кодекси одобу ахлоқи журналист»-ро тариқи нашрияи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои муҳокима пешниҳод намуд. Дар матни лоиҳае, ки пешниҳод шудааст, санади мазкур бо ду ном ёд мешавад: «Кодекси одоби журналистӣ» ва «Кодекси одобу ахлоқи журналист». Лоиҳа аз муқаддима ва ҳашт банд иборат аст. Дар сарсухан мақсади қабули Кодекс чунин шарҳ меёбад:

«Мақсад аз қабули кодекс таъйину танзим намудани ҳуқуқ, салоҳият ва одобу ахлоқи касбии журналист дар доираи ҳуқуқҳои умумибашарии инсон ва чорчӯбаи қавоиди ҷомеаи демократӣ ва давлати конститутсионӣ мебошад. Риояи дастурҳои кодекси мазкур на фақат ба аъзоёни Иттиҳоди журналистон, балки барои ҳамаи кормандони эҷодии матбуот, телевизион ва радиои Тоҷикистон фарз аст» [322].

Бандҳои лоиҳаи кодекс чунин унвон доранд:

1. Доираи амали кодекс. Дар ин банд зикр мешавад, ки қоидаҳои ахлоқӣ ба ҳамаи онҳое, ки ба кори журналистӣ ва ё таҳрир машғуланд, дахл дорад; онҳо дар ҳама соҳаҳо - матбуот, радио, телевизион ва воситаҳои электронӣ мавриди эътибор мебошанд; дараҷаи салоҳият ва масъулияти роҳбари редаксия бояд дар асоси меъёрҳои одобу ахлоқи журналистӣ муайян гардад; Комиссия оид ба ахлоқ ҳуқуқ дорад, ҳамагуна ҳодисаҳои вайронкунии одобу ахлоқи журналистро, сарфи назар аз он ки ин амалро узви иттиҳод содир кардааст ё нафари дигар мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода, натиҷаи онро тариқи матбуот, радио ва телевизион эълон намояд.

2. Озодӣ ва масъулияти журналист. Ин банди кодекс ба журналист ҳуқуқ

медиҳад, ки хабар дарёфт намуда, онро дарҷ намояд, ин ё он ҳодиса ё рафтори нодурустро таҳлилу танқид кунад ва ӯро вазифадор мекунад, ки саҳеҳ будани хабарро аниқ карда, онро дар шакли аслӣ нашр намояд, эҳтироми Қонуни асосии кишварро ба ҷо оварда, барои мустаҳкам намудани сохти конститутсионӣ дар ҷомеа мусоидат кунад, дар навиштаҳояш ҳуқуқҳо, ҳаёти шахсӣ, ҳуввият ва обрӯю эътибори инсонро ба эътибор гирифта, бо назокат сухан гӯяд, дар вақти мазаммати касе ва кор бо сарчашмаҳои ахбор одоби муошират ва дигар арзишҳоро пурра риоя намояд.

3.Вайрон кардани қоидаҳои рафтор. Банди сеюм рафторҳои зеринро берун аз доираи одоби журналистӣ медонад: фикру ақида ва далелҳоро дар гузоришҳои хаттӣ ва барномаҳои радиову телевизион таҳриф ва ё ҳақиқати ҳолро рӯйпӯш намудан, бо мақсади ситонидани ришва аз шахси манфиатдор фактҳоро дониста пинҳон ва ё ғалат нашр кардан, саркашӣ намудан аз нашри саривақтии тасҳеҳ ба ғалатҳои роҳёфта, бидуни ризоияти ҳамсуҳбат матни суҳбатро нашр намудан, муғризона тағйир додани матни раддияҳо. Ҳамчунин, тазаккур дода мешавад, ки сӯиистифода аз ҳуқуқи муаллиф дониста мешавад, агар журналист мақола ё асари шахси дигарро ба номи худ нашр намояд, аз маводди дигар иқтибос оварда, муаллифро зикр накунад, матлаби таҳиянамудаи худро якбора ба ду нашрия ва ё маводди пеш дар як нашрия нашршударо ба нашрияи дигар супорад; дар ин баробар, зикр мешавад, ки дастдарозӣ ба ҳуқуқ ва шаъну шарафи шахс ҳисоб меёбад, агар журналист дар ҳаққи касе хабарҳои бардурӯғ ва ё овозаҳои тӯҳматангез паҳн намояд, шахсеро то қарори охирини додгоҳ гунаҳкор эълон намояд, бидуни ризоияти шахс аз номи ӯ хабар паҳн намояд, муаллифро огоҳ накарда, ба мақола ва дигар маводди ӯ аз пеши худ тағйиру иловаҳо ворид намояд.

4. Вайрон кардани қоидаҳои табодули назар ва танқид. Дар ин банд ҳангоми мубоҳиса дар саҳифаҳои расонаҳои хабарӣ бо шеваи таҳқир ва ба иззати нафсрасанда сухан кардан, фикру ақидаи худро баён намуда, андешаи тарафи дигарро таҳриф намудан, шарафи дигар журналистонро, ки маводро зери танқид қарор медиҳанд, паст задан «вайрон кардани қоидаи табодули

назар ва танқид» дониста мешавад.

5. Озодии журналист ва масъулияти ӯ. Ин банд ҳарчанд шакли дигари номи банди дуюм бошад ҳам, чунин муқаррарот дорад: журналист кодекси одобро вайрон мекунад, агар корҳои шахсии худро ҳамчун муҳиммоти ҷамъиятӣ пешкаш карда, бо ин роҳ фоидае ба даст оварданӣ шавад, аз имконияти касбаш истифода карда, онро ҳамчун воситаи таҳдид ба кор барад.

6. Қарори Комиссияи ахлоқ. Комиссияи ахлоқ ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии назди Иттифоқи журналистон муаррифӣ мешавад, ки вазифаи асосиаш ҷазодиҳӣ набуда, балки дарёфти роҳи мусолиҳаи байни ҷонибҳо, ризоияту оштии тарафҳо, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои касбии аъзои иттифоқ ва мувофиқи хоҳиши онҳо тафтишу таҳқиқи қазияи ба миёномада мебошад ва зикр мешавад, ки ҳангоми вайрон кардани кодекс комиссия метавонад чунин чораҳо бинад: аз тариқи рӯзнома ё ягон воситаи дигар узр пурсидани ҷониби гунаҳкорро талаб намояд, аъмоли нодурусти журналистро расман тафтишу таҳқиқ намояд, огоҳ кунад, танбеҳ ё танбеҳи ҷиддӣ диҳад, ба муддати як сол ё барои ҳамешагӣ аз ҳуқуқи узви иттифоқ будан маҳрум намояд ва қарори худро дар кадом шакле ки зарур донад, интишор намояд. Ба нафари аз узвият хориҷшуда имконият дода мешавад, ки бо ариза ба Шурои иҷроияи Иттифоқи журналистон мурочиат намояд.

7. Масъалаҳои ҷорӣ. Масъалаҳои ҷорӣ тафтишу таҳқиқро бо ташаббуси худ ё дар асоси шикоят оғоз намудани комиссия ва ғайр аз он ки вайрон кардани қоидаи ахлоқ аз ҷониби додгоҳ ҳамчун ҷиноят дониста шудааст, тафтиши ҷиҳати касбии ин қоидавайронкунӣ мебошанд.

8. Салоҳияти қабул ва тағйирот. Кодекси одобу ахлоқи журналистро съезди Иттиҳоди журналистон қабул мекунад ва ба он тағйирот медарорад.

Ба таври фишурда ин лоиҳаро зикр намудем, зеро оҳанги баён ва номгузории бандҳову муқаррароти ин санади ахлоқӣ, ки бо хатоҳои зиёди имлоиву услубӣ ва мантиқӣ пешниҳод шудааст, ба бархӯрди шадиде гирифтор шудани онро пешбинӣ мекунад.

Дотсенти кафедраи журналистикаи радио ва телевизиони Донишгоҳи

давлатии миллии Тоҷикистон (айни ҳол Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) Сангин Гулзод тариқи нашрияи «Ҷавонони Тоҷикистон» лоиҳаро дар матлабе бо унвони «Тарош аз тешаи худ ҷодаи хеш (ё чанд ишора дар поварақи лоиҳаи Кодекси одоби журналист)» [335] муҳокима намудааст.

Дар оғози сухан С.Гулзод суол кардааст, ки оё Иттиҳоди журналистон ҳуқуқи пешниҳоди чунин лоиҳаро дорад? Пасон, ӯ андешаи худро баён намуда, собит месозад, ки Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон ҳуқуқи ин гуна пешниҳодро надорад, зеро мувофиқи оиннома муҳлати ваколати роҳбарияти Иттиҳоди журналистон 5 сол аст ва онро Анҷумани Иттиҳод муайян мекунад, вале охирин анҷуман тақрибан 9 сол пеш баргузор гардида буд, аз ин рӯ, якбора «фаъол» шудани Иттиҳоди журналистон хилофи оиннома аст.

Муаллифи мақола зарурати қабули Кодекси ахлоқиро қайд карда, таъкид намудааст, ки ин амал бояд хеле барвақт сурат мегирифт, аммо лоиҳаи Иттиҳоди журналистонро, ки барои муҳокима пешниҳод шудааст, ба ҳеҷ ваҷҳ қобили пазирофӣ нест ва барои собит намудани фикри худ далелҳо овардааст.

С. Гулзод лоиҳаи пешниҳодшударо тарҷумаи таҳтуллафзӣ ва қисман ихтисоршудаи Кодекси одоби журналистони Маҷористон дониста, навиштааст: Бо ин амал Иттиҳоди журналистон «кашфиёте» кардааст, ки шояд сазовори «омӯзиш» бошад. Яъне, қонунҳои дигар давлатҳоро тарҷума карда, чун қонунҳои Тоҷикистон пешниҳод кардан гирем”. Ҳамчунин, сатҳи хеле пасти саводи тарҷумонро қайд мекунад, зеро тарҷумон ба хатоҳои зиёди услубию мантиқӣ роҳ дода, ба забони модарӣ беэҳтиромӣ кардааст. Масалан, хатои мантиқие, ки дар пешгуфтори лоиҳа ҷой дорад. Риояи дастурҳои кодекс (дастурҳо дар ин ҷо зиёдатист (қайди муаллиф)) ба аъзоёни Иттиҳоди журналистон, ҳама кормандони эҷодии ВАО-и Тоҷикистон фарз аст. Зикр мешавад, ки аз ин муқаррарот ба натиҷае расидан мумкин аст, ки чандин журналистони Тоҷикистон, ки дар расонаҳои хабарии хориҷӣ (аз ҷумла, дар бахшҳои тоҷикистонии Би-Би-Си, «Озодӣ», «Садои Хуросон») фаъолият доранд, аз риояи кодекс озоданд; дастури мазкур ба онҳо дахл надорад.

Муаллифи мақолаи «Тарош аз тешаи худ ҷодаи хеш» дигар хатоҳои услубию мантиқии лоиҳаро, аз ҷумла, он ки журналист ҳақ дорад, хабар дарёфт намуда, онро дарҷ ва мавриди танқид қарор диҳад (яъне, журналист ҳақ доштааст, хабарро дарёфт намуда, на танҳо дарҷ мекунад, балки онро (яъне хабарро) мавриди танқид қарор медиҳад), журналист вазифадор аст... саҳеҳ будани хабарро аниқ карда, онро дар шакли аслиаш нашр кунад (дар шакли аслиаш нашр кардани хабар чӣ маънӣ дорад?... бояд чунин бошад: журналист вазифадор аст, ки саҳеҳ будани хабарро аниқ карда, онро мутобиқи воқеият нашр кунад) зикр карда, пешниҳоди онро хилофи меъёрҳои ахлоқӣ шуморидааст; «таҳиягарон» бехабар аз он ки хилофи нишондодҳои лоиҳаи хеш амал карда истодаанд, боз онро ба муҳокимаи дигарон пешниҳод кардаанд.

Дар ин сурат, ба назари мо, на муҳокимаи лоиҳа, балки баррасии амали масъулони Иттифоқи журналистон сурат гирифтааст ва муаллифи мақола дархост кардааст, ки аввалан, лоиҳаи Кодекси одоби журналист аз муҳокима бозхонда шавад. Сониян, як ҳайати кории босалоҳияте аз ҳисоби журналистони босалоҳияти таҷрибадошта, ҳуқуқшинос ва олими забоншинос барои таҳияи лоиҳаи нави Кодекси одоби журналист созмон дода шавад ва лоиҳаи омодакардаи ин ҳайати корӣ ба муҳокимаи умум пешниҳод гардида, баъди муҳокимаи васеъ дар асоси таклифу дархостҳо барои қабул ба анҷумани Иттиҳоди журналистон вогузор шавад.

Он ки С. Гулзод ба муқобили санади ба муҳокима пешниҳодгардида баромад карда, пас аз он таъсиси ҳайати босалоҳиятеро барои таҳияи «Кодекси одоби журналист» пешниҳод кардааст, қобили мулоҳиза мебошад.

Чунин мавқеи худро бо он асоснок кардааст, дар шароите, ки майдони журналистикаро холигие фарогир аст, бояд барои нигоҳдошти рисолати аслӣ, барои роҳ наёфтани ҳар гуна мавқеъ бо пешниҳод ва қабули чунин санад коре кард.

Ин ҷо сабаби муносибати саҳлангоронаи роҳбарияти Иттиҳоди журналистонро ба чунин масъалаи муҳим донистан зарур аст. С. Гулзод низ

дар муҳокимаи худ қайд кардааст: «Аз матни лоиҳа бармеояд, ки баъди тарҷумаи таҳтуллафзӣ касе аз масъулони Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон онро нахондааст. Вагарна дар чунин шакл ба муҳокима пешниҳод намешуд» [335].

Аз ин баррасӣ маълум гардид, ки пешниҳоди лоиҳаи кодекс ба хотири иҷрои талаботи гранти хориҷӣ будааст, вагарна масъалаи ахлоқ муносибати эҳт.иёткоронаву нозукро талаб мекунад, ки ин нукта барои журналистони касбӣ маълум аст.

Пас аз ин муҳокима ва дархосту пешниҳодҳои Сангини Гулзод лоиҳаи мазкур аз муҳокима бозхонда шуд ва ин кӯшиши Иттиҳоди журналистон бенатиҷа анҷом ёфт, зеро лоиҳаи пешниҳодгардида қариб пурра - аз суханҳои муқаддимавӣ то анҷом тарҷумаи таҳтуллафзии Кодекси одоби журналистони Маҷористон (соли 1994 аз тарафи Иттиҳоди миллии журналистони ин кишвар қабул шудааст (Р. Х.)) буд.

Ҳангоми таҳияи меъёрҳои ахлоқӣ зарурати омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо ба миён меояд ва ин раванди муқаррарӣ буда метавонад, вале нусхабардорӣ қобили қабул нест. Ба назари мо, яке аз сабабҳои эътироф нашудани лоиҳа низ дар ин аст, зеро барои муҳокимакунандагон пӯшида наменомад, ки манбаъ аз куҷост. Кодекси одоби журналистро Иттиҳодияи миллии рӯзноманигорони Маҷористон пазируфтааст. Ҳарчанд аз дидгоҳи ахлоқӣ зикри айнани нишондодҳо муносиб нест, вале бо вуҷуди ин, ба назари мо, онҳое, ки лоиҳаро пешниҳод намудаанд, бояд омӯзиши вазъи ҷомеаи Маҷористонро ба роҳ монда, муносибат бо журналистон, мақом ва нуфузи Иттиҳоди журналистонро дар ҳаёту фаъолияти рӯзноманигорони он кишвар ба инобат мегирифтанд ва дар ҳоли мавҷуд набудани тафриқаи зиёд имкони таҳияи санади монанд бар онро ба вуҷуд меоварданд.

«Дар эъломияи Ҷапултепек, ки онро соли 1994 мамолики Амрикои Шимолӣ, Ҷанубӣ ва Лотинӣ алайҳи маҳдудсозии озодии баён дар тамоми нимкураи ғарбӣ қабул карданд, гуфта шудааст, ки ахлоқи журналистӣ шарти муҳими муваффақияти дарозмуддати воситаҳои ахбори омма ба ҳисоб

меравад» [188, с. 122].

Ба назари мо, маҳз ҳамин омил, ки риояи меъёрҳои ахлоқи касбиро шарти муҳими муваффақияти дарозмуддати ВАО медонад, метавонист ҳамчун ғояи асосие барои Иттиҳоди журналистон дар самти таҳияи санади худтанзимкунандаи фаъолияти журналистон бошад, зеро ин мақсад ба оинномаи фаъолияти иттиҳод мусоид аст; иттиҳод ҳамчун созмони ҳимоякунандаи рӯзноманигорон шинохта мешавад ва он ки барои муваффақияти онҳо талош меварзад, гувоҳе аз иҷрои рисолат буда метавонад. Метавон афзуд, омӯзиши он ки дар шароити муосири кишвар барои муваффақияти дарозмуддати воситаҳои ахбор кадом омилҳо мусоидат мекунанд, низ иҷрои вазифа бошад.

Раиси Ассосиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон Н. Қаршибоев лоиҳаи Кодекси одоби журналисти Иттиҳоди журналистонро сарфи назар намуда, қайд мекунад, ки «дар Тоҷикистони соҳибистиқлол кӯшишҳои худтанзимкунӣ, таҳия ва қабули кодекси ахлоқи журналистӣ аз оғози соли 2000 шуруъ гардида буд» [96, с. 54].

Ин нукта баёнгари кӯшиши аввалини Ассосиатсияи миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон аст, ки дар соли 2007 идома ёфтааст. Дар ин давра низ чун соли 1999 тарҳи кодекси ахлоқи касбии журналист таҳия гардидааст, вале сабаби пазируфта нашудани лоиҳаи мазкур аз ҷониби ҷомеаи журналистии Тоҷикистон, ба назари мо, танҳо аз тарафи як созмони ҷамъиятӣ ва бо дастгирии созмонҳои хориҷӣ (чун иҷрои уҳдадории дар доираи грантҳо бар дӯшгирифтаи созмони ҷамъиятӣ) таҳия гардидани он аст.

Дар соли 2007 Анҷумани миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон (АМВАОМТ) семинареро ба ин мавзуъ бахшидааст, ки бо дастгирии Фонди ба номи Фридрих Эберт дар Тоҷикистон роҳандозӣ шудааст. Семинар 24-25 феврали соли 2007 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, бо номи мушаххаси «Кодекси ахлоқии рафтори журналист» ёд мешавад. Барои боз ҳам фаҳмотар будани мавзуъ ва масъалаи мавриди назар семинар дар кори худ ба масъалаҳои ибтидоиву заминавии он диққати ҷиддӣ медиҳад. Мо бо ҷараёни

семинари мазкур ба он сабаб муфассал муносибат дорем, ки бо истифодаи сарчашмаҳои гуногун барои мушаххастар гардидани мавзуъ мусоидат мекунад.

Тадқиқоти журналисти амрикоӣ Бойник «Кодекси ахлоқӣ самаранок буда метавонад? Таҷрибаи се нашрия» мавриди муҳокима қарор мегирад. Бойник дар хусуси озодии матбуот ҳарф зада, аз ифодаи маълуми Вермонт Ройстер «Озодии баён муайянкунандаи «ҳуқуқ бидуни масъулият» (ҳуқуқ ба бемасъулиятӣ)» ёд мекунад» [147, с. 8].

Дар баробари ин, ҳисоботи комиссияи Хатчинсро ба хотир меорад, ки мувофиқи он «журналистони амрикоӣ комилан тарафдори вуҷуд доштани масъулияти иҷтимоӣ ҳастанд». Бойник дар хусуси масъалаҳои этикӣ ва муносибат ба онҳо ҳарф мезанад. Ба назари ӯ, рӯйдодҳое ҳастанд, ки онҳо сабаби қабул намудани кодекси ахлоқӣ мегарданд. Бояд омӯхт, ки вақте журналист ба масъалаҳои ахлоқӣ дучор мешавад, кодекс барояш чӣ таъсире дошта метавонад?

Кодекси ахлоқӣ вазифаҳои зиёдеро иҷро мекунад, аз ҷумла, вазифаи асосии он таъсир расонидан ба рафтори журналист ва бедор намудани ҳисси масъулияти иҷтимоии ӯст. Баъзан ин нақши кодексро нодида мегиранд. Вале ҳақиқат он аст, ки журналистон ба масъалаҳои ахлоқӣ бисёр дучор мешаванд. 165 муҳаррир – роҳбари муассисаи эҷодӣ риояи меъёрҳои интизомиро бурди кормандон меҳисобанд ва ба таври муфассал шарҳ ёфтани онҳоро дар шакли кодекс мехоҳанд.

Муҳаррирони 226 идора гуфтаанд, ки вақте рӯзномаҳо кодекси ахлоқӣ қабул мекунанд ба масъалаҳои марбути ахлоқ ҷиддан муносибат сурат мегирад ва дар ин сурат эътибори онҳо маълум мегардад. Журналист дар тадқиқи худ ба ду саволи асосӣ ҷавоб мегӯяд: Якум, кодекс дар ҳалли масъалаҳои баҳсталаб истифода мешавад? Дуюм, кадом омилҳо дар ҷараёни қабули қарор аз ҳама бештар муҳиманд; оё кодекс истифода карда мешавад?

Натиҷаи тадқиқ гуногун аст, вале муҳим он ки ба суоли асосӣ: «Зарурат ба кодекс ҳаст?» посух медиҳад.

Дар яке аз ин нашрияҳо кодекси этикӣ зарур дониста намешавад. Роҳбарияти нашрия бар он ақида аст, ки журналистон бояд худ ба қароре оянд, зеро ба онҳо бовар карда мешавад. Дар ду нашрияи дигар мавҷудияти кодекси ахлоқиро зарур меҳисобанд ва масъалаҳои ахлоқиро хуб муҳокима мекунанд. Меъёрҳои ахлоқӣ қисми таркибии маданияти хоси нашрия дониста мешаванд, аз ин рӯ, роҳбарият бо эҳтироми қонунҳои этикӣ нуфузу эътибори худро нигоҳ доштан мехоҳад.

Яке аз ин нашрияҳо меъёрҳои ахлоқиро дар ду самт татбиқ мекунад: аз поён ба боло – вақте зарурати дигаргунсозии сиёсати дохилии нашрия ба вуҷуд меояд ва дигар ҳолат аз боло ба поён – роҳбарият мехоҳад меъёрҳои ахлоқӣ дар нашрия вуҷуд дошта бошанд ва риоя гарданд. Ин нашрия мубоҳисаҳои ахлоқиро истиқбол мекунад ва мубоҳисони хубро ҳавасманд менамояд. Тадқиқи журналисти амрикоиро, ки дар семинар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, қариб пурра аз назар гузаронидем. Ҳадаф низ дар он нуҳуфта аст, ки он масъаларо ошкор ва монанд месозад.

Дар фасли пешини боби мазкур ҳам доир ба зарурати кодекси ахлоқӣ аз ин тадқиқоти Д.Бойник ёд шуда буд ва ин ҷо барои мукаммалтар гардидани моҳияти мавзуи мавриди назар ҷузъҳои дигари он зикр ёфтанд. Боиси тавақҷуҳ аст, ки аз масъала яксон натиҷагирӣ намешавад. Дар шароити плюрализм ин раванди табиист, аз ин рӯ, вақте «монанд месозад» гуфтем, ба вазъи феълии муносибатҳо дар Тоҷикистон ишора мекунем; гурӯҳе тарафдор ҳастанд, ки меъёрҳои ахлоқӣ пазируфта шаванд, қисми дигари журналистон барои қабули меъёрҳои ахлоқӣ заруратеро намебинанд.

Ҷолиб он аст, ки ҳар ду ҷониб чун вазъияти Британияи Кабир барои собит намудани мавқеи худ далелҳо доранд ва мо вазифаи худро дар он мебинем, ки устувортар ва бештар аҳамиятнок будани ақидаҳои яке аз ҷонибҳоро пайгирӣ намоем.

Ба назари мо, аз ин тадқиқ ба хулосае расидан мумкин аст, ки масъулияти иҷтимоӣ маҳаки фаъолияти журналист аст. Пас, дар ҳоли эътирофи масъулият зарурати риояи меъёрҳои ахлоқӣ ногузир зуҳур мекунад. Мантиқан, вақте

сухан аз боби шаъну эътибор ва мақому нуфузи шахсиву ҷамъиятӣ меравад, беихтиёр муносибатҳои ахлоқӣ пешорӯ қарор мегиранд, зеро ҷамъият зинда ба ахлоқу ҷомеа пойдор бо низом аст.

Дар идома тарҳҳои худидораи фаъолияти матбуот (омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ), проблемаҳои ҳуқуқии фаъолияти журналистон таҳқиқ гардидааст. Дар воқеъ, масъалаи ҳуқуқ ва соҳибҳуқуқии журналист зиёд мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки сабабҳои мухталиф дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонии «ташриф»-и ҳамешагии журналистон ба толорҳои суд барои ҷомеаи журналистии Тоҷикистон падидаи нав аст. Аз ин рӯ, зарурати тарҳҳои худидораи фаъолият дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ ба миён омадааст.

Анҷумани миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон бо баргузор намудани семинару мизи гирд ва машваратҳо ниҳоят ба натиҷае расида, санадеро бо номи «Кодекси ахлоқи журналист» омода намуд, ки чунин сарсухан дошт: Ҳуҷҷати мазкур дар доираи лоиҳаи «Ҳимояи ҳуқуқи ВАО-и мустақили Тоҷикистон» аз ҷониби АМВАОМТ бо дастгирии Фонди Авруосиё тайёр гардидааст.

Санади мазкур аз муқаддима, 4 қисм ва 26 меъёр иборат буд. Дар сарсухан мафҳуми «журналист» шарҳ ёфта, мақоми сухани он муайян карда мешавад. Қисмҳои ҳуҷҷат «Қоидаҳои ахлоқи шахсӣ», «Рафтори ахлоқӣ», «Ҳуқуқ» ва «Масъулият» унвон дошта, аз зерқисмҳо иборатанд.

Журналист – нафаре, ки ба гирдоварӣ, эҷод, таҳрир ё омодасозии мавод барои ВАО машғул аст. Фаъолияти мустақим ё муносибати шартномавӣ доштан ваколати ӯст. Қонунгузории ВАО ва амалияи фаъолият ба кормандон, мухбирони ғайриштатӣ ва онҳое, ки бо идораҳои ВАО ҳамкорӣ доранд, мақоми журналист медиҳад. Сухани журналист барои як нафар не, балки фарогири доираи васеи хонандаву шунавандаву бинанда аст. Он ҷомеаро идора мекунад; набзи замонро ифода мекунад, афкори ҷамъиятиро шакл медиҳад; метавонад созанда ва ё сӯзанда бошад; журналист бояд барои сухани худ масъул бошад ва мувофиқи қоидаҳои ахлоқи касбӣ амал намояд.

Муаррифии журналист дуруст сурат гирифтааст, вале ба назари мо, дар

хусуси моҳияти сухани ӯ ихтилофе ҳаст: журналист барои шаклгирии афкори ҷамъиятӣ мавод медиҳад, на ин ки онро бевосита шакл медиҳад, бо вуҷуди ин, пас аз чунин шарҳ таъкиди масъулият ба маврид аст.

Дар «Қоидаҳои ахлоқи шахсӣ» зикр мегардад, ки журналист бояд худро эҳтиром намояд, ӯ бояд дар муносибат бо ҳамкорон, онҳое, ки дар атроф ҳастанд, меъёрҳои ахлоқиро риоя намояд. Навиштаи журналист бо ақидаву эътиқоди ӯ мувофиқ бояд бошад ва шаъну эътибори худро бенуқсон нигоҳ дорад. Журналист бояд озодии худро ҳимоя намояд. Мафҳуми «озодии журналист» се ҷиҳат дорад: интихоби озодонаи мавқеи сиёсӣ, озодии виҷдон ва озодии эҷод. Дар ҳоли ба ҳам омадан, мавҷуд будани ин озодиҳо журналист метавонад воқеъбин бошад.

Журналистро мебояд ба қадри касби хеш расад. Барои ин зарур аст, ки ҳангоми фаъолият манфиатҳои шахсӣ аз манофеи идоравӣ фарқ карда шаванд; ҳеч гоҳ набояд манфиати шахсӣ пеш гузошта шавад. Журналист бояд дар назди виҷдони худ масъул бошад, вай набояд бо уҳдадории ҳизбҳо, ҳокимон ва дигар сохтор алоқаманд бошад. «Яроқ»-и журналист сухан аст. Сухани ӯ бояд ҳаққонӣ бошад, таҳрифи ҳақиқат нишонаи ғайрикасбӣ будан аст. Журналист бояд меҳнати ҳамкасбонро қадр намояд. Ҳангоми эҷод ба плагиат (асардуздӣ) роҳ надиҳад. Плагиат натанҳо аз худ кардани матнҳои алоҳида, балки дуздидани ғоя, идея низ мебошад.

«Рафтори ахлоқӣ»-и журналист муайян мекунад: журналистон бояд аудиторияи худро хуб донанд. Дар акси ҳол интизориҳо аз сухан бенатиҷа хоҳанд буд. Журналист бояд муҳиммияти мусоҳиба ё суҳбатеро, ки анҷом медиҳад, дарк намояд. Ҳангоми омодагӣ ба мусоҳиба журналист бояд дар бораи ҳаёт ва фаъолияти мусоҳиб маълумот гирд оварад. Журналист бояд озодии ҳамсуҳбат ва хонандагонро эҳтиром намояд. Ӯ бояд ба ҳисоб гирад; ҳолатҳое ҳастанд, ки ҳамсуҳбат ба ифшои маълумоти махфӣ ҳуқуқ надорад, ӯро маҷбур кардан лозим нест.

Қисми «Ҳуқуқ» қайд мекунад: Журналист ҳуқуқҳои зиёдеро дар ихтиёр дорад. Дар баробари ин, уҳдадор аст, Сарқонун (Конститутсия), ҳуқуқи инсон,

қоидаҳои ахлоқи ҷамъиятиро риоя намояд. Журналист ҳуқуқ дорад ба истиснои маълумоти расман «махфӣ» дигар ҳуҷҷатҳои ба ҳаёти ҷамъиятӣ марбутбударо ҷустуҷӯ намуда, истифода созад. Ӯ ба сифати пуле миёни сохтори мухталифи ҷомеа баромад мекунад. Журналист ҳуқуқ дорад ба дилхоҳ сарчашмаи мӯътамад мурочиат намояд.

Бахши «Масъулият» журналистро уҳдадор мекунад, ки бояд аудиторияро бо маълумоти навин таъмин намояд, набояд маълумоти бардурӯғро пешниҳод намояд, зеро он боиси гумроҳӣ мегардад; журналист барои осудаҳолии мардум бояд кӯшиш кунад ва ҳама шаклҳои зӯроварию тааррузро маҳкум намояд; журналист набояд ҳақиқатро пинҳон созад; бояд дар муносибат бо касон эҳтиёткор бошад, зеро мумкин аст онҳо тӯҳмат ё таҳқир кунанд.

Ҳамин тавр, лоиҳаи «Кодекси ахлоқи журналист»-и Ассосиатсияи миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон ба истиснои чанд нуктаи ислоҳталаб қобили қабул дониста мешавад, вале бо дастгирии фонде омода гардидани тарҳи кодекс аҳамияти онро дар ҷомеаи журналистии тоҷик аз миён бурд. Вале ба ҳар ҳол, иштирокдорони семинар ин тарҳро пазируфта, бо нишони ризоият имзо гузоштаанд, зеро санади мазкур сухани ниҳоие низ дорад: «Мо имзокунандагон бовар дорем, ки Кодекси ахлоқӣ инъикосгари манфиати ҳар эҷодкори тоҷик, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, ВАО-и кишвар, давлати Тоҷикистон ва моҳиятан ба ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқ аст» [147, с. 17].

Ба ин назар мувофиқем, ки кодекс метавонад инъикосгар ва ҳимоятгари манфиатҳо бошад, вале маълум аст, ки чунин шеваи таҳия ва татбиқи минбаъда садди амали воқеии он мегардад.

Кӯшиши дигари омодасозии Кодекси ахлоқии журналист соли 2008 аз ҷониби Созмони ҷамъиятии «Иттилоот ва муошират» бо ибтикори Департаменти иттилооти Вазорати умури хориҷаи Тоҷикистон сурат гирифтааст. «Иттилоот ва муошират» созмони ҷамъиятест, ки муассисонаш вазифаи онро баррасии масъалаҳои журналистика донистаанд. Вале журналист Ҷовид Муқим пас аз баррасии лоиҳаи кодекс ба натиҷае мерасад, ки он ташкилоти журналистӣ нест: бояд гуфт, ки лоиҳаи дар мизи гирд

пешниҳодшуда аз ҷониби созмони ғайрижурналистӣ ва дар сатҳи хеле пасти касбӣ омода шудааст. Қаринаи тоҷикии он пур аз хатоҳои имлоиву услубӣ буда, дар арафаи Рӯзи забони тоҷикӣ барои баррасӣ пешниҳод шуданаш худ таҳқир ба забони давлатӣ аст: «Масалан, дар моддаи 24-и лоиҳаи Кодекси ахлоқи касбии журналистони Тоҷикистон чунин гуфта мешавад, ки онро бе таҳрир меорем: Журналист ҳангоми ҷамъоварӣ ва таҳияи фото – корҳо набояд ба хатогӣ роҳ диҳад. Фотомонтаж бояд қайди махсус дошта бошад ва дорои имзои махсус бошад» [321].

Лоиҳаи «Кодекси ахлоқи касбии журналистони Тоҷикистон» аз 30 банд иборат буда, дар доираи маҳдуд баррасӣ шудааст. Дар муҳокимаи он устодони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муҳаққиқони соҳа ва журналистони касбӣ ҳузур надоштаанд. Баррасии ин лоиҳа танҳо дар доираи як мизи гирд боқӣ мондааст.

Хусусияте, ки ба лоиҳаи «Кодекси ахлоқи касбии журналистони Тоҷикистон»-и созмони ҷамъиятии «Иттилоот ва муошират» хос мебошад, он аст, ки баробари лоиҳаи кодекс, тарҳи савганди журналистро низ ба муҳокима гузоштааст.

Ин лоиҳа ба бархӯрди сахти журналистони тоҷик дучор гардид. Барои муайян намудани мавқеи худ чун нишони мувофиқат як иқтибосро зикр мекунем: ...журналистон ба мисли табибон вазифадор нестанд, ки қасами Гиппократ ёд кунанд. Бештари воқеаҳои ҳақиқиву муҳим ба эҳсос ва эътибори ин ё он ашхос таъсир мегузоранд. Ин ногузир аст. Аммо журналистон бояд бикӯшанд, ки андозаи зарар то ҳадди ақал поин бурда шавад ва одамон зери хатар набошанд: «Боб Стил, ки дар донишкадаи Пойнтер оид ба ахлоқи журналистӣ дарс мегӯяд, аз донишҷӯён пурсидани суоли зеринро дӯст медорад: Тасаввур кунед, ки шумо ва шахсе, ки дар борааш менависед, ҷойҳоятонро иваз кардед. Шумо худро дар ҷойи ӯ чӣ гуна эҳсос мекунед?» [188, с. 127].

Ба назари мо, моҳияти қасами журналистиро ҳангоми фаъолият бояд ба хубӣ дарк намуд, то ботинан хулосае ҳосил шавад, ки ба он зарурате ҳаст,

ҳарчанд ин суханро доир ба ҳама меъёрҳои ахлоқӣ гуфтан ҷоиз аст, тавре муҳаққиқи соҳа Г.В. Лазутина қайд мекунад: «Одамон аз ту ҳақиқатро интизоранд. Ин ҳақиқат дар моварои ҳаёт, миёни муносибатҳои инсонӣ ниҳон аст ва ту дар ҷустуҷӯи он танҳоӣ. Касе ба ту мушаххасан роҳи онро намегӯяд, ҳеҷ кас масъулиятро баробари ту бар дӯш намегирад. Ҳар қадами ту – ин қарори шахсӣ ва интихоби худи туст. Дар ин ҳолат танҳо як ёвар дорӣ – Садои Ботин, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ хостаи қалбатро изҳор медорад» [131, с. 4].

Ба назари мо, меъёрҳои ахлоқие, ки мавҷуд ҳастанд ва мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ҳамчун намуна ва ёвари «Садои Ботин»-и журналист муаррифӣ мешаванд; ба журналист талқин мекунанд, ки иҷрои ин амалҳо аввалан, ӯро ҳамчун инсон дар ҷомеа соҳибэҳтиром ва баъдан, чун журналист муваффақ мегардонад, аз ин рӯ, ба инъикос ва баррасии онҳо зарурат ҳаст. Савганди журналистро бошад, дар айни замон, танҳо барои эҳсоси ботинӣ лозим медонем, зеро «мантиқи ин фикр хеле амиқ аст ва бори дигар бозгӯ менамояд, ки журналист ташхисгару муолиҷакунандаи дардҳои ҷомеа мебошад. Яъне, ҳамчун табибу ҷарроҳ рафтору фаъолияташ барои ҷомеа хеле нозуку муҳим аст. Ё ба таври дигар, журналист барои ҷомеа аст, на ҷомеа барои журналист» [91, с. 38].

Ниҳояти кӯшишҳо барои худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма дар соли 2009 натиҷа дод. Созмони ҷамъиятии Шурои ВАО-и Тоҷикистон дар чандин мизи гирд ва машваратҳо лоиҳаи «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон»-ро муҳокима намуда, 30 октябри соли 2009 ин санадро қабул намуд. Дар таҳияи он намояндагони ҷомеаи журналистӣ, коршиносони миллию байналмилалӣ ширкат намуда, аз таҷрибаи мамлакатҳои гуногун истифода кардаанд. Он аз пешгуфтор ва 17 меъёр иборат аст. Ҳуҷҷати мазкур 14 майи соли 2009 дар шакли лоиҳа омода гардида, ба муҳокима гузошта шуд ва дар зарфи панҷ моҳ баррасиву пазируфта шуд. «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» аз ҷониби 64 созмону ташкилоти ВАО эътироф гардидааст [305].

Лозим медонем дар бораи ташкилоти ҷамъиятии Шурои ВАО-и

Тоҷикистон, ки беш аз 15 сол аст, фаъолияти худро идома медиҳад, каме маълумот диҳем, чун яке аз созмонҳои аслӣ дар самти таблиғу назорати риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар фаъолияти журналистони кишвар ба шумор меравад.

14 январи соли 2010 Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятии Шурои ВАО-и Тоҷикистонро ба қайд гирифт. Муассисони Шурои ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ассосиатсияи миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон, ҶДММ «Оила», ҶДММ «Чархи гардун», Хазинаи гиромидошт ва дифоъ аз ҳуқуқи журналистон, Ассосиатсияи миллии ВАО-и электронии Тоҷикистон, Телевизиони «Симои мустақили Тоҷикистон», Оҷонсии иттилоотии «Азия плюс», Маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон», Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошанд» [305].

Низомнома, Меъёрҳои ахлоқӣ дар маҷлиси умумии намояндагони ВАО, ки охири моҳи октябри соли 2009 барпо шуда буд, тасдиқ шуда Шуро, рисолат ва вазифаҳои он чунин муаррифӣ шуданд:

Шурои ВАО мақоми ҷамъиятӣ, мустақил, машваратӣ ва худтанзимкунандаи ВАО аст, ки мақсади он ташаккули фарҳанги касбӣ ва журналистикаи поквиҷдонона, барқарорсозӣ ва таҳкими боварӣ ба ВАО, таҳкими озодии воситаҳои ахбор дар кишвар, ҳимояи мустақилияти касбӣ дар ВАО мебошад. Рисолати Шурои ВАО қабул, баррасӣ ва натиҷагирӣ аз шикоятҳое аст, ки ба одоби касбии журналистон тааллуқ доранд. Шуро ҳуқуқи шарҳу тафсири «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон»-ро дорад. Ҳар шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки қазия ба ӯ дахл дорад, ба Шуро бо ариза мурочиат намуда метавонад. Инчунин, Шуро метавонад бо ташаббуси худ барои баррасӣ масъала матраҳ кунад.

Шуро воситаҳои ахбори омма ва журналистонеро, ки Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистонро эътироф мекунанд, сарфи назар аз он ки дар ВАО-и ҳукуматӣ, хусусӣ, ҳизбӣ фаъолият доранд ё журналисти мустақил мебошанд, муттаҳид мекунад. Ҳангоми баррасии шикоят Шуро ба он ҷаҳд мекунад, ки муколамаи созанда миёни тарафҳои баҳс таъмин гардад,

иштирокчиёни баҳс меъёрҳои муқарраргардидаи байналмилалии ахлоқи журналистӣ ва зарурати истифодаи онҳоро дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ дарк намояд [298].

Доир ба зарурати таъсиси чунин ташкилоте ба мисли Шурои ВАО-ро нахустин раиси интихобшудаи он профессор И.Усмонов чунин менависад, дурӯғ мегӯем мо, агар изҳор кунем, ки муҳити журналистикаи мустақили мо орӣ аз камбудиҳост. Тасаввур кунед, ки вақте ду соҳибрӯзнома ба ҳам ҷанг мекунад ва ё ба ҳам носазо мегӯяд оё соҳибрӯзнома наметавонад ин корашро нисбати одамоне ҳам амалӣ кунад, ки онҳо василаи чопии худро надоранд, то аз худ ҳимоя карда бошанд?! Аз ҷониби дигар, «дар ВАО пайдо шудани таҳқирҳо, дашномҳо ва суханҳои носазо ба хонандаи «озоди бетараф», ба тарбияи маънавии ҷомеа беасар мемонад? Шуро барои ҳаллу фасли ин лозим аст» [327].

Ин ҷо сухан дар мавриди собит намудани зарурати Шуро аст ва муҳаққиқи маъруфи журналистикаи тоҷик бо далелҳои муътамад зарурати ҳимояи озодии матбуотро таъкид мекунад. Мо ба ин мавқеъ комилан мувофиқ ҳастем, ки қабулу риояи кодекси одоб барои расидан ба ин ҳадафи муҳим муосидат менамояд. Ҳамчунин, доир ба мафҳуми «далелҳои муътамад» ақидаи дигари профессор Усмонов лозим ба таъкид аст, ҳар кадом ҷомеа аз оддитарин шаҳрвандаш то олитарин мақомаш ҳавасманд аст, ки дар ҷомеа оромӣ мавҷуд бошад, сулҳ ҳукмрон бошад. Ин мутлақо маъно надорад, ки воситаҳои ахбор танҳо таъриф кунанд, камбудиро нагӯянд, ба муқобили вайронӣ мубориза набаранд, ҳамчунон ин он маъноро ҳам надорад, ки воситаҳои ахбор носазогӯӣ кунанд, дурӯғ гӯянд, касеро таҳқир кунанд: Дар шароите, ки муайян кардани таҳқир ва шарафу номус дар бисёр ҳолат ба душворӣ мувоҷеҳ мешавад, Шурои ВАО ба он фикр аст, ки ин корро агар дар суҳбатҳои Шуро бо журналистон ҳал кунанд, беҳтар аст. Зеро натиҷаи ин суҳбатҳо на кашидан ба маҳкама, на ҷазо додан, балки ҳал кардан ва пешгирӣ кардани носазогӯӣ аст.

Ҳамин тавр, ин факт, ки созмону идораҳои зиёди журналистӣ Шурои

ВАО-ро эътироф кардаанд, хушбинкунанда аст, чун баррасиҳои мо нишон медиҳад, ки сабаби эътирофи ин санад аз ҷониби гурӯҳи босалоҳияти корӣ таҳия гардидани он аст, муддати тӯлонӣ мавриди муҳокима қарор гирифтан низ сабаби дигари ҷалби таваҷҷуҳи журналистон ба он мебошад.

Ҳарчанд дар ин лоиҳа нақши ташкилоти хориҷӣ – Созмони амният ва ҳамкории Аврупо ҳаст, Мӯсо Асозода, узви гурӯҳи кории мазкур ин нақшро бидуни ғараз, ба хотири рушди демократия, мардумсолорӣ, дарки масъулияти озодии сухан чун нишонаи гуманизм ва ҳамқадам гардидани ҷомеаи журналистии тоҷик бо ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ донистааст.

Дар маҷмуъ, пайгирии раванди ташаккули меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ гувоҳи он аст, ки баррасӣ ва кӯшишҳо барои қабули санади худтанзимкунии фаъолияти журналистӣ асос ва заминаи устувор дорад; ҳарчанд ҳолатҳои гуногуни ихтилофӣ ҳангоми пажӯҳиш ба назар расид, вале онҳо ҷузъӣ буда, ба ҳадафи ягона – беҳтар гардидани сатҳу сифати журналистикаи миллӣ нигаронида шудаанд.

Пайдоиши санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти журналистӣ дар ҷумҳурии мо ба солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ, ба замони бозсозии горбачёвӣ рост меояд.

Маълум аст, ки то ин замон ВАО зери роҳбарии ҳизби коммунист қарор дошт, дар шароити давлати тоталитарӣ қонунгузории махсус дар соҳаи матбуот дар ҳақиқат вуҷуд надошт.

«Дар мамлакат ба ном «ҳуқуқи телефонӣ» ҳукмфармо буд: ҳама гуна дастуру супориши ҳар кадом роҳбари нисбатан соҳибмартабаю бонуфузи ҳизб, ки тавассути «телефони болоӣ» дода мешуд, ҳукми қонунро дошт ва бечунучаро ё бидуни ягон хел муҳокимаю баррасӣ иҷро карда мешуд. Дар ИҶШС (СССР) сензураи сахт ҳукмрон буд, ки аз тарафи ташкилоти тамоман махфӣ бо номи асроромези Главлит (Саридораи муҳофизати сирри давлатӣ дар матбуоти назди Шурои Вазирони СССР) ва филиалҳои он дар маҳалҳо, ки мувофиқан обллит (Идораи муҳофизати сирри давлатӣ дар матбуот дар вилоятҳо) номида мешуданд, амалӣ мегардид» [68, с. 8].

Дар сарчашмаи дигар зикр мешавад, ки бидуни иҷозати маъмури сензура ё намояндаи Главлит, ки тавассути муҳр ва рақами махсус тасдиқ карда мешуд, ягон рӯзнома ба табъ намерасид, ягон барномаи радио ва телевизион ба эфир дода намешуд. Кор ҳатто то ба чунин ҳолат расида буд: журналистони телевизион ва радио маҷбур буданд, ки ба маъмури сензура «мундариҷа»-и мусоҳибаҳои ояндаи худро, ки дар эфири мустақим ба нақша гирифта мешуданд, пешниҳод намоянд, яъне пешакӣ фикр карда баровардан лозим меомад, ки меҳмон дар студия ба ин ё он савол бояд чӣ хел ҷавоб диҳад. Табиист, ки мансабдорони соҳаи журналистика таваккал карда, бо идораи муқтадири сензура муноқиша кардан намехостанд. Аз ин рӯ, онҳо аз ҳама гуна барномаҳое, ки бадоҳатан пахш мегардиданд, даст кашиданро авло медонистанд, ба ибораи дигар, табиист, ки одамонро маҷбур мекарданд, ки аз рӯйи қоғаз гап зананд. Ҳамин тавр, «солиёни дароз дар шабакаҳои телевизионии кишвари паҳновари Шуравӣ пахши барномаҳо танҳо дар шакли сабти видеоӣ ба роҳ монда мешуд, ки дар натиҷа ҳама чиз, ҳатто чизи дурӯғ ҳам дар экран суфтаю ҳамвор пешниҳод мегардид» [257, с. 74].

Тавре зикр шуд, чунин ҳолат то 14 марти соли 1990, то замоне, ки раиси Шурои Олии ИҶШС М. Горбачёв бо имзои як қонун ба Конститутсияи мамлакат тағйирот ворид намуда, низоми ҳукмронии ҳизби коммунистро бекор карда, сохтори идоракунии президентиро ташкил дод, давом кард.

Дар чунин ҳол зарурати қонунии танзими фаъолияти воситаҳои ахбори омма арзи ҳастӣ кард, зеро бекор гардидани низоми яккаҳизбӣ чунин ҳолатро тақозо дошт. Бо назардошти ин, Шурои Олии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС - СССР) Қонун «Дар бораи матбуот ва дигар васоити ахбори омма»-ро қабул намуда, озодии сухану матбуотро кафолат дода, сензураи давлатиро манъ кард [369].

Баъди аз тарафи Шурои Олии ИҶШС қабул шудани Қонун «Дар бораи матбуот ва дигар васоити ахбори омма» Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон дар ҳудуди Иттиҳод яке аз аввалинҳо шуда, 14 декабри соли 1990 бо ҳамин ном қонун қабул намуд [378].

Қонуни мазкур аз 6 боб ва 40 модда иборат буд ва вазъи ҳуқуқии фаъолияти журналистону воситаҳои ахбори оммаро муайян мекард. Аз ҷумла, дар моддаи якум моҳияти воситаҳои ахбори омма шарҳ ёфта, дар моддаи дуюм доир ба озодии матбуот чунин зикр шуда буд: Матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озоданд. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад фикру ақидаашро озодона баён кунад, онҳоро дар ҳар шакл дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма интишор намояд. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст [378].

Қонуни мазкур бо фарогирии якчанд тағйироту иловаҳо (Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1992, №10, мод.144, №11 мод.175, Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3 мод. 48, фасли XIII, с. 1997, №23-24, мод. 333, фасли VII, с. 1999, №12 мод.335, с. 2002, №4, қ.1 мод. 269) бештар аз 20 сол амал карда, бо назардошти вазъи замон дар таҳрири нав 19 марти соли 2013 таҳти № 961 аз нав қабул гардид, ки аз 6 боб ва 36 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқӣии фаъолияти матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма ва кафолати давлатии озодии онҳоро муқаррар карда, муносибатҳои вобаста ба онҳоро танзим менамояд [149, с. 8-23].

Дар боби якум чун муқаррароти умумӣ мафҳумҳои асосии истифодашуда шарҳ ёфта, озодии матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма таъкид шуда, забони онҳо, мазмуни дастгирии давлатии воситаҳои ахбори омма ва роҳ надодан ба суиистифода аз озодии сухан муқаррар гардидааст. Боби дуюм “Тартиби таъсисёбӣ ва ташкили фаъолияти воситаҳои ахбори омма” ном дошта, 16 моддаро дар бар мегирад. Дар моддаҳои мазкур ҳуқуқи таъсиси воситаҳои ахбори омма, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, мақомоти идоракунии фаъолияти воситаҳои ахбор, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии давлатии онҳо, ҳолатҳои бе қайди баҳсиобгирӣ паҳн кардани воситаҳои ахбори омма, муносибатҳои молумулкӣ ва молиявии муасси, ношир ва редаксия, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқ ба навиштани ҷавоб, ҳуқуқ ба раддия, асосҳои рад кардани раддия, баррасии ариза оид ба ба нашри раддия аз тарафи суд, нашри ахбори расмӣ

муайян карда шудаанд.

Дар бобҳои дигар муносибати воситаҳои ахбор бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо танзим шуда, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва аккредитатсияи журналист, ҳамкориҳои байналмилалии ВАО шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон барои рушди ҳамаҷонибаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма мусоидат кард.

Истиқлолият имкон дод, ки заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти расонаҳо фароҳам оварда шудаву пайваста такмил ёбанд ва ин ҳама дар асоси Конститутсия сурат бигирад. Қабули ин аснод, пеш аз ҳама, ба иродаи қавии сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот мегирад. Ва ин ки имрӯз дар фазои иттилоотии мо расонаҳои моликият ва самташон гуногун фаъолият доранд, самараи иродаи Пешвои миллатамон мебошанд. Санади олии ҳуқуқии Тоҷикистон дар қатори беҳтарин конститутсияҳои кишварҳои олам ном бурда мешавад.

«Таҳияву қабули ин санади тақдирсоз бевосита таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст. Чун бо қабули Конститутсия мо бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёдро мақсади худ қарор додем, аввалин иқдоми роҳбарияти давлати тозаистиқлоли мо фароҳам сохтани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти воситаҳои ахбори омма буд. Дар асоси Конститутсия даҳҳо қонуну санад қабул шудаанд, ки ҳамагӣ барои фаъолияти озодонаи расонаҳо мусоидат мекунанд» [55, с. 251].

Ин рушд ба бахши қонунгузорӣ низ дахл дорад; қабули якчанд қонунҳои соҳавии дигар ба монанди «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» (18 июни соли 2008 таҳти №411 қабул шуда, аз 3 боб ва 18 модда иборат аст), «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» (14 декабри соли 1996, №343, 20 модда), «Дар бораи иттилоот» (10 майи соли 2002, №, 5 бобу 44 модда), «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он2 (13.11.1998, №726, 5 боб, 48 модда), «Дар бораи табъу нашр» (27.12.1993, №897, 6 бобу 35 модда), «Дар бораи реклама» (01.08.2003, №34), самти

ҳуқуқии фаъолияти соҳаро мушаххастар гардонид [149].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», ки 14 декабри соли 1996 таҳти № 382 қабул гардида, аз 6 бобу 36 модда иборат аст, фаъолияти ташкилотҳои телевизион ва радиошунавониро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, шароити амали ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии онҳоро, ки ба истифода аз озодии сухан, ҳуқуқи шаҳрвандон барои дарёфти ахбори комилу оҷил ва ҳаққонӣ, ба муҳокимаи озоду ошкори ҳаводиси ҷамъиятӣ равона шудааст, муайян менамояд.

Дар 6 бобу 36 моддаи қонуни мазкур ҳамин моҳият, ки ҳамчун сарсухан зикр шудааст, ифода ёфтааст. Масалан, дар боби якуми қонун, ки «Қоидаҳои умумӣ» ном дорад, дар моддаи якум истилоҳоти асосӣ шарҳ ёфта, моддаи дуюм доираи амали қонунро муайян карда, моддаи сеюм принсипҳои фаъолияти ташкилотҳои телевизион ва радиошунавониро муқаррар мекунад. Ин боб, ки фарогири 10 модда аст, ваколатҳои давлат дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ, танзими давлатӣ ва назорат, манъи дахолати дигар сохторҳо ба фаъолияти эҷодии ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонӣ, маҷмуи чунин ташкилот ва вазифаҳои асосии онҳоро муайян менамояд.

Ҷолиб аст, ки қонуни мазкур ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонии давлатӣ ва ғайридавлатиро ҳамчун маҷмуи ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намуда, вазифаҳои асосии ташкилотҳои давлатии телевизион ва радиошунавониро дар се банд муқаррар менамояд, аммо дар мавриди ташкилотҳои ғайридавлатии телевизион ва радиошунавонӣ гуфта мешавад, ки мувофиқи қонунгузории ҶТ сабти ном гардида, дар асоси иҷозатномаи (литсензияи) тибқи қонуни мазкур додашуда аз ҳисоби худмаблағгузорӣ фаъолият менамоянд.

Дар боби дуюм тартиби таъсис, иҷозатномадиҳӣ ва қатъ кардани фаъолияти ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонӣ, дар боби сеюм ташкил ва навъҳои пахши телевизион ва радио, намоишҳои телевизионӣ тавассути спутник ва кабел, забони барномаҳо, истифодаи реклама дар ташкилотҳои

телевизион ва радиошунавонӣ, ҳуқуқи ташкили қароргоҳҳо, намояндагиҳо муқаррар гардидааст. Боби чорум ҳуқуқу вазифаҳои ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонӣ, кормандони онҳоро муайян намуда, ҳифзи иҷтимоии кормандони ин ташкилотҳо ва маблағгузории онҳоро муқаррар сохтааст. Боби панҷум ҳолати ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмилалии ин ташкилотҳо, боби шашум ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкурро муайян кардааст.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки қабули асноди расмӣ оид ба меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналисти каи тоҷик як раванди мунтазам ва бо мурури замон тағйирпазиру мудовим мебошад, ки дар аксар ҳолат ба самти мувофиқ равона буда, натиҷаҳои назаррас ҳам дорад.

БОБИ III
МАХСУСИЯТҲОИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚӢ

Алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои фалсафа ва ҷомеашиносӣ ба шумор меравад, зеро ахлоқ чун мавзуи ҷовидонаи инсоният ҳамеша ва дар ҳама давру замон мавриди баррасӣ, таҳлил ва таҳқиқ қарор дошту дорад. Дар ин раванд робитаи ногусастанӣ ва пайванди амиқи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, умумият ва тафовути онҳо дар маркази таваҷҷуҳ буду ҳаст, зеро ин ду падидаи рӯзгори маънавии инсон ҳамчун идомаи мантиқии ҳамдигар ба ҳам пайвандии зиёд доранд.

Ахлоқ дастоварди муҳимтарин дар тӯли фаъолияти эҷодии инсоният мебошад. Ин падидаи арзишманд баробар бо пайдоиши инсони андешакунанда зуҳур карда, дар муназзам сохтани ҷомеаи инсонӣ ва таъмини марҳилаҳои ташаккули минбаъдаи он саҳми назаррас гузоштааст. Ба ибораи дигар, таърихи ташаккули маънавиёти инсонӣ бо пайдоиши ахлоқ пайванди ногусастанӣ дошта, низоми мукаммали ҷамъиятиро бе вуҷуди ин падида тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Мусаллам аст, ки шинохти мазмуну моҳияти ахлоқ ва мушаххас намудани нақши он дар танзими ҷомеа, имрӯз низ аҳамияти худро нигоҳ дошта, таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд. «Донишмандони муосир баробари баррасии масоили дигари илмиву техникӣ таҳқиқи масоили ахлоқиро низ муҳим мешуморанд, зеро шуур ва мафкураи инсони маҳаки асосии ташаккулдиҳандаи соҳаҳои дигари ҷамъият мебошанд. Тарбияи шуур ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли башар омили муҳимтарини ҳифзи арзишҳои умумибашарӣ ва ташаккули ҷомеаи мутамаддин ва инсонмеҳвар маҳсуб меёбад» [225, с. 103-104].

3.1. Таъсири омилҳои этикӣ ба шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ

Дар ҳақиқат, ахлоқ ҳамчун маҳсули шуури инсонӣ алоқамандии бевосита

бо дигар зуҳуротеро дорост, ки аз шуури инсон падид меоянд. Ҳуқуқ низ ба маънои аслӣ аз зуҳуроти табииест, ки аз тафаккуру шуури инсон бармеояд, аз ин рӯ, алоқамандии бевосита ба ахлоқ дорад. Дар баробарии алоқамандии зиёд тафовут ҳам дорад, ки ба назари муҳаққиқон ин фарқ чунин аст: Шуури ахлоқӣ, яке аз шаклҳои асосии арзишҳои шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки дар он меъёрҳои муқарраргардидаи умумӣ ва баҳодиҳии фаъолияти инсонӣ инъикос меёбанд. Дар тафовут аз шуури сиёсӣ, ки принсипҳои муносибати байни гурӯҳҳои иҷтимоиро инъикос менамояд, аз шуури ҳуқуқӣ, ки дар он шахсияти инсон, муносибатҳои ӯ ба дигарон бештар ҷалб карда шудаанд, шуури ахлоқӣ муносибатҳои байни шахсиятҳоро инъикос менамояд. «Ташаккулёбии шуури ахлоқӣ ҳануз дар марҳилаҳои аввали инкишофи худ барои ба назму тартиб даровардани муносибатҳои байни шахсиятҳо ва фаъолияти якҷояи одамон дар ҳама соҳаҳои ҳастии ҷамъиятии онҳо камари хидмат бастааст» [350].

Инчунин, доир ба ҷанбаҳои хоси фарқкунандаи меъёрҳои мазкур низ андешаҳо вуҷуд доранд, ки дар чунин шакл ифода ёфтаанд: масалан, агар меъёрҳои шуури ҳуқуқиро муассисаҳои давлатӣ тартиб дода, дар ҳаёти ҷамъиятӣ татбиқ намоянд, пас меъёрҳои шуури ахлоқӣ мустақиман дар амалияи рафтори одамон, дар раванди муносибатҳои рӯзмарраи онҳо ташаккул ёфта, вазифаи худро анҷом медиҳанд, ки дар натиҷаи тақрибаи таърихӣ ва ҳаётии якҷояи одамон муқаррар гардидаанд. Онҳо аз ҷониби ҷомеа ҳамчун арзиш барои ҷомеаи муайян таҳким меёбанд, вале дорои нерӯи ҳуқуқӣ намебошанд [350].

Доир ба умумияти онҳо низ сухан ба миён оварда, муҳаққиқ З.Зиёёева зикр мекунад, ки дар зиндагии инсон ҳама фаъолияти инсонро метавон бо меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба низом даровард. Инчунин, шакли бисёршохаи танзими ҷамъиятии рафтор вуҷуд дорад, ки онро наметавон ба соҳаи ахлоқ мансуб донист. Ба ин гурӯҳи танзимкунанда урф, одат, маросим, муқаррароти дохилии гурӯҳҳои муайян, мӯдҳои зудгузари рафтори оммавӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд.

Дар ин маврид метавон бо ин муҳаққиқ ҳамақида набуд, ба он хотир, ки

ахлоқ, ки бо мафҳуми умумии этика фаҳмида мешавад, дар зермаънои худ ин «шакли бисёршохаи» танзими ҷамъиятии рафторро фаро мегирад, аз ин рӯ, бо он қисмати андешаи ин муҳаққиқ, ки мегӯяд, ҳама самтҳои фаъолияти инсонро метавон бо меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба танзим дароварда, мувофиқ будан имкон дорад.

Дар идомаи андешаҳояш муҳаққиқ З.Зиёева доир ба шуури ахлоқӣ чунин афкори арзишмандро пешниҳод менамояд, ки қобили дастгирист: ...шуури ахлоқӣ омили зарурии пешрафти ҷомеаи инсонӣ ва инсоникунонии он мебошад. Пешрафти умумии шуури ҷомеаи инсонӣ аз пешрафти шуури ахлоқӣ ҷудонашаванда аст. Шуури ахлоқӣ дар навбати худ баробари пешрафти иҷтимоӣ-таърихии ҷомеа, камолоти ҷанбаҳои гуногуни он: иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавиро боз ҳам васеътар намуда, онҳоро ғанитар мегардонад.

Инчунин, ӯ доир ба фаҳмиши сатҳи шуури ахлоқӣ дар илми муосир маълумот дода, зикр мекунад, ки шуури ахлоқӣ дар ду сатҳ фаҳмида мешавад: одӣ(муқаррарӣ) ва назариявӣ. Агар дар сатҳи одӣ ахлоқи воқеии ҷомеа, ҳамон меъёрҳои амалкунандаи интишорёфта ва баҳодиҳиҳое амал кунанд, ки аз тарафи сохти муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ устувор гардонида шудаанд, пас, дар сатҳи назариявӣ идеали ҷамъиятӣ, соҳаи мебоистҳои муҷарраде пеш кашида мешавад, ки бо сабабҳои муайяни таърихӣ ҳеч гоҳе бо воқеият мувофиқ наомадааст. «Сатҳи идеалӣ-назариявии шуури ахлоқиро ахлоқ меноманд, ки баробари пайдошавии давлат, аз тафаккури сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо шудааст. Низоми императивҳои ахлоқӣ ҳамчун маҷмуи ҳақоиқи мушаххас ҳамеша тағйирёбанда мебошанд» [350].

Муҳаққиқи мазкур ба ахлоқ ва мақоми он дар ҷомеа баҳои баланд медиҳад, ки мо низ ба он мувофиқем: Аммо худи далели пайдошавии ахлоқ бояд ҳамчун инқилоб дар шуури ахлоқӣ баҳо дода шавад. Ахлоқ дар тафовут аз сатҳи шуури одӣ бо ҷаҳонбинии фалсафӣ он қадар наздик аст, ки на танҳо шароити мавҷуда, балки меъёрҳои амалии рафторро пешниҳод менамояд.

«Ахлоқ барои инсон ҳамчун воситаи болобаранда хидмат мекунад: дар

миёни нерӯҳои ташаккулдиҳандаи инсон ахлоқ ҷои асосиро ишғол мекунад. Вай на танҳо ба анъана ва одат такя менамояд, балки ба он аз назари танқидӣ баҳо мегузорад ва ҷанини идеали пешгӯишавандаро пайдо намуда, барои амалӣ гардонидани он дар амалияи минбаъдаи иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Назарияи ахлоқ дар муқобили шуури мавҷудаи ахлоқӣ қарор дорад. Имкониятҳои ахлоқӣ беҳудуд буда, идеали ахлоқӣ – ин ояндаи ҷомеа аст» [350].

Воқеан ҳам, ҷовидонагии ахлоқ ҳам дар ҳамин идеали он ифода меёбад, зеро ҷомеаи инсонӣ бояд идома дошта бошад ва меъёрҳои ахлоқӣ мавҷудияти ояндаи дурахшони ҷомеаро таъмин мекунанд.

Ҳуқуқшиносон М. Мансурзода ва Ғ. Қодирзода мушаххасан доир ба мавзуи мавриди назари мо мувоҷеҳ шуда, дар мақолаи илмии худ «Алоқамандии ахлоқ ва меъёрҳои ҳуқуқ: таҳлили мухтасар» менависанд: «дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрам дар самти ташаккули низоми қонунгузорӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ин мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқии сатҳи баланд мебошад, ки дар заминаи меъёрҳои ахлоқ қабул гардидааст. Зеро дар сурати эътироф нагардидани меъёрҳои ахлоқ ва ҷой наёфтани онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нуфузи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷомеа паст гардида, самаранокии онҳо аз байн меравад. Аз ин лиҳоз, масъалаи мазкур тақозо менамояд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бояд ба талаботи ахлоқ ҷавобгӯ бошанд, зеро инсон дар ҳар давру замон ба ахлоқ арҷ гузоштааст» [143, с. 36].

Ин муҳаққиқон барои тақвияти андешаҳои худ ба осори илмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба мубраммияти ахлоқ дар ҷомеа таваҷҷуҳ намуда, борҳо дар баромад ва асарҳои илмии худ оид ба нақши ахлоқ ибрози ақида намудаанд, мувоҷеҳ мешаванд ва вобаста ба он назари худро баён менамоянд: Вобаста ба муҳиммияти ахлоқ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари илмии худ «Имоми Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ» иброз менамоянд, ки ҳар қадар дараҷаи ахлоқӣ ҷомеа баланд

бошад, ба ҳамон андоза талаботи қонун дар он хубтар ҷорист. Инчунин, сатҳи болоравии ахлоқӣ ҷомеа ба устуворӣ ва мустаҳкамии давлат алоқаманд аст.

Аз ин бармеояд, ки меъёрҳои ахлоқ на танҳо дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, балки, дар танзими муносибатҳои сиёсӣ низ мавқеияти хоссаро доро мебошанд. Чунин арзиши баланди меъёрҳои ахлоқӣ, мутафаккиронро водор намудааст, ки ақидаҳои худро оид ба муҳиммияти ахлоқ иброз намоянд. Аз ҷумла, мутафаккир Конфутсий (солҳои 551-479 пеш аз мелод) дар таълимоти худ унсурҳои асосии ахлоқро бештар истифода бурдааст. Ҳурмату эҳтиром, накӯкорӣ, сифату хислатҳои ҳамидаи инсон дар ҷомеа ва сиёсат дар афкори ӯ саҳми бузург доранд. Конфутсий иброз менамояд, ки «шаҳрванди накӯкор ба ҳокими худ содиқ аст ва эҳтиром нисбати ӯ дорад. Инчунин, мутафаккир иброз менамояд, ки ба ҷои ҷанг кардан таҳсил ва ахлоқу одобро ҷорӣ кардан лозим аст, зеро бо воситаи одобу ахлоқ дар байни мардум ва давлатҳо пойдор гардидани сулҳ мумкин мебошад» [143, с. 38].

Дар ҳақиқат, меъёрҳои ахлоқ дар ҳар давру замон арзиши баланд дошта ба муқобили ҷоҳилӣ, разолат, бадӣ, фитна ва ғайра баромад намуда, инсонҳоро дар роҳи ростӣ, адолат, хирадмандӣ, инсондӯстӣ, накӯкорӣ ва ғайра ҳидоят кардааст. Аз ин рӯ, метавон иброз намуд, ки ҳудуди амали меъёрҳои ахлоқ фарох буда, он метавонад танзимкунандаи муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз ҷумла, муносибатҳои сиёсӣ бошад. Асосан дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳои гуногун ба монанди меъёрҳои ахлоқ, одатҳо, меъёрҳои динӣ ва ҳуқуқӣ истифода мегарданд.

Дар низоми меъёрҳои иҷтимоӣ меъёри ахлоқ мавқеи хосса дошта, он заминаи ташаккулёбии дигар меъёрҳои иҷтимоӣ аз ҷумла, меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд. Пеш аз ҳама, «ахлоқ қисмате аз амалҳои некиро фаро гирифта, хушбахтии инсон ва саодати ҳақиқии зиндагии одамонро фароҳам меорад. Бадӣ бошад, ҳамчун ҷузъи дигари ахлоқ, тасаввуротро оид ба разолат ва ҷаҳолат ифода менамояд. Бадӣ дар он ҷое ба вуҷуд меояд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ носолим ва зиддиинсонӣ буда, қадру қиммати шахс поймол мегардад» [143, с. 38].

Меъёри ахлоқ ин қонуну қоидаҳои шахшуда набуда, дар натиҷаи робитаи доимӣ, таърихан ташаккулёфта, ҳамеша дар инкишофу тағйирёбӣ қарор дорад. Вобаста ба масъалаи мазкур метавон иброз намуд, ки муҳиммияти меъёрҳои ахлоқро мутафаккирони замони муосир низ зери коркарди илмӣ қарор додаанд. Аз ҷумла, мутафаккирон-ҳуқуқшиносон Б.И. Чичерин, Б.А. Кистяковский ва дигарон «ҳуқуқро бо ахлоқ, ақидаҳои озодӣ, баробарӣ, адолат алоқаманд мекунанд. Дар ҷомеа, қонунгузорӣ набояд аз меъёрҳои ахлоқӣ берун равад…барои он ки қонун ва ахлоқ ҳадди ақал дар ҳамоҳангӣ қарор дошта бошанд» [79, с. 16]. Равиши мазкурро дигар мутафаккирон ҷонибдорӣ намуда, чунин иброз менамоянд, ки ғайр аз муошират ва мутобиқати амиқи бунёдии ахлоқ, қонун ташаккул намеёбад ва қабул карда намешавад. Аз ин бармеояд, ки ба эътибор гирифтани арзишҳои дигари иҷтимоӣ (ахлоқӣ, динӣ ва ғ.) метавонад дар раванди қабул, амалинамоӣ ва татбиқи қонун дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бисёр ба маврид ва натиҷабахш бошад.

Ахлоқ як қатор фазилатҳои худро дорад, ки наметавон бо ибораҳои хуб ва бад маҳдуд гардад. Арзишҳои ахлоқӣ: виҷдон, адолат, беадолатӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ низ васеъ истифода гардидаанд. Масалан, дар моддаи 1 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таъкид гардидааст, ки тамоми одамон соҳиби ақлу виҷдонанд ва бояд бо якдигар муносибати бародарона дошта бошанд.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар замони муосир муҳиммияти меъёрҳои ахлоқ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидааст.

Инчунин, дар замони муосир маҳз фарҳанги ҳуқуқи инсон тавассути арзишҳои ахлоқӣ дар ҳар як фард ҳиссиёти эҳтиром ба инсонро парварида, он дар рафти омӯзиш ва таҳсил, тарбияи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ташаккул меёбад ва ҳамин тавр дар шуур ва рафтори инсон ҷойгир карда мешавад.

Албатта, бояд иброз намуд, ки «нақши ахлоқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ назаррас буда, маҳз инъикоси он дар меъёрҳои ҳуқуқ нуфузи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро баланд бардошта, ба амалигардии онҳо мусоидат

менамояд. Ҳангоми ҷавобгӯ набудани меъёри ҳуқуқ ба меъёрҳои ахлоқ он аз ҷониби ҷомеа қабул нахоҳад гардид. Дар ин сурат нуфузи қонун дар ҷомеа паст мегардад» [143, с. 39].

Бевосита объекти як қатор меъёрҳои моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, Кодекси граждании ҶТ-ро бевосита ахлоқ ташкил медиҳад. Масалан, айни замон ахлоқ ба сифати объекти моддаҳои 137, 237, 237 (1), 351- и Кодексии ҷиноятии ҶТ (м. 137, таҳқири омавии Президенти ҶТ ё туҳмат кардан ба ӯ, м. 237 авбошӣ, м. 237 (1) вандализм, м. 351 гувоҳии бардурӯғ) баромад менамояд.

Гузашта аз ин, дигар санадҳои зерқонуние ҷой доранд, ки ба меъёрҳои ахлоқ ишора менамоянд. Масалан, мутобиқи Фармони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбии қӯшунҳои дохилӣ бо шаҳрвандон»: «ҳар як корманд намояндаи ҳокимият мебошад ва вазифадор аст, ки дар ҳар лаҳза ба шахси дар мусибат афтода дасти ёрӣ дароз кунад, дағалӣ, беодобӣ, беэътиноӣ ба талаботи қонун, ахлоқи ҷамъиятӣ, ки аз ҷониби ӯ зоҳир меёбанд, шаъни ин ҳокимиятро доғдор месозанд. Меъёри санади зерқонунии мазкур ҷанбаи баланди ахлоқӣ дошта, кормандони мақомоти корҳои дохилиро вазифадор кардааст, ки, пеш аз ҳама, ба дағалӣ, беодобӣ, беэътиноӣ ба талаботи қонун ва ахлоқи ҷамъиятӣ роҳ надиҳанд. Мутобиқи қисми 3-юми банди 9 Кодекси одоби касбии кормандони милитсия бошад, корманди милитсия вазифадор аст, ки «дар мансаби роҳбарикунанда фаъолият намудаистода барои кормандони зертобеъ... фазои солими ахлоқиро таъмин намояд» [143, с. 40].

Дар асоси таҳлилҳои боло метавон иброз намуд, ки ахлоқ ва ҳуқуқ дар алоқамандии зич қарор дошта, дар якҷоягӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Паст гардидани сатҳи ахлоқи ҷомеа, риоя нагардидани принсипи қонуният давлату миллатро ба буҳрон меорад.

Бо дарназардошти ақидаҳои гуногуни фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ ҳаминро зикр намудан ба

маврид аст, ки заминаи ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ ин мавҷудияти тасаввуроти баланди ахлоқӣ мебошад.

Метавон иброз намуд, ки дар ҳар давру замон ахлоқ дар ҷомеа мавқеи худро доштааст. Махсусан дар гузаштаи таърихӣ меъёрҳои ахлоқ бевосита муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамуданд. Вале бо мураккаб гадидани муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла ба вуҷуд омадани моликияти хусусӣ, муракабшавии идоракунии ҷамъиятӣ, рушди тех-нология танзими чунин муносибатҳо аз ҷониби танҳо меъёрҳои ахлоқ нокифоя буданд. Дар ин замина барои танзими самарабахши муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омад. Новобаста аз он ки меъёрҳои ҳуқуқ қабул гардиданд, заминаи асосии онҳоро унсурҳои ахлоқӣ ташкил медиҳанд.

Дар умум ахлоқ ва ҳуқуқ ҳамчун меъёрҳои иҷтимоӣ ҳамаи амалҳои ғайриинсониро маҳкум менамоянд. «Мақсади асосии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ин баланд бардоштани маърифатнокӣ, ба воя расонидани шахси дорои хислатҳои хуби инсонӣ ва бунёди ҷомеаи солим ба ҳисоб меравад» [143, с. 39].

Дар ин мақолаи олимони ҳуқуқшинос, ки мо ба таври муфассал мувоҷеҳ шудем, асли моҳияти мавзуи мавриди назар вуҷуд дорад, зеро алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ва таъсири меъёрҳои этикӣ дар шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ мушаххасан баррасӣ гардидааст.

Муаллифони китоби «Ҳуқуқи инсон» ба мавзуи ин фасли кори мо таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаанд, ки барои фаҳмотар гардидани мавзуъ зикри муфассали онро зарур мешуморем.

Ба назари онҳо, муносибатҳои байни одамон дар ҷомеа бо низоми меъёрҳои иҷтимоӣ ба танзим дароварда мешавад, ки асоситарини онҳо меъёрҳои ахлоқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Дар меъёрҳои ахлоқӣ тасаввурот дар бораи некию бадӣ, адолату эътибор, шарафу шафқат ифода ёфтаанд. Меъёрҳои ахлоқ маҳсули рушди таърихии инсоният мебошанд, онҳо дар рафти муборизаҳо бо бадӣ, барои барқарории некию инсондӯстӣ, бахту саодати одамон ташаккул ёфтаанд. «Ба сурати умум мундариҷаи ахлоқ дар «Қоидаи тиллоӣ», ки ҳануз дар Юнони қадим, Ҳиндустону Чин маълум буд,

ифода ёфтааст: Нисбат ба дигарон тавре рафтор намо, ки нисбат ба ту низ чунин рафтор кунанд. Меъёрҳои ахлоқӣ (маънавӣ) дар афкори ҷамъиятӣ тарҳрезӣ гардида ва бо худи ҳамин афкор аз вайрониҳо эмин монда, чун қоида, бар асари муътақидии шахсӣ ва одатҳои одамон ба ҷо оварда мешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқ аз ҷониби давлат муқаррару тасдиқ мегарданд ва бо меъёрҳои ахлоқ алоқамандии зич доранд. Чунончи, масалан, панди бузургон «ҳуқуқ санъати некию адолатнокист» алоқамандии таркибии ҳуқуқ ва ахлоқро бозгӯ мекунад, ки мувофиқи ин муқаррарот қонунҳо бояд боадолатона ва инсондӯстона бошанд» [99, с. 36].

Доир ба алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ зикр мешавад, ки меъёрҳои умумиинсонии ахлоқ арзишҳои маънавианд, ҳуқуқҳои инсон бо арзишҳои ахлоқӣ алоқамандии зич доранд ва мафҳумҳои мазкур ё якдигарро пурра месозанд, ё дар ҳамбастагӣ аҳамияти умумиро моликанд. «Вақте сухан дар бораи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон меравад, дараҷаи инкишофи муносибатҳои ахлоқӣ дар ҷомеа дар назар дошта мешавад, ки бо ҳуқуқҳои инсон бевосита алоқаманданд. Ҳуқуқҳои инсон низ арзише маҳсуб мешаванд, ки дигар категорияҳои ахлоқиро муттаҳид месозанд» [99, с. 36].

Ҷолиб аст, ки мафҳуми арзиш, ки аз муҳимтарин омилҳои алоқамандсози меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, хеле хуб шарҳ ёфтааст: Арзиш гуфта ҳамаи он чиро меноманд, ки руҳияи мусбат дошта, ҳамчун некӯаҳволӣ, накӯкорӣ, кӯмак ва зарурат баррасӣ мешавад. Арзишҳо идеалҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи маънавие мебошанд, ки инсоният ба онҳо муваффақ шуда, дар шуури ҷамъиятӣ таҷассум сохтааст. Арзишҳо таваҷҷуҳро ба худ ҷалб карда, ҳамчун сарват ва манфиат баррасӣ мешаванд ва тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии одам ва ҷомеаро фаро мегиранд. Онҳо мувофиқсозандаи манфиатҳои шахсият ва ҷомеа, таъминкунанда ва болобарандаи шаъну эътибори инсон, нигоҳдорандаи тартиботи ҷамъиятӣ мебошанд.

Чун моҳияти арзиш маълум гардид, чун муҳимтарин далели алоқамандии ахлоқ бо ҳуқуқ ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши умумиинсонӣ дониста мешавад ва таъкид мегардад, ки ҳуқуқи инсон арзиши бузургтарини маънавӣ мебошад

ва чун арзиши умумиинсонӣ аз ҷониби тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Муаллифони мазкур доир ба мундариҷаи ҳуқуқу озодиҳои инсон изҳори назар карда, иброз менамоянд, ки он чун арзиши маънавӣ аз силсилаи категорияҳои ахлоқӣ иборат аст, ки инсондӯстӣ, озодӣ, адолат, шаъну эътибор, виҷдон, поквиҷдонӣ ва монанди инҳо аз он ҷумлаанд: Масалан, ҳуқуқ ба хаёти шахсӣ, дахлнопазирии манзил, махфияти мукотибот ба меъёрҳои ахлоқии ҳалимӣ, раҳмдилӣ, боодобӣ асос ёфтаанд. Дар озодӣ аз шиканҷа ва муносибатҳои ғайриинсонии золимонаю ҷазодиҳӣ арзишҳои маънавӣ - инсондӯстонаи ҳамдардӣ ва инсонгароӣ ниҳонанд. Дар ҳуқуқи ҳимояи баробар аз ҷониби қонун ва баррасии одилонаи судӣ мафҳумҳои маънавии баробарӣ, боварӣ, кӯмаку дастгирӣ, худидоракунӣ мавҷуданд. «Озодии афкор, виҷдон, дин, эътиқод ба хирадмандӣ, мулоҳизакорӣ, зиёӣ будан, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ба раҳму шафқат, саховатмандӣ ва адолат асос меёбанд» [99, с. 36].

Ҳуқуқшиносони маъруф доир ба ин нукта ҳам ишора мекунанд, ки арзишҳои ахлоқӣ ҳуқуқҳои инсонро таъмину ҳимоя менамоянд: Инсондӯстӣ ҷараёни афкори ҷамъиятиест, ки дар даврони Эҳё пайдо шуда, арзишмандии ҳар як шахсияти инсониро таҳким бахшидааст ва чунин арзишҳои ахлоқиеро муайян кардааст, ки ҳуқуқҳои инсонро таъмин ва ҳимоя мекунанд: шаъну эътибор, вичдон, маънавият, озодӣ, баробарӣ, ҳамраъйӣ. Инсондӯстдорӣ, волоияти мақоми иҷтимоии инсон ва ҳимояи манфиатҳои вай ба пайдошавии худи категорияи “ҳуқуқҳои инсон” оварда расондааст. Даст кашидан аз ғояҳои гуманизм, инсондӯстдорӣ ба футурравию пошхурии олами ба инсоният маълум ва ҳамаи арзишҳои умумиинсонии ба он такякунанда оварда мерасонад.

Озодӣ яке аз мафҳумҳои асосии зиндагии инсон аст, ки ҳамеша мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дошту дорад. Ин мафҳум дар замони муосир яке аз мафҳумҳои асосии журналистика ҳам ба шумор меравад, зеро шароити ҷомеаи демократӣ муносибати хоссаро бо ин мафҳум тақозо дорад. Аммо пеш аз ҳама,

ин мафҳум ба фалсафа ва ҷомеашиносӣ бештар рабт дорад, ки баъдан ба соҳаҳои дигар бевосита алоқаманд гардид. Аз ин рӯ, тавзеҳи умумии он хеле муҳим аст: Ҳамаи одамон озоданд. Озодӣ яке аз арзишҳои ахлоқии умумиинсонист, имконияти ба амал баровардани ҳамаи чораҳоест, ки ба каси дигар зарар нарасад. Озодии инсон бисёрҷабҳа аст, вай ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳар як шахсияти алоҳидаро фаро мегирад. Аммо озодӣ мутлақ шуда наметавонад, чунки он ба ҳар кас тааллуқ дошта бошад ҳам, одамон дар ҷомеа зиндагӣ мекунанд. Сарфи назар аз он ки озодӣ арзиш аст, инсоният ҳануз аз замонҳои қадим ба хулосаи зарурати маҳдудсозии он бо мақсади нигоҳдошти некӯаҳволии умум, назорати муносибатҳои байни одамон, ҳамчунин кафолатҳои он расидааст.

«Озодӣ дар мустақилияти шахсият ифода меёбад, вале амалҳои мустақилонаи одам бояд оқилона бошанд ва ба дигар одамон зараре нарасонанд. Дар назди ҳар як шахсият чунин вазифаи маънавӣ меистад: Ман соҳибихтиёрии худро махдуд месозам, то ки қарзи хешро дар назди дигарон ба ҷо орам, ҳуқуқҳои дигаронро эҳтиром кунам, нисбати дигарон ноадолатӣ накунам, ба некӯаҳволии онҳо мусоидат намоям» [99, с. 36].

Чун мавриди сухан аст, иброз менамоем, ки имрӯз дар баъзе ҷомеаҳо фаҳмиши озодӣ маънои мутлақ пайдо кардааст, ҳол он ки ҳеҷ гоҳ ин тавр нест, зеро вақте ки озодӣ ҳамчун мафҳум ва арзиши асосии ҳаёти инсон эътироф мегардад ва таъриф дода мешавад, ҳеҷ гоҳ аз масъулият ҷудо дониста намешавад, яъне озодӣ бидуни масъулият вуҷуд надорад, аз ин рӯ, ҳеҷ гоҳ мутлақ буда наметавонад. Аз ин нуктаи назар, шарҳи фалсафии он ва алоқамандиаш бо ахлоқ ва ҳуқуқ хеле муҳим аст.

Муаллифони мазкур байни арзишҳои ахлоқие, ки ба ҳуқуқҳои инсон муносибати бевосита доранд, ин арзишҳоро муайян кардаанд: «ҳақиқат, вичдон, поквичдонӣ, муҳаббат, саодат: вичдон эҳсоси ботинӣ, чунин руҳияи инсон аст, ки имконият медиҳад, некию зиштӣ, хубию бадӣ, адолатнокию беадолатӣ фарқ карда шавад. Ин ҳамон нидои даруниест, ки ба одам кӯмак мекунад, дар асоси тасаввуротҳои умумии маънавӣ ин ё он тарзи рафторро

интихоб намояд. Бо мафҳуми виҷдон категорияи ахлоқии поквиҷдонӣ - муносибати бомасъулиятонаи одам ба муҳит, атроф, одамон, кор, уҳдадориҳои ба зиммаи ӯ гузошташуда дар назди ҷомеа ва давлат зич алокаманд аст. Муҳаббат низ ҳамчун арзиши ахлоқӣ баррасӣ мешавад: Дар муҳаббат мундариҷаи ғамхорӣ, муносибати боэҳтиромона ба нафаре: ба одам, ба наздикон ва пайвандон, ба табиат, ба Ватан ва ғайра таҷассум меёбад» [99, с. 36].

Ҳамин тавр, ба назари онҳо, арзишҳои ахлоқӣ ба ҳуқуқҳои инсон барои таъмини манфиатҳои инсон хизмат карда, баҳри бунёди ҷомеаи инсондӯстона замина фароҳам меоранд.

Ин нукта ҳам лозим ба таъкид аст, ки он чи зикр шуд, агар ба таври умум алоқамандӣ ва таъсири байниҳамии меъёрҳои ахлоқ ва ҳуқуқро тазаккур медод, ҳамчунин, дар қонунгузориҳои байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида арзишҳои ахлоқӣ мақоми сазовор доранд, зеро заминаи ҳуқуқу қонун ахлоқ аст ва дар аксар ҳолат санадҳои қонунгузорӣ категорияҳои маънавиро инъикос мекунанд. Чунончи, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта шудааст, ки ҳамаи одамон соҳиби ақл ва виҷдон мебошанд ва нисбати якдигар бояд дар руҳияи бародарона рафтор намоянд. Дар Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак мафҳумҳои хушбахтӣ ва муҳаббат ҳастанд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам арзишҳои ахлоқӣ мавқеи устувор доранд, зеро тавре зикраш рафт, ҳуқуқҳои инсон ибтидои маънавӣ дошта, аз меъёрҳои ахлоқӣ бармеоянд ва баробари меъёрҳои ахлоқӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳам таҳким меёбанд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои ахлоқӣ чун қисми таркибии ҳуқуқу озодиҳои таҳкимёфтаи инсон ва чун кафолатҳои ҳимояи онҳо баромад мекунанд. Чунончи, дар моддаи 1-и Конститутсия чунин нишондодҳои категорияҳои ахлоқӣ чун «зиндагии арзанда» ва «инкишофи озодона2, дар моддаи 5 – «қадр» ва «номус», дар моддаи 17 «баробарҳуқуқӣ», дар моддаи 34 – «ғамхорӣ» ва ғайра мавҷуданд. Дар қонунгузориҳои миллии оилавӣ ва граждани истилоҳи ҷуброни хисороти ахлоқӣ истифода шуда, дар

қонунгузориҳои ҷиноятӣ чунин принсипҳои маънавӣ чун адолатнокӣ ва инсондӯстӣ таҳким ёфтаанд, масъулият барои рафтори бадахлоқонаи одам, ҳамчунин барои содир кардани ҷиноятҳо бар зидди озодии шахсӣ, паст задани шаъну эътибор ва қадру қимат, масалан, «барои дуздидани одам, ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ, зархарид кардани одамон барои истисмор, ғайриқонунӣ ҷойгузин сохтан дар бемористони касалиҳои руҳӣ, маҷбурсозӣ, туҳмат, таҳқир кардан пешбинӣ шудааст» [221, с. 159].

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки меъёрҳои ахлоқ ва меъёрҳои ҳуқуқ дар ҳамбастагии мутақобила қарор доранд. Нуктаи муҳим ин аст, ки мафҳумҳои ахлоқ бо категорияҳои ҳуқуқӣ пайваст шуда, моҳияти аслии худро гум намекунанд, зеро ҳуқуқи инсон далели возеҳи он аст, ки ин соҳаҳо ҳамчун пурракунандаи ҳамдигар боқӣ мемонанд.

Ба назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Р.Сотиволдиев ҳам, дар низоми меъёрҳои иҷтимоӣ ҳуқуқ ва ахлоқ нақши асосиро мебозанд, зеро бештари муносибатҳои ҷамъиятӣ, масоили муҳимтарини ҳаётӣ тавассути ҳуқуқ ва ахлоқ ба низом медароянд ва аз ин ҷост, ки онҳо бо ҳамдигар вобастагии устувор доранд.

Дар идомаи андешаҳои ин муҳаққиқ таъкид мешавад, ки ахлоқ асоси ҳуқуқро ташкил медиҳад, аввал ахлоқ ва баъдан ҳуқуқ пайдо шудааст; муносибатҳое, ки онҳоро ҳуқуқ танзим мекунад аз тарафи ахлоқ низ танзим мешаванд, вале «масъалаҳое, ки соҳаи танзими ахлоқианд, мавзуи танзими ҳуқуқӣ нестанд ва аз ҳамин ҷост, ки таносуби ҳуқуқ ва ахлоқ аз масъалаҳои марказии афкори сиёсиву ҳуқуқии башар гардидааст» [221, с. 160].

Иброз мегардад, ки оид ба ҳуқуқ назарияҳои ахлоқӣ ҷой доранд. Файласуфони маъруф Кант ва Гегел ҳуқуқро тавассути ахлоқ меомӯхтанд. Ҳатто И.Кант мафҳуми «қонуни ахлоқӣ»-ро пешниҳод мекунад, ки он дар вуҷуди шахси алоҳида («қонунгузорин дохилӣ») қарор дорад. Баъдан риояи ин «қонуни ахлоқӣ» асоси риояи ҳуқуқ мегардад. Мутафаккирони Шарқ низ аҳамияти арзишҳои ахлоқиро дар таъмини адолат таъкид кардаанд. «Дар эҷодиёти Форобӣ, Низомулмулк, Заҳирии Самарқандӣ, Унсурмаолии

Кайковус, Ҷомӣ, Дониш ва дигарон ахлоқ нисбати меъёрҳои ҳуқуқӣ аввалин эътироф шуда, ахлоқи ҳамидаи шоҳон, вазирон, дигар мансабдоронро асоси бунёди ҷамъияти адолатпарвар, таъмини қонуният мешуморанд» [221, с. 160].

Таносуби миёни ахлоқ ва ҳуқуқро профессор Р. Сотиволдиев дар чор шакли асосӣ муайян карда, ҳар яке аз онҳоро дар алоҳидагӣ шарҳ медиҳад. Ба назари ӯ, ин шаклҳои «таносуб ягонагӣ, тафовут, ҳамкорӣ ва мухолифати байни ҳуқуқу ахлоқ мебошанд» [221, с. 161].

Ӯ менависад, ки ягонагии ҳуқуқ ва ахлоқ дар он аст, ки ҳар дуи онҳо намудҳои ҷудогонаи меъёрҳои иҷтимоӣ мебошанд ва чун меъёри иҷтимоӣ онҳо қоидаҳои рафтори одамонанд. Онҳо муносибатҳои ҷамъиятиро ба низом медароранд, мақсади онҳо таъмини низоми усгувори ҷамъиятӣ дар асоси адолат ва озодӣ аст. Ҳуқуқ ва ахлоқ асоси низоми ҷомеа буда, ҳадди рафтори имконпазир ва ҳатмии инсонро муқаррар мекунанд. Онҳо арзишҳои ҷомеа буда, аз пешрафти ҳуқуқиву мадании ҷомеаи инсонӣ шаҳодат медиҳанд.

Тафовути ҳуқуқ ва ахлоқ дар шаклҳои гуногун ифода меёбад: ҳуқуқро давлат тариқи фаъолияти махсус (ҳуқуқэҷодкунӣ) муқаррар мекунад, ахлоқ бошад, маҳсули инкишофи ҷамъият аст ва бидуни фаъолияти махсус, ба таври табиӣ пайдо мешавад. Ҳуқуқ дар шаклҳои махсус (қонунҳо, кодексҳо, қарорҳо, фармонҳо ва ғ.) эҷод мешавад, вале ахлоқ чунин шаклҳо надорад, балки он дар шуури аҳолӣ ҷой дорад. Ахлоқ дорои шаклҳои барои худ хоси ифодашавӣ дошта метавонад, ки инҳо асарҳои бадеӣ, рисолаҳои сиёсӣ, тазкираҳо ва сарчашмаҳои динӣ буда метавонанд. Масалан, «Қобуснома»-и Кайковус теъдоди зиёди меъёрҳои ахлоқро инъикос мекунад.

Ҳуқуқ бо чораҳои огоҳсозӣ, пешгирӣ, ҷавобгарӣ ва барқароркунӣ таъмин мешавад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ (суд, прокуратура, милиса ва ғ.) татбиқ мешаванд. Ахлоқ бо ин қабил чораҳо таъмин нест. Мақомоти давлат иҷроиши онро таъмин намекунанд. Барои вайрон кардани ахлоқ чораҳои таъсири ҷамъиятӣ (маҳкуми атрофиён, ҷомеа) истифода мешаванд. Барои татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ тартиби махсуси мурофиавӣ пешбинӣ мешавад. Вале нисбати ахлоқ чунин тартиб нест. Ҳуқуқ муносибатҳои байни

одамонро бо роҳи муқаррар кардани ҳуқуқу вазифаҳои тарафҳо, ахлоқ бошад бо истифодаи арзишҳои ахлоқӣ-тарбиявӣ (некӣ ва бадӣ, виҷдон ва бевиҷдонӣ ва ғ.) танзим мекунад. Ҳуқуқ танҳо муносибатҳои муҳимтаринро (моликият, адолати судӣ ва ғ.) мавриди танзим қарор медиҳад. Саҳми амали ахлоқ бошад васеътар аст. Масъалаҳои танзими ахлоқӣ аз дахолати ҳуқуқ берунанд. Масалан, ахлоқ дурӯғгӯӣ, фиреб, бевиҷдониро маҳкум мекунад, лекин барои ин қабил кирдорҳои зиддиахлоқӣ қонун ҷавобгарӣ пешбинӣ намекунад.

Ҳамкории ҳуқуқ ва ахлоқ ба он асос меёбад, ки ҳар дуи онҳо нисбати аъзои ҷомеа талаботҳои ягона пешниҳод мекунанд. Мақсади ҳуқуқ ва ахлоқ тарбияи маданияти ҳуқуқӣ ва маънавӣ аст. Ҳуқуқ ва ахлоқ ҷиноят ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкуниро маҳкум мекунанд. Онҳо шаҳрвандонро ба риояи қонунҳо даъват мекунанд. Барои иҷрои вазифаҳои худ ҳуқуқ ва ахлоқ ба ҳамдигар кӯмак мекунанд. Як қатор меъёрҳои ахлоқӣ дар қонунҳо ифода меёбанд. Бештари ҷиноятҳо дар ин маврид кирдори зиддиахлоқӣ мебошанд. Мақомоти судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноӣ (авбошӣ, куштори кӯдак аз ҷониби модар ва ғ.) меъёрҳои ахлоқиро низ ба инобат мегирад. Онҳо дар ҷараёни ҳалли парвандаҳои граждани низ истифода мешаванд (ҳангоми қатъи никоҳ ва ҳалли тақдири фарзандон ва ғайра). Ба ибораи дигар, «судҳо ҳангоми ҳалли корҳои ҳуқуқӣ дар баробари кодексҳои ҷудогона (ҷиноӣ, мурофиавӣ) ҳамчунин кодекси ахлоқиро ба роҳбарӣ мегиранд. Аз тарафи дигар, ахлоқ кирдорҳои зиддиҳуқуқиро маҳкум карда, барои ноил шудан ба мақсадҳои ниҳоии ҳуқуқ мусоидат мекунад» [221, с. 162].

Мо доир ба алоқамандии ахлоқ ва ҳуқуқ изҳори назар карда, андешаҳои муҳаққиқонро низ тазаккур додем, ки асосан пурракунандаи ҳамдигар будани онҳо таъкид мегардид, вале дар ин маврид ҷолиб аст, ки профессор Р.Сотиволдиев назари дигар дорад ва менависад, ки ахлоқ ва ҳуқуқ байни ҳам мухолифат ҳам доранд. Ӯ ин сухани худро чунин асоснок мекунад: мухолифати байни ҳуқуқ ва ахлоқ аз он бармеояд, ки онҳо усулҳои мухталифи танзими ҳуқуқӣ доранд, ба рафтори одам ҳар хел баҳо мсдиҳанд. Агар ҳуқуқ дар қаламрави кишвар ягона ва умумӣ бошад, пас ахлоқ чунин нест. Ҳар як

табақа ё гурӯҳи иҷтимоӣ арзишҳои алоҳидаи ахлоқӣ дошта метавонад. Дар натиҷа, ахлоқ манфиатҳои гуногуни иҷтимоиро инъикос мекунад. Як рафтори инсон ҳар хел баҳо дода мешавад.

«Масалан, бастану қатъи чандинкаратаи никоҳро қонун иҷозат медиҳад, вале ахлоқ эътироф намекунад. Дар натиҷа байни ҳуқуқ ва ахлоқ зиддият пайдо мешавад, вале онҳо ҳалшавандаанд. Барои ин, ҳангоми қабули қонунҳо талаботи ахлоқӣ бояд ба инобат гирифта шавад ва аз тарафи дигар, як қатор рафтори зиддиахлоқиро, ки дар шароити соҳибкорӣ ва тиҷорат чашмрасанд, дар қонунҳо бояд пешбинӣ кард» [221, с. 163].

Вале ба назари мо, ин зиддият набуда, балки идомаи тафовути меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ аст, зеро эътироф накардан ҳануз нишони зид будан нест. Муҳаққиқи мазкур ҳам худ қайд мекунад, ки ин ҳолат ҳалшаванда аст.

Ин андешаи профессор Р. Сотиволдиев арзишманд аст, ки мегӯяд, ҳангоми қабули қонунҳо талаботи ахлоқӣ бояд ба инобат гирифта шавад ва аз тарафи дигар, рафтори зиддиахлоқиро, ки дар шароити соҳибкорӣ ва тиҷорат бештар ба назар мерасанд, дар қонунҳо бояд ҷой дод.

Ба назари мо, ин ҳамон ҳолатест, ки омилҳои ахлоқӣ бояд дар шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим дошта бошанд ва ҳамчунин, вобаста ба тақозои ҷомеа меъёрҳое, ки дар доираи ахлоқ танзим мешуданд, зарурат пеш омадааст, ки дар шакли меъёрҳои ҳуқуқӣ пешниҳоди ҷомеа гарданд.

Муҳаққиқон-ҳуқуқшиносон С. Ҳасанов ва М. Ҳасанов ҳам доир ба алоқамандии ҳуқуқ ва ахлоқ изҳори назар карда, иброз медоранд, ки «ягонагии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ чун ягонагии меъёрҳои иҷтимоии ҷомеаи мутамаддин бо умумияти манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷамъият, пайравию ихлосмандии одамон ба идеалҳои озодию адолатмандӣ асоснок мешаванд» [248, с. 239].

Баробари тазаккури ягонагӣ ин муҳаққиқон ҳам доир ба нишонаҳои фарқкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ахлоқӣ изҳори назар карда, онҳоро чунин гурӯҳбандӣ кардаанд:

1. Аз рӯи пайдоиш. Меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷамъият дар асоси тасаввуроти

одамон нисбати неку бад, шаъну шараф, виҷдон, адолат пайдо мешаванд. Онҳо дар сурати аз ҷониби аксарияти аъзоёни ҷамъият дарк ва эътироф шуданашон моҳияти ҳатмӣ пайдо мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки давлат муқаррар мекунад, барои ҳамаи шахсони дахлдор пас аз қабул барои иҷроиш ҳатмӣ мешаванд.

2. Аз рӯи шакли ифода. Меъёрҳои ахлоқу одоб бо асноди махсус мустаҳкам карда мешаванд. Онҳо дар шуури одамонанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ бошанд, дар ҳуҷатҳои расмии давлатӣ (қонунҳо, фармонҳо, қарорҳо) ифода карда мешаванд.

3. Аз рӯи тарзи муҳофизат аз вайроншавӣ. Дар ҷамъияти ҳуқуқбунёд шаҳрвандон меъёрҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро дар аксари кулли мавридҳо ихтиёран риоя мекунанд. Барои ин адолатнокии дастурҳоро табиатан фаҳмидани одамон асос мешавад. Ин ё он меъёрҳо ба туфайли эътиқоди ботинӣ, инчунин, ба воситаи афкори ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешаванд. Чунин тарзҳои муҳофизат барои меъёрҳои ахлоқӣ комилан кифоя аст. Барои таъмини меъёрҳои ҳуқуқӣ бошад, ғайр аз ин чораҳои маҷбурии давлатӣ истифода мешаванд.

4. Аз рӯи дараҷаи муайяни чораҳои таъсиррасонӣ. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷазоҳои аниқро дар худ дошта, чораҳои таъсиррасониро ба вайронкунандагони ҳуқуқ нишон медиҳанд, меъёрҳои ахлоқӣ бошанд, чунин хусусиятҳоро надоранд.

5. Аз рӯи дараҷаи тафсилот. Меъёрҳои ахлоқӣ дар шакли бештар хулосавии қоидаҳои рафтору кирдор ифода мешаванд, (меҳрубон, боинсоф, софдил будан), меъёрҳои ҳуқуқӣ қоидаҳои рафторе мебошанд, ки нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ бо тамоми ҷузъиёт, ба тафсил баён мешаванд. Дар онҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ аниқ муайн карда мешаванд.

6. Аз рӯи мазмун ва хусусиятҳои танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ. Меъёрҳои ахлоқӣ ба ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ бошанд, муносибатҳои ҷамъиятии нисбатан

муҳимро ба танзим медароранд.

7. Аз рӯйи тарзи ба маълумоти аъзои ҷамъият расонидан. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар матбуот нашр гардида, ба маълумоти мумуӣ расонида мешаванд. Меъёрҳои ахлоқӣ бошанд, одатан ба тадриҷ аз тарафи аксарияти аъзои ҷамъият пазируфта шуда, бо мурури замон умумӣ мегарданд [242, с. 239-240].

Бо назардошти он ки ин нишонаҳои фарқкунанда дар баробари маълум намудани ҷиҳатҳои тафовутдори меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ахлоқӣ инчунин, моҳияти онҳоро боз ҳам бештар ошкор менамоянд, зикрашонро муносиб донистем.

Муҳаққиқони мазкур дар идомаи андешаҳои худ доир ба алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ изҳори назар карда, ин нуктаи муҳимро таъкид менамоянд, ки онҳо байни ҳам узван алоқаманд мебошанд ва дар танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳамдигар вобаста буда, якдигарро пурра мекунанд. Ба назари онҳо, ин алоқамандӣ объективӣ мебошад, зеро меъёрҳои ҳуқуқӣ принсипҳои инсондӯстӣ, адолатнокӣ, баробарии одамонро дар худ таҷассум мекунанд ва қонунҳои давлати ҳуқуқбунёд дар худ талаботи ахлоқи олии ҷамъияти ҳозираро таҷассум мекунанд.

Вобаста ба таъсири омилҳои ахлоқӣ дар шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ муҳаққиқони мазкур андешаҳои судманд доранд; ба назари онҳо, аниқ дар амал ҷорӣ гардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар як вақт дар ҳаёти ҷамъиятӣ татбиқ шудани талаботи ахлоқро мефаҳмонад, зеро меъёрҳои ахлоқӣ барои ташкил ёфтан ва амалӣ шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсири калон доранд, чунки мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаи давлатӣ ҳангоми таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ талаботи ахлоқи ҷамъиятиро ҳамаҷониба ба инобат мегиранд, зеро «меъёрҳои ахлоқӣ дар рафти истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз тарафи мақомоти салоҳиятдор дар вақти ҳалли парвандаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозанд, масалан, дурустии қарори суд дар вақти муҳокимаи масъалаҳои таҳқири шахсият, авбошӣ ва монанди инҳо ба меъёрҳои ахлоқии дар ҷамъият амалкунанда ва ба инобат гирифтани онҳо вобаста аст» [248, с. 241].

Мо низ ба ин назар мувофиқем, ки асосҳои ахлоқӣ барои пурра амалӣ

шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, барои мустаҳкам гардидани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ доранд, зеро риоя кардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ қарзи ахлоқии шаҳрвандон аст, аз ин рӯ, бо тақозои ҷомеа эҷод шудани меъёрҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба назари мо, идомаи мантиқии иҷрои уҳдадориҳои ахлоқии аъзои ҷомеа аст, чун ҷомеае, ки пояҳои ахлоқии устувор надорад, дар риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ низ чандон муваффақ буда наметавонад.

Ин муҳаққиқон андешаҳои худро чунин хулоса мекунанд, ки «ҳамин тариқ, ҳуқуқ барои пойдоршавии тасаввуроти одобу ахлоқи пешқадамона дар ҷамъият таъсири калон мерасонад, меъёрҳои ахлоқӣ дар навбати худ ҳуқуқро бо мазмуни ахлоқу одоб пурра мекунанд, амалиёт ва рафторҳои бошандагони муносибатҳои ҳуқуқиро бо идеалҳои ахлоқӣ рӯҳбаланд намуда, ба самаранокии танзими ҳуқуқӣ мадад мерасонанд» [248, с. 242].

Мо низ ба ин мавқеъ мувофиқ ҳастем, ки ҳуқуқ барои устувории тасаввуроти одобу ахлоқи ҳамида дар ҷомеа нақши муҳим дорад, зеро бо рукнҳои ахлоқии худ асоси пойдории ҷомеа будани ахлоқро таъкид менамояд.

Дар маҷмуъ, чун ин фасли кори мо ба алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ вобаста буд, мо ба андешаҳои арзишманди ҳуқуқшиносоне, ки асосан ба назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат сару кор доранд, таваҷҷуҳ кардем ва маълум гардид, ки ахлоқ дар низоми ба вуҷудоӣ ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад.

Агар бевосита ба алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика таваҷҷуҳ намоем, ҳамин ҳақиқате, ки то ин замон ба таври умумӣ зикр шуд, бори дигар собит мегардад.

Муҳаққиқ В.И. Захарова, ки таносуби меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиро дар фаъолияти журналистӣ ва мутахассисони робита бо ҷомеаро дар Русия дар муқоиса бо таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ба таҳқиқ гирифтааст, менависад, масъалаи мувозинати тарзи ҳамкории ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масъалаи иттилоот имрӯз ниҳоят муҳим ба назар мерасад, зеро аз як тараф, мо зарурати назорати муайяни давлатиро аз болои фазои иттилоотии мамлакат эҳсос мекунем, ки ин дар муқоиса бо як қатор кишварҳое, ки ҳукумати худро

демократӣ медонанд, дуруст аст, чунки дар он кишварҳо низ чунин назорат то ҳол амалӣ мешавад. Ин кор пеш аз ҳама, аз нигоҳи таъмини амнияти иттилоотии давлат дар шароити рақобати шадид дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва мавҷудияти объективии қуввaҳои берунии таъсиргузор, ки ҳадафҳои худро амалӣ мекунанд, зарур аст ва чун ҳифзи манфиатҳои стратегии Русия дониста мешавад. Ҳамчунин, «назорати давлатӣ аз болои соҳаи иттилооти ватанӣ метавонад ҳамчун омили муҳимми татбиқи вазифаҳои идоракунии давлатӣ баромад кунад, ки дар сурати набудани таъминоти пурраи иттилоотӣ идоракунӣ ба таври кофӣ муассир нахоҳад буд» [98, с. 116].

Ин андешаҳо, ки зарурати танзими ҳуқуқии фаъолияти расонаҳоро бозгӯ мекунанд, воқеан ҳам, арзишманд ҳастанд, зеро дар муқоиса баён гардида, бо вуҷуди даъвоҳо доир ба озодиҳои демократӣ зарур будани ҳифзи амнияти фазои иттилоотиро таъкид менамоянд.

Дар идомаи андешаҳояш муҳаққиқ В.И. Захарова ба як ҷанбаи муҳимми дигар ишора мекунад, ки ба таносуби меъёрҳои этиқӣ ва ҳуқуқӣ алоқаманд аст: аз тарафи дигар, мо маҷбурем эътироф кунем, ки назорати аз ҳад зиёди фазои иттилоотӣ низ метавонад паёмадҳои манфии ошкоре дошта бошад, ки паст шудани сатҳи умумии равандҳои сиёсию демократии ҷомеа яке аз онҳост. Аз ин рӯ, мавҷуд будани ниҳоди мустақили васоити ахбори омма имкони рақобатпазирии ақидаҳоро дар шароити татбиқи тарзи идоракунии иттилоотии ҷомеа ба вуҷуд меорад. Илова бар ин, дар сурати мавҷуд будани назорати қатъӣ ва беасос аз болои захираҳои иттилоотӣ аз нигоҳи манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мушкилоти объективии дорои хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа ба таври возеҳ баён карда намешаванд, ки чунин ҳолат бар манфиати давлат нест. Аз ин рӯ, масъалаи самаранокии механизми мутобиқсозии давлат ба таъсири иттилоотии беруна ба ҷомеа низ муҳим аст, зеро дар шароити ҳамгироӣ ба фазои ҷаҳонии байналмиллалӣ зарурати таҳияи усулҳои муосири муошират байни ҳукумат ва ҷомеа, ба ифодаи дигар, шакли нави ҳамкориҳои иттилоотӣ ба миён омадааст.

Дар идомаи андешаҳояш ин муҳаққиқ менависад, ки дар ин шароит риояи

принсипҳои ахлоқию меъёрҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи ВАО-и муосир аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Ӯ мегӯяд, бо далели он ки расонаҳои мустақили Русия аз лиҳози пояҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии фаъолият нисбат ба ҳамтоёни хориҷии худ таърихи нисбатан кӯтоҳтар доранд, зарурати рӯ овардан ба таҷрибаҳои хориҷӣ барои ташаккул ва татбиқи онҳо вуҷуд дорад.

Ҳамчунин, ақидаи арзишмандеро пешниҳод мекунад; ба назари ӯ, «дар шароити муосир асосҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ мавриди тавсифи алоҳида бояд қарор гиранд, зеро аҳамияти танзими ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар нақши хоси иҷтимоии воситаҳои ахбори омма, таъсири онҳо ба вазъи ахлоқию сиёсии ҷомеа зоҳир мегардад ва аз нуктаи назари ташкилӣ, риояи меъёрҳои ахлоқии журналистика (дар дохил ва хориҷа) ҳам «аз дарун» ва ҳам «аз берун» назорат карда мешавад: дар мавриди аввал, назорат ба виҷдони худи журналист асос меёбад; дар ҳолати дуюм, аз рӯи афкори муассисаҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои касбӣ» [98, с. 116].

Мо низ ба ин нуктаи назари муҳаққиқ В. Захарова мувофиқ ҳастем, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ таносуби ҷанбаҳои эҷодӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии фаъолияти рӯзноманигорон ногузир буда, ҷанбаи ҳуқуқии озодӣ шакли танзими ҳуқуқиро мегирад ва заминаи ҳуқуқии ин фаъолият аз ҷониби давлат таҳия карда мешавад, вале шоистаи таъкид аст, ки пояҳои ахлоқиро бевосита ҷомеаи касбӣ ташкил медиҳанд ва ин тамоюл ба ҳама кишварҳо хос аст.

Дар идомаи андешаҳо зикр мекунад, якчанд стандартҳое вуҷуд доранд, ки ҷомеаи журналистӣ онҳоро таҳия кардааст ва инҳо ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ мебошанд, ки намунаҳои миллии худро низ доранд: «Принсипҳои байналмилалии этикаи касбии журналистӣ», ки дар маҷлиси машваратии ташкилотҳои касбии байналхалқӣ ва минтақавии журналистон 20 ноябри соли 1983 дар Париж қабул шуда буданд; «Декларатсияи байналхалқии принсипҳои рафтори журналистон», ки онро Конгресси Федератсияи байналмилалии журналистон соли 1954 қабул намуда, соли 1986 ба он ислоҳот ворид кардааст.

Ба назари муҳаққиқ В. Захарова, ғояи асосии ин ҳуҷҷатҳо аз он иборат

аст, ки ҷомеаи журналистӣ низ дорои принсипҳои муайяни ахлоқӣ буда, инчунин, бевосита субъекти муносибатҳои ахлоқии ҷамъият мебошад, зеро ахлоқ ва муносибатҳои ахлоқии ҷомеа мавзуи инъикоси журналистика буда, худи рӯзноманигор василаи муҳимми ахлоқӣ аст, аз ин рӯ, журналист дар фаъолияти худ натанҳо меъёрҳои ахлоқиеро, ки дар ҷомеа роиҷ аст, бояд риоя кунад, балки ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки фаъолияти рӯзноманигорӣ метавонад ба меъёрҳои ахлоқие, ки дар ҷомеа муқаррар шудааст, таъсири қавии ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дошта бошад.

Ӯ менависад, «асоси ахлоқи касбии журналист, тибқи муқаррароти ин ҳуҷҷатҳо, тартиби беҳтарини иҷрои вазифаҳои касбӣ аз нигоҳи ахлоқӣ ин риояи ақидаҳои ахлоқии куҳани аз ҷониби ҷомеа пазируфташуда мебошад ва ба шарофати чунин меъёрҳои ахлоқӣ, ки қонунан муқаррар нашудаанд, низоми хоси пойдории ҷомеа дарку ҳифз мешавад» [98, с. 116].

Ба ақидаи муҳаққиқ В. Захарова, кодексҳои миллии ахлоқ тақрибан дар ҳамаи кишварҳои ғарбӣ вуҷуд доранд ва аз рӯи тафсири баъзе меъёрҳо фарқ мекунанд. Нақши худтанзимкунии ВАО-ро шуроҳои матбуот, ки созмонҳои ғайритиҷоратии рӯзноманигорон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандиро муттаҳидкунанда мебошанд, бар дӯш мегиранд. Онҳо дар як вақт ду вазифаи муҳимро иҷро мекунанд: воситаҳои ахбори оммавиро аз таъсири давлат то андозае озод мекунанд ва ин имкон медиҳад, ки ҷомеа ба ВАО таъсир расонад, дар навбати дуюм, низоми касбиро аз журналистони бевиҷдон ҳифз менамоянд.

Ҷолиб аст, ки муҳаққиқ В. Захарова дар баробари тазаккури бартариҳои зиёди низоми худтанзимкунии ВАО як қатор норасоиҳои онро низ қайд мекунад, ки ба қадри кофӣ рушд накардани асосҳои моддӣ, дар ҷамъият мавҷуд набудани муносибати ягона оид ба масъалаи рисолати ВАО ва мақсади фаъолияти касбии журналистон аз он ҷумла мебошанд, яъне ин омилҳо ба раванди ташкилу ташаккули низоми худтанзимнамоии воситаҳои ахбори омма халал ворид месозанд.

Вале ба назари мо, ин сабабҳо камбудии низоми мазкур набуда, балки

омилҳои объективии монеашаванда дар ташаккули низоми худтанзимкунӣ ба шумор мераванд, ки бо мурури замон дигаргун мешаванд.

Дуруст аст, ки таҷрибаи кишварҳои ғарбӣ дар ташаккули принсипҳои умумии фаъолият дар соҳаи коммуникатсия мувофиқи қоидаҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки меъёрҳои ахлоқӣ низ бояд ягона бошанд ва ин метавонад далели ташаккули низоми худтанзимкунӣ бошад, ки дар ҳақиқат, сифати кори рӯзноманигорон баландтар ва дар баробари ин, вазъи ҳимояи манфиатҳои ВАО ҳамон қадар боэътимодтар мешавад.

Муҳаққиқ В. Захарова барои ин суханони худ далел меорад, ки сарфи назар аз принсипҳои касбии эълоншуда дар кодексҳои байналмилалӣ ва миллии ахлоқи касбӣ, дар солҳои охир қисме аз расонаҳо дар самти роҳандозии иртиботи дуҷониба бо аудиторияи худ бемасъулиятӣ нишон дода, риояи меъёрҳои ахлоқи умумибашариро кори саҳл донистанд ва дар натиҷа ба онҳо беэътиноӣ карда, матолибе, ки нашр карданд, ки зиддиахлоқӣ мебошанд, масалан, карикатураҳои паёмбар Муҳаммад дар матбуоти Дания, ҷараёни ҳодисаҳои марбут ба маҷаллаи ҳаҷвии фаронсавии «Шарли Эбдо» ва рӯйдодҳои баъдӣ - паҳн шудани филми «Бегуноҳии мусалмонон» дар YouTube ва нооромиҳои баъд аз он) «оқибатҳои ғайричашмдошти муносибати хунукназарона бо меъёрҳои ахлоқи башарӣ ва касбӣ буд» [98, с. 116].

Ба назари мо, ин андешаҳои муҳаққиқ В.Захарова ҷанбаи муҳиммеро вобаста ба таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии журналистика баён мекунад, зеро аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ таваҷҷуҳи хосеро тақозо дорад. Мисолҳое, ки ҳам зикрашон рафт, далели тақвияти ҳамин андеша мебошанд; бардошти муҳаққиқ вобаста ба мисолҳои зикршуда дурусту воқеӣ аст, чун он замон бархӯрди хашини ҷомеаи мусулмониро расонаҳои Ғарб амали террористӣ унвон карда, боз ҳам мумсулмононро гунаҳкор карданд. Дар ҳақиқат, он чӣ бо «Шарли Эбдо2 рух дод, вокуниш ниҳоят ҷиддӣ буд ва набояд то ба ин ҳад мерасид, чун кушторро дар пай дошт, аммо ин далели он аст, ки муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ масъалали хеле муҳим аст, чун дар санадҳои байналмилалии ахлоқи касбӣ ва

намунаҳои миллии онҳо эҳтиром ба эътиқоди намояндагони дигар дину мазҳабҳо ифода ёфтааст.

Мо ба андешаҳои муҳаққиқ В.Захарова муфассал муносибат доштем, чун ӯ ба ҳамин мавзуи мавриди назари мо бештар таваҷҷуҳ карда, таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дар фаъолияти журналистӣ ба таҳқиқ гирифтааст.

Миёни таҳлилу баррасиҳои ин муҳаққиқ андешаи ҷолибе ҳаст, ки мо низ ба он мувофиқ ҳастем; меъёрҳои ахлоқи касбӣ иқтидори хосеро соҳибанд, аз ин рӯ, нисбат ба онҳо бетаваҷҷуҳ набояд буд ва дар ин баробар бештар такя намудан ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва афзалият додан ба онҳо низ чандон ба манфиат кор нест.

Андешаи мазкур дар шароити муосир, ки зарурати бештар ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил ёфтани меъёрҳои ахлоқиро ба вуҷуд овардааст, то андозае хилоф ба назар мерасад, вале бо вуҷуди ин, ба ақидаи мо, хеле арзишманд аст, чун ба ахлоқ бартарӣ медиҳад ва онро муқаддамтар мешуморад. Ӯ зарурати танзими ҳуқуқии фаъолияти журналистиро низ таъкид мекунад, аммо инро ҳам иброз медорад, ки танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муваффақ шудан имкон надорад, балки барои ташаккули низоми худтанзимкунӣ шароит бояд фароҳам сохт, чун ин тарзи кор самараноктар хоҳад буд.

Мо низ дар ҳамин мавқеъ ҳастем, ки ҳарчанд омилҳои этикӣ дар шаклгирӣ ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши асосӣ доранд, аммо мавҷуд будани худи меъёрҳои ахлоқӣ низ хеле муҳим аст, чун таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳад, ки дар сурати дуруст ташкил намудани механизми назорати иҷрои меъёрҳои ахлоқи касбӣ самараи он бештар аст. Муҳаққиқ В.Ворошилов низ ба он назар аст, ки «меъёрҳои ахлоқи касбӣ пурракунандаи низоми фаъолияти журналистӣ буда, таҳияи кодексҳои ахлоқи касбӣ бо мақсади кӯмак ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, ба ифодаи дигар пур кардани холигоҳе аст, ки аз қонунгузорӣ берун мондааст» [41, с. 354].

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки меъёрҳои ахлоқӣ дар пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд ва заминаи асосии онҳо

мебошанд.

Ҷанбаи дигари мавзуи мавриди назар алоқамандии мантиқии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро баёнгар аст; ҳарчанд ба таври возеҳ меъёрҳои ахлоқӣ дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ифода наёфта бошанд ҳам, аммо моҳиятан ин мазмунро доранд. Ҳуқуқшиноси ташкилоти ҷамъиятии Шурои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон (Шурои ВАО) барои иштирокчиёни семинар-тренинги омӯзиши меъёрҳои ахлоқи касбӣ намунаеро таҳия кардааст, ки ин маъниро дар бар мегирад: Муҷозоти журналистон барои вайрон кардани меъёрҳои ахлоқи журналистӣ тибқи кодекси ҷиноии ҶТ:

Банди 2 – Мустақилияти сиёсати редаксионӣ. Барои вайрон кардани банди мазкур қисмҳои 3 ва 4 моддаи 279 КҶ ҶТ бо ҷарима ба андозаи аз 800 то 1500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти ба муҳлати ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ бо ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Банди 3 – Саҳеҳияти иттилоот ва муносибати мунсифона бо манобеи иттилоот. Барои вайрон кардани банди мазкур тибқи моддаи 156 бо ҷарима ба андозаи то 200 нишондиҳанда ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол, моддаи 179, 179 бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 5то10 сол ҷазо дода мешавад.

Банди 4 – Эҳтироми ҳаёти шахсӣ. Барои вайрон кардани банди мазкур тибқи қисми 1 моддаи 144 КҶ ҶТ бо корҳои ҳатми ба муҳлати аз 120 то 180 соат ё бо ҷарима ба андозаи аз 200 то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Банди 5 – Эҳтиром ба ахлоқи миллӣ ва фарҳанги халқҳои дигар. Барои вайрон кардани банди мазкур тибқи қисми 1 моддаи 241 КҶ ҶТ бо ҷарима ба андозаи аз 200 то 365 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ва тибқи қисми дуи ҳамин модда бо маҳрум сохтан аз

озодӣ ба муҳлати ба муҳлати аз 2 то 5 сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то 5 сол бидуни он ҷазо дода мешавад.

Банди 6 – Эҳтиром ба ҳуқуқи кӯдакон, ноболиғон ва афроди дорои маъюбият. Барои вайрон кардани банди мазкур тибқи қисми 1 моддаи 144 КҶ ҶТ бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз 120 то 180 соат ё бо ҷарима ба андозаи аз 200 то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як сол ва тибқи қисми 2 ҳамин модда бо ҷарима ба андозаи аз 500 то 800 нишондиҳанда баоои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё ҷазо дода мешавад.

Банди 8 – Муносибати мунсифона, воқеъбинона ва холисона ҳангоми инъикоси маъкаҳои интихобот ва раъйпурсӣ. Барои вайрон кардани банди мазкур тибқи қисми 1 моддаи 143 КҶ ҶТ бо ҷарима ба андозаи аз 200 то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ёбо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаълоияи муайян ба муҳлати то се сол ёбидуни он ҷазо дода мешавад.

Банди 9 – Ҳамраъйии касбӣ. Барои вайрон кардани банди мазкур тибқи қисми моддаи 162 КҶ ҶТ бо ҷарима ба андозаи аз 500то 800 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ёбо корҳои ислоҳи ба муҳлати то ду сол ва тибқи қисми 2 ҳамин модда бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ бат муҳлати то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад [290].

Барои муқоиса, як банди санади Шурои ВАО – «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» ва он чи ҳуқуқшиноси Шуро муайян кардааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар банди 2-и «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон2, ки унвони «мустақилияти сиёсати редаксионӣ»-ро дорад, зикр

мешавад: Риояи меъёрҳои зайл маъноеро дорад, ки ВАО ва журналистон масъуланд:

2.1. Фаъолияти касбии худро қурбони ҳадафҳои тиҷоратӣ накунанд. Дар ВАО фаъолияти эҷодӣ бояд комилан аз амалҳои тиҷоратӣ ва реклама ҷудо бошад. Матлабҳо набояд зери таъсири шахси сеюм ва ё худи журналист қарор бигирад.

2.2. Матлабҳое, ки ба хотири манфиатҳои тиҷоратӣ ва реклама, ё ҳимояи манфиатҳои гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида интишор мешаванд, бояд комилан аз дигар мавод фарқ карда, ишораи махсус дошта бошанд.

2.3. Барои интишор намудан ва ё интишор накардани иттилоот, аз гирифтани подош, мукофоти пулӣ, туҳфаҳо, инчунин аз ҷубронпулиҳои гуногун, истироҳати ройгон ва дигар имтиёзҳое, ки фаъолияти журналистиро зери вобастагӣ қарор медиҳанд, ба обрӯи журналист латма ворид мекунанд ва эътимодро нисбат ба ВАО коҳиш медиҳанд, ҳуддорӣ намоянд... [381].

Ин банд аз 9 қисми таркибӣ иборат аст, аммо мо танҳо ба он қисмҳое таваҷҷуҳ кардем, ки ҳуқуқшиноси Шурои ВАО низ ба онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пайдо кардааст.

Дар қисмҳои 3 ва 4-и моддаи 279-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо аз 20.06.2024) зикр мешавад:

3) Аз ҷониби шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ғайриқонунӣ гирифтани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, ҳамчунин аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ вобаста ба мақоми ишғол намудаи хизматӣ истифода бурдани хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ барои амали анҷомдода (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386) бо ҷарима ба андозаи аз ҳаштсад то як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 422).

4) Кирдорҳои пешбининамудаи қисми сеюми ҳамин модда, агар: а) такроран; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386); в) дар алоқамандӣ бо тамаъҷӯй содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазору панҷсад то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 1.03.2005 № 86, аз 6.10.2008 № 422).

Аз ин намуна бармеояд, ки он чи ҳуқуқшиноси Шурои ВАО вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятии риоя накардани банди дуюми Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон муайян кардааст, асоси воқеӣ дорад, зеро журналистон ва идораҳои ВАО табиист, ки объект ва субъекти муносибатҳои ҳуқуқии ҷомеа мебошанд, аз ин рӯ, ҳарчанд дар ин моддаи кодекси ҷиноятӣ ба таври мушаххас доир ба фаъолияти журналистӣ сухан набошад ҳам, аммо маълум аст, ки он чи доир ба корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона гуфта мешавад, ба идораҳои ВАО низ дахл дорад, зеро онҳо ҳам бо асосҳои муқарракардаи қонун ба фаъолият оғоз мекунанд ва дар доираи он амал менамоянд. Аз ин рӯ, ин моҳият ҳам арзи ҳастӣ дорад, ки бо мурури ташаккули инсоният ва давлатдориҳои гуногуншакл ҷомеаи инсонӣ чандин марҳилаҳои ташаккули ҳуқуқ ва қонуниятро паси сар карда, ба марҳилае расидааст, ки асосҳои ҳуқуқӣ барои тамоми самту соҳаҳо вуҷуд дошта, танзимоти ҳуқуқӣ низоми муайяни худро пайдо кардаанд.

Ҳамин тавр, метавон ба натиҷае расид, ки дар пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистика нақши меъёрҳои этикӣ ниҳоят барҷаста аст ва шароити муосир ҳолатеро ба вуҷуд овардааст, ки тафовути ҷиддие миёни меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ чандон ба назар намерасад. Намунае, ки вобаста ба як банди «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» ва муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тазаккур ёфт, далели ҳамин сухан аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ моҳиятан дар ҳама муқаррароти қонунҳо мавқеи худро доранд ва сарчашмаи онҳо ба шумор

мераванд.

Он чи дар ин фасл аз андешаҳои ҳуқуқшиносон низ зикр гардид, пайвандии бевоситаи меъёрҳои мазкурро таъкид менамояд ва доир ба тафовути ин меъёрҳо низ аз ҷониби муҳаққиқони ҳуқуқшинос андешаҳои арзишманд баён гардидаанд, ки ба назари мо, онҳо низ дар навбати худ нишони устувории меъёрҳои ахлоқӣ мебошанд.

Ҳар як меъёре, ки дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷой мегирад, асосҳои ахлоқӣ дорад, вале мо боз ҳам ба он мавқеъ ҳастем, ки ҷомеаи инсонӣ набояд ба он сатҳе расад, ки ҳама меъёрҳои ахлоқӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ мақом пайдо кунанд ва чун меъёри ахлоқ шинохта шаванд, зеро ахлоқ рамзи инсоният аст, ҳуқуқ бошад, расмият ва зарурат мебошад.

3.2. Меъёрҳои ахлоқии идораҳои воситаҳои ахбори омма ва вижагиҳои онҳо

Меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар ҳар шакли мавҷудияти худ дар фаъолияти журналистӣ нақши муассир доранд. Инро таҷрибаи байналмилалии низоми худтанзимкунӣ, ки дар меҳвари он меъёрҳои ахлоқи касбӣ қарор доранд, собит намудааст.

Дар баробари он ки дар таҷрибаи ҷомеаи журналистӣ санадҳои сатҳи гуногун вобаста ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба назар мерасанд, ба назари муҳаққиқон ва мураттибони чунин аснод, ҳар яке аз онҳо дараҷаи муайяни таъсиргузории худро доранд.

Муҳаққиқи олмонӣ Н. Болтс чунин мешуморад, ки васоити ахбори омма ҳамоҳангсозии иҷтимоии дурнамои ахлоқиро таъмин мекунанд, зеро василаҳои дигари таъсиргузори ҷамъиятӣ, ба монанди пул ва қудрат, аз лиҳози маънавӣ бетарафанд, яъне дурнамои ахлоқии иҷтимоиёт барои онҳо муҳим нест. Аз ин рӯ, «васоити ахбори омма аз воситаҳои муҳимме ҳастанд, ки барои ташаккули афкори ахлоқӣ шароит фароҳам меоранд ва ҷомеаро на танҳо бо иттилооте, ки нооромію ташвиш меорад, балки бо иттилои бо риояи меъёрҳои

ахлоқӣ таҳияшуда, ки ба суботу осоиштагӣ ҳидоят мекунад, таъмин мекунанд» [31, с. 17].

Бо назардошти ин, мо ҳам ба ин мавқеъ ҳастем, ки воситаҳои ахбори омма чун чунин масъулияти бузурги маънавиро бар дӯш доранд, зарурат пеш меояд, ки худ аз лиҳози маънавию ахлоқӣ тавонон бошанд, аз ин рӯ, таваҷҷуҳи онҳо ба масъалаи ахлоқи касбӣ хеле муҳим ба шумор меояд. Ба ифодаи дигар, яке аз омилҳои дигаре, ки зарурати қабули асноди ахлоқи касбиро дар сатҳу зинаҳои гуногун таъкид менамояд, ҳамин аст, ки зикраш рафт.

Ба назари мо, дар ин самт санадҳое, ки аз ҷониби идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори омма қабул гардидаанд, таъсирнокии бештар доранд, зеро чун ҷузъе аз масъулиятҳои дохилиидоравӣ дониста мешаванд ва ба вазъи риояшон ҳам таваҷҷуҳи роҳбарият муттасил равона мегардад.

Ҷолиб аст, ки дар Тоҷикистон ҳануз қабл аз он ки Шурои ВАО таъсис ёфта, санади он – Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон қабул гардад, аз ҷониби хабаргузории «Ворорӯд» чунин санади дохилӣ қабул гардида буд [28, с. 137], ки ба назари мо, далели муҳиммияти меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар фаъолияти журналистӣ мебошад, ки бо он муфассал муносибат хоҳем дошт.

Ширкати пахши Би-Би-Си яке аз расонаҳои маъруфи байналмилалӣ ба шумор меравад, зеро солҳост, ки дар фазои иттилоотии олам мавқеъ дорад ва ба он зиёд истинод мешавад, аз ин рӯ, мо чун намунаи муваффақи таҳияи арзишҳои идоравӣ ба санади он таваҷҷуҳ мекунем.

Дар муқаддимаи санади мазкур, ки ҳамчун Арзишҳои идоравии (редаксионии) Би-Би-Си ном бурда мешавад, омадааст: Хадамоти ҷаҳонии Корпоратсияи телевизионии Британиё (Би-Би-Си) бо даҳҳо забон ба садҳо миллион шунавандагон ахбор пахш мекунад ва дар фаъолияти худ Оинномаи шоҳиро роҳнамо қарор дода, дар асоси он истиқлолияти комили худро аз давлат, ҳукумат ва тиҷорати хусусӣ изҳор мекунад. Ҳамаи кормандони Би-Би-Сӣ, хоҳ дар пахши дохилии Британиё ва хоҳ дар хадамоти ҷаҳонӣ дар кори худ як Маҷмуаи қоидаҳоро ҳамчун роҳнамо қабул мекунанд. «Ҳадафи мо ин

аст, як пахшкунандаи созандае бошем, ки тамошобин ба мо эътимод дошта бошад, дар ҳоле ки қонеъ кардани ниёзҳои тамоми бинандаҳо - маълумот додан, фароғат бахшидан ба онҳо ва ғанӣ гардонидани ҳаёти бинандаҳо ва шунавандагон кори саҳле нест, зеро ин ҷо масъалаи имкон надодан ба густариши пахши тиҷоратӣ бояд таъмин шавад. Мо кӯшиш менамоем, ки мақсади ҷамъиятии худро ба роҳбарӣ гирем ва новобаста аз манфиатҳои касе амал намуда, ҳамеша аз меъёрҳои олии ахлоқӣ илҳом ҷӯем» [389].

Баъд аз он меъёрҳои ахлоқӣ, ки дар маҷмуъ, аз 12 банд иборат аст, дар алоҳидагӣ номбар шуда, шарҳ меёбад:

Беғаразӣ. Беғаразӣ дар меҳвари фаъолияти Би-Би-Сӣ қарор дорад. Ҳама барномаҳо ва хизматрасониҳои Би-Би-Сӣ бояд ошкоро, мунсифона ва бо эҳтироми ҳақиқат бошанд. Ягон ҷанбаи муҳими андеша набояд дар Би-би-сӣ инъикос наёбад ё камтар пешниҳод гардад.

Дақиқ будани ахбор. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф мо бояд омода бошем, ки тафтиш кунем, лозим бошад, дубора тафтиш кунем ва маслиҳат ҷӯем. Мо бояд ба қадри имкон тавассути бевосита дар ҷойи ҳодиса будан, ё агар ин имконнопазир бошад, бо шоҳидони айнӣ суҳбат карда, маълумотро аз дасти аввал ба даст орем. Аммо дақиқӣ аксар вақт на танҳо дуруст ба даст овардани далелҳост. Барои ба даст овардани тасвири воқеии рӯйдодҳои фаро гирифташуда ё тавсифшуда, ҳама маълумот бояд санҷида шавад.

Ростқавлӣ. Барномаҳои Би-Би-Сӣ бояд ба ростқавлӣ, ошкорбаёнӣ ва поквиҷдонӣ асос ёбанд. Мо бояд ба одамоне, ки бо онҳо муносибат мекунем, одилона ва боэҳтиромона муносибат кунем. Онҳо ҳақ доранд бидонанд, ки ин барнома дар бораи чӣ аст, дар он чӣ нақш доранд, мустақиман пахш, сабт ва ё таҳрир мешавад.

Муаррифии софдилонаи «манзараи мукаммал» ба мардум. Барномаҳо ва хадамоти Би-Би-Сӣ бояд гуногунандеширо риоя кунанд асосан ба он такя намоянд, то ҳаёт ва манзараҳои он тавре ки ҳаст, инъикос гардад. Бо татбиқи ин принсип, мо соҳибистеъдодҳо, дурнамоҳо, чеҳраҳои навро кашф мекунем ва эътимод пайдо мекунем, ки барномасозиҳои мо ба манфиати тамошобинон

аст. Ҳангоми тавсифи гурӯҳҳои иҷтимоӣ мо бояд аз қолабҳои маъмул канорагирӣ кунем.

Ягонагии таҳрир ва мустақилият. Аудитория бояд ба ягонагии барномаҳои Би-Би-Сӣ эътимод дошта бошад ва боварӣ ҳосил кунад, ки таҳрир танҳо бо сабабҳои дохилиидоравӣ, на дар натиҷаи фишори ғайриқонунӣ, хоҳ фишори сиёсӣ, тиҷоратӣ ё дигар манфиатҳои махсус сурат гирифтааст. Фаъолияти ғайрикасбии таҳиягарони барнома набояд ба барномаҳои Би-Би-Сӣ таъсири манфӣ расонад.

Эҳтиром ба дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ. Би-Би-Сӣ бояд дахолатнопазирии ҳаёти шахсии одамонро эҳтиром кунад ва эътироф намояд, ки ҳама гуна мудохила метавонад танҳо дар заминаи хидмат ба манфиати аксарият асоснок карда шавад. Рафтори шахсӣ, мукотиба ва суҳбатҳо набояд ошкор карда шаванд, магар ин ки ин ба манфиати оммаи васеъ мувофиқ набошанд.

Эҳтиром ба меъёрҳои «тамъи хуш» ва одоби инсонӣ. Эҷодкунандагони барномаҳо бояд аз ақидаҳои мухталифи аудиторияи худ дар бораи он чизе, ки метавонад таҳқиромез ҳисобида шавад, огоҳ бошанд ва ин мавқеи аудиторияи худро эҳтиром кунанд. Интизориҳои аудиторияро, ки ба барномаҳои (хизматрасониҳои) мушаххас ва вақти пахши онҳо вобастаанд, ба назар гирифтан лозим аст. Ҳангоми таҳияи барномаҳои телевизионии Би-Би-Сӣ бояд принсипи «ҳавзаи обӣ» (то соати 21:00 пахши он чӣ қобили қабул аст ва чӣ қобили қабул нест) бояд ба эътибор гирифта шавад.

Канорагирӣ аз тақлид ба рафтори зиддиҷамъиятӣ ва ҷиноятӣ. Аудитория аз эҳтимолияти тақлид кардани рафторе, ки одамон дар телевизион мебинанд ё аз радио мешунаванд, нигарон аст. Мо бояд итминон ҳосил кунем, ки ҳама гуна таҳдидҳо ба ҳаёти инсон, амали зиддиҷамъиятӣ ё ҷиноӣ, ки дар барномаҳои Би-Би-Сӣ инъикос мешаванд, шунавандагон ва бинандагонро ба тақлид аз ин амалҳо ташвиқ накунанд.

Ҳифзи рифоҳи кӯдакон. Эҷодкорони барнома бояд дар бораи хушҳолии кӯдаконе, ки дар барномаҳо иштирок мекунанд, ғамхорӣ кунанд. Онҳо бояд

таъсиреро, ки барнома ба кӯдак хоҳад дошт, ҳам аз нуқтаи назари интиқоли он ва ҳам оқибатҳои пахши барномаро бодиққат баррасӣ кунанд.

Ростқавлӣ нисбат ба мусоҳибон. Мусоҳибаҳои Би-Би-Сӣ бояд боадабона ва дуруст анҷом дода шаванд. Онҳо метавонанд тафтишотӣ, шадид, шубҳанок, иттилоотӣ бошанд, аммо наметавонанд ғаразнок, беадабона ё эҳсосотӣ мавқеи яке аз тарафҳои баҳсбарангезро ифода кунанд. Бо вуҷуди иғвои эҳтимолӣ, онҳо наметавонанд хашмгинона, таҳқиркунанда ё дағалона бошанд. Ба мусоҳибон бояд имконият дода шавад, ки ба саволҳо пурра ҷавоб диҳанд.

Эҳтироми гуногунии шунавандагон дар Британияи Кабир. Барномаҳо ва хидматрасониҳои Би-Би-Сӣ бояд мувофиқ ба манофеи тамоми шунавандагони он дар саросари Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ бошанд.

Вобаста набудан ба манфиатҳои тиҷоратӣ. Барномаҳои Би-Би-Сӣ набояд ҳеҷ гоҳ ташвиқ ё таблиғи ягон маҳсулот, хидматрасонӣ ё ширкат бошанд. Ҳама гуна истинод ба маҳсулот ва хидматрасониҳо бояд бо муқаррароти редаксионӣ асоснок шаванд ва таблиғ набошанд.

Аз ин санади расонаи байналмилалии Британияи Кабир, ки собиқаи бештар аз якасраи фаъолият ва бештар аз нисфи онро дар фазои иттилоотии олам дорад, бармеояд, ки риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ барои кормандони ин ширкат яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди фаъолият ба шумор меравад.

Як хусусияте, ки кодексҳои ахлоқии расонаҳои алоҳидаро аз кодексҳои ахлоқии умумӣ фарқ мекунад, мушаххасоти онҳост; дар кодекси ахлоқии Би-Би-Сӣ ин нукта бармало аст, чун бандҳои мушаххасе ба Британияи Кабир ва бевосита ба шунавандагону бинандагони худи расона равона гардидааст.

Ба назари муҳаққиқ М. Бобоҷонова, «бори аввал дар низоми матбуоти маҳаллии тоҷик оҷонсии иттилоотӣ ва таҳлилии «Варорӯд» 11 марти соли 2003 санади идоравӣ бо унвони «Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Варорӯд»-ро, ки аз 14 банд иборат аст, қабул намуд, ки риояи талаботи санади мазкур барои кормандони оҷонсӣ ва нашрияҳои он – «Варорӯд» ва «Ҳамсояҳо» ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт» [28, с.

138].

Таъкиди риоя гардидани ин меъёрҳо аз ҷониби ҳайати эҷодӣ талаботи бандҳои якум ва дуюми санад буда, бандҳои дигари он ба самтҳои муҳимми фаъолияти журналистӣ ва ба эътибор гирифтани онҳо равона гардидааст: тартиботи дастрасӣ ба маълумот ва риояи он; боэътимодии манбаъҳо; усулҳои қонунии дастрасӣ ба иттилоот; роҳ надодан ба сохтакории ҳуҷҷатҳо; пинҳон доштани маълумот; роҳ надодан ба қаллобӣ ва таҳдид; бархӯрди манфиатҳо, порадиҳӣ: роҳ надодан ба асардуздӣ (плагиат); таъмин намудани тавозуни андешаҳо, ислоҳи ғалату норасоиҳои мавод; гузоштани ҳудуди аниқ байни далелҳо, андешаҳо, ташреҳ ва тахмин; риояи воқеият ва саҳеҳият дар маводди моҳияти ҷиноидошта; тафтиш намудани маводди дар суд баррасишаванда; эҳтиром гузоштан ва дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ; напазируфтани мукофот ва ҳаққи қалам ба андешаҳои моҳияти гуногундошта; риоя намудани ҳуқуқи муаллиф; узви ҳизби сиёсӣ набудан [324].

Бо назардошти моҳият ва муҳтаво «Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Варорӯд»-ро муҳаққиқ М.Бобоҷонова ба се гурӯҳ тақсимбандӣ менамояд: якум, рисолатҳои аслӣ, ба монанди иззату эҳтиром ва арҷгузорӣ ба ҳаёти шахсии инсон; дуюм, меъёрҳои мамнуъ, мисли сохтакории ҳуҷҷатҳо, гирифтани маълумот бо роҳи қаллобӣ, сирқат, таҳдид ва порадиҳӣ; сеюм, арзиши мавод, аз ҷумла саҳеҳият, айният, воқеият ва гуногунандешӣ. Инчунин, дар санади мазкур ҳангоми гирифтани маълумот истифода аз муқаррароти қонунӣ, роҳ надодан ба асардуздӣ, дахлнопазирӣ ва эҳтироми ҳаёти шахсӣ, гирифтани маълумот аз сарчашмаҳои боэътимод, риояи тавозуни андешаҳо ва дигар масъалаҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ ишораҳо шудаанд.

Мувофиқи маълумоти И. Ҷамолов (директори вақти ОИТ «Варорӯд»), таҳияи қоидаҳо ва меъёрҳои фаъолияти касбии кормандони ОИТ «Варорӯд» бо пешниҳоди бевоситаи коршиноси соҳаи журналистикаи байналхалқӣ Андрей Лож сурат гирифтааст.

И. Ҷамолов таъкид менамояд, ки дар яке аз нишастҳои касбӣ Андрей Лож

меъёрҳои ахлоқи касбии кормандони ассосиатсияи британии Рейтер ва оҷонсии амрикоии Associated Press-ро мисол оварда, зарурати ба талаботи журналистикаи фаромиллӣ мутобиқ намудани фаъолияти ОИТ «Ворорӯд»-ро иброз доштааст. Маҳз ин ҳамкорӣ ва муаррифӣ ба он мусоидат намудааст, ки санади идоравии Қоидаҳо ва меъёрҳои фаъолияти касбии кормандони ОИТ «Ворорӯд» таҳия шавад. «Аз он сабаб, ки ОИТ «Ворорӯд» низ кӯшиши фаъолият дар сатҳи байналхалқӣ дошт, таҳия ва қабули чунин меъёрҳоро барои расидан ба ин мақсад мувофиқ донистанд» [28, с. 139].

Ин андешаҳои арзишманд, ки дар натиҷаи суҳбати муҳаққиқ М.Бобоҷонова бо директори вақти оҷонсии иттилоотию таҳлилии «Ворорӯд» ҳосил шудааст, нуктаҳои таваҷҷуҳбарангез дорад, чун иброз мегардад, ки барои ҳангоми фаъолият дар арсаи байналмилалӣ муваффақ будан риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ аз омилҳои хеле муҳимманд, зеро таҷрибаи расонаҳои байналмилалии муваффақ аз он шаҳодат медиҳанд; мисол овардани оҷонсиҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, ба монанди Рейтер ва Associated Press, ки мисли расонаи байналмилалии Би-Би-Сӣ қоидаҳои ахлоқии мушаххаси худро доранд ва риояи онҳоро аз кормандони худ дар намояндагиҳояшон дар саросари олам тақозо мекунанд, далели ҳамин сухан мебошанд. Аз ҷониби дигар, мутақоид шудани директори ОИТ «Ворорӯд» ҳам ба ин маънӣ, ки асоси муваффақияти расонаҳои байналмилалӣ таҳияи кодекси ахлоқӣ ва пойбанд будан ба меъёрҳои он аст, гувоҳӣ аз он медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба ахлоқ ҳамеша дар меҳвари фаъолият қарор дорад.

Қабул намудани санади дохилиидоравии ахлоқӣ як раванди муҳимми фаъолият аст, ки ба сомон расонидани он барои идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори омма амри зарурист, вале пас аз он марҳилаи муҳимтар ба вуҷуд меояд, ки он раванди амалишавии санади мазкур мебошад. Ба ифодаи дигар, механизми татбиқи он ҳам аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ба ҳамин мазмун аст, ки муҳаққиқ М.Бобоҷонова ҳам менависад, ки яке аз марҳилаҳои муҳим ҷиҳати таъмини фаъолияти босамари корӣ ин ҳангоми иҷрои вазифаи касбӣ риоя намудани қоидаҳо ва меъёрҳои зикршуда ба ҳисоб меравад, ки дар

фаъолияти корӣ чандон осон набуда, амалигардонии онҳо ба якчанд омилҳои дигар вобастагӣ дорад. Омилҳои ҳуқуқӣ журналистро водор менамояд, ки «дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ бошад ва донад, ки маводди истифодашуда дар кадом ҳолат асардуздӣ ба ҳисоб меравад, кадом маводди журналистӣ моликияти зеҳнӣ ба шумор меравад, дар кадом ҳолат журналист ҳуқуқи муаллифӣ пайдо менамояд, кадом ҷанбаҳои ҳаёти инсон ба ҳаёти шахсӣ тааллуқ дорад ва чаро паҳлуҳои мазкур дахлнопазир мебошанд?» [28, с. 139].

Чунин масъалагузорӣ ба назари мо низ дуруст аст, зеро татбиқи меъёрҳои пазируфташуда аз ҳар нигоҳ, ба кормандон вобаста аст, ки то кучо онҳоро маърифат мекунанд ва барои амалишавии онҳо кӯшиш менамоянд. Идомаи масъалагузориҳои муҳаққиқ ҳам ҷолиб аст, ки якбора алоқамандии меъёрҳои ахлоқ ва ҳуқуқро низ ба миён мегузорад ва дуруст мегӯяд, ки робитаи ахлоқ бо ҳуқуқ ниҳоят мустаҳкам аст ва онҳо вобастаи ҳамдигаранд, чун танҳо ба эътибор гирифтани яке имкон надорад.

Меъёри муҳимми дигаре, ки ба татбиқи меъёрҳои ахлоқии қабулшуда мусоидат мекунад, таваҷҷуҳ ба масъулияти иҷтимоии журналист аст, ки аз нигоҳи муҳаққиқ М.Бобоҷонова низ аз муҳимтарин омилҳо ба шумор меравад. Ба назари ӯ, амалӣ шудани қоида ва меъёрҳои ахлоқи касбии идора ба масъулияти иҷтимоии ҳар як журналист вобастагӣ дорад: дар ин маврид бояд маводди журналист ба манфиати ҷомеа равона шуда бошад ва журналист бо маводди худ на танҳо дар назди ВАО, балки дар назди ҷомеа - оммаи васеъ ҷавобгар бошад, чунки масъулияти иҷтимоии журналист водор месозад, ки ӯ дар ҳама ҳолат бо шуури маънавиаш фаъолият карда, ҳамеша эҳсоси масъулият намояд: «иҷрои ин масъулият ва риояи он ба вазъи таъминоти моддии журналист вобастагӣ дошта, журналисте, ки аз маоши муқарраркардаи идора қаноатманд аст, аз ҷиҳати моддӣ таъмин мебошад ва ин ҳолат ба татбиқи самараноки ин масъулият кӯмак мекунад. Ҳарчанд барои ин ҳолатро ба дараҷаи мувофиқ расонидан мушкилиҳои зиёде пеш меояд» [28, с. 140].

Ба назари мо, ин муҳаққиқ ин ҷо масъалаи хеле муҳимро вобаста ба мавҷудияти воқеӣ ва амалишавии меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба миён мегузорад.

Ин масъала вазъи таъминоти моддии рӯзноманигорон мебошад, ки бояд аз ҷониби идораҳои воситаҳои ахбори омма хуб ба роҳ монда шавад; маоши муносиб, ки барои таъминоти рӯзгори журналист мусоидат мекунад, самаранокии фаъолияти ӯро низ ба вуҷуд меорад. Яъне, ин ҳамон ҳолатест, ки пас аз он аз журналист ба таври бояд иҷрои рисолати касбӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ тақозо мешавад.

Барои собит гардидани ин мавқеъ ба рисолаи номзадии ин муҳаққиқ, ки ба вазъи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ марбут аст, таваҷҷуҳ намудем: «дар солҳои 2003-2005 маоши рӯзноманигорони Оҷонсии иттилоотӣ ва таҳлилии «Варорӯд» аз 80 то 100 доллари амрикоиро ташкил дода, дар баробари ин барои омода намудани мавод аз ҷониби идора ҳаққи қалам пардохт карда мешуд. Идора кормандонро бо компютер ва телефону интернети ройгон таъмин менамуд. Дар давраи таҳқиқ таҳлилу тавзеҳи маводди ОИТ «Варорӯд» ва нашрияи он «Варорӯд» аз рӯйи мазмуну муҳтаво, услуби баён, асоснокии факту далел, воситаҳои ифода аз расонаҳо ва нашрияҳои дигар бартарият дошт» [27, с. 48].

Оҷонсии номбурда дар баробари нашрияи худ дар асоси шартномаи тарафайн маводди радиоҳои «Озодӣ» ва «ВВС»-ро низ бо маводди иттилоотӣ таъмин менамояд.

Аз рӯйи маълумотҳо, нашрияи «Варорӯд» аз соли 2005 мустақил гардид ва бо забони тоҷикӣ ба нашр шуруъ намуд. Баъдтар аудиторияи худро қисман аз даст дод ва ин боис гардид, ки теъдоди нашрия, ки ба 10 ҳазор нусха расида буд, камтар гардад.

Маълум мегардад, ки самаранокии моддии фаъолияти оҷонсии иттилоотию таҳлилиии «Варорӯд» то соли 2005 буда, дар ҳамин давраи кӯтоҳ риояи қоидаҳо ва меъёрҳои фаъолияти касбии кормандони оҷонсӣ низ дар сатҳи бояд тақозо шудааст, ки баъдан суст мегардад. Аммо ин андешаи муҳаққиқ ба назари мо, нишони бартарии фаъолияти расонаи мазкур буда наметавонад, ки «идора кормандонро бо компютер ва телефону интернети ройгон таъмин менамуд», чун ин тартиби фаъолияти ҳар идораи воситаҳои

ахбори омма аст, ки бояд барои кормандон шароити муқаррарии амалкардро фароҳам созад, яъне инро ҳамчун нишони хоси фарқкунанда ва бартарибахшанда донистан дуруст нест.

Муҳаққиқ М. Бобоҷонова менависад, ки заиф гардидани риояи қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби журналистони идора ба ду омили асосӣ вобастагӣ дорад. Омили аслӣ, пеш аз ҳама, ба кори дигар гузаштани И.Ҷамолов - директори Оҷонсии иттилотӣ ва таҳлилии «Ворорӯд» аст, ки яке аз менеҷерони беҳтарин маҳсуб меёфт. Мусаллам аст, ки риоя ва густариши низоми ҳар як идораву ширкатҳои вобаста ба воситаҳои ахбори омма ба фаъолияти огоҳона ва касбии роҳбар вобастагии бевосита дорад. Омили дигар дар фаъолияти мустақили нашрия ва паст шудани сифати маводди он аст, ба ин васила як қисми хонандагони худро аз даст дод, ки ин ҳолат ба вазъи молии нашрия таъсири манфӣ расонид. Аз ин лиҳоз, рақобати воқеӣ байни кормандон ва нашрияҳои онҳо бештар бо воситаи ба роҳ мондани ҳангомабозиву айбҷӯиву айбсозиҳо сурат гирифт, ки дар натиҷа риояи қоида ва одоби касбӣ халалдор гашт.

Мо низ ба ин мавқеъ мувофиқ ҳастем, зеро дар ин маврид, ахлоқ дар муҳити солим зуҳур карда, амал менамояд, аз ин рӯ, паст гардидани сифати матолиб нахустин омили аз даст додани мавқеи расона ба шумор меравад, ки ин аз даст додани мавқеъ ба таври табиӣ сатҳи риояи меъёрҳои касбӣ ва ахлоқиро низ дуюмдараҷа мегардонад. Ин назари муҳаққиқ низ дуруст аст, ки ба роҳбар бисёр омилҳо вобастаанд, то сатҳу сифати кор ба дараҷаи лозима баробар гардад. Инчунин, инро низ илова намудан мумкин аст, ки шахсияти маънавии роҳбар низ ба вазъи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ таъсиргузор мебошад.

Ба таври хулоса, муҳаққиқ М. Бобоҷонова менависад, ки омӯзиш ва таҳқиқи махсусиятҳои татбиқи қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар ОИТ «Ворорӯд» моро ба чунин натиҷаҳо расонид, ки матбуоти даврии вилояти Суғд дар замони истиқлол дар фазои иттилоотии кишвар нақши намоён дорад, заминаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва касбӣ бо зуҳур ва ташаккули меъёрҳои этикаи

рӯзноманигорӣ барои баланд бардоштани савияи донишҳои ахлоқи касбӣ ва беҳтар гардидани сатҳу сифати муҳтавои воситаҳои ахбори омма заминаи муфид фароҳам овард; дар баробари фароҳам омадани шароити мусоиди сиёсиву ҳуқуқӣ ва дар ин замина ба фаъолият оғоз намудани воситаҳои ахбори оммаи гуногунсамт, хоса нашрияҳои даврӣ баҳри ҳимояи субъектҳои иттилоотӣ, дар навбати аввал, ҳимояи манфиатҳои аудитория ва нигоҳ доштани обрӯ ва эътибори кории рӯзноманигорон зарурати қабули меъёрҳои этикаи касбиро ба миён овард; бори аввал дар аз ҷониби воситаи ахбори оммаи минтақавии ОИТ «Ворорӯд» санади идоравӣ бо номи Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Ворорӯд» ба тасвиб расид, ки ин санад барои кормандони оҷонсӣ ва нашрияҳои он тааллуқ дошта, пеш аз ҳама, бозгӯйи масъулиятшинос будани журналистон аст; қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқи касбии идораи ин оҷонсии иттилоотӣ танҳо принсипи умумӣ ба ҳисоб рафта, дар он мушаххасу аниқ ва дақиқ дар ҳолатҳои муайян чӣ тавр фаъолият намудан, муқаррар нагардидааст, аз ин лиҳоз, дар бисёр ҳолатҳо журналист дар ҳалли мушкилиҳо душворӣ мекашад, ягона чизе ки ба ӯ кӯмак карда метавонад, дониш ва маърифати касбии журналист ба ҳисоб меравад.

Ин натиҷаҳо, ки дар асоси омӯзиши муҳаққиқ ҳосил шудаанд, аз чанд ҷиҳат аҳамиятноканд, чун менависад, ки дар замони истиқлол ба вуҷуд омадани заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва касбӣ боиси таваҷҷуҳи бештар ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ гардид, то барои беҳтар гардидани сатҳу сифати матолиби расонаҳо кӯшиш шавад, инчунин, ба назари муҳаққиқи мазкур, бо тақозои ҷомеа зарурати қабули санади алоҳидаи вобаста ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба миён омад, ки намунаи баррасигардида чун нишони масъулиятшиносии журналистон ба шумор меояд.

Аммо бо вуҷуди таҳқиқу баррасии ба тафсили Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Ворорӯд» ба натиҷае мерасад, ки санади мазкур фарогири принсипҳои умумӣ буда, дар он мушаххасу аниқ ва дақиқ дар ҳолатҳои муайян чӣ тавр фаъолият намудан

муқаррар нагардидааст, аз ин лиҳоз, дар бисёр ҳолатҳо журналист дар ҳалли мушкилиҳо душворӣ мекашад, ки мо ба ин мавқеи ӯ мувофиқ нестем, зеро принсипҳое, ки дар санади мазкур зикр шудаанд, ба таври мушаххас меъёрҳои ахлоқиро муайян кардаанд ва тағрибаи «Варорӯд» низ инро собит намудааст.

Доир ба он ки ин меъёрҳо мушаххас ҳастанд, дар ҳамин мақолаи ӯ факти ҷолибе ҳаст: аз суҳбат бо И. Ҷамолов як ҳолати таваҷҷуҳангез оид ба риояи меъёри охирони қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Варорӯд» маълум гардид. Ба гуфтаи ӯ журналист Ҷ.Юсуфӣ ҳангоми фаъолият вақти шиносоӣ бо санади мазкур ба талаботи банди охирони ин аснод, яъне корманди Оҷонсии иттилоотӣ ва таҳлилии «Варорӯд» наметавонад узви ягон ҳизби сиёсӣ бошад, норозигӣ баён намуда, ин ҳолатро поймол кардани ҳуқуқҳои журналист арзёбӣ намудааст.

Ӯ доир ба ин ҳолати касбӣ мавқеи худро муайян кардааст: «ба андешаи мо талаботи банди мазкур, яъне ҳангоми фаъолият узви ягон ҳизб набудани журналист бо мақсади риояи меъёри беғаразӣ мебошад, зеро агар журналист узви ягон ҳизб бошад, ҳангоми таълифи мавод манфиатҳои ҳизбияшро пеш гузорад ва манфиатҳои аудитория коста мегардад» [28, с. 140].

Тавре мушоҳида мешавад, дар мисоли ҳамин меъёр мушаххас будани меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба назар мерасад ва ҳам шарҳи худи муҳаққиқ, ки барои чӣ будани онро тавзеҳ медиҳад, гувоҳи он аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ ҳарчанд аз нигоҳи аввал чун принсипҳои умумӣ ба назар расанд ҳам, дар асл, каме таваҷҷуҳ ба онҳо моҳият, мушаххасот ва аҳамияти бештарашонро баёнгар мешавад.

Барои муқоиса, санади ахлоқии агентии иттилоотии ҷаҳонии Рейтерро, ки зикраш рафт, мавриди баррасӣ қарор медиҳем. (Маълумоти мухтасар: Агентии ахбор ва иттилооти молиявӣ соли 1851 аз ҷониби барон Пол Юлиус Фрейхер фон Ройтер таъсис дода шудааст. Ройтер аввалин дафтари худро дар Лондон кушод, ки гузоришҳои биржаро ба Париж тавассути ноқили телеграфӣ интиқол медод. Дар аввал агентӣ ба хабарҳои тиҷоратӣ тахассус дошт, аммо ба зудӣ фарогирии мавзуъҳои худро васеъ карда, ҳамчун манбаи хабарии

муассир эътибор пайдо намуд ва имрӯз яке аз сарчашмаҳои асосии иттилоот дар тамоми ҷаҳон ба шумор меравад).

Қоидаҳо ва принсипҳо бо унвони «Кодекси рафтори касбӣ ва ахлоқии кормандони Рейтер» дар шакли мукаммал соли 2009 нашр шуда, соли 2014 бо таҳрири нав пешниҳод шуд ва ба 20 забони кории ин агентии ҷаҳонӣ, аз ҷумла, русӣ тарҷума гардид.

Ғояҳои ширкат, нукоти назари касбӣ ва ахлоқии он бо номи «10 постулати рӯзноманигории Reuters» машҳур аст, ки онҳо дар шакли мухтасар ба ин тартибанд:

1. Дақиқӣ ҳамеша муқаддас аст.

2. Хатоҳо ҳамеша ошкор ва ислоҳ мешаванд.

3. Ҳамеша мувозинатро нигоҳ доред ва аз бадгумонӣ дур бошед.

4. Дар бораи бархӯрди манфиатҳо ба роҳбари худ нақл кунед.

5. Ҳамеша ба маълумоти имтиёзнок эҳтиром гузоред.

6. Ҳамеша манбаъҳои худро аз шахсони мансабдор ва мақомот муҳофизат кунед.

7. Аз баёни андешаи худ дар хабар худдорӣ кунед.

8. Ҳеҷ гоҳ асардуздӣ накунед.

9. Ҳеҷ гоҳ тасвири муқаррарии манзараҳоро дасткорӣ накунед.

10. Ҳеҷ гоҳ барои маълумот маблағ пардохт накунед ва пора нагиред.

«Эътибори деринаи моро асос боварии аудитория аст, чун мо тавонистем дар ин муддати дарози фаъолият нисбат ба аудиторияи худ ростқавл ва ба ин васила сазовори боварӣ бошем. Аз ин рӯ, набояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш кунем, ки барои аз байн бурдани ин обрӯ танҳо як амали нодуруст ё ғайриахлоқӣ лозим аст» [372] – гуфта буд директори генералии вақти ширкати мазкур Ҷим Смит дар сарсухани кодекси мазкур.

Ин ҳуҷҷат тамоми паҳлуҳои фаъолияти ширкатро дар бар гирифта, аз панҷ бахши асосӣ иборат аст: истифодаи дурусти иттилоот; таъмини эҳтироми мутақобила ва бехатарӣ дар ҷои кор; муомила бо муштариён ва шахсони сеюм; муайян кардан ва пешгирии низоъҳо ва таъмини назорат.

Татбиқи кодекси мазкур чун раванди бомаром ба роҳ монда шудааст ва риояи он шуруъ аз директорон то кормандони муқаррарӣ тақозо мешавад. Нуктаи муҳим дар раванди татбиқ он аст, ки кормандон бояд на танҳо огоҳ бошанд ва қоидаҳоро риоя намоянд, балки барои саривақт хабар додан дар бораи риоя накардан ё вайрон кардани муқаррароти кодекси мазкур аз ҷониби дигар кормандон низ уҳдадоранд. Барои иҷрои ин уҳдадорӣ ширкат махфӣ ва номаълум мондани пешниҳодкунандаро кафолат медиҳад ва барои ин навъи хоси иртиботро ба роҳ мондааст.

Дар маҷмуъ, муқаррароти умумии кодекси ин ширкат чунин аст: Маълумот ва дороиҳои ширкат. Ҳифзи амволи ширкат вазифаи кормандон аст, чун бетаваҷҷуҳӣ боиси афзоиши назарраси хароҷоти ширкат мегардад. Барои Reuters махфияти маълумот дар дохили ширкат низ хеле муҳим аст ва ин ҳама гуна маълумотест, ки дар манбаъҳои кушода мавҷуд нест. Масалан, сирри тиҷоратӣ, сиёсат ва иттилооти нархгузорӣ, нақшаҳои амалиёти тиҷоратӣ маълумоти муштариён, таҳқиқоти бозори рақибон, рӯйхати муштариён ва монанди инҳо.

Вижагии ин банд он аст, ки аз кормандон тақозо менамояд, то махфияти чунин маълумотро ҳатто баъди аз кор рафтан низ то замоне, ки сирри идоравӣ будани он боқист, ҳифз намоянд.

Имкониятҳои баробар ва эҳтироми ҳамдигар. Reuters ба меъёрҳои асосии инсонӣ ва фаъолияти касбӣ содиқ аст ва мекӯшад, ки аз ҳама гуна табъиз канорагирӣ кунад. Ширкат уҳдадор аст, ки имкониятҳои баробари шуғлро ба ҳама одамон, новобаста аз он нажод, ранги пӯст, эътиқодҳои динӣ, ҷинс, синну сол, миллат, маъюб ва монанди инҳо фароҳам орад. Инчунин, набояд ба таҳқир роҳ дод, ҳама гуна таҳқир қатъиян манъ аст.

Туҳфаҳо додан ва қабул кардан. Агентӣ ба кормандони худ иҷозат медиҳад, ки баъзе туҳфаҳо ва имтиёзҳоро қабул кунанд. Масалан, маҳсулоти таблиғотӣ бо тамғаи ширкат, мукофотҳое, ки дар бозиҳо ё озмунҳои соҳавӣ дода мешаванд, чиптаҳо ба чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишии маҳаллӣ, туҳфаҳо ба ифтихори рӯйдодҳои шахсӣ, ба мисли тӯй ва рӯзи таваллуд;

туҳфаҳои хурди арзиши номиналӣ, ки одатан дар рӯзҳои ид дода мешаванд.

Бархӯрди манфиатҳо. Дар кодекс омадааст: “Ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ дар Рейтер аз бархӯрди манфиатҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ худдорӣ намоед ва манфиатҳои шахсиро аз манфиатҳои ширкат болотар нагузоред. Касе, ки бо шумо наздик аст, тобеи бевоситаи шумост ё шумо қобилияти назорат кардан, баррасӣ кардан ё таъсир расонидан ба арзёбии фаъолият, шуғл ё манфиатҳои ӯро, ки ҳамзамон корманди Reuters мебошад, доред. Дар чунин сурат набояд манфиатҳои шахсиро боло гузоред, балки бояд дар доираи талаботи корӣ муносибат намоед.

Бо вуҷуди ин, баъзе бархӯрдҳо, ба назари масъулони Reuters, қобили қабуланд, агар аз онҳо роҳбарият огоҳ шавад ва тасдиқ намояд. Масалан, кор дар дигар ширкатҳо метавонад бархӯрди манфиатҳо ҳисобида шавад, аз ин рӯ, роҳбарони худро дар ин бора огоҳ кардан лозим аст.

Дар сархати охири ин банд таъкид мешавад, ки агентӣ ба кормандони худ дастгирии доимии ҳуқуқӣ мерасонад, аз ин рӯ ба ҳар як корманд тавсия дода мешавад, ки дар ҳолати рӯ ба рӯ гардидан бо ҳама гуна масъалаҳои баҳснок бо ҳуқуқшиносони агентӣ тамос гиранд.

Ҳамин тавр, ба назар мерасад, ки қоидаҳои рафтори касбӣ ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар агентии иттилоотии маъруфи ҷаҳонӣ – Рейтер мавқеи хосса доранд ва риояи онҳо аз ҳар корманд тақозо гардида, инчунин, механизми татбиқи пурраи ин меъёрҳо низ дарёфт шудааст, ки баррасии меъёрҳо самаранок будани ин тадбирҳоро собит намуд.

Кодекси ахлоқии Рейтер чанд вижагии худро дорад, ки яке аз онҳо нигоҳдории сирри идора ҳатто баъди рафтан аз кор мебошад, ки ин ҳам ба назари мо, меъёри ахлоқист ва масъулони ин агентии маъруф низ ба ҷанбаи инсонии он такя намуда, аз кормандони худ чунин тақозоро кардаанд.

Доир ба подош ва имтиёз низ дар муқоиса ба дигар аснод, санади Рейтер вижагии худро дорад, зеро дар як банди алоҳида дар кадом ҳолатҳо иҷозат будани туҳфа ва мукофотро мушаххас карда, махсусияташ дар он аст, ки хурд будан ва арзиши номиналӣ доштани туҳфаҳоро таъкид мекунад, ки ин ҳам ба

назари мо, ба омили инсонӣ такя мекунад ва ё ба ифодаи дигар, меъёри ахлоқи инсонист.

Вижагии дигари ин кодекс таваҷҷуҳи бештар ба масъалаҳои муносибатҳои ҷинсӣ ва шаҳвонӣ мебошад, ки ба назари мо, аз руҳияи муосири кишварҳои Ғарб сарчашма мегирад ва барои ҷомеаи мо чандон қобили қабул нест. Ин ҷиҳат агар аз як ҷониб вижагии санади мазкурро нишон диҳад, аз тарафи дигар, тафовути онро низ ба миён мегузорад.

Намунаи дигареро, ки мавриди баррасӣ қарор медиҳем, Кодекси ахлоқи касбӣ барои кормандони Гурӯҳи расонаҳои «Азия-Плюс» мебошад. (Маълумоти мухтасар. «Азия-Плюс» (ASIA-Plus) гурӯҳи расонаҳои мустақили Тоҷикистон аст. Аз се ширкати мустақил - агентии иттилоотӣ, нашрия ва ширкати телевизиону радио иборат аст, ки зери як тамға (бренд) фаъолият мекунанд. Агентии иттилоотии мустақили Тоҷикистон ASIA-Plus тирамоҳи соли 1995 дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайд гирифта шуд. Моҳи апрели соли 1996 нахустин шумораи варақаи иттилоотӣ-таҳлилии агентӣ нашр шуд. Агентӣ бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ хизматгузориҳои иттилоотӣ пешниҳод мекунад. Нашрияи ҷамъиятӣ-сиёсии ASIA-Plus аз моҳи январи соли 2000 ба нашр мерасад.

Радиои ASIA-Plus нахустин шабакаи мустақили радио дар Душанбе аст. Шабака 9 сентябри соли 2002 ба фаъолият оғоз намуда, шабонарӯзӣ 24 соат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ барнома пахш мекунад. Муҳтавои барномаҳои радио иттилоотӣ ва мусиқӣ аст. Дар фосилаи ҳар як соат бахши хабарҳо манзур мегардад. Минтақаи фарогири пахши барномаҳо - шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар. Аз соли 2014 пахши барномаҳои радио тариқи онлайн бо Интернет оғоз гардидааст) [360].

Кодекси ахлоқии ин гурӯҳи расонаҳо чунин муқаддима дорад:

Корманди «Азия-Плюс» ҳамеша вазифадор аст, ки «дар асоси принсипҳои этикаи касбии дар кодекси мазкур муқарраршуда амал намояд, зеро риояи меъёрҳои он шарти ҳатмӣ барои кор дар Гурӯҳи расонаҳои Asia–Plus ба ҳисоб меравад» [376].

Корманд танҳо маълумотеро паҳн мекунад ва шарҳ медиҳад, ки ба эътимоднокии онҳо боварии комил дорад ва сарчашмаи он ба ӯ маълум аст. Ӯ тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳад, ки нопурра будан ё нодурустии маълумот ба касе зарар нарасонад, инчунин, корманд бояд донад, ки дидаву дониста пинҳон кардани маълумоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок ё паҳн кардани маълумоти бардурӯғ кори нодуруст аст.

Корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои касбии худ аз усулҳои ғайриқонунӣ ё номуносиби ба даст овардани маълумот истифода намебарад.

Корманд ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои надодани маълумот ва ҷавоб надодан ба саволҳо эътироф ва эҳтиром менамояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки уҳдадории пешниҳоди маълумотро қонун пешбинӣ кардааст.

Корманд таҳрифи бадқасдонаи далелҳо, туҳмат ё гирифтани пул барои паҳн кардани маълумотро қонуншикании ҷиддии касбӣ медонад; корманд набояд умуман бевосита ё бавосита ягон подош ё имтиёзро аз шахсони сеюм барои нашри мавод ва андешаҳо қабул кунад.

Агар корманд маводди бардурӯғ ё таҳрифшуда омода ва ба чоп пешниҳод карда бошад, вазифадор аст, ки дар ин бора ба роҳбарият хабар диҳад, хатои худро ислоҳ намояд ва ба таври оммавӣ дар минбари расона ин ҳолатро шарҳ диҳад ва агар лозим бошад, аз аудитория бахшиш пурсад.

Корманд барои дурустии маълумоте, ки мерасонад, ҷавобгар аст, зеро ин маълумот бо номи ӯ нашр мешавад ва нишони эътибори корманд низ ҳаст, аз ин рӯ, ба саҳеҳии маълумот худ масъул аст (ба истиснои ҳолатҳои муайяне, ки дар мувофиқа бо муҳаррир истифодаи имзои мустаорро лозим медонад). Муҳаррир ҳақ надорад, ки ба корманд гузоштан ё ҳазфи имзояшро аз мавод ё мубоҳисае, ки бар хилофи иродаи ӯ қисман таҳриф шудааст, супориш диҳад.

Корманд сарчашмаи маълумоти ба таври махфӣ ба дастовардаашро ҳамчун сирри касбӣ нигоҳ медорад. Дар ин маврид бо хоҳиши муҳаррир корманд вазифадор аст номи манбаи худро ба ӯ ифшо кунад.

Корманд шаъну эътибори одамонеро, ки объекти маводди ӯ мебошанд, эҳтиром мекунад. Вай аз ҳар гуна ташбеҳот ва шарҳҳои таҳқиромез дар робита

ба нажод, миллат, ранги пӯст, дин, баромади иҷтимоӣ ё ҷинси шахс, нуқсони ҷисмонӣ ё бемории шахс худдорӣ мекунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки баъзан ин нукоти зикршуда мустақиман ба мундариҷаи мавод алоқаманданд.

Корманд бояд дар хотир дошта бошад, ки ҳар як шахс то даме, ки гунаҳкор буданаш дар суд собит нагардидааст, бегуноҳ мебошад. Корманд дар маводди худ аз зикри номи хешу табор ва наздикони он шахсоне, ки барои ҷиноятҳои содиркардаашон айбдор ва ё маҳкум шудаанд, худдорӣ мекунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин маълумот барои пешниҳоди объективии масъала зарур аст.

Ҳайати таҳририя номи ноболиғонеро, ки нисбати онҳо ҷиноят содир шудааст ва ё худашон дар содир кардани ҷиноят гумонбар мешаванд, ошкор намекунад.

Корманд наметавонад аз обрӯ, салоҳият ва қобилияти касбии худ барои паҳн кардани иттилооти дорои хусусияти таблиғотӣ ё тиҷоратӣ истифода барад.

Корманд худро эҳтиром мекунад ва дигаронро маҷбур мекунад, ки ҳуқуқи муаллифиро, ки аз ҳама гуна фаъолияти эҷодӣ бармеояд, эҳтиром кунанд.

Асардуздӣ қобили қабул нест. Дар ҳоли истифода аз маводди ҳамкасбон ба номи муаллиф ишора бояд шавад.

Корманд наметавонад дар муошрати худ бе ризоияти волидайн ё шахсони калонсоли ваколатдори ноболиғон онҳоро аксбардорӣ кунад ва ё акси онҳоро истифода барад.

Корманд метавонад аз супориши муҳаррир даст кашад, агар иҷрои он вайронкунии яке аз принсипҳои дар боло зикршуда бошад.

Дар дохили идора ҳангоми муошрати касбӣ бо ҳамкорон, кормандон бояд ба шахсияти ҳамдигар нарасанд; алфози қабеҳ, инчунин ҳарфу ишораҳои таҳқиромез ҳангоми муошрат бо ҳамкорон, байни муҳаррир ва рӯзноманигор низ беодобист.

Кормандон метавонанд андешаҳои танқидии худро дар бораи мундариҷа,

рӯйдодҳо ва хидматрасониҳои гурӯҳи расонаҳо ҳангоми ҷаласаҳои дохилии идора баён кунанд. Интиқоди оммавӣ, аз ҷумла дар шабакаҳои иҷтимоӣ, дар шарҳҳои веб-сайтҳо қабул нест.

Кормандон ҳаҷми музди кори худро дар дохили идора ва берун аз он ҳам ба таври оммавӣ муҳокима намекунанд. Баҳси маош танҳо дар суҳбати хусусӣ бо сармуҳаррир, директори иҷроия ё роҳбари гурӯҳи расонаҳо иҷозат дода мешавад.

Ҳар як корманди идора барои ба вуҷуд овардан ва пойдор гардондани муҳити солими эҷодию дӯстона дар макони фаъолияти худ ҳисса мегузорад.

Ба назари мо, кодекси ахлоқии гурӯҳи расонаҳои Азия Plus мукаммал аст ва тамоми паҳлуҳои ба фаъолияти бевоситаи кормандон алоқамандро фарогир аст.

Ҳамин тавр, метавон ба натиҷае расид, ки аз вижагиҳои аслии санадҳои ахлоқии идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори омма ин мушаххастар будани онҳост, зеро махсус ба кормандони ҳамон расона равона гардида, дар бандҳои алоҳида ва дар мавридҳои зарурӣ таъкид мегардад, ки корманди идора меъёрҳои мазкурро дар меҳвари фаъолияти худ қарор медиҳад.

Ба назари мо, ин вижагӣ аҳамиятнок аст, зеро санадҳои умумӣ танҳо ба касб ишора карда, ба таври умумӣ журналистро уҳдадор кунанд, дар ин маврид масъулият дучанд мегардад, зеро ин ҷо касб ва уҳдадории бевосита ба ҳам меоянд.

Дигар аз вижагии чунин санадҳо ҷузъи муҳимми тартиботи дохилиидоравӣ будани онҳост, ки ба назари мо, ин ҷанбаи муҳим раванди татбиқи меъёрҳои ахлоқиро беҳтар мегардонад ва боиси сифатан беҳтар гардидани кори ҳамон расона мешавад.

Вижагии дигари меъёрҳои ахлоқии идораҳои алоҳидаи ВАО боз дар он зоҳир мегардад, ки асоси фаъолияти дарозмуддат ва эътибори расона будани ахлоқ ва бо назардошти ин, зарурати риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва қоидаҳои тартиботи идоравӣ таъкид мегардад.

Ба назари мо, ҳамин омили муҳим – таъкиди зарурати риояи меъёрҳои

ахлоқи касбӣ, ки аз марҳилаи умумӣ будан ба зинаи мушаххасӣ расидаанд, ин меъёрҳоро дар як сатҳ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор медиҳанд, зеро тавре аз баррасии ин аснод чунин натиҷа ҳосил шуд, ки ҳатмӣ будани риояи онҳо аз ҷониби кормандон таъкид мегардад.

Аз вижагии дигари ин аснод босифаттар гардонидани матолиби расонаҳоест, ки онро қабул кардаанд; ҳамон ҳадафе, ки оҷонисии “Ворорӯд” назди худ гузошта буд (кӯшиши байналмилалӣ сохтани доираи фаъолияти худ) аз аҳдофест, ки расидан ба он тавассути пазироӣ ва татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ имконпазир мегардад.

Дар мисоли гурӯҳи расонаҳои «Азия-плюс», ки санади он ҳам мавриди баррасӣ қарор гирифт, метавон ба натиҷае расид, ки дар муқоиса бо дигар расонаҳо матолиби ин гурӯҳи расонаҳо сатҳу сифати беҳтар дорад, чун ба арзишҳои касбию ахлоқӣ эҳтиром мегузорад ва риояи ҳатмии онҳоро аз кормандони худ низ тақозо мекунад. Санадҳои ахлоқии Би-Би-Сӣ ва Рейтер низ далели ҳамин сухан ҳастанд, ки қабули санади алоҳидаи ахлоқӣ ба манфиати кор аст.

Аз баррасии ин аснод ба натиҷае расидем, ки ҳарчанд таҷрибаи қабули санади марбут ба этикаи касбӣ дар ин расонаҳо нисбат ба собиқаи фаъолияти онҳо камтар аст, аммо ин чунин маъно надорад, ки то қабули санади алоҳида меъёрҳои ахлоқӣ барои ин расонаҳо дар меҳвари фаъолият қарор надошт, чун аз оиннома ва низомномаи дохилии онҳо бармеояд, ки меъёрҳои мазкур дар шаклҳои дигар вуҷуд доштанд.

Ба назари мо, тақозои замон ва боз ҳам муҳимтар гардидани меъёрҳои ахлоқӣ боиси он гардид, ки ин расонаҳо меъёрҳои ахлоқи касбиро дар шакли санади алоҳида қабул намоянд ва ба раванди татбиқи онҳо низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

БОБИ IV
ТАНОСУБИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚИЮ ҲУҚУҚӢ ДАР ЖУРНАЛИСТИКА

Асосҳои назариявӣ ва амалии алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ аз мавзуъҳое буд, ки дар фасли дуюми боби дуюм мавриди баррасӣ қарор гирифт ва он ҷо таваҷҷуҳ асосан ба таъсири омилҳои этикӣ ба шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ аз лиҳози назариявӣ дар умум ва баъдан дар журналистика равона гардид. Дар ин фасл ба дигар ҷанбаҳои назариявии алоқамандии меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ ва намунаҳои амалии ин раванд таваҷҷуҳ мекунем, чун зарурати баррасии пурраи мавзуъ инро тақозо мекунад.

Таҳлили таносубии риояи меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар воситаҳои ахбори омма низ аз масъалаҳоест, ки зарурати баррасии он вуҷуд дорад, чун дар журналистикаи муосир зарурати ҳамоҳангсозии меъёрҳои ахлоқӣ бо ҳуқуқӣ ба миён омадааст ва ин омил тақозо мекунад, ки меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ баррасӣ гардида, доир ба онҳо хулосаҳои зарурӣ ҳосил гардад. Ин ҷо як масалаи дигар низ мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки ба самаранокии фаъолияти созмони худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма дар кишвар ва раванди татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ иртибот пайдо мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми журналистикаи муосир ба вуҷуд омадани падидаҳои деонтологӣ мебошад, ки мавриди баррасӣ қарор гирифтани он барои пурратар гардидани мавзуи мавриди назар мусоидат мекунад, зеро ин падида ҳарчанд аз лиҳози мафҳум ва мундариҷа чандон нав нест, вале бо шакли зуҳури худ дар журналистика чун як навгонӣ арзи ҳастӣ мекунад, аз ин рӯ зарурати баррасии он вуҷуд дорад.

4.1. Асосҳои назариявии алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ

Алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ яке аз масоили муҳим дар

раванди баррасии онҳо ба шумор меравад, чун баррасиҳои умумии мо далели он аст, ки меъёрҳои мазкур махсусан дар замони муосир робитаҳои хеле наздик ва пайванд ба ҳамдигар доранд, аз ин рӯ, ҳарчанд дар илми ҳуқуқшиносӣ доир ба тафовут ва ҳатто ҳолатҳои мавҷуд будани ихтилоф байни онҳо низ сухан меравад, вале нуктаи муҳим он аст, ки дар журналистика ин алоқамандӣ чун пурракунандаи ҳамдигар будани онҳо фаҳмида мешавад. Ба назари мо, ҳамин омил меҳвари аслии асосҳои назариявии алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика ба шумор меравад.

Муаллифони дастуре, ки доир ба моҳияти этикаи касбӣ ҳамчун илм маълумот додаанд, доир ба моҳият ва алоқамандию тафовути меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ чунин менависанд, ки ахлоқ ҳамчун истилоҳи илмӣ маҷмуи қоида, тартиботи муносибату муомилаи одамонро дар оила ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ифода мекунад, он дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, ҳамкории сиёсӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфта, бо мурури замон ба инкишофу тағйир низ рӯ меоварад: «Масъалаи асосии ахлоқ аз фаҳмиши некию бадӣ, адолату беадолатӣ, ҳаққу ноҳаққӣ иборат буда, мақсади асосии он идораи муносибати дуруст ва хайрхоҳонаи одамон нисбат ба ҳамдигар аст» [379].

Доир ба умумият ва тафовути меъёрҳои ахлоқӣ бо ҳуқуқӣ ин муаллифон менависанд, ки ахлоқ дорои ҳукми қонунӣ нест, зеро риоя шудан ё нашудани рафтору кирдори неку бади одамонро аҳли ҷомеа, коллектив ва оила талаб ва назорат мекунад. Ҳуқуқ ҳам меъёрҳои муносибати байни одамонро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, лекин меъёрҳои ҳуқуқиро давлат муайян мекунад ва онҳо дорои ҳукми қонун мебошанд. Назорат ва риоя шудан ва ё нашудани ҳуқуқ бар дӯши давлат аст ва давлат вайронкорони қонунро ҷазо медиҳад, аммо рукни ахлоқ афкори умум аст, риояи он таҳти таъсири афкори умум сурат мегирад.

Воқеан ҳам, ин муаллифон дуруст мегӯянд, ки таърихи тамаддуни башар собит менамояд, ахлоқ ва риоя гардидани он ба ҳаёти иҷтимоӣ таъсири муҳим мерасонад, масалан, риояи усули қоидаҳои ахлоқи ҳамида ба мисли садоқат, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ ва ғайра ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа

таъсири мусбат расонида, суръати инкишофи онҳоро метезонанд ва баръакси ин, дуздӣ, фиребгарӣ, танбалӣ, чоплусӣ ва амсоли онҳо, ки ахлоқи нописанд мебошанд, ба маданияту сифати корҳои ҷамъият таъсири бад мерасонанд. Ҳамин буд, ки пояҳои аввалини ахлоқ ҳануз дар ҷомеаи ибтидоӣ пайдо шуда буданд, ҷамъияти синфӣ шахсро аз гиреҳҳои қавмӣ раҳоӣ бахшида, онро шомили муносибати иҷтимоӣ гардонд ва инкишоф дод.

Ба назари онҳо, масъалаи риояи меъёру қоидаҳои ахлоқ ва ҳуқуқ талаботи ҷамъият аст, ки онро ба миён мегузорад ва риояшро тақозо менамояд, зеро чунин талабот мазмуну мундариҷаи ахлоқро дигаргун сохт, чун акнун он нисбат ба урфу одат ва ахлоқи гузаштаи қавм ё қабила фарқ дошт, аз ин рӯ, меъёрҳои нави муносибату рафтор зарур шуданд.

Масалан, вақте ки дин пайдо шуд, ахлоқ ҷузъи он гардид. Тамоми қоидаву меъёрҳои ахлоқӣ обу ранги динӣ гирифтанд. Дар доираи тасаввуроти динӣ фалсафа ба вуҷуд омад. Ахлоқ бо такомули фалсафа ҷузъи он гардид. «Дар асрҳои миёна тасаввуф ба таълимоти мустақил табдил ёфта, доир ба одобу ахлоқи аҳли тасаввуф як силсила асарҳои ҷолиби диққат таълиф гардиданд, ки мавзуи баҳси ахлоқро ташкил дод ва ахлоқ ҳамчун шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ ташаккул ёфт» [379].

Инкишофи инқилоби илмӣ-техникӣ ва аз байн рафтани низоми истеъморгарӣ дар асри XX робитаҳои иҷтимоию маданиро низ ташаккул дода, ба такмилу инкишофи этикаву ҳуқуқи башар аз нигоҳи демократию башардӯстӣ таъсири мусбат расонд. Дар ин ҳол шуури ахлоқӣ, яъне маърифати робитаи инсон бо дигар инсонҳо, чун ҷузъи ҷаҳонбинӣ дар интихоби рафтор ва баҳодиҳӣ саҳмгузор гардид; инсоне, ки дар рӯҳияи ахлоқи муайян тарбия ёфтааст, вазифаи ахлоқии хешро дарк карда, ба рафтори хеш баҳо дода метавонад, ӯ тавассути виҷдон ахлоқашро мешиносад, ба худ баҳо медиҳад ва масъулияти худро дар интихоби рафтору кирдор такмил мебахшад.

Ба назари мо, андешаи арзишманде, ки ин муаллифон доранд, он аст, ки онҳо таъкид мекунанд, созмонҳои иҷтимоие, ки дар замони муосир ба таҳияи меъёрҳои ахлоқӣ ва механизми татбиқи онҳо сару кор доранд, ҳеҷ гоҳ

меъёрҳои ахлоқии инсониро тартиб дода наметавонанд, чунки ин меъёрҳо ба эътиқоди ҳамдигарии инсонҳо - ибрат, афкори умум, тарбия, анъана ва монанди инҳо такя мекунанд; ташаккул ва инкишофи ахлоқ хислати худӣ ба худӣ дорад: меъёрҳои ахлоқии муносибатҳои байни одамон, мисли дӯстӣ, рафоқат, меҳру муҳаббат низ аз омилҳои зотии инсонӣ ҳастанд ва миёни инсонҳо боқӣ хоҳанд монд, чун ташаккули онҳо низ нишони рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад.

«Баҳои маънавии рафтор, аз ҷумла баҳои ахлоқии онро ба инобат нагирифтан иштибоҳи бузург аст, чунки воситаву усулҳои дигари муайян намудани ниятҳои ботинии инсон вуҷуд надоранд. Нияти ботинӣ - фаъолият, амалиёт ва рафтори инсон ҳангоми арзёбии маънавии худи инсон ҳамчун шахс дар ҳаёт нақши бузург доранд. Аз ин ҷиҳат, риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар ташаккулу анҷоми амали инсон нуфузи ниҳоят бузург доранд» [379].

Андешаи мазкур низ дар раванди мушаххаснамоии алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ бо ҳуқуқӣ ва то андозае тафовути онҳо нақши муҳим дорад, чун дар идома тазаккур меёбад, ки бар хилофи меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки мақсадашон барпо ва мустаҳкамнамоии тартиботи ҷамъиятист, ахлоқ, аввалтар аз ҳама, воситаи идора ва ба низом даровардани ҷаҳони ботинии инсон аст. Ба назари мо, ин ҷо зарурати таъкиди хилоф нест, чун меъёрҳои ахлоқӣ низ мақсади пойдору устуворнамоии низоми ҷомеаро доранд ва расидан ба ин ҳадаф тавассути таъсир ба ҷаҳони ботинии инсон сурат мегирад, ки он дар асоси мафҳуми аслии ахлоқ ба даст меояд, зеро нақши тарбиявии ахлоқ ниҳоят бузург аст, чун ба шахс ва шуури ӯ таъсир карда, танзимкунандаи рафтору кирдори инсон мегардад; шуури ахлоқӣ аз ҷумлаи неруҳои бузурги маънавиест, ки инсонро идора мекунад, фарҳанги инсонии ӯро ташаккул медиҳад ва ба ин васила риояи интизоми ҷамъиятӣ низ имконпазир мегардад, ба он хотир ки инсоният дар ахлоқ зуҳур мекунад.

Ин афкор ҳарчанд ба таври умумӣ баён шуда бошанд ҳам, вале ба асосҳои назариявии алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ рабт доранд.

Афкори таҳлилии муҳаққиқ Эдуард Полетаев [186]-ро шоистаи зикр

медонем, ки ӯ мавзуи ҷолиберо мавриди баррасӣ қарор додааст; дар аввал он андешаҳоеро бозбинӣ мекунад, ки муқобили мавҷуд будани меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар журналистика ҳастанд ва баъдан афкори мухолифи онро тазаккур медиҳад. Ба назари ӯ, афкори мухолиф чунинанд:

- ҳар гуна ғояи сунъӣ ва ҳам меъёрҳои ахлоқӣ дар шароити Осиёи Марказӣ ё умри дароз надоранд, ё ба талаботи ҳокимиятҳо ҳамроҳ мешаванд.

- озодии суханро набояд дар чаҳорчӯба маҳдуд кард.

- агар дар таҳия намудани маҷмуи меъёрҳои ахлоқӣ намояндагони ҳокимиятҳо ширкат меварзанд, ин нодуруст аст.

- Васоити ахбори умуми хориҷиро қироат намуда, гумон мебарӣ, ки дар баъзе мавридҳо дар кори онҳо низ меъёрҳои ахлоқӣ вуҷуд надоранд. Пас дар бораи аксари ВАО-и Осиёи Марказӣ, ки ҳокимиятро ба ҳадди иғроқ тавсиф ва муқобилони онро таҳқир мекунанд, чӣ ҷои сухан аст?

- маҷмуи қонунҳои ахлоқӣ қоидаҳои пучу холиянд. Дар ҳар як ҳолати мушаххас ВАО қарорҳо қабул карда, роҳбаладашон дар ин кор ҳадс (интуитсия)-и шахсии худи онҳо ва вазъияти ҷорӣ мебошад.

- агар рӯзноманигор ва ё соҳиби расона хоҳиши иҷро кардани принципҳои дар маҷмуи қонунҳои ахлоқӣ воридшударо надоранд, касе онҳоро маҷбур карда наметавонад; барои ин қонун дар бораи ҷавобгарии ҷиноӣ барои вайрон кардани ахлоқ бояд вуҷуд дошта бошад.

- қонуни бозор ва қонуни муборизаи расонаҳо барои ҷалб кардани таваҷҷуҳи тамошобин ва ё хонанда рӯзноманигоронро водор месозанд, ки ҳамеша меъёрҳои ахлоқиро сарфи назар намоянд.

- ба вуҷуд овардани ҳар гуна маҷмуи қонунҳои ахлоқӣ танҳо як воситаест барои шуҳратманд намудани ашхосе, ки онҳоро эҷод карда, рӯикор мебароранд.

- рӯзноманигорони касбӣ новобаста аз маҷмуи қонунҳои ахлоқӣ медонанд, ки чӣ тавр бояд кор баранд, онҳо ба хотири дастрас намудани далелҳои воқеии тоза ҷонашонро ба хатар намегузоранд.

- мафҳуми «меъёри ахлоқӣ» барои рӯзноманигор умуман вуҷуд надорад, як ахлоқи умумибашарие ҳаст, ки тарзи навишт ва нишон додани воқеаро барои ӯ талқин мекунад.

- меъёрҳои ахлоқӣ барои рӯзноманигороне заруранд, ки дар мавзуъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ менависанд, аммо агар рӯзноманигор хоҳиши ба матбуоти «зард» гузаштанро пайдо намояд, боист меъёрҳоеро, ки дар ҷои кори собиқ ҳидоятгари ӯ буданд, ба сӯи фаромӯшӣ барад.

- агар ҳокимиятҳо дар ҳолатҳои зиёд меъёрҳои дар қонунҳои асосии кишварҳо воридшударо риоя накунанд, рӯзноманигорон ҳам бо пайравӣ ба кори эшон чунин рафтор хоҳанд кард.

Сипас дар муқобили ин андешаҳо афкореро меорад, ки ба тарафдории мавҷуд будани меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистика баён шудаанд:

- рӯзноманигорон хештанро дар ҷои қаҳрамононашон тасаввур намуда, бояд меъёрҳои ахлоқиро риоя намоянд. Масалан, хабарнигор ҳангоми раҳсипоршавӣ барои иҷрои вазифааш худ ба худ суҳбат мекунад; оё вай ҳам шахсан ҳоҳиш дошта метавонад, ки ӯро дар шакли ғайримуқаррарӣ аз телевизион нишон диҳанд ва ё тамоми рӯзномаҳо дар бораи ӯ ҳарф зананд?

- дар мураттаб сохтани маҷмуи қонунҳои ахлоқӣ ба ғайр аз рӯзноманигорон бояд инчунин вакилони парлумон ва ҳуқуқшиносон ширкат варзанд. Оё шумо ҳолати ҷомеаеро тасаввур карда метавонед, ки дар он, масалан, кормандони политсия барояшон ин қонунҳоро худашон эҷод менамоянд?

- ахлоқи рӯзноманигорӣ дарк кардани масъалаест, ки суханони аз тариқи телевизион талаффузшуда ва ё дар рӯзнома дарҷшударо ҳазорон шаҳрвандон на танҳо гӯш мекунанд ва ё мехонанд, балки ба ин суханон боварӣ пайдо мекунанд. Дар давоми солҳои тӯлонии даврони ҳокимияти Шуравӣ одамон ба ташвиқу тарғиб одат кардаанд ва ба воситаҳои ахбори омма боварӣ доранд, барои ҳамин ҳам рӯзноманигор барои ҷомеа зарари ислоҳнашаванда меорад, агар ӯ аз меъёрҳои ахлоқӣ сарфи назар намояд.

- рӯзноманигор бояд ҳангоми раванди масъалаи тақсимоти дурӯғ ва рост, ки бар қонунҳои ахлоқ асос меёбад, қобилияти ҷилвагарии хеш, эҳсосот ва такаббурашро дошта бошад. Ин бунёди ахлоқи рӯзноманигорӣ аст. Чунин рӯзноманигорон кам мондаанд, аммо онҳоро то ба ҳол эҳтиром ва қадр мекунанд.

- «ҳокимияти чаҳорум» айнан мисли ҳокимиятҳои дигар чунин мепиндорад, ки барои ӯ ҳама чиз раво аст, вале ҳокимият ҳамеша масъулияти олӣ аст, пас «ҳокимияти чаҳорум» набояд касеро пас занад, таҳдид кунад, қасос гирад ва дӯғу пӯписа ба кор барад; ояд аз раҳи ахлоқ равад, зеро дарк мекунад, ки ба соҳаи ҳассостарини инсон - нафси вай сарукор дорад.

- меъёрҳои ахлоқии рӯзноманигор бояд аз ҳама бештар инкишоф ёфта бошанд, ё бояд эҳсоси баланди масъулиятро барои натиҷаи кори иҷрошудаи хеш ҳувайдо созад.

Ҳарчанд муҳаққиқ худ аз ин афкори мухолиф натиҷагирӣ мекунад, вале ба назари мо он ҷиҳат муҳим ва ба мавзуи мавриди назар мувофиқ аст, ки андешаҳои тарафдори мавҷуд будани меъёрҳои ахлоқӣ устувортар ва эътимодбахшанд ва ҳамчунин, алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро ба таври возеҳ нишон медиҳанд. Масалан, таъкиди он ки дар таҳияи асноди марбут ба меъёрҳои ахлоқӣ ҳуқуқшиносон низ бояд саҳм гузоранд, яке аз ҷанбаҳои алоқамандӣ аст, яъне дар ин сурат ҷиҳатҳои нозуки масъала ба миён гузошта мешавад.

Журналисти тоҷик Марат Мамадшоев доир ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ, кодексҳои ахлоқӣ ва алоқамандию тафовути меъёрҳои ахлоқӣ аз меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистика нигоҳи дигар дорад, ки ба назари мо, то андозае натиҷагирӣ аз амалия ба шумор меравад. Ба назари ӯ, «меъёрҳои ахлоқии рӯзноманигорӣ – ин маҷмуи қоидаҳоест, ки рӯзноманигорон ва ё расонаҳо довталабона қабул мекунанд. Меъёрҳои ахлоқӣ ба таври табиӣ стандартҳои сифати иттилоъро комил мегардонанд. Ҳар расонае, ки ба худаш эҳтиром қоил аст, бояд чунин стандартҳоро дошта бошад» [351].

Ин мавқеъ ба назари мо, дуруст аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ ба таври табиӣ

сифати иттилоотро беҳтар мегардонанд ва ҳамин аст, ки меъёрҳои ахлоқии фаъолияти рӯзноманигориро журналистон ва ё расонаҳо довталабона қабул мекунанд.

Ба назари мо, табиӣ будани меъёрҳои ахлоқӣ аз асли онҳо бармеояд, чун инсонҳо табиатан ба ахлоқ ниёзманданд ва ташаккули меъёрҳои ахлоқи касбии рӯзноманигор низ ҷузъе аз ин ниёзи табиии маънавии инсон ва ҷомеа аст.

Ҷанбаи дигари муҳим, ба назари мо он аст, ки ин рӯзноманигори тоҷик моҳияти иттилои дорои аҳамияти иҷтимоиро шарҳ медиҳад ва мегӯяд, ки худдорӣ кардан аз пахши иттилое, ки аз нигоҳи истеъмолкунандаи ахбор аҳамияти иҷтимоӣ надорад, хилофи меъёри ахлоқ аст: Стандартҳои сифати иттилоъ имкон медиҳанд, ба истеъмолкунанда ҳамон миқдор иттилои дорои аҳамияти иҷтимоӣ пешниҳод гардад, ки вай барои ба таври комил тасвир кардани ин ва ё он мавзуъ ниёз дорад. Яъне, рӯзноманигорон аз нашри иттилое худдорӣ меварзанд, ки аз нигоҳи истеъмолкунанда, аҳамияти иҷтимоӣ надорад. Барои мисол, ин метавонад, иттилоъ дар бораи мансубияти қавмӣ, динӣ, минтақавии ширкатдорони ҳодисаву воқеа ва ё ҷузъиёти дигаре бошад, ки ба мавзуи мавриди баррасӣ робитаи мустақим надорад. Аммо ин танҳо дар сурате, ки агар чунин иттилоъ дар контексти мавод аҳамияте надошта бошад. Барои мисол, тавсия дода мешавад, ҷузъиёти зиндагии касоне инъикос карда нашавад, ки ҷиноят содир кардаанд. Бархе аз расонаҳо ҳатто ному насаби гумонбарон ва ё ҷинояткоронро зикр намекунанд ва танҳо ҳарфҳои аввали ному насабашонро меоранд. Аввалан, зикри мушаххасоти ин гуна афрод метавонад, ба наздикон, аз ҷумла фарзандони ноболиғи онҳо зиёни маънавӣ расонад. Сониян, зикри ном ва мушаххасоти ин гуна афрод дар мақола барои хонанда иттилои аҳамиятнок ба ҳисоб намеравад. Зикр накардани ном ва мушаххасот, бо назардошти меъёрҳои ахлоқӣ, ба одамон имкон медиҳад, ки маълумотро беҳтар дарк ва ҳазм кунанд.

Ҳарчанд баъзан андешаҳое ҳам вуҷуд дорад, ки зикри ном ва мушаххасоти ин гуна афрод дар мақола барои хонанда аҳамият дорад ва зикр

накардани ном ва мушаххасот имкон намедиҳад, ки маълумотро беҳтар дарк ва ҳазм кунанд, мо ба мавқеи ин рӯзноманигори тоҷик мувофиқ ҳастем, ки тақозои меъёри ахлоқ ҳамеша дуруст аст ва риояи он ба манфиати кор мебошад.

Бо назардошти чунин андешаҳо, М. Мамадшоев менависад, ки ашхоси ҷамъиятӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи расонаҳо ҳастанд, аз ин рӯ, ин маҳдудиятҳо нисбат ба афрод ё чеҳраҳои ҷамъиятӣ ва наздикони онҳо истифода намешаванд; дар сурате, ки агар иттилоъ дар бораи содир кардани ҷиноят аз сӯи наздикони мансабдоре ва ё аз сӯи худи мансабдоре тасдиқ шавад, нашри ҷузъиёт ва мушаххасоти ҷинояту ҷинояткор ба манфиати ҷомеа аст.

Мо дар мисоли воқеиятҳое, ки ҷомеаи рӯзноманигорӣ дорад, ба ин андешаи М. Мамадшоев мувофиқ нестем, зеро эҳтироми ҳаёти шахсӣ аз лиҳози қонунӣ ҳеҷ истисно надорад, яъне, дар лаҳзаҳои ҳассос ва дар ҳоли пайдо шудани даъво меъёри истиноӣ вуҷуд надорад, ки журналистро аз ҷавобгарӣ озод намояд.

Нуктаи муҳимми андешаҳои ин рӯзноманигор ба назари мо он аст, ки ӯ ахлоқро болотар аз қонун медонад ва мегӯяд, «бояд дарк кард, ки меъёрҳои ахлоқӣ барои расонаҳо бештар аз қонун аҳамият доранд, барои мисол, тибқи қонун рӯзноманигор вазифадор аст, ки дар додгоҳ манбаи махфии иттилои худро ошкор кунад. Аммо кодексҳои ахлоқӣ талаб мекунанд, ки дар бархе ҳолатҳо рӯзноманигор ҳатто дар сурати таҳдиди зиндонӣ шудан низ набояд манбаи худро ошкор кунад» [351].

Ин ҷиҳати ҷолиб, ки бо мисоли мушаххас аз муқоисаи меъёрҳои ахлоқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳосил шудааст, ба назари мо низ қобили таваҷҷуҳ аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ ҳамеша ва дар ҳама маврид хеле муҳим мебошанд.

Боз ҳам ҷолиб аст, ки ин журналисти тоҷик огоҳ будани рӯзноманигоронро аз қонунҳои соҳаи худ муқаддамтар аз уҳдадорӣ дониста, инро масъулияти ахлоқӣ мешуморад: бояд рӯзноманигорон аз қонунҳои соҳаи рӯзноманигорӣ огоҳ бошанд. Барои мисол, рӯзноманигорон, пеш аз ҳама

кормандони телевизионҳо бо айби хунукназарии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бисёре аз мавридҳо меъёрҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла меъёрҳои байналхалқиеро поймол мекунанд, ки ба ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон равона шудаанд. Поймол кардани ҳуқуқи касоне, ки наметавонанд, аз худ ҳимоят кунанд, поймолсозии меъёрҳои ахлоқӣ аст.

М.Мамадшоев як андешаи маъмулро, ки воситаҳои ахбори оммаро ҳокимияти чорум медонад, нодуруст мешуморад ва менависад, ҳокимияти аслии чаҳорум афкори омма аст, ки расонаҳо бо ин ҳокимият робитаи душвори диалектикӣ доранд ва ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Ба назари ӯ, ҳамзамон намешавад, инкор кард, ки расонаҳо ва ҳатто бархе аз рӯзноманигорон соҳиби қудрат ҳастанд: «соҳаи ВАО бисёр нозук аст ва мо беҳтар аст, ки худро танзим кунем, то ин ки мансабдорони ғараздор натавонанд, дар кори мо нуқсе пайдо кунанд ва монеи фаъолиятҳои касбии мо шаванд» [351].

Мазмуни амиқи ин афкор низ боз бармегардад ба ахлоқ ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ, чун худро танзим намудан танҳо тавассути ахлоқ имконпазир аст, ки маънии фаъолияти бомарому мудовими воситаҳои ахбори оммаро дорад.

Афкори оммаро як шохаи ҳокимият донистан ҳам андешаи муҳим аст ва ҳамчунин, таъкиди робитаи душвори диалектикии расонаҳо бо он низ арзишманд мебошад; ба назари мо, ин робитаи душвор дар касби эътимоди омма ифода меёбад, ки расонаҳо барои ноил шудан ба он бояд хеле кӯшиш намоянд. Чун асли эътимод ахлоқ аст, пас расидан ба он ҳам тавассути ахлоқ сурат мегирад, ки ин нукта ҳамеша мавриди назар бояд бошад.

Зикри ин нукта ҳам боиси мулоҳиза аст: намешавад, инкор кард, ки расонаҳо ва ҳатто бархе аз рӯзноманигорон соҳиби қудрат ҳастанд; соҳаи ВАО бисёр нозук аст.

Таҷрибаи даҳсолаи қаблии матбуоти мустақили тоҷик гувоҳи он аст, баъзе расонаҳо худро соҳибқудрат гумон карданд ва майдони расонаҳоро майдони худ донистанд, ки баъдан хатои маҳз будани ин амал собит гардид ва

ин соҳибрасонаҳо низ эътироф карданд, ки амалашон дуруст набуд. Яъне, ин мафҳум духӯра аст; аз як тараф намешавад инкор кард, ки рӯзноманигорон ё расонаҳо соҳиби қудрат нестанд, чун расона худ қудрат аст, аммо ин ба он маъное нест, ки ин қудрат ба манфиати шахсӣ равона гардад, зеро ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кард, ки аз асли фаъолият дур гардидан ба фано мебарад.

Раиси созмони ғайридавлатии Media Wise Trust-и Британиё Майк Ҷеймсон, ки бо тачрибаи 35-солаи хабарнигорияш ба журналистони Булғористон, Қирғизистон ва чанд кишвари Аврупои Шарқӣ дар таҳияи одобномаҳои касбӣ кӯмак кардааст, мегӯяд, оинҳои ахлоқӣ аз тарафи худи журналистон бо даъвати вичдон ва покдастии онҳо, барои марзбандии нерӯи густардаи ҳукумати чаҳорум ва ба хотири дифоъ аз ҳуқуқи ҳирфаии онон таҳия мешаванд. Агар касони дигар онро таҳия кунанд, ба ин маънӣ хоҳад буд, ки мехоҳанд, журналистонро зери назорат бигиранд. Намояндагони ҷомеа метавонанд, интизороти худро аз фаъолияти журналистон баён доранд, аммо набояд ба журналистон шеваи иҷрои ин вазифаҳоро муқаррар кунанд ва агар журналистон мачбур бошанд, ки муҳити атрофи худро тибқи дастури дигарон қаламдод кунанд, онҳо ҳақиқатнигор нахоҳанд буд.

Аз сӯи дигар, меафзояд Ҷеймсон, сатҳи журналистон дар ҳар кишвар фарқ мекунад ва дар давлатҳои пасошуравӣ ду ҳолати қутбӣ ба мушоҳида мерасад: «Ин ҷо фарҳанги фармон мавҷуд аст, ки журналист бояд ончиро нависад ва ба шакле нависад, ки ба ӯ супориш мешавад. Ҳамзамон, тавре дар даврахои омӯзишӣ шоҳид шудам, насли нави журналистон ба воя мерасанд, ки фикр мекунанд, ҳама чиро навиштан мумкин, ҳатто назари шахсии хешро. Ҳардуи ин бо сабабҳои рӯшан ба андозаи баробар мушкилофарин аст. Ба назари ман, ин марҳилае аст барои гузариш аз низоми авторитарӣ ба мардумсолории боз» [384].

Ба ақидаи Ҷеймсон, вазъи мавҷудаи ҷомеа ба мӯҳтаво ва амрҳои ахлоқномаи журналистӣ таъсир мегузорад. Ин натиҷагирии ҳамсуҳбати моро муқоисаи ҳатто сатҳии кодексҳои рафтори журналистон дар кишварҳои гуногун тасбит мекунад. Дар ойинномаҳои ахлоқии иттиҳодияҳои

журналистон, сардабирон ё ноширон дар кишварҳои пешрафтаи демократӣ арҷгузорӣ ба ҳақиқат дар ҷои аввал қарор дорад, дар кишварҳои ғайридемократӣ пайомадҳои гуфтан ё навиштани чунин ҳақиқат.

Яке аз беҳтарин одобномаҳои журналистиро кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба тасвиб расондаанд. Нахустин нуктаи он чунин аст: Эҳтиром ба ҳақиқат, қатъи назар аз он ки ин ҳақиқат чи паёмадҳо дошта метавонад. Эҳтиром ба ҳуқуқи ҷомеа дар донистани ин ҳақиқат.

Матни ин эъломияро шаш иттиҳодияи касбии журналистони Аврупо дар соли 1971 омода карданд ва аз он вақт инҷониб тағйире надидааст.

Одобномаи журналистони Қазоқистон аз таъкиди озодии матбуот сар мешавад, аммо бандҳое дорад, ки метавонанд, дугуна тафсир шаванд. Ба монанди ӯҳдадории журналист дар пешгирӣ аз хусуматҳои сиёсӣ ё ғоявӣ. Мавҷудияти ин ахлоқнома ба ҷилавгирӣ аз фишори мақомоти давлат ба журналистон пешгирӣ накардааст.

Журналистони Қирғизистон барои матбуот ва расонаҳои электронӣ кодексҳои ҷудогона доранд, ки аз рӯи беҳтарин намунаҳои ҷаҳонӣ сохта шудаанд. «Ҳарчанд татбиқи онҳо дар амал бо монеаҳо рӯбарӯст, ин аснод дар беҳбуди фазои журнализм дар ин кишвар хидмати нек мекунанд» [384].

Ин маълумоте, ки зикраш рафт, ба оғози ташаббуси таҳияи кодекси ахлоқӣ ва ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардидани ҷомеаи журналистии Тоҷикистон иртибот дорад; иттилоест, ки таърихи он ба моҳи июли соли 2008 бармегардад. Ҳамон вақт мудири Маркази журналистикаи изтирорӣ дар Маскав Олег Панфилов низ доир ба ин масъала изҳори назар карда, гуфтааст, таҳия ва қабули кодекси ахлоқи журналист дар кишварҳои пасоШуравӣ як зарурати ҷиддист, аммо он танҳо замоне коро буда метавонад, ки журналистон дар як созмони худтанзими хеш усули онро муайян намоянд: Журналистон бояд аввал ташкили як ниҳоди худтанзимро баррасӣ кунанд, ки дар Тоҷикистон, масалан, вуҷуд надорад. Ҳол он ки ин аввалин қадам дар роҳи таҳияи кодекси ахлоқист. Ин ниҳоди иборат аз худи журналистон бояд монанди як додгоҳи дӯстона матолиби нашр ё пахшшудаи баҳсбарангезро

муҳокима кунад ва дар ин замина меъёрҳои кодекси ахлоқиро муқаррар намояд.

Хабарнигори радиои «Озодӣ» дар анҷоми ин гузориши худ менависад, хулосаи ҳамаи ҳамсуҳбатони мо ин буд, ки одобномаи журналистон на барои афзоиши фишор ё таҳкими маҳдудиятҳои алайҳи онон, балки барои кӯмак ба кори онҳо таҳия ва қабул мешавад ва ба назари коршиносон, чунин ойинномаҳо метавонанд бо гузашти айём бознигарӣ ва таҳриру тасҳеҳ шаванд.

Алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро аз ин андешаҳо низ дарёфтан мумкин аст, чун асли матлаб ба таҳияи кодексҳои ахлоқӣ ва қабули онҳо алоқаманд аст, ҳадаф аз онҳо дур будан аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ ё ба он тарзе, ки таҳиягарони кодексҳои ахлоқӣ ифода мекунанд, ба суд нарафтани баҳсҳои журналистӣ мебошад. Яъне, меъёрҳои ахлоқӣ заминаи ибтидоии танзими муносибатҳои журналистӣ мебошанд, ки зинаи баъдии онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба шумор мераванд, аз ин рӯ, таваҷҷуҳи хос ба меъёрҳои ахлоқӣ ҳангоми фаъолият мазмуни дар назар доштани меъёрҳои ҳуқуқиро низ дорад.

Дар ҳар як давраи таърихӣ инсон талаботи худро (фаъолияти меҳнатӣ, муносибат бо дигар одамон) қонеъ намуда, аз ягон воситаи танзимкунии иҷтимоӣ истифода мебарад. Проблемаи илмии мазкур тӯли чанд садсолаҳо дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад. Ҳатто дар замони муосир низ муносибатҳои ҷамъиятӣ тибқи воситаҳои иҷтимоӣ ба танзим дароварда мешаванд. Тавре дар адабиёти илмӣ омадааст, дар ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятӣ «тибқи теъдоди зиёди меърҳои иҷтимоӣ, аз қабили ахлоқӣ, динӣ, корпоративӣ, ҳуқуқӣ, одат ва анъанаҳо амалӣ гардонида мешавад ва ... дар низоми танзимкунандагони иҷтимоӣ - ҳуқуқ мақоми хеле муҳимро ишғол менамояд» [262, с. 105].

Ба назари муҳаққиқ Бялт ҳам, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳо ва қоидаҳои гуногун дорад, ки инсонҳо дар ҳаёт ва фаъолияти ҳамарӯзаи худ онҳоро ба инобат мегиранд ва дар байни меъёрҳои иҷтимоии гуногун меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, одат, анъана, меъёрҳои корпоративӣ ва монанди инҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки «миёни ин ҳама танзимкунандагони

иҷтимоӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳуқуқ ва ахлоқ мақоми хосса дода мешавад» [35, с.9].

Аз ин назарҳо чунин бармеояд, ки агар дар яке дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳуқуқ бартарӣ дода шуда бошад, дар дигаре ин бартарӣ дар баробарӣ ба ҳуқуқ ва ахлоқ дода мешавад ва иброз мегардад, ки ин меъёрҳо дар ҷомеа мақоми хосса доранд.

Мо ҳам ба нуктаи назари дуюм мувофиқ ҳастем, ки бартарӣ ба меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ баробар дода шавад, чун дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва байниинсонӣ ҳарду нақши муҳим доранд. Инро дар мисоли таҷрибаи ҷомеаи журналистии кишварҳои пешрафта ва ба истилоҳ, демократии олам низ дидан мумкин аст ва ҳатто метавон гуфт, ки таҷрибаи онҳо баёнгари бартарӣ доштани меъёрҳои ахлоқӣ аз меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ин нукта ҳам боиси таваҷҷуҳ аст. Масалан, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз кишварҳои бузургтарини олам аст, ки дар самти озодии баён дастовардҳои зиёде дорад ва ҳамчун ҷорикунандаи демократия дар ҷаҳон шинохта мешавад. Дар ин кишвар низ ба масъалаҳои ахлоқи касбии журналист таваҷҷуҳ зиёд аст, ки мо дар фасли дуюми боби якум ба ин масъала ба таври муфассал муносибат доштем ва он чи вобаста ба санадҳои ахлоқии амрикоӣ зикр шуд, далели он аст, ки дар фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи амрикоӣ афзалият ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ дода мешавад, чун қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти расонаҳо мавҷуд нестанд, вале ҷомеаи журналистӣ мустақилона ба танзими фаъолияти худ пардохта, кодексҳои ахлоқи касбиро қабул намуда, инчунин, механизми риояи онҳоро низ хуб ба роҳ мондааст, ташкили шуроҳои назоратӣ аз ҷумлаи онҳоянд.

Ба назари мо, ин ҳолат асосҳои назариявӣ ва амалии алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро пурқувват менамояд; агар дар намунаҳои санадҳои ахлоқие, ки қаблан мавриди баррасӣ қарор додем, доир ба алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ сухан рафта бошад ва ҳатто мавридҳои дар қонунҳои соҳавӣ ва кодексҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурию ҷиноятӣ моҳиятан ҷой доштани меъёрҳои ахлоқӣ ва ҷавобгарӣ барои онҳо

тазаккур ёфта бошад, пас дар ин маврид метавон ҳолати акси онро мушоҳида намуд: дар меъёрҳои ахлоқии санадҳои ахлоқӣ моҳиятан мавҷуд будани муқаррароти қонунҳо ба назар мерасад, ки дар маҷмуъ, баёнгари алоқамандии бевоситаи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Ба гунаи мисол, яке аз санадҳои ахлоқии амрикоӣ (Кодекси этикии (қонуни ахлоқии) Ҷамъияти журналистони касбии ИМА) меъёрҳои худро дар муқоиса бо дигарҳо, ки принсип ном мебаранд, ба мисли қонун, модда ном бурдааст, ки ин ҳолат ҳам қобили мулоҳиза аст.

Вобаста ба андешаҳои қаблӣ бошад, ба назари мо, нуктаи назари якум ҳам аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ, воқеият дорад, чунки дар он маврид доир ба проблемаҳои моҳияти илмии ҳуқуқ сухан меравад ва муаллифони таҳқиқ ҳам менависанд, ки доир ба моҳияти ҳуқуқ бештар аз сад таъриф мавҷуд аст, ки ҳар яке аз нигоҳи назариядонҳо шарҳу тавзеҳ ёфта, миёни онҳо дар баробари монандӣ тафовутҳо ҳам ба назар мерасанд ва дар маҷмуъ, натиҷаи умумӣ ҳосил мешавад, ки нақши ҳуқуқ бо мурури замон дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар муқоиса бо унсурҳои дигар аз нақшҳои асосӣ ба шумор меравад.

Вале ба назари мо, муҳим он аст, ки ҳангоми баррасии масъалаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ (ва ҳангоми шарҳи мафҳуму нақши ҳуқуқ дар ҷомеа) ба нақши ахлоқ ҳам баҳои сазовор дода мешавад ва таъкид мегардад, ки ахлоқ низ аз танзимкунандагони асосии муносибатҳо аст.

Ба назари муҳаққиқ Д. Баҳромбеков, ҷомеашиносон ҳам ҳуқуқро ҳамчун институти иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода, бар он ақидаанд, ки «рисолати вазифавии ҳуқуқ ин танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ, роҳҳои баланд бардоштан ва самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ, ягонагӣ ва фарқияти танзимкунандагони ҳаёти иҷтимоӣ мебошад» [349]. Албатта, танзимнамоии иҷтимоӣ гуфта, дар илми ҷомеашиносӣ мақсаднок таъсир расонидан ба объекти иҷтимоӣ тавассути меъёрҳои иҷтимоӣ, амру фармон, ҳавасмандгардонӣ, ҳамоҳангсозӣ ва ташкили тартибот фаҳмида мешавад.

Ба ақидаи олими рус А.П.Бандурин, «дар танзимнамоии институтсионалӣ ва ташкилоти ҷомеа нақши муҳимро меъёрҳои иҷтимоӣ: ҳуқуқӣ, сиёсӣ,

иқтисодӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ мебозанд» [22, с. 5].

Аз ин назарҳо бармеояд, ки дар илми ҷомеашиносӣ низ ба масъалаи танзимнамоии пурраи муносибатҳои ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, ба саҳми ҳама меъёрҳои иҷтимоӣ баҳои арзанда дода мешавад.

Ба назари ҷомеашиносон, омили хеле муҳимми мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ танзимнамоии иҷтимоӣ ба шумор рафта, барои таъмини тартиботи ҳаёти иҷтимоӣ ва амалу рафтори иҷтимоии одамон ниҳоят аст ва ин ҳам айниятест, ки танзимнамоии иҷтимоӣ тавассути идоракунӣ имконпазир мегардад: Вобаста ба сатҳи рушди ҷомеа ва тағйироти иҷтимоӣ ин ё он шакл, методҳо, механизмҳо ва дараҷаҳои танзимнамоии иҷтимоӣ афзалият пайдо карда метавонад. Дар ҳама ҳолат танзимнамоии иҷтимоӣ омили устувории ҷомеа, тартиботи иҷтимоӣ, ҳамгироии одамон, ҳифзи ҷомеа аз бетартибиҳо ва аномалия баромад менамояд. Дар илми ҷомеашиносӣ «ба танзим даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ» ба маънои танзими фаъолияти институтҳо ва ташкилотҳои иҷтимоӣ, танзими рафтор ва амали гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳидаро дорад, ки бо мақсади тартиботи иҷтимоӣ ва рушди ҷомеа ба амал бароварда мешавад. Албатта ин амал бидуни маърифати ҳуқуқӣ ғайриимкон мебошад. Бо ташаккул ёфтани ҳаёти иҷтимоӣ ва мураккаб гардидани муносибатҳои байни одамон вазифаи танзимнамоии ҳуқуқ низ тағйир ёфта, ба шароити мавҷуда мувофиқ мегардад.

Аз ин бармеояд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба тарз ва шакли ҳаёту фаъолияти одамон таъсир расонида, манфиатҳои ҳамаи аъзоёни ҷомеаро ҳифз намуда, ба ҳайси танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ шинохта шуда, амали дигар танзимкунандагони ҳаёти иҷтимоиро ба танзим дароварда метавонанд.

Масалан, дар Тоҷикистон тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ амали дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, мисли ҷашну маросимҳо ва фаъолияти ташкилотҳои динӣ ба танзим дароварда шудаанд; ин чунин мазмун дорад, ки ҳуқуқ вазифаи танзимнамоии худро дар алоқамандӣ бо дигар танзимкунандагони иҷтимоӣ амалӣ менамояд:

Аз нигоҳи дигар, дуруст дарк гардидани мазмун ва моҳияти танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ба ташкили шароити мусоид вобаста аст, то одамон дар фазои орому осуда ва мувофиқ ба меъёрҳои муайяншуда фаъолият намоянд. Мақсад аз танзими ҳаёти иҷтимоӣ барқарор намудани тартиботи иҷтимоӣ ва мувофиқи интизориҳои одамон пешгӯишаванда будани фаъолияти иҷтимоӣ мебошад. Ҳаёту фаъолияти иҷтимоии инсон дар шакли ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ), динӣ – ахлоқӣ (боварӣ, виҷдон, шаъну шараф, адолат, номус ва ғайра), эстетикӣ (зебоӣ, муд ва ғайра), ташкилӣ - техникӣ (қоидаҳои бехатарӣ, стандартҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо) ва ғайра танзим карда мешавад. Маълум аст, ки то ташаккул додани доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои иҷтимоиро асосан меъёрҳои ахлоқӣ танзим менамуданд, «аммо бо пешрафти ҷамъият одамон дигар на ҳамаи талаботҳои меъёрҳои ахлоқиро риоя ва иҷро менамуданд. Умуман, доираи меъёрҳои ахлоқӣ барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ба маҳдудият дучор шуда буд» [349].

Маълум аст, ки ахлоқ ва ҳуқуқ маъмулан як вазифаи танзимнамоиро иҷро менамоянд, аммо дар татбиқи ин вазифа байни онҳо фарқ ҳам ба назар мерасад. Ба назари ҷомеашиноси рус Е.В. Болшаков, ахлоқ ва ҳуқуқ як вазифаи ҷамъиятиро иҷро мекунанд: онҳо муносибатҳои одамонро танзим менамоянд, «аммо роҳҳои танзими ахлоқию ҳуқуқӣ гуногунанд: қонун рафтори одамонро тавассути маҷбуркунии давлатӣ - маъмурӣ танзим мекунад, дар ҳоле, ки ахлоқ на ба қудрати давлат, балки ба қудрати афкори ҷамъиятӣ такя мекунад» [30, с.6].

Доираи бештари муносибатҳои иҷтимоие, ки ахлоқ танзим менамояд, аз муносибатҳои ғайрирасмии байнишахсӣ ва байнигурӯҳӣ бармеоянд ва ба иродаю хоҳиш, виҷдону масъулияти одамон ва афкори умум алоқаманд мебошанд. Риоя ва иҷро накардани талаботҳои меъёрҳои ахлоқӣ боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ намегардад.

Ба андешаи донишмандон, меъёрҳои ахлоқӣ ба олами ботинӣ ва маънавии одамон алоқаманд мебошанд. Файласуфи олмонӣ Ф.Гегел ин нуктаро хело дуруст шарҳ дода буд: Ҷаҳони ботинӣ ё маънавии инсон як соҳаи бечунучаро

ва истисноии танзими ахлоқӣ мебошад.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки ҷомеашиносон низ доир ба алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ назари яксон доранд ва ҳамон андешаҳоеро пайгирӣ менамоянд, ки аз нигоҳи илми ҳуқуқ ва рӯзноманигорӣ низ ба ҳамин тарз шарҳу тавзеҳ меёбад. Мо низ ба ин назарҳо мувофиқем, ки ҳарчанд аз лиҳози пайдоиш ҳуқуқ чун зарурати ҷомеа ба вуҷуд омад, зеро ахлоқ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба маҳдудият дучор омада буд, вале бо вуҷуди ин, мавқеи худро аз даст надода, ба сифати пурракунанда ва тақвиятбахшандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ боқӣ монд ва имрӯз низ дар ҳамин мавқеъ қарор дорад.

Ба назари мо, қудрати афкори ҷамъиятӣ, ки ахлоқ ба он такя мекунад, иқтидори бузург аст, чун неруи тавоно ва таъсиргузорро соҳиб аст.

Барои мо ин нукта ҷолиб аст, ки ҷомеашиносон ахлоқро ҳамчун асоси маърифати ҳуқуқӣ мешиносанд ва ҳуқуқшиносон бошанд, маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеаро ба ҳайси унсури асосии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ муаррифӣ мекунанд.

Ба назари мо, ин ҳолат бори дигар собит гардидани алоқамандии назариявии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки аз назари муҳаққиқони соҳаҳои гуногун баён гардидааст.

Муҳаққиқ Лайло Киёнпур менависад, асри иртибототи маонӣ тарзҳои гуногуне дорад, агар бо рӯйкарди хирадмандона ба он нигариста шавад, метавонад фурсатҳои нав дар баробари инсон кушояд ва агар бар мадори манфиатталабӣ бошад, чизе ҷуз сиёҳӣ ва завол дар пай надорад. Асри иттилоот зистан дар дунёи расонае шудааст, ки ахлоқи касбии расонаӣ бо қонуни ҳирфаиро барои фаъолиятҳои мудовим, ҳадафманд ва низомманд дар ҳавзаи расонаҳо, аз пажӯҳиш ва нақд, журналистикаи телевизионӣ, радиоӣ, матбуот ва интернет, барномасозӣ зарурӣ менамояд, ки он баёнгари вазифаҳои ҳирфаӣ ва навъи рафтори расона ва дастандаркорону маворидиони он ва ҳар мутахассиси иртиботот аст ва талош мекунад, то робитаи байни расонаву аудитория ва омилҳои онро нисбат ба ҳам таъйин кунад:

«Ахлоқи масъулонаи расонаӣ дар ин дунё, ки зиндагӣ дар он ҳам ба ҳам пайваста ва ҳам шикананда аст, ба ҷойи мантиқи қудрат мантиқи ҳақиқатро мепазирад, барои ҷонибдории тарҳе такя мекунад, ба ҷойи барҷастасозӣ ба айниятгароӣ рӯй меоварад ва ба ҷойи якпорчагӣ бар такассургароӣ таъкид дорад» [112, с. 11].

Ин муҳаққиқ ҳам, ки асосан вазъи риояи меъёрҳои ахлоқиро дар шабакаҳои телевизионӣ таҳқиқ кардааст, зарурати риояи онҳоро дар ҳама воситаҳои ахбор таъкид менамояд ва дар шароити муосири замон ин заруратро чун талаботи рӯз муаррифӣ менамояд.

Ба назари муҳаққиқ М. Бобоҷонова, ахлоқ дар фаъолияти касбии журналист нақши ниҳоят муҳим дорад. Ин ҳолат ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ бараъло зоҳир мешавад: «Ахлоқ муносибатҳои журналистро бо ҷомеа, хусусан, ба истеъмолкунандагони иттилоот ба низом медарорад. Дар мураттаб сохтани ахлоқи касбии журналист нақши принсипҳо, талаботи категория ва ғояҳои ахлоқӣ низ муҳим мебошанд, зеро онҳо журналистро дар доираи фаъолияти касбӣ ба идора ва назорат кардани рафтори худ ҳидоят менамоянд: Ҳар як зуҳуроти беэътиноӣ, беэътиборӣ ба ахлоқ ба манфиатҳои умумии журналистика ва тамоми ҷамъият таъсири манфӣ мегузорад» [27, с. 131].

Аҳамиятнокии андешаҳои мазкур, ки чун нишони шинохту ибрози зарурати мавҷудияту риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ зикрашон рафт, тасаввурпазир аст.

Дар мавриди меъёрҳои ҳуқуқӣ ё нақши қонун дар журналистика муаллифони дастури таълимии «Муқаддимаи журналистика» менависанд, ки зимни фаъолияти ҳамарӯзаи худ журналистон ҳамеша бо меъёрҳои ҳуқуқӣ сари кор мегиранд, «чунки фаъолияти журналистӣ ба дараҷаи зарурӣ ба низом дароварда шудааст, зеро таъбири ҳуқуқшиносон, ки дар асоси ҳар касб бояд заминаи қонунӣ вуҷуд дошта бошад, амри воқеист» [54, с. 37].

Ин андешаҳо, ки доир ба моҳияти ахлоқи касбии журналист ва нақши ҳуқуқ дар фаъолияти журналистӣ баён гардидаанд, ба назари мо, дар баробари он ки аҳамияти онҳоро бозгӯ мекунанд, ҳамчунин, алоқамандии онҳоро низ

дар бар мегиранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муқаддимаи мақолаи «Имоми Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ» [370] андешаҳои арзишмандеро баён мекунанд, ки ба назари мо, алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дар сатҳи воло баёнгаранд: Ҷомеаи инсонӣ ба ҷуз қонун ва сохторҳои марбутаи идоракунии худ боз дорои маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқие мебошад, ки рафтору муносибати аъзои онро ба низом медарорад. Агар қонунҳо ва меъёрҳои муайянкардаи онҳо ҳуқуқу озодиҳои одамонро дар ҷомеа ба танзим дароранд, меъёрҳои ахлоқӣ рафтори муносибати онҳоро нисбат ба ҳамдигар, оила, ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ муайян мекунанд ва ҳатто ба иҷрои қонуну шартномаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Иҷрои меъёрҳои ахлоқӣ ба виҷдони ҳар шахс, расму одат, суннатҳои ҳар халқу гурӯҳҳои иҷтимоӣ низ марбутанд. Вобаста ба дараҷаи рушди ахлоқи ҷамъиятӣ дар бораи сатҳи пешрафти ин ё он халқу кишвар ҳукм рондан имкон дорад. Ҳар қадар дараҷаи ахлоқи ҷомеа баланд бошад, ба ҳамон андоза талаботи қонун дар он хубтар ҷорист. Инчунин сатҳи болоравии ахлоқи ҷомеа ба устуворӣ ва мустаҳкамии давлат алоқаманд аст. Агар давлат пуриқтидору мустаҳкам ва дорои қонунҳои хубу ҷорӣ бошад, сатҳи ахлоқии ҷомеа низ метавонад баланд бошад ва баръакс сустӣ ва заъфи давлат ба коҳиши ахлоқ дар ҷомеа оварда мерасонад... Ахлоқ ифодагари сатҳи маънавии ҷомеа аст. Он ифодакунандаи дараҷаи маданият, нишондиҳандаи сулҳу суботи ҷомеа, тарзи зиндагӣ ва эътиқодоти мардуми ин ва ё он кишвар мебошад. Чи қадар ахлоқ дар ҷомеа зиёд мавқеъ дошта бошад, ба ҳамон андоза оромӣ ва пешрафт таъмин мешавад. Аз ин ҷост, ки ба масъалаҳои ахлоқӣ чи сиёсатмадорон ва чи олимону ҳакимон аз даврaҳои қадим то ба имрӯз таваҷҷуҳ зоҳир кардаанду дар болоравии он саҳми чашмрас гирифтаанд.

Воқеан ҳам, ин андешаҳо қобили таваҷҷуҳи хос ҳастанд, ки «ҳар қадар дараҷаи ахлоқи ҷомеа баланд бошад, ба ҳамон андоза талаботи қонун дар он хубтар ҷорист. Инчунин сатҳи болоравии ахлоқи ҷомеа ба устуворӣ ва

мустаҳкамии давлат алоқаманд аст. Агар давлат пуриқтидору мустаҳкам ва дорои қонунҳои хубу ҷорӣ бошад, сатҳи ахлоқии ҷомеа низ метавонад баланд бошад ва баръакс сустӣ ва заъфи давлат ба коҳиши ахлоқ дар ҷомеа оварда мерасонад» [370].

Дар идомаи андешаҳои худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависанд, ки майлу хоҳишҳои волои инсонӣ ҷомеаро ба арзишҳои баланди башарӣ ҳидоят мекунад, покию осудагиро ворид месозад ва дар айни замон рушди ҷомеаро таъмин мекунад... Албатта, ба ақлу фитрати инсонӣ дарки бисёр арзишҳои ахлоқии инсон муяссар мегардад, вале он роҳ мушкил ва олудаи гумону нобовариҳо буда, замонати дурустии онро бисёр касон дарк карда наметавонанд. Дар ин маврид маҳз таълимоти баланди хушахлоқӣ дар инсон таконбахши кӯшиши инсон барои дарёфти арзишҳои ахлоқӣ мебошад. Таълимоти фиқҳи ҳанафӣ шинохти қубҳ ва ҳусни ахлоқиро амри ақлӣ ва вичдонӣ муаррифӣ мекунад ва дар ҳукми онҳо вичдонро шоҳид ва гувоҳ мегирад. Пас вичдон дар ҳукми худ усули муайяни шинохти ахлоқӣ мебошад.

Ин андешаҳои олимонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар асоси баррасии афкори ахлоқии муосиру муассири Имоми Аъзам ҳосил шудааст, боз ҳам далели он аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ чун заминаи устуворе барои арзи ҳастӣ кардану устувор гардидани меъёрҳои ҳуқуқ дар ҷомеа ба шумор мераванд.

4.2. Таҳлили таносубии риояи меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар ВАО-и тоҷик

Риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ яке аз масоили муҳимми журналистикаи муосир ба шумор меравад, чун дар шароити шинохти бештари масъулият зарурати таваҷҷуҳи хос ба меъёрҳои мазкур ба миён омадааст, ҳарчанд таваҷҷуҳ ба ин меъёрҳо ҳамеша вуҷуд дошт, вале бо назардошти вазъи замон талабот бештар гардидааст.

Муаллифи мақолаи «Таҷрибаи худтанзимнамоии ВАО дар мисоли низоми миллии расонаҳои Британияи Кабир ва Олмон» [182] ҳам менависад, ки имрӯз дар аксари мамолики Аврупо қоидаҳои умумии касбӣ ва ахлоқӣ барои ВАО вуҷуд доранд, ки бештар ба принсипи худтанзимкунӣ асос ёфта, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳатмӣ нестанд. Тибқи ин қоидаҳо, рӯзноманигор вазифадор аст, ки маълумоти саҳеҳ ва дуруст пешниҳод кунад, қоидаҳои марбут ба ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти ВАО-ро риоя кунад, яъне дар ҳеҷ сурат набояд омилҳои молиявӣ ба мундариҷаи маводди журналистӣ таъсир расонанд. Принсипҳои ахлоқӣ инчунин, манъ будани истифодаи мунтазами усулҳои бевиҷдононаи ба даст овардани иттилоот, махфӣ будани манбаъҳои иттилоот ва эҳтироми дахолатнопазириро таъкид мекунанд.

Ба назари муҳаққиқ А. Панченко, риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқи касбӣ аз ҷониби рӯзноманигорон ба тиҷоратӣ ва сиёсӣ шудани ВАО боис шуда, инчунин, сабабгори коҳиши нуфузи хабарнигорон дар як қатор кишварҳо гардидааст: барои ҳалли ин мушкилот вақтҳои охир институтҳои худтанзимкунии ВАО фаъолона ташкил ва инкишоф меёбанд, чунки вазифаи имрӯза аз он иборат аст, ки бояд ихтилофи байни озодии матбуот ва манфиатҳои молиявӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва тиҷоратию сиёсии ВАО бартараф карда шавад; шояд низоми худтанзимкунии ВАО ҳамроҳ бо муқаррароти муайяни ҳуқуқӣ ин мушкилотро ҳал кунад, чунки таҷриба нишон медиҳад, ки имкониятҳои онҳо барои иҷрои ин амал маҳдуд нестанд. Имрӯз ҷомеа аз воситаҳои ахбори омма инъикоси воқеъбинонаи рӯйдодҳои ҷамъиятиро талаб мекунад. Мушоҳида мекунем, ки норизоияти аудитория аз расонаҳо дар ҳама ҷо меафзояд. Дар чунин ҳолат зарурати таваҷҷуҳ ба низоми худтанзимкунӣ бештар мегардад: мавҷудияти системаи худтанзимкунии Британияи Кабир комилан ба ин шаҳодат медиҳад, зеро ба василаи самарабахши рафъи зиддиятҳои ҷамъиятии марбут ба фаъолияти расонаҳо талабот ҳаст. Дар Британияи Кабир шарти асосии ташаккули институтҳои худтанзимкунии матбуот на танҳо мавҷудияти қонунгузории хеле қатъӣ ва муассир, балки худшиносии ҷамъиятии сокинони кишвар буд: «Бартарии

институти худтанзимкунӣ нисбат ба низоми судии классикӣ дар он аст, ки он ба фазои иттилоотӣ ба таври табиӣ мувофиқат мекунад ва ҳамин аст, ки мақомоти худтанзимкунӣ метавонанд бо субъектҳои фазои иттилоотӣ самараноктар ҳамкорӣ кунанд» [182, с. 164].

Ба назари мо низ ҳамин тавр аст, чун риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва муқаррароти қонунҳо боиси фаъолияти дарозмуддати воситаҳои ахбори омма мебошанд. Бо назардошти ин, бо мисолҳо аз воситаҳои ахбори омма вазъи риояи меъёрҳои ахлоқи касбиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Яке аз намунаҳои хуберо, ки доир ба баҳси судии вобаста ба ахлоқи касбӣ аст, баррасӣ менамоем: Нахустин «ҳукми сафед»-и хабарнигори тоҷик [383].

Додгоҳи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Мирзомуроди Бозор, хабарнигори рӯзномаи «Имрӯз-News»-ро сафед кард. Аммо ронандаи «Тангем»-ро гунаҳкор дониста, ба иҷрои корҳои ҳатмӣ муваззаф сохт. Парвандаро алайҳи ин ду нафар додгоҳи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар пайи шикояти як корманди «Воҳиди махсус»-и ВКД боз намуда буд. Ба иддаои вай журналисту ронанда дидаву дониста ӯро туҳмату таҳқир кардаанд.

Ҳукм ба ронанда: 180-соати кори ҳатмии бепул. Мурофиа шоми 12 май, баъди беш аз чоруним соати машварати додрас шурӯъ ва ба ниҳояти худ расид. Маърифат Ашурмамедова, раисикунандаи парванда зимни қироати қарори додгоҳ гуфт, хабарнигор Мирзомуроди Бозор бинобар нақз накардани ягон банди қонун сафед карда шуд. Ронандаи мусофиркаши хурди “Тангем” Маҳмадраҷаб Шарипов бошад, барои дидаву дониста паҳн кардани маълумоти бардурӯғ 180 соат ба корҳои ҳатмӣ (ҳар рӯз чор соат ба ғайр аз корҳои худаш) ҷалб карда шавад. Раванди татбиқи ҷазоро вазорати адлия назорат мебарад. Ба қавли Ашурмамедова бо назардошти он ки Шарипов қаблан доғи судӣ надоштааст ва зери тарбияташ кӯдаки ноболиғ дорад, нисбати вай ҷазои сабук раво дониста шуд.

Ёдрас мешавем, бар асоси шикояти Қаландар Назаров, сарнозири ротаи бехатарии ҳаракати воҳиди махсуси ВКД нисбати Мирзомуроди Бозор ва Маҳмадраҷаб Шарипов дар асоси моддаҳои 135 ва 136-и кодекси ҷиноии

Тоҷикистон, туҳмату таҳқир парванда боз шуда буд. Назаров иддао дошт, ки ӯро беасос ва ғайриқонунӣ туҳмат намудаанд, ки дар натиҷа миёни кормандон обрӯяш коста шудааст. Ин ҳолат ба вазъи сиҳатияш низ бетаъсир намондааст.

Қазия аз «06008 аз ман 10 сомонӣ ришва гирифт!» шуруъ гардид. Дар рӯзномаи «Имрӯз-News» зери унвони «06008 аз ман 10 сомонӣ ришва гирифт!» [343] маводе ба нашр расид. Дар он Маҳмадраҷаб Шарипов, як ронандаи “Тангем” нақл мекард, ки нозири роҳ бо рақами сарисинагиии 06008 дар кӯчаи Низомии Ганҷавӣ, наздик ба бӯстонсарои райисҷумҳур аз ӯ 10 сомонӣ пора гирифтааст. Ронанда афзуда буд, ки ӯ қоидаи ҳаракат дар роҳро вайрон накарда буд, вале нозир гуфтааст, ки гӯё вай хати уфуқиро убур кардааст. Ба нақли Шарипов, пеш аз вай як автомашинаи «Газел» ҳаракат мекард ва ӯ аз ин нақлиёт пеш нагузаштааст. 10-уми май дар мурофиаи навбатӣ шоҳидон пурсида шуданд. Нозири роҳ гуфт шоҳиди вай ронандаи «Газел» аст. Ба шаҳодати шоҳиди нозир вай бо сабаби бори вазнин доштани мошинаш оҳиста ҳаракат мекард ва назди бӯстонсаро «Тангем»-е ӯро «обгон» кард. Ба гуфтаи вай ӯ дар масофаи 1 метр аз нозир ва ронандаи «Тангем» қарор дошт ва дид, ки ронанда ба нозир пул надодааст. Аммо ронандаи «Тангем» гуфт ин нафар ронандаи «Газел»-и ман мегуфтагӣ нест.

Дар мақолаи «06008 аз ман 10 сомонӣ ришва гирифт!», муаллиф Мирзомуроди Бозор баъди нақли ронандаи «Тангем» ба РБДА-и дар шаҳри Душанбе ва баъдан ба БДА-и ҷумҳурӣ тамос гирифтааст. Аз дафтари матбуотии ин ниҳод гуфтаанд, ки ронандае аз болои ришвагирии нозири роҳ ба онҳо шикоят бурд ва рақами сарисинагии ӯро гуфт. Раҳбари дафтари БДА гуфтааст, онҳо шахсияти нозирро муайян кардаанд, ки як масъули «Воҳиди махсус»-и ВКД будааст ва барои чораандешӣ ба раҳбарияти он дархост фиристодаанд.

Аз «Овоза» то «сафедшавӣ»-и хабарнигори «Имрӯз-News». Бегуноҳ эълом шудани хабарнигори «Имрӯз-News» дар панҷ соли охир намунаи ягонаест, ки журналист дар Тоҷикистон ҳукми сафед мегирад. Дар бештарини маврид, вақте алайҳи хабарнигорон тибқи моддаҳои 135 ва 136-и Кодекси

ҷиноӣ парванда боз мешавад дар ниҳоят ҷониби даъвогар аризаи шикоятии худро бозпас мегирад.

Бармегардем, сари қазияи бегуноҳ эълон шудани журналисти «Имрӯз-News». Бархе аз соҳибназарон ҳарчанд аз сафед шудани рӯзноманигор истиқбол намуда, онро падидаи нек унвон мекунанд, аммо мегӯянд, ҷазо гирифтани ронандаи «Тангем» боиси нороҳатист. Ба қавли онҳо аз ин баъд шаҳрвандон дигар аз додани маълумот ба журналистон худдорӣ меварзанд.

06008 «ситора» мешавад, аммо мусоҳиба намекунад. Қаландар Назаров, сарнозири ротаи бехатарии ҳаракати воҳиди махсуси ВКД, ки алайҳи хабарнигор ва ронандаи «Тангем» ба додгоҳ шикоят бурда гуфт, ки мавриди туҳмату таҳқир қарор гирифтааст, дар номаи шикоятии худ навиштааст, ки аз вазнинтарин ҷазо дар қиболи Мирзомуроди Бозор ва Маҳмадраҷаб Шарипов истифода шавад. Баъди ниҳоӣ шудани парванда аз ӯ пурсидем, ки ҳалномаи суд ӯро қаноатманд кардааст? Вай гуфт, бидуни иҷозаи раҳбарияташ ба касе суҳбат намекунад. «Ман корманди ВКД мебошам бе иҷозати сардор ҳақ надорам ба шумо интервю диҳам». Дигарбора пурсидем, ки оё аризаи шикоятӣ ҳам бо иҷозаи сардораш буд, тасдиқ намуд.

Даъвои Назаров ин буд, ки вақте матлаб дар рӯзнома нашр шуд, обрӯяш миёни ҳамкорон ва атрофиён паст шудааст. Аммо дар мақолаи «06008 аз ман 10 сомонӣ ришва гирифт!» номи ӯ зикр нашуда буд. Ҳуқуқдонҳо мегӯянд, туҳмату таҳқир танҳо нисбат ба шахсият карда мешавад ва нишони сарисинагӣ наметавонад обеъекти туҳмат ё таҳқир шавад. Гузашта аз ин, гуфта мешавад, то оғози парванда танҳо раҳбари «Воҳиди махсус» ва чанд нафари алоҳида медонистанд, ки соҳиби нишони сарисинагии 06008 кӣ аст? Акнун, барои ҳама ному насаби ӯ маълум аст.

Ҳарчанд парванда дар додгоҳ ниҳоӣ шуд, аммо ҳадс зада мешавад, ки ин қазия акнун рангинтар мешавад. Зеро дар суҳбати кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бо хабарнигорон, ки рӯзи 12-уми май сурат пазируфт, ба ин масъала низ дахл шуд ва «антикоррупсионерҳо» дар дафтарчаҳои худ қайдҳое карданд. Ҳамчунин,

хабарнигорон тасмим доранд рӯзи шанбе ба қабули вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Абдураҳим Қаххоров рафта ин мавзуъро баррасӣ намоянд. Зеро вазири умури дохилӣ дар ду нишасти ахири хабарияш гуфта буд, ки дар сурати дучори қонуншикании кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шудан ба телефонҳои боварии ВКД тамос бигиред. Ронандаи «Тангем» ҳам мегӯяд бо ҳамин мақсад ба БДА ва рӯзноманигорон мурочиат карда буд. Додгоҳи Сино ҳамакнун ҳукми ниҳоии худро алайҳи ронанда ва журналист эълом дошт. «Маҳмадраҷаб Шарипов бошад, 10-рӯзи дигар муҳлат дорад, ки аз ин ҳукм ба додгоҳи тафдиди назар шикоят барад, аммо ин ки ӯ ин тасмимро мегирад ва ё хайр ҳаққи ӯст» [383].

Ин хабари муфассале буд, ки доир ба як баҳси судӣ бо журналист маълумот медод. Ба назари мо, ин ҷо таносуби риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва ҳуқуқиро дарёфтан имконпазир аст, чун қазияи ахлоқӣ ба баҳси судӣ кашида шудааст, ки дар натиҷа ҷанбаи ахлоқӣ доштан ва муҳимтар аз ҳама, сарфи назар нашудани ягон меъёри қонун ва ахлоқ собит гардидааст.

Мо ҳам ба он назар мувофиқ ҳастем, ки ҳарчанд журналист бо қарори суд бегуноҳ дониста шуд, аммо сабук ҳам бошад ҷазо гирифтани сарчашмаи маълумоти ӯ чун мушкили ахлоқии ҷомеаи журналистӣ боқӣ мемонад, зеро пас аз ин муносибат бо сарчашмаҳои иттилоъ барои журналистон душвор мегардад.

Ин намуна тавре дар оғози он ҳам зикр гардид, яке аз намунаҳои хуби баҳсҳои журналистӣ аст, ки то толори суд рафт ва натиҷааш ҳам ба нафъи журналист анҷомид, ки ҳамон вақт аз ҷониби ҷомеаи журналистӣ низ ҳамчун нахустин ҳукми «сафед» дониста шуд ва як навъ ғалабаи ҷомеаи журналистӣ низ дониста мешуд, чун то он замон чунин баҳсҳо вуҷуд доштанд ва рӯзноманигорон аз шикоятҳои на чандон асоснок изҳори норизоӣ мекарданд, зеро ин баҳсҳо баъди ба суд рафтан муддате дар мурофиа қарор мегирифтанд ва ин боис мегардид, ки раванди бомароми кори ҳамон журналист ё нашрия халалдор гардад.

Ин ҷо як нуктаи дигар шоистаи таъкид аст, баҳсҳои журналистӣ, ки то

толори суд мерафт, асосан ба ду моддаи кодекси ҷиноятӣ рабт дошт; инҳо моддаҳои 135 (туҳмат) ва 136 (таҳқир) буданд ва дар аксар ҳолатро журналистонро бо ин ду модда гунаҳкор карда, ба суд мекашиданд. Ҷомеаи журналистӣ дар кодекси ҷиноятӣ будани ин моддаҳоро қабул надошт ва мегуфт, ин моддаҳо бояд дар кодекси гражданӣ (шаҳрвандӣ ё маданӣ) ҷой дошта бошанд.

Аз нигоҳи аввал, ин даъвои ҷомеаи журналистӣ нодуруст менамояд, зеро аз нуктаи назари ахлоқ, ин дархост як навъ эътироф ба гуноҳи худ аст, яъне донистани он ки аз журналистон чунин хатоҳо сар мезанад ва ин пешниҳоду кӯшишҳо барои он аст, ки бояд дар сатҳи оддитар баррасӣ гардад.

Вале таваҷҷуҳи амиқ ба масъала нишон медиҳад, ки ин пешниҳодҳо дуруст буданд, зеро дар кодекси ҷиноятӣ мавҷуд будани ин моддаҳо ва баробари даъво боз гардидани парвандаи ҷиноятӣ як навъ фишор ва тарсонидани журналистон буд, чун бо даъвое, ки ҳатто метавонад асоси ҷиддие надошта бошад, бар зидди онҳо парванда кушода мешуд: Дар мавриди зарурати берун кардани моддаҳои марбут ба туҳмат ва таҳқир аз кодекси ҷиноӣ аз чанд соли пеш коршиносон ва журналистони тоҷик садо баланд мекунанд. Дар робита ба ин дар шаҳри Душанбе зимни ҳамоише бори дигар ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ карда шуд. Бидуни лағви моддаҳои 135 ва 136-и кодекси ҷиноӣ имкони таъмини озодии баён дар кишвар ғайриимкон унвон шуд. Иноят Иноятов, ҳуқуқдони умури ВАО борҳо гуфтааст, ки таҳқир ва туҳмат қонунвайронкунии хусусияти шаҳрвандидошта буда, бояд дар доираи ҳуқуқи гражданӣ ҳал карда шаванд. Гузашта аз ин бархе коршиносони дигар муътақиданд, ки бидуни ҳазфи ин ду модда аз кодекси ҷиноӣ ба рушди журналистикаи тоҷик умед бастан корест мушкил. Қироншоҳ Шарифзода, раҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Журналист»-ро метавон ба ҳамин гурӯҳ шомил кард. Номбурда иддао дорад, ки ҳадди аққал ин бандҳо бояд ба кодекси шаҳрвандӣ кӯчонда шаванд, дар сурати баръакс «аз ворид кардани тағйиротҳо ба қонунҳои соҳаи матбуот ҳеҷ манфиате барои журналистика ба даст нахоҳад омад» [402].

Намунаи дигареро аз баҳсҳои судии журналистӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки он ҳам ба ҳамин моддаҳо алоқаманд аст. Радиои «Озодӣ» 26 апрели соли 2011 доир ба тафсилоти як қазияи судӣ гузориши муфассалеро пешниҳод намуда буд, ки онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем: Баҳси гарми собиқ депутат бо «Чархи гардун» [355]:

Гармои баҳс миёни даъвогарон ва масъулини нашрияҳо дар додгоҳи ноҳияи Фирдавсӣ, шиддати гармои бесобиқаи моҳи апрели имсоларо мемонад. Ҷави ҳоким дар ин моҷаро тавре шакл гирифтааст, ки рӯзноманигорон дар ин қазияҳо дар баробари худ камтар тарафҳои даъвогар, балки умдатан додрасҳоро дар рӯбарӯи худ мебинанд.

Имрӯз навбати баррасии парвандаи «Чархи гардун» аст. Ин парванда бо даъвои хусусии Сайвалӣ Нуров, собиқ вакили МН алайҳи Муҳаммадалии Мақсадулло, сардабири «ЧГ» боз шудааст. Ба фарқ аз парвандаҳои дигари алайҳи матбуот, ин қазия шаҳрвандӣ нест. Вакили собиқи МН дар матлабе зери унвони «Депутати авбошро говсуд мекунанд?» шахсияти худро туҳмат ва таҳқиршуда ёфта, хостори боз намудани парвандаи ҷиноӣ алайҳи Муҳаммадалии Мақсадулло ва дар ҷаласаи ахири додгоҳ хостори пардохти 35 ҳазор сомонӣ ҷуброн низ шуд. Қарор аст додгоҳ субҳи рӯзи чоршанбеи 27-уми апрел дар ин маврид ҳукми худро содир кунад. Ҳоло маълум нест, ки ин ҳукм чӣ хоҳад буд. Баҳси тарафҳо аз як соли пеш, аз замони баргузории интихоботи МН идома дорад. Муҳаммадалии Мақсадулло, сардабири «ЧГ» мегӯяд, ки ҳадаф аз нашри он матлаб туҳмат ва таҳқири шахсияти С. Нуров набуд, балки инъикоси хабари боз шудани парвандаи ҷиноӣ алайҳи С.Нуров аз сӯи додситонии Хатлон бо иттиҳоми авбошӣ будааст. Оқои Мақсадулло мегӯяд: «Дар он матлаб ягон осори туҳмат ва таҳқир нест, мо аз рӯи факти ҳодиса, яъне кушода шудани парвандаи ҷиноӣ алайҳи Сайвалӣ Нуров мавод ба табъ расонидем. Ва ин ҷо ҳеҷ гуна мавҷудияти туҳмат ва таҳқирро намебинам» [355].

Хулосаи коршиносӣ чист? Аммо ҷониби даъвогар иддао дорад, ки дар сарлавҳаи хабар шахсияти ӯ, яъне С. Нуров авбош номида шуда ва таҳқир

шудааст. Намояндаи С. Нуров аз изҳори назари худ ба хабарнигорон баъд аз ҷаласаи додгоҳ худдорӣ намуд. Ин дар ҳолест, ки дар ҷаласаи ахир додраси парванда бо дархости намояндаи ҷониби даъвогар аз шунидани хулосаи коршиносии журналистии матни хабари дарҷшуда дар «ЧГ» сарфи назар кард. Сангин Гулов, коршиноси Шурои расонаҳои Тоҷикистон қарор буд, хулосаи коршиносии матни хабари дарҷшуда дар нашрияро ба додгоҳ ироа кунад. Сангин Гулов мегӯяд: «Ҳадаф аз он хабар туҳмат ва таҳқири номзад ба вакилии МН нест. Зеро он сарлавҳа ба сурати суолӣ гузошта шудааст. Яъне тасдиқи хабар нест дар он ҷо. Дуввум ин, ки баъди як ҳафтаи нашри ин матлаб, нашрия тасҳеҳ чоп карда ва навиштааст, ки ин ҷо хатои имлоӣ шудааст, яъне бо сабаби техникӣ нохунак афтидааст. Ин нишон медиҳад, журналист пеш аз даъвои он ҷониб, хатои худро эътироф карда ва онро ислоҳ кардааст» [355].

Иноят Иноятов, вакили мудофеи сардабири «ЧГ» дар суханронии худ дар ҷаласаи охирин гуфт, ин даъво бояд ба сурати даъвои шаҳрвандӣ баррасӣ шавад.

Сабаби кушодани парвандаи ҷиноятии мазкур аризаи хаттии раиси комиссияи участкаи интихоботии №20-и ноҳияи Вахш Толиб Хӯҷаназаров гардида буд, ки тибқи шикоятномаи ҷабрдида, номзад ба депутатии Маҷлиси намояндагон Сайвалӣ Нуров рӯзи 28-уми феврал дар ҳудуди участкаи интихоботӣ ва дар ҳузури шоҳидон ӯро латукӯб намудааст. Сайвалӣ Нуров дар ҳоле алайҳи ЧГ даъво пеш мебарад, ки додгоҳи ноҳияи Бохтар ӯро дар авбошӣ муттаҳам донистааст. Додгоҳ Сайвалӣ Нуровро бар асоси моддаи 237, қисми 1-и Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон, яъне авбошӣ, гунаҳкор дониста, ба пардохти 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 17 ҳазору 500 сомонӣ (наздик ба 4000 доллар) маҳкум кардааст.

Ин баҳси судӣ низ бо натиҷаи муайян ба анҷом расид; суд талаби даъвогарро иҷро накард, зеро далелҳои пешниҳодшуда ва ҳолатҳои қонунии мазкур беасос будани даъворо собит намуданд.

Ба назари мо, баҳсҳои мазкур, ки ба таври муфассал тазаккур ёфтанд,

гувоҳи ҳамон сухан ҳастанд, ки мавҷуд будани моддаҳои кодекси ҷиноятӣ барои туҳмат ва таҳқир боис мегардид, ки ҳар нафар аз онҳо сӯиистифода кунад, чун натиҷаи ин баҳсҳо далеланд: бегуноҳ дониста шудани журналист аз ҷониби суд далели возеҳе аст, ки кӯшиши аз ин моддаҳо сӯиистифода кардан вуҷуд дорад.

Дар намунаи дуюм ҳам чунин ҳолат ба назар мерасад: аз як нигоҳ, ҳарчанд дар хулосаи коршиносона зикр мешавад, ки ҳадафи хабари нашршуда туҳмат ва таҳқири номзад ба вакилии парлумон нест, чун сарлавҳа ба сурати савол гузошта шуда, онҷо тасдиқи хабар нест, баъдан баъди як ҳафтаи нашри матлаби мазкур нашрия тасҳеҳ чоп карда ва навиштааст, ки ин ҷо хатои имлоӣ шудааст, яъне бо сабаби техникӣ нохунак афтидааст ва далели он аст, ки журналист пеш аз даъвои он ҷониб, хатои худро эътироф ва онро ислоҳ кардааст.

Ба назари мо, ин ҷо низ ҳолати зиёдравӣ аз ҷониби даъвогар ба назар мерасад: хатои худро эътироф кардан, тасҳеҳ чоп кардан пеш аз даъво муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» аст, ки дар моддаҳои 18, 19, 20 ва 21 ба ин масъала таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, нахустин омили пешгирии баҳсҳои судиро аввалан нашри ҷавоб ва баъдан раддия мешуморад. Масалан, дар моддаи 18 омадааст: Шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқие, ки воситаи ахбори омма дар хусуси ӯ маълумоти халалдоркунандаи ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаашро нашр кардааст, ҳуқуқ дорад дар ҳамон воситаи ахбори омма ҷавоби худро нашр кунад. Ҷавоб баъди ба редаксияи воситаи ахбори омма расидан бояд на дертар аз шумораи навбатии он нашр карда шавад [149, с.16].

Се банди моддаи 19-и қонуни мазкур чунин муқаррарот дорад:

1) Шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқие, ки воситаи ахбори омма дар хусуси ӯ маълумоти бардурӯғ ва ё маълумоти пастзанандаи шаъну шараф ё эътибори кориашро паҳн намудааст, ҳуқуқ дорад аз редаксияи он нашри раддияро талаб намояд.

2) Агар редаксияи воситаи ахбори омма дар бораи дуруст ва ба ҳақиқат

мувофиқ будани маълумоти паҳннамудааш далел надошта бошад, вазифадор аст, ки дар худи ҳамон воситаи ахбори омма раддияро нашр намояд. Агар шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ матни раддияи худро пешниҳод карда бошад, дар мавриди ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқ будани матни он, раддия дар воситаи ахбори омма нашр карда мешавад.

3) Раддия ё ҷавоб бояд дар бахши махсус ва ё дар ҳамон саҳифа, бо ҳамон ҳуруфе чоп шавад, ки маълумоти радшаванда ба табъ расида буд. Ҳаҷми матни раддия набояд аз ҳаҷми маълумоти радшаванда зиёд бошад [149, 17].

Аз ин муқаррароти қонун бармеояд, ки чунин баҳсҳо ба тарзи хеле осон ва сабук баррасӣ ва ҳал шуданашон имкон дорад, вале даъвогарон бо истифода аз мавҷуд будани ҷавобгарии ҷиноятӣ баҳсро якбора ба толори суд мекашиданд ва ҳамин буд, ки ин ҳодисаҳо такрор мешуданд.

Агар таносуби риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро дар мисоли ин ду намуна баррасӣ кунем, маълум мегардад, ки журналистон на танҳо меъёрҳои ахлоқи касбӣ, балки меъёрҳои ҳуқуқиро низ дар сатҳи бояд риоя мекунанд ва зарурати мавҷуд будани онҳоро дар фаъолияти худ медонанд.

Масалан, дар намунаи якум, ки боиси баҳси судӣ гардид, журналист бо вуҷуди он ки имкон дошт шахсияти соҳиби нишонро муайян карда, дар матлаби худ нависад, аммо маълум мегардад, ки огоҳ будан аз меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ боис гардидааст, аз оқибати амали худ андеша намояд ва аз ифшои маълумоти пурра оид ба шахсият худдорӣ кунад. Ҳамин омили муҳим сабаби бегуноҳ дониста шудани ӯ гардид, ки далели равшани зарурати риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми фаъолият мебошад. Ба назари мо, дар сурати пурра зикр шудани шахсияти соҳиби нишон баҳси судӣ ранги дигар мегирифт ва эҳтимоли гунаҳкор дониста шудани журналист ҳам ба миён меомад; риояи меъёрҳои касбӣ ин ҳолати ногуворро пешгирӣ кардааст.

Дар мавриди намунаи дуюм низ ин ҳолатро мушоҳида кардан мумкин аст, ки журналист ба масъалаи риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти худ таваҷҷуҳи хос дорад; нашри тасҳеҳ пеш аз даъво ҳам далели он аст, ки

журналист ва муассиси нашрия аз меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии касби худ огоҳ ҳастанд ва ҳатто узр пурсидаанд.

Ба назари мо, мувофиқи талаботи қонунгузорӣ, баҳс ҳамин ҷо бояд хатм мешуд, аммо аз ҷониби даъвогар ба толори суд кашида шуд ва беш аз як сол идома кард.

Аслан, дар намунаи дуюм ҳеҷ ҳолати вайрон гардидани меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба назар намерасад; дар меъёрҳои ахлоқи касбӣ банде ҳаст, ки риояи эҳтимолияти бегуноҳиро таъкид мекунад: Риояи меъёрҳои зайл маъноеро дорад, ки ВАО ва журналистон масъуланд 1) ҳангоми инъикоси мавзуъҳои ҷиноӣ, то даме, ки суд гуноҳи шахсро исбот накардааст, аз пешдоварӣ ва қазоват худдорӣ кунанд. 2) Ҳангоми инъикоси мавзуъҳои марбут ба ашхоси боздоштшуда, гумонбаршуда, зери тафтишот қарордошта, судшаванда, инчунин мурофиаҳои судӣ аз истилоҳоти қабулшудаи ҳуқуқӣ истифода баранд. 3) Аз интишори ҳама гуна иттилооте, ки дар ҷараёни тафтишоти то марҳилаи судӣ дастрас шудааст, ба хотири халалдор нашудани раванди тафтишот, ба истиснои ҳолатҳое, ки интишори он аҳамияти ҷамъиятӣ дорад ва ё ин маълумот дар дастрасии омма қарор дорад ва ё расонаӣ шудааст, худдорӣ кунанд.

Аз ин нигоҳ, вақте бо қарори суд авбош будани он вакили собиқ собит шудааст, зикри он паст задани шаъну эътибори ӯ нест, балки баёни воқеае аст, ки ба амал омадааст, чун дар матлаби мазкур ҳам танҳо ба “далели кушода шудани парвандаи ҷиноӣ аз сӯи мақомоти интизомӣ нисбати депутати пешин ва собиқ номзад ба курсии вакилии парлумони мамлакат ишора шуда, ба назари муассиси ҳафтаномаи «Чархи гардун» наметавонад туҳмат бошад.

Аммо ин нуктаро ҳам бояд ба инобат гирем, ки матлаби мазкур замоне ба нашр расидааст, ки алайҳи вакилу номзади собиқ бо ҷурми авбошӣ парвандаи ҷиноӣ боз шуда, ҳануз ба марҳилаи ниҳоӣ нарасида буд, аз ин рӯ, идораи нашрия тасҳеҳ чоп карда, навиштааст, ки дар калимаи «авбош» нохунак афтидааст. Яъне, ин ҷо факти «авбош» будани номзади собиқ ба курсии вакилӣ расман собит нашуда буд, аз ин рӯ, тасҳеҳи нашрия роҳи қонунии

пешгирии баҳси судӣ буд, ки баъдан дар раванди мурофиаҳои судӣ кор дод.

Муҳаққиқ С.Гулов ҳам ба ин нуктаҳо ишора карда, менависад, ки мо дар ВАО-и Тоҷикистон риоя нашудани меъёр ва пиринсипҳои этикаи касбии журналистиро низ дучор мешавем. Албатта, бо як нигоҳ наметавон қазоват кард, ки меъёрҳои этикӣ дар ҳама ВАО-и Тоҷикистон пурра риоя мешаванд ё риоя намешаванд. Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ бо шарофатмандӣ ва касбияти роҳбарону масъулини ВАО робитаи ногусастанӣ дорад. Масалан, дар аксари мубоҳисаҳои матбуотӣ одоби баҳс ва одоби сухан риоя намегардад, туҳмат, таҳқир, паст задани шарафи инсонии шахси мухотабро дучор мешавем. Баъзе нафарон масъулияти ахлоқиро аз масъалаи ҳуқуқӣ фарқ накарда, журналистонро ба суд мекашанд. Барои мисол, «соли 2011 собиқ номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони МО ҶТ С. Н. муҳаррири «Чархи гардун» Маҳмадалӣ Мақсадуллоро барои нашри хабаре бо номи «Депутатро «говсуд» мекунанд?» ба суд дод, ки ин ҷо масъала ҷанбаи ахлоқӣ дошт, на ҳуқуқӣ» [53, с. 262].

Яке аз қазияҳои пурсарусадои вобаста ба туҳмат ва таҳқирро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки ин баҳси судӣ низ бештар аз як сол идома дошт. Ин қазия бо он машҳур аст, ки якбора се нашрияи мустақил чун ҳамҷавобгар ба додгоҳ кашида шуд ва талаби ҷуброни зарари маънавӣ маблағи бениҳоят калон – дар маҷмуъ, 5,5 миллион сомонӣ буд: Се додраси Додгоҳи олӣ ва додгоҳи шаҳри Душанбе се нашрияи мустақили «Фараж», «Озодагон», «Азия-плюс»-ро бо иттиҳоми туҳмат ва паст задани обрӯву эътибори инсон ба додгоҳ кашидаанд ва барои ҷуброни маънавӣ аз онҳо 5,5 миллион сомонӣ товон хостаанд.

Шикояти Фахриддин Додометов, додраси додгоҳи шаҳри Душанбе, Нур Нуров ва Улуғбек Маҳмадшоев, додрасони Додгоҳи Олии Тоҷикистон алайҳи нашрияҳо ва вакили дифоъ Солеҳҷон Ҷӯраев ба додгоҳи ноҳияи Синои пойтахт ирсол шудааст.

Додрасҳо ба таври алоҳида нисбати ҳафтаномаҳо ва ин вакили мудофеъ ба додгоҳ шикоят бурдаанд. Муҳтавои ҳар се шикоят ба изҳороти ахири

Солеҳҷон Ҷӯраев, як тан аз вакилони мудофеъ вобастагӣ дорад. Ин изҳорот ва нишасти хабарии Солеҳҷон Ҷӯраев, ки ҳудуди ду ҳафта пеш дар шаҳри Душанбе баргузор шуд дар шумораҳои ҳафтаи гузаштаи нашрияҳои «Озодагон» ва «Фараж» таҳти унвони «Исфарагиҳоро говсуд кардаанд?» ва «Изҳороти кушодаи адвокат Солеҳҷон Ҷӯраев оиди нақзи ҳуқуқи инсон» ва дар ҳафтаномаи русизабони «Азия – плюс» бо номи «Адвокат уполномочен заявить» мунташир шуд.

Дар ин матолиб адвокат Ҷӯраев, бо овардани далелҳои ба гуфтаи худаш мӯътамад, бархе аз додрасҳо, аз ҷумла Фахриддин Додометов, Нур Нуров ва Улуғбек Маҳмадшоевро дар баррасии ғайримунсифонаи парвандаҳо, ба хусус парвандаи гурӯҳи 33-нафарии мансуб ба Низомхон Ҷӯраев, соҳиби пешинаи корхонаҳои спирт ва кимиёи Исфара ва қазоватҳои ноодилона мутаҳҳам донистааст. Аммо ин додрасҳо иддао доранд, ки нашрияҳо матолиби худро бидуни санҷидани далелҳои оварда дар изҳороти адвокат Ҷӯраев чоп кардаанд. Улуғбек Маҳмадшоев, додраси Додгоҳи олии Тоҷикистон дар суҳбат бо Радиои Озодӣ гуфт, «ман ҳамчун шаҳрванд ба додгоҳ мурочиат кардам. Зеро қонуни матбуот вайрон шудааст. Пеш аз чоп кардан бояд меомаданд ва месанҷиданд. Як чизро насанҷида ва гапҳои буда ва набударо навишта чоп кардан, дуруст нест» [352]. Афзун бар ин Улуғбек Маҳмадшоев мегӯяд чунин амалкарди нашрияҳоро метавон навъе туҳмат дар нисбати додрасҳои Додгоҳи олӣ ва шаҳри Душанбе донист. Ин дар ҳолест, масъулони нашрияҳои «Озодагон», «Фараж» ва «Азия-плюс» аз чунин ранг гирифтани қазия дар тааҷҷубанд. Зеро он гуна, ки Зафари Сӯфӣ, сардабири нашрияи мустақили «Озодагон» гуфт, ин ҳафтаномаҳо ба хотири ҷилавгирӣ аз ҳар гуна пайомадҳои номатлуб, изҳороти Солеҳҷон Ҷӯраевро бо каме ихтисор чоп кардаанд, «мо ба унвони ҳафтанома чи таҳқир ва туҳмате кардем ба онҳо? Дар ҳоле, ки мо ба хотири риояти меъёр, ба хусус ба хотири Нуров ва он шахсияти дигаре ки дар ҳукумати Тоҷикистон ҳастанд, фақат гуфтем, ки як чунин суҳбате шудааст, сабти ин суҳбат дар дасти мост. Ва худи Нуров ин суҳбатро инкор накарданд. Ва гуфтанд, ки ман бидуни мақсади туҳмат кардан ба раиси

Суди Олӣ туҳмат кардам, то аз Ҷӯраев халос ёбам» [352].

Афзун бар ин Зафари Сӯфӣ мегӯяд, ба хотири риояти қавонини кишвар посухи додрасҳо ба изҳороти Солеҳҷон Ҷӯраев дар шумораи навбатӣ ба чоп хоҳад расид. Аммо сардабири нашрияи «Озодагон» амалкарди додрасҳоро фишор болои матбуот медонад. Зеро ба гуфтаи вай эҳтимол дорад, додрасҳо аз ин тариқ мехоҳанд, то паҳлуҳои нуҳуфтаи қазия, ки дар ниҳоят бар зарарашон тамом хоҳад шуд, дар матбуот чопу ошкор нашавад.

Дар ҳамин ҳол қарор аст, баҳси додгоҳӣ миёни додрасҳо ва нашрияҳои мустақил рӯзи сешанбеи ҳафтаи оянда дар додгоҳи ноҳияи Сино оғоз шавад. Ҳануз маълум нест, ки муҳокимаи додгоҳ ба чӣ меанҷомад, аммо додрасони Додгоҳи олии Тоҷикистон, Нур Нуров, маблағи 3 миллион сомонӣ, Улуғбек Маҳмадшоев, 2 миллион сомонӣ ва Фахриддин Додометов, додраси додгоҳи шаҳри Душанбе маблағи 500 ҳазор сомонӣ аз нашрияҳои мазкур ва вакили мудофеъ хостори ҷуброн шудаанд.

Дар нахустин мурофиаи судӣ, ки рӯзи 2 феврали соли 2010 баргузор гардид, он ба рӯзи 23 феврал мавқуф гузошта шуд. Дар суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе сабаби ин мавқуфгузориро чунин шарҳ додаанд: Амриддин Сафоев, додраси додгоҳи ноҳияи Сино ва додгустари парвандаи мазкур, ба ҳарду ҷониб машварат дод, ки то 23-юми феврал асноди лозимаро барои мурофиа пешниҳод кунанд. Вай ҳамчунин таъкид кард, ки «даъвогарон ва ҷавобгарони парванда метавонанд дар чаҳорчӯби қонун бо роҳи муросо масъаларо ҳал кунанд» [382].

23 феврал низ мурофиа ба давраи баъдӣ гузошта шуд, чун даъвогарон бо ҷавобгарон созиш накарданд: Дар ҳоле ки Солеҳҷон Ҷӯраев дар ҷаласаи ибтидоии додгоҳ пешниҳоди мусолиҳа бо даъвогаронро дар миён гузошт, се додрас аз даъвои худ ҳимоят карда, пешниҳоди мусолиҳаро напазируфтанд. Пас аз ин, оқои Ҷӯраев шикояти худ аз болои даъвои се додрасро дар ҳаҷми 20 саҳифа ба қозии парванда пешниҳод кард.

Дар мурофиаи баъдӣ, ки санаи 11 апрели соли 2010 баргузор гардид, додрасҳо ба масъулини нашрияҳо пешниҳоди оштӣ карда ва барои аз роҳи

музокирот ҳаллу фасл кардани қазия вориди гуфтугӯ шудаанд. Зафари Сӯфӣ, сардабири нашрияи «Озодагон», таъйид кард, ки бо ибтикори додрасҳо даври музокирот бо масъулони нашрияҳо баргузор шуд, ки дар он масъалаи оштӣ ва қатъи идомаи мубоҳисоти додгоҳӣ дар миён гузошта шуд. Оқои Сӯфӣ гуфт, ин иқдоми додрасҳо, ки мехоҳанд баҳс дар чаҳорчӯби музокирот хотима ёбад, шоистаи таҳсин аст. Вале, гуфт ӯ, шарти пешгузоштаи онҳо ва ҳамчунин чопи як матлаб бо имзои муовини раиси Додгоҳи олӣ дар мавриди қазияи пешомада самимияти пешниҳоди оштии додрасҳоро зери шубҳа қарор додааст. Нур Нуров, додраси Додгоҳи олӣ ва яке аз даъвогарон алайҳи нашрияҳо, мегӯяд, додрасҳо ба соҳибони ин нашрияҳо шарту шурути худро пеш гузошта, дафъатан вокуниши онҳоро тақозо накардаанд, балки барои қабул ва ё радди ин шароит ба онҳо мӯҳлат дода шудааст. Улуғбек Мамадшоев, додраси дигари Додгоҳи олӣ, низ гуфт, «дар баҳси қазияҳои шаҳрвандӣ оштии ҷонибҳои даъвогар як амали маъмулист, вале ҳануз суҳбате, ки миёни додрасҳо ва соҳибони нашрияҳо сурат гирифт, чизе бештар аз суҳбат буда наметавонад. Оқои Мамадшоев гуфт, вақте аснод барои оштӣ тартиб ва таъйид мешавад, он гоҳ метавон дар бораи оштии тарафҳо суҳбат кард» [403].

Дар ниҳоят ин баҳси судӣ дар натиҷаи аз даъво даст кашидани судяҳо 29 апрели соли 2011 ба анҷом расид: Парванда дар асоси моддаҳои 176 ва 225-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар аз даъвоҳои худ даст кашидани даъвогарон қатъ карда шуд. Дар қисми таъйиноти ҳалнома ва хулосаҳои суд гуфта мешавад: Ҳолатҳои дар боло зикргардида нишон медиҳанд, ки даст кашидан аз даъво аз ҷониби даъвогарон хилофи қонун ва манфиатҳои қонунии тарафҳо нест ва ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дигарро поймол намекунад. Аз ин рӯ, суд тибқи талаботи қисми 3 моддаи 225 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон рад кардани даъвои даъвогаронро ба назар гирифта, қатъ намудани парвандаро зарур мешуморад. Суд ба тарафҳо оқибатҳои қатъ кардани парвандаро дар асоси моддаҳои 176 ва 226 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмонид. Дар асоси моддаҳои 43, 176, 225 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии

Тоҷикистон суд муайян кардааст: Рад кардани даъвогарон Маҳмадшоев Улуғбек Зиёдуллоевич, Нуров Нур Эрмонович, Додометов Фахриддин Тоштамович, Саидов Маҳмадисо Муродович аз қабули даъво. Баррасии парвандаи гражданӣ аз рӯи даъвои Маҳмадшоев Улуғбек Зиёдуллоевич, Нуров Нур Ермонович, Додометов Фахриддин Тоштамович, Саидов Маҳмадисо Муродович нисбати ҷавобгарон Ҷӯраев Солиҷон, рӯзномаҳои «Озодагон», «Фараж», «Азия-Плюс» оид ба ситонидани ҷуброни зарари маънавӣ дар маҷлиси суд қатъ мегардад. Муроҷиати такрории тарафҳо ба суд оид ба ҳамон предмети баҳс ва бо ҳамон асосҳо иҷозат дода намешавад.

Профессор И. Усмонов низ дар як мақолаи худ, ки ба масъалаи баҳсҳои судии рӯзноманигорон дахл дорад, ба ин баҳс ҳам ишора карда, нуктаи муҳиммеро зикр мекунад, ки ба нақши боризи расонаҳо дар ҷомеа дахл дорад: «ба одоби воситаҳои ахбори омма бархӯрди мақомҳои расмӣ таъсир мерасонад: бархӯрди нарм ВАО-ро нармтар ва гармтар мекунад, бархӯрди ноандешона боиси сахтгӯиҳо шуда метавонад. Масалан, он чиро мисол орем, ки ба сари се нашрияи мо «Озодагон», «Азия плюс» ва «Фараж» омада буд. Оё матолиби чопкардаи онҳо кирои ин корро мекард, ки чунон валвала барангехта шавад? Ин гуна мисолро бисёр шуморидан мумкин аст. Ва чунин мисолҳо бо як чизи муҳим далолат медиҳанд: сухани ВАО ба ҷомеаи мо асар дорад, онро иқрор мекунанд ё не, ба он аксуламал мекунанд ё не, ба он ҷавоб медиҳанд ё не. Сухани гуфташуда бетаъсир ё беасар намеравад» [398].

Як намунаи баҳс, ки бо натиҷаи дигар анҷом ёфтааст, баҳси рӯзномаи «Имрӯз News» бо Рустам Ҳукумов мебошад. Баҳси мазкур аз матлаби рӯзнома бо унвони «Боқиев ва Ҳукумов. Писароне, ки «дарди сар»-и падар шуданд» [329] шуруъ шуда, бештар аз як сол идома дошт.

Дар ин мақола дар мисоли аъмоли писари собиқ президенти Қирғизистон Қурмонбек Боқиев ва писари раиси вақти корхонаи Роҳи оҳани Тоҷикистон Амонуллои Ҳукуматулло гуфта мешавад, ки ин писарҳо барои падарони худ «дарди сар» шуданд. Дар ин матлаб асосан сухан сари он мавзуе буд, ки ҳамон вақт дар расонаҳои русию тоҷикӣ васеъ инъикос шуда буд.

Баҳси судии рӯзнома ба Рустам Ҳукумов ҳам аз мавзуъҳое буд, ки дар расонаҳои дохилӣ ва намояндагиҳои расонаҳои хориҷӣ дар кишвар мавриди инъикоси васеъ қарор гирифт: Рустам Ҳукумов интишори мақолаи мавсум ба «Боқиев ва Ҳукумов - дарди сари падарҳо шудаанд»-и «ИмрӯзNews»-ро тавҳин ба шахси худ донист ва нашрияро ба додгоҳ кашид. Бар мабнои гузоришҳо, Рустам Ҳукумов дар баҳори соли 2008 дар вилояти Маскави Русия, ҳамроҳ бо се сокини дигари Тоҷикистон ба иттиҳоми даст доштан дар қочоқи маводди мухаддир боздошт шуда ва додгоҳ ӯро дар соли 2010 барои 9,5 сол равонаи зиндоне дар Русия кард. Аммо дар моҳи декабри соли 2011 додгоҳи истинофии вилояти Маскав ба ин натиҷа расид, ки Рустам Ҳукумов бидуни далоили ҷиддие ба зиндон маҳкум шуда ва ӯро аз зиндон озод кард. Ин ҳодиса пас аз қазияи зиндонӣ шудани ду халабони русу эстуниёӣ дар Тоҷикистон дар авоили моҳи ноябри соли 2011 ба мавзуъи доғе табдил шуд. Он замон бархе аз нашрияҳои Русия навишта буданд, ки маҳкумияти халабонҳои русу эстониёӣ як иқдоми талофиҷӯёнаи мақомоти тоҷик дар баробари маҳкумияти Рустам Ҳукумов дар Русия аст.

Сомонаи «Рӯзгор» ҳам ба ин масъала таваҷҷуҳ карда, паҳлуи дигари баҳсро ба баррасӣ гирифта буд: Сухан аз мақолаи Назири Нусрат бо номи «Боқиев ва Ҳукумов: писароне, ки «дарди сар»-и падар шуданд» бармеояд. Дар он зимни боздошти Максим Боқиев, писари Қурмонбек Боқиев, раисҷумҳури собиқи Қирғизистон дар Британиё, ки ба қавли рӯзноманигор, ҳамчун як фишори сиёсӣ алайҳи Бишкек истифода шудааст, гуфта мешавад, ки қазияи Рустам Ҳукумов, писари Амонулло Ҳукумов, сарвари «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва аз афроди соҳибнуфузи ин кишвар низ чун фишори сиёсӣ алайҳи Душанбе истифода шуда буд. Рустам Ҳукумов соли 2010 бо ҳукми додгоҳе дар Русия барои даст доштан дар қочоқи маводди мухаддир ба нӯҳ соли зиндон маҳкум шуда буд. Ин иттилоъ дастраси расонаҳо набуд ва бино ба матлаби «Имрӯз Нюс», ҳамчун «қартае» дар дасти Маскав пинҳон меистод. Аммо пас аз як сол дар пайи қазияи халабонҳои рус, ба навиштаи рӯзнома, Маскав ин «қарта»-ро боз кард. «Ба бозӣ даровардани ин қарта, қазияи

халабонҳоро ба манфиати Маскав ҳал кард» - навишта буд рӯзнома. Халабонҳои рус моҳи декабри соли 2011 озод шуданд, аммо номи Рустам Ҳукумов пас аз як моҳ - январи соли 2012 дар сархатти расонаҳои Русия қарор гирифт, ки гуфта мешуд, бо қарори додгоҳ озод шудааст.

Аз ин маълумотҳо моҳияти матлаби рӯзнома бештар маълум мегардад ва асли даъво ҳам муайян мешавад, ки даъвогар ҳамин фарзияе, ки дар матлаб чун асоси сухан иброз шудааст, паст задани шаъну эътибори худ медонад: Моҳи июн коллегияи суди шаҳри Душанбе шикояти кассатсионии рӯзномаи «ИмрӯзNews» нисбати қарори суди ноҳияи Исмоили Сомониро қонеъ накард. Дар қарори судя Низомов таъкид шуда буд, ки газета ягон далели тасдиққунандаи воқеияти мавзуи дар мақола зикршударо пешниҳод карда натавонист. Қобили зикр аст, ки ахири моҳи январ Рустам Ҳукумов ба суди ноҳияи Синои пойтахт нисбати рӯзномаи «Имруз News» оид ба ҳифзи шаъну эътибор даъво пеш оварда. Дар аризаи даъвогӣ Р.Ҳукумов аз суд дархост намуд ки аз идораи рӯзнома ба манфиати ӯ дар ҳаҷми 50 ҳазор сомонӣ товони зарари маънавӣ рӯёнида шавад. Нашри мавод дар рӯзнома таҳти унвони «Боқиев ва Ҳукумов «дарди сар»-и падарҳо шудаанд» аз 16-уми октябри соли гузашта ба пешниҳоди аризаи даъвогӣ боис гардид. Соли 2010 Рустам Ҳукумов дар Русия ба иттиҳоми даст доштан дар муомилоти ғайриқонунии маводди мухаддир ба 9,5 соли зиндон маҳкум шуда, моҳи декабри соли 2011 аз рӯи ҳамин парванда бегуноҳ эътироф шуд... Қаблан раиси суди ноҳияи Исмоили Сомонӣ Зокир Аминов ба «Азия-Плюс» хабар дода буд, дар даъвояш Рустам Ҳукумов изҳор доштааст, ки ӯ ба хулосаҳои журналист дар мавриди гӯё аз ҷониби ҳукуматдорони тоҷик «иваз шудани ӯ ба халабонони русиягиву эстонӣ Владимир Садовничий ва Алексей Руденко аз ҳабс» қатъиян розӣ нест ва тақозо кардааст, ки ин далел аз ҷониби идораи рӯзнома собит карда шавад.

Ҳамин тавр, бо сабаби собит нашудани далели мазкур аз ҷониби журналист ва идораи нашрия суд Имрӯз News-ро уҳдадор намуд, ки маблағи ҷуброни зарари маънавиро пардохт намояд.

Ба назари мо, хулосаи ин баҳси судӣ, ки бо натиҷаи мушаххаси ҳуқуқӣ ба

анҷом расид, гувоҳи он аст, ки таваҷҷуҳи журналистон ба масъалаҳои нозуки ҳуқуқӣ камтар аст, чун зинаҳои болоии суд низ қарори асосноки зинаи поёниро бетағйир гузоштанд, яъне, зарурати бознигарии парванда аз нигоҳи ҳуқуқӣ вуҷуд надошт. Ҳарчанд ин баҳс аз ҷанбаҳои мухталиф баҳогузорӣ шуд, вале ҷиҳати муҳимаш, ба назари мо, ба эътибор нагирифтани нозукии ҳуқуқии масъала аз ҷониби журналист ва идораи нашрия буд.

Аз ин лиҳоз, метавон ба натиҷае расид, ки таносубан риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар сатҳи баробар қарор дорад; журналистон ба ҳама меъёрҳои соҳаи худ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, аммо баъзе нозукиҳои ҳуқуқиро сарфи назар мекунанд, ки чунин баҳсҳо ин ҷиҳатҳоро барояшон равшан менамояд ва имкон медиҳад, ки ба ин гуна ҷанбаҳои нозуки фаъолияти худ бештар таваҷҷуҳ намоянд ва дар фаъолияти минбаъда ба он роҳ надиҳанд. Ин намуна ҳам барои рӯзноманигорони нашрияи ҷаримашуда ва ҳам барои дигар журналистон намунаи ибрат буда метавонад, ки ба ҷанбаҳои нозуки ҳуқуқии масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд; як маълумоти ба истилоҳ, умумишуда ва ё як фарзияи аз ҷониби нафари дигар пешниҳодшуда наметавонад ҳамчун факту далел дар мақола истифода шавад. Агар ин кор анҷом дода шуд, пас, аз ин намунаи баррасишуда бармеояд, ки бояд дар назди қонун посух дод.

БОБИ V
ЗУҲУРОТИ ДЕОНТОЛОГӢ ЧУН ИДОМАИ МАНТИҚИИ ПАЙВАНДИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚИЮ ҲУҚУҚӢ

5.1. Падидаҳои деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик

Ҷомеаи муосир, ки ба дигаргуниҳои куллӣ рӯ ба рӯст, дар ҳама соҳаҳо ҳамин ҳолатро ба вуҷуд овардааст. Дар журналистика ин ҳолат ошнотар аст, зеро пешрафти технологӣ ва вусъати интернет зарурати тағйироти ҷиддӣ дар фаъолияти касбӣ ва пайдо гардидани мафҳумҳои нав, истифодаи дурусту воқеии онҳо дар назария ва амалияро барвақттар ба вуҷуд оварда буд.

Дар ҷомеаи иттилоотии имрӯза мақоми иттилоот тағйир меёбад ва эҳтимолияти таъсири манфии он ба таври назаррас васеъ мешавад. Дар чунин шароит масъулияти рӯзноманигорон, ҳамчун шахсоне, ки ба таври касбӣ ба қонеъ кардани талаботи ҷомеа бо иттилоот машғуланд, бештар мегардад.

Ҳар қадар сатҳи маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа, саводнокии ҳуқуқии кормандони воситаҳои ахбори омма баландтар бошад ва ҳар қадар онҳо меъёрҳои рафтори дурустро огоҳона қабул ва риоя кунанд, ҳамон қадар сатҳи эътимод ба худи касб ва рӯзноманигорони алоҳида ва ё воситаҳои ахбори омма болотар меравад.

Аз ҳамин ҷост, мафҳумҳои наве дар журналистика ба вуҷуд меоянд, ки ҳадаф аз онҳо мувофиқат намудан ба шароити муосири ҷомеа ва ҷавобгӯ гардидан ба талаботи аудитория аст, зеро зуҳури интернет ва истифодаи оммавии он вазъи фаъолияти журналистиро мураккабтар гардонидааст. Дар муҳити журналистии муосир баробари аз лиҳози техникӣ ҳамқадам гардонидани фаъолият, ҳамчунин, масъалаи аз нигоҳи маънавӣ нигоҳ доштани асолати касбӣ низ мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифтааст.

Дар ин радиф, таваҷҷуҳи бештар ба мафҳуми деонтология дар журналистика низ аз ҷумлаи чунин иқдомҳост. Ҳарчанд ин мафҳум дар журналистика нав нест, муҳаққиқон пайдоиши онро ба дусад соли қабл марбут

медонанд: «таърихи деонтологияи журналистика аз Ломоносов шуруъ мешавад, зеро ӯ дар миёнаҳои асри XVIII маҷмуи меъёрҳои ахлоқиро барои журналистон таҳия намуда буд, ҳануз дар замоне, ки деонтология ҳамчун мафҳуми алоҳида мавҷуд набуд» [361].

Истилоҳан, деонтология аз калимаи юнонии deon – зарурӣ, даркорӣ, вазифашиносӣ ва логос – омӯзиш, таълимот сарчашма гирифта, соҳаи илме мебошад, ки дар бораи иҷрои вазифа ва масъалаҳои одобу ахлоқи кормандони соҳаҳои алоҳида маълумот медиҳад.

Деонтологияро ҳамчун истилоҳи ифодакунандаи назарияи ахлоқ дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX файласуфи англис Иеремий Бентам пешниҳод кардааст. Ин мафҳум бори аввал аз ҷониби ӯ мавриди истифода қарор гирифт ва ӯ бо чунин унвон: «Деонтология ё илм дар бораи ахлоқ» дар соли 1834 китоби худро нашр намуд.

Дар доираҳои илмӣ Бентамро ҳамчун асосгузори яке аз мактабҳои фалсафаи англисӣ – утилитаризм (utilitas – фоиданок) эътироф мекунанд. Бентам изҳор дошт, ҳар як амали инсон бояд дар асоси манфиате, ки ба дигарон меорад, арзёбӣ карда шавад. Ӯ тамоми неруи ақли худро ба як ғояе бахшидааст, ки ҳаёти ӯро равшан мекард. Ғоя ин буд, ки ҳар як бояд ҳамеша барои ба инсоният расонидани манфиат ва хушбахтӣ кӯшиш намояд.

И. Бентам ба маънои васеи калима, деонтологияро ҳамчун санъат ва илме мефаҳмид, ки инсонро ба иҷрои амалҳои дурусте, ки дар ҳама ҳолат бояд анҷом дода шавад, водор намояд. Ӯ шахсан ба ин тасаввурот ва таълимоти назариявии худ содиқ монд; масалан, пеш аз марг васиятномае навишта, дар он хоҳиш кард, ки ҷасадаш барои таҷрибаҳои анатомӣ хайрия шавад, то ки пас аз маргаш низ ба ҷомеа фоида расонад.

Ин буд, ки консепсияҳои илмии Бентам на танҳо дар Британияи Кабир, балки дар Фаронса, Иёлоти Муттаҳида ва баъдтар дар дигар кишварҳо дар байни арбобони давлатӣ, олимон ва маорифчиён маъруфияти васеъ пайдо карданд.

Деонтология мафҳумест, ки ба дигар соҳаҳо низ алоқаманд аст, аз ҷумла,

тиб, ҳуқуқ ва соҳибкорӣ ва монанди инҳо. Дар ҳама соҳаҳо он махсусиятҳои худро дорад, ончунонки дар тиб ҷамъбасти қоидаю талабот оид ба иҷрои вазифа, одобу рафтор ва масъулияти духтур нисбат ба ҳаёт ва саломатии бемор, муносибати ӯ бо ҳамкасбон ва аҳли ҷамъият мебошад. «Қасамномаи табиб»-и Буқрот ба рафтори поку шоистаи духтурон бахшида шуда, то имрӯз моҳияти худро гум накардааст. Деонтологияи тиббӣ «масъалаҳои махфӣ доштани сирри касбии духтурон, инчунин қонунҳоеро дарбар мегирад, ки дар асоси онҳо ҳангоми нодуруст табобат кардан ё бар зарари саломатии беморон амал намудан духтурон ба ҷавобгарӣ кашида хоҳанд шуд» [184, с. 13].

Истилоҳи «деонтология» дар луғатҳои гуногун таърифҳои зерин дорад: дар «Луғати калимаҳои хориҷӣ», ки таҳти таҳрири Н. Г. Комлев нашр шудааст, деонтология (юнонии deontos – баҳра, logos – таълим) аввалан, ҳамчун таълимот дар бораи вазифа, як шохаи ахлоқ ва дуюм, ҳамчун маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳои рафтори ахлоқӣ барои мутахассисони тиббӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ муайян карда шудааст.

Луғати калимаҳои хориҷие, ки ба забони русӣ ворид шудаанд, таҳти таҳрири А. Н. Чудинов тафсири зерини ин мафҳумро пешниҳод мекунад: деонтология (юнонии deontos – зарур, logos – калима) – омӯзиши ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, омӯзиши ахлоқ аст. Луғати фалсафӣ таҳти таҳрири И.Т. Фролов таърифи зерин медиҳад: Деонтология як бахши назарияи ахлоқӣ аст, ки масъалаҳои вазифа, талабот ва меъёрҳои ахлоқӣ ва умуман, уҳдадориро ҳамчун шакли зоҳиршавии зарурати иҷтимоӣ, ки ба ахлоқ хос аст, меомӯзад.

Луғати дигар таҳти таҳрири А.А. Гусейнов ва И.С. Кон деонтологияро ҳамчун як бахши ахлоқ мефаҳмад, ки масъалаҳои вазифа ва умуман, уҳдадориро (ҳама чизеро, ки талаботи ахлоқро дар шакли дастурҳо ифода мекунад) меомӯзад.

Шоистаи зикр аст, ки истилоҳҳое чун уҳдадорӣ, ахлоқ, масъулият, меъёрҳо ва принсипҳо қариб дар ҳама тафсирҳо пайдо мешаванд. Масъалаҳои қарзи инсонӣ ва рафтори дуруст аз замонҳои қадим дар маркази таваҷҷуҳи бисёре аз файласуфон қарор доштанд. Масалан, дар Юнони Қадим онҳоро

Арасту, Суқрот, Ситсерон, Сенека ва дигарон баррасӣ карда, асосан ба он таваҷҷуҳ намудаанд, ки некӯаҳволии дигарон ва умуман тамоми ҷомеа аз иҷрои дурусти вазифаҳои инсонии ҳар як шахс вобаста аст. Масалан, Ситсерон гуфта буд: Ҳамаи мо бояд ҳамон тавре, ки қарзи инсон буданамон талаб мекунад, бояд амал намоем. Демокрит таълим медод: На аз тарс, балки аз эҳсоси вазифа ва уҳдадории инсонӣ аз корҳои бад худдорӣ карда мешавад.

Консепсияи назариявии вазифа баъдтар дар фалсафаи стоитсизм шакли муфассалтар пайдо кардааст. Файласуфи машҳури олмонӣ Иммануил Кант асосгузори назарияи уҳдадории инсонӣ дар давраи муосир маҳсуб мешавад, зеро ӯ чунин навиштааст: Вазифа! Ту калимаи бузург ва боҳашамат ҳастӣ, дар ту ҳеҷ чизи гуворое нест, ки ба одамон хушомадгӯй кунад, ҳама майлҳо дар пеши ту хомӯш мешаванд, ҳарчанд онҳо пинҳонӣ ба ту муқобилат мекунанд; онҳо аз худ мепурсанд: манбаи арзандаи ту куҷост ва решаҳои пайдоиши нақиби ту куҷост... Дарки ҳамаи ин танҳо он чизе буда метавонад, ки инсонро аз худ болотар мебардорад, ба инсоният мерасонад.

Ин шарҳу тавзеҳоти мафҳуми деонтология, ки чун заминаҳои ибтидоии мазмуни муосири он дониста мешаванд, аз нигоҳи мо, хеле арзишманд ҳастанд, зеро дар худ ҳикмати фалсафии хосеро фаро гирифтаанд; агар ҳар як фарди ҷомеа вазифаи инсонии худро иҷро намояд, пас, ободии ҷомеа, некуаҳволии тамоми инсонҳо таъмин мегардад. Андешаи дигар ҳам, ки мегӯяд, эҳсоси масъулияти инсон будан болтар аз тарс аст, мазмуни хос дорад.

Шарҳу тафсирҳои мазкур барои дарки мафҳуми деонтологияи журналистика замина ҳастанд.

Профессори факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Маскав Е.П.Прохоров мафҳуми деонтологияи журналистикаро чунин шарҳ медиҳад: «маҷмуи вазифаҳои журналистӣ, масъулият, меъёрҳои муайян ва риояи онҳо дар ҳама ҳолат, новобаста аз огоҳ будан аз моҳияти онҳо, ки чун низоми рафтори журналистӣ дар идораҳои ВАО қабул шудааст» [190, с. 296].

Ӯ инчунин, менависад, ки агар мо фарз кунем, саломатии инсон, ҳам аз нигоҳи равонӣ ва ҳам ҳатто ҷисмонӣ метавонад ба воситаҳои ахбори омма

вобаста бошад, пас таҳқиқот дар соҳаи деонтологияи журналистика бешубҳа, муҳим аст. Гарчанде дар назари аввал деонтология як қисми ахлоқ ҳисобида мешавад, муҳим аст, ки меъёрҳои деонтологӣ ба муҳимтарин ҷиҳат - иҷрои вазифаи худ дар назди хонандагон ва ҷомеа алоқаманд бошанд.

Ин мавқеи профессор Е.П. Прохоров ҷолиб аст, ки менависад, дарки масъулияти касбӣ аз лаҳзаи пайвастан ба ҷомеаи журналистӣ оғоз мешавад ва ин чунин маъно дорад, ки журналист ихтиёран доираи васеи масъулиятҳои гуногунро эътироф мекунад ва ба дӯш мегирад. Ҷанбаи муҳимтарин огоҳии журналист аз вазифаи худ дар назди ҷомеа - иштироки фаъолона дар самаранокии иҷрои хидматрасонии иттилоотӣ ба аудитория мебошад. Ҳатто ҷанбаҳои аз нигоҳи аввал хурду ночиз, ба монанди либоспӯшӣ, суханронӣ ва муошират бо дигарон таҳлили деонтологӣ ва худбаҳодиҳиро талаб мекунанд, зеро онҳо ба хусусият ва сатҳи иҷрои вазифаи касбии рӯзноманигор таъсир мерасонанд.

Муҳаққиқи дигар, профессори Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург С.Г. Корконосенко андешаҳои худро дар бораи деонтологияи журналистика баён намуда, аз ҷумла, изҳор медорад, ки асосҳои деонтологӣ яке аз рукнҳои асосии назарияи рӯзноманигорӣ ва амалияи он мебошанд. Ин муҳаққиқ аҳамияти омӯзиши деонтологияи журналистикаро ҳамчун як мавзуи мустақил чунин баён мекунад: «Деонтология метавонад ба муҳаққиқон имкони посух додан ба саволҳои асосиеро фароҳам оварад, ки дар дигар мавридҳо ҳалли онҳо душвор аст ё тамоман ҳалношуда боқӣ мемонанд» [117, с. 115].

Профессор С.Г. Корконосенко таъкид мекунад, ки ҷой ва нақши деонтология дар журналистика ба таври возеҳ муайян нашудааст: деонтология баъзан ҳамчун ахлоқ, баъзан ҳамчун қонун, баъзан ҳамчун як соҳаи миёнарав байни ҳардуи инҳо тасниф мешавад: Деонтология як навъ таҷдиду иловаи мафҳуми журналистика аст, ки ба принсипҳои назариявӣ асос ёфтааст, аммо он чун хусусияти ҷудонашавандаи шуури касбӣ принсипҳои аз ҷиҳати назариявӣ асоснокро қабул карда, ифодагари рафторе аст, ки ба ин принсипҳо мувофиқ мебошад. Бо дарназардошти ин, байни ахлоқ ва деонтология чунин

фарқ гузошта мешавад: деонтология моҳиятан ифодагари принсипҳоест, ки бинои меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқӣ бо пойдевории он бунёд гардидааст.

Б.Н. Лозовский, профессори Донишгоҳи давлатии Урал деонтологияи журналистикаро ҳамчун системаи «талабот, меъёр, принсипҳои касбии фаъолияти журналистӣ, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии кормандони воситаҳои ахбори омма» [137, с. 55] маънидод мекунад.

Ба назари профессор А.А. Князев, «деонтология – ин қисми этика мебошад ва масъалаҳои вазифаву масъулияти журналист, принсипҳои ахлоқии рафтори журналистро баррасӣ менамояд» [115, с. 146].

Муҳаққиқ В.И. Фотиева категорияҳо, принсипҳо ва меъёрҳои асосии деонтологияи журналистикаро баррасӣ карда, зарурати мавҷуд будани шаклҳои гуногуни худтанзимкуниро дар ҷомеаи журналистӣ таъкид мекунад. Ба назари ӯ, бо фаҳмиши анъанавӣ, деонтология ҳамчун як бахш ё самти ахлоқ баррасӣ шуда, табиат ва пайдоиши вазифаро меомӯзад.

Муҳаққиқ В.Т. Абишева пешниҳод мекунад, ки сохтори деонтологияи журналистиро ҳамчун натиҷаи ташхиси се ҷанбаи муҳимми ба ҳам баробар баррасӣ намудан лозим аст: якум, ҷанбаи ҳуқуқӣ - донистани меъёрҳои қонунгузории амалкунанда дар соҳаи воситаҳои ахбори омма; дуюм, ҷанбаи ахлоқӣ - тамосҳои рӯзноманигорон, муошират онҳо бо гурӯҳҳои гуногуни одамон барои омодагӣ ба раванди кори эҷодӣ ва ҳам дар ҷамъоварӣ ва коркарди мавод; сеюм, ҷанбаи шифоҳӣ, пеш аз ҳама, маданияту саводнокии шахсии журналист дар раванди омодагии эҷодии ӯ.

Дар идомаи андешаҳояш ин муҳаққиқ менависад, қонун, ахлоқ ва маданияти сухан дар фаъолияти кормандони воситаҳои ахбори омма бо ҳам хеле зич алоқаманд ҳастанд, зеро онҳо бо якдигар фаъолона ҳамкорӣ карда, хусусияти беназири мувофиқати касбии ӯро баёнгар мешаванд ва ифодакунандаи вазъу сатҳи воситаи ахбори оммае ҳам ҳастанд, ки журналист дар он фаъолият дорад. Ин аст, ки системаи ҳамаҷонибаи меъёрҳо ва принсипҳо ба вуҷуд меояд ва ба рӯзноманигорон имкон медиҳад, ки фаъолияти худро барои иҷрои беҳтари вазифаҳои касбии худ танзим кунанд ва

амалан раванди фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро ба манфиатҳои ҷомеа ва шаҳрвандон мутобиқ намоянд.

Муҳаққиқ Н.В. Долгова қайд мекунад, ки бояд деонтология аксар вақт ҳамчун вазифа ё уҳдадорӣ баррасӣ гардад. Ӯ зарурати бо уҳдадорӣ амал карданро таъкид намуда, иброз медорад, ки барои ин омилҳои объективии фаъолият мусоидат мекунанд: деонтология бо уҳдадорие сару кор дорад, ки агар амалӣ нашавад, метавонад ба таври ногаҳонӣ ба иҷрои вазифаҳои касбӣ халал расонад, аз ин рӯ, деонтология фарз мекунад, ки ба роҳ мондани раванди дурусти фаъолият аз оқибатҳои ногувори он беҳтар аст.

Муҳаққиқони журналистикаи тоҷик, профессорон М.А. Абдуллозода ва А.Н. Нуралиев дар мақолаи пурмуҳтавои худ: «Масъалаҳои ахлоқӣ дар низоми деонтологияи журналистика. Робитаи байниҳамдигарии этика ва фарҳанги журналистӣ» [2] ин мазмунҳоро тазаккур дода, иброз медоранд, ки ин мафҳумҳо дар маҷмуъ, мазмуни ягонаро ифода мекунанд, ба ифодаи дигар, мафҳуми луғавии деонтологияро мукаммал мегардонанд, яъне, ин маъниро пурра месозанд, ки дар фаҳмиши деонтология мафҳумҳои масъулият, этика, ахлоқ, меъёр калидӣ ҳастанд

Ин муҳаққиқон ҳам таъкид мекунанд, ки этикаи журналистӣ ва деонтология байни ҳам робитаи бевосита доранд, аммо этикаи журналистӣ дар низоми таълимоти журналистӣ кайҳост маълум аст ва омӯзонида мешавад, аммо деонтологияи журналистика мафҳуми нав аст ва тоза ба ин низом ворид шудааст, аз ин рӯ, он бояд мафҳуми хоси худро соҳиб буда, аз этикаи журналистӣ тафовут дошта бошад.

Дар идомаи сухан ин муҳаққиқони тоҷик аз нуктаи назари интиқодии муҳаққиқ Л.А. Винская ёдовар мешаванд, ки ӯ мегӯяд, деонтология бояд дар сатҳи зарурӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, ҳамчун фанни алоҳида ба низоми дарсҳои журналистӣ ворид шавад, зеро «деонтология системаи донишҳоест, ки робитаи мутақобилаи миёни инсонҳоро дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ фаро мегирад ва ин ҳақиқати бебаҳс аст, ки ҷомеаи журналистӣ ба унсурҳои худтанзимнамоӣ ҳамеша ниёз дорад» [361].

А.А. Абдуллоев ва А.Н. Нуралиев назари худро пешниҳод намуда, иброз медоранд, ки дар ҳақиқат, деонтология бояд чун равияи нав дар назарияи журналистика пазируфта шавад, зеро аз лиҳози мазмуну муҳтавои луғавӣ ва ихтисосӣ доираи васеи масъулиятҳоро дар бар мегирад. Онҳо аз шарҳу тавзеҳоти назариядони маъруф, профессор Е.П. Прохоров, ки моҳияти деонтологияи журналистика дар ҷудо намудан ва шарҳ додани ин қисматҳо: масъулияти иҷтимоии журналист, ҳуқуқи муаллифӣ дар журналистика, созмонҳои тахассусии журналистон мебинад, ёдовар шуда, назари худро изҳор менамоянд ва мегӯянд, этикаи журналистӣ ҳамчун як ҷузъи деонтологияи журналистика дар фаъолияти касбӣ нақши муҳими роҳнамоӣ дорад. Ҳамзамон, меафзоянд, ки адолат, виҷдон, шараф, хубӣ ва бадӣ аз мафҳумҳои аслие ҳастанд, ки маънии зиндагӣ дар онҳо нуҳуфтааст, аз ин рӯ, этика ва деонтология ҳамчун мафҳумҳои ҳаётӣ барои ҷомеа ниҳоят муҳим дониста мешаванд.

Ин муҳаққиқони тоҷик вазифаҳои деонтологии меъёрҳои этикаи касбии журналистро аз иҷрои вазифаҳои зерин иборат медонанд: дуруст баҳогузорӣ ва қазоват намудани мухолифатҳои касбии миёни журналистон, баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти касбӣ, таҳким бахшидани эътимоди аудитория ба матлабҳои журналистӣ.

Яке аз намунаҳои хубе, ки доир ба моҳият, пайдоиш ва ташаккули деонтологияи журналистика маълумоти зарурӣ медиҳад, таҷрибаи ҷомеаи журналистии Фаронса мебошад. Дар Фаронса инкишофи деонтологияи журналистика анъанаи қадим дорад. Зимнан, сарфи назар аз мавҷудияти кодексҳои миллӣ ва байналмилалии одоби касбӣ, дар кишвар ниҳоде вуҷуд надошт, ки риояи меъёрҳои ахлоқиро назорат кунад ва ҳолатҳои нақзи онҳо аз ҷониби рӯзноманигоронро нишон диҳад. Моҳи декабри соли 2019 чунин ниҳод таъсис ёфт: он Шурои деонтология ва миёнаравӣ мебошад. Тавре ки аз ҷониби созмондиҳандагон тарҳрезӣ шудааст, шурои мазкур барои барқарор кардани эътимоди аудитория ба ВАО ва мусоидат намудан дар ташаккули журналистикаи баландсифат пешбинӣ шудааст. Аммо бар хилофи ҳама

интизориҳо, пайдо шудани чунин Шуро дар ҷомеаи рӯзноманигорӣ парокандагӣ ба бор оварда ва онро ба ду қанот тақсим кард.

Воқеан, деонтологияи журналистика афсона аст ё воқеият? Оё дар ҷаҳони муосир, ки суръати интиқоли иттилоот аз сифати он бартарӣ дорад ва рӯзноманигорон дар пайи як ҳангома (сенсатсия) аксар вақт меъёрҳои ахлоқиро фаромӯш мекунанд, дар бораи одоби ягонаи касбӣ барои ҳама намуди ВАО ҳарф задан мумкин аст? Оё Шурои деонтология ва миёнаравӣ қодир аст боварии шунавандагонро ба рӯзноманигорон барқарор кунад? Бояд қайд кард, ки дар Фаронса меъёрҳои деонтологӣ хусусияти машваратӣ доранд, зеро онҳо қонунан муқаррар карда нашудаанд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо рӯзноманигорон хеле кам барои вайрон кардани одоби касбӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд ё аз кор озод карда мешаванд, дар муқоиса бо Иёлоти Муттаҳида, ки дар он ҷо ҳолатҳои аз кор озод кардани рӯзноманигорон, зиёда аз он, бидуни ҳуқуқи машғул шудан ба касби худ хеле маъмул аст.

«Риоя накардани кодекси ахлоқии рӯзноманигорон дар Фаронса чӣ оқибат дорад? Аз ҳама ҷиддӣ ин аз даст додани эътимоди аудитория мебошад, ки боиси аз даст додани таваҷҷуҳ ба ҳама гуна иттилооте, ки аз ВАО меояд, мегардад» [362].

Таваҷҷуҳ ба вазъи падидаҳои деонтологӣ дар Фаронса ба назари мо, барои он муҳим аст, ки кишваре бо чунин таҷрибаи ғании муносибат бо озодии баён ба масъалаҳои ахлоқию ҳуқуқии фаъолияти журналистӣ чӣ гуна бархӯрд менамояд: Сарфи назар аз маҷмуи дақиқи қоидаҳо барои касб, омилҳое аз қабили сиёсати таҳририяи нашрияи мушаххас, фишор аз ҷониби роҳбарият, дунболкунии ҳассосият, ба даст овардани маълумот бо ҳар роҳ, истифодаи манбаъҳои расман тасдиқнашуда, рақобат барои ба даст овардани ҳуқуқи аввалии нашри хабар риояи онҳоро зери хатар мегузоранд.

Сабабҳои дигари поин рафтани сатҳи эътимод ва таваҷҷуҳи аудитория ба расонаҳои суннатӣ низ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, аз ҳад зиёд гардидани шабакаҳои иттилоотӣ, ки интихоби бинандаҳоро душвор мегардонад; сифати пасти ахбор, аз ҷумла мавҷудияти хабарҳои қалбакӣ; тарзи пешниҳоди

маълумоте, ки боиси изтироб ё асабоният мегардад ва хоҳиши гузаштан ба шабакаи дигарро ба миён меорад; ба якдигар тақлид кардани ВАО, такрори як хабар; беасосу дархост миёнаравӣ кардан ба баъзе баҳсҳои иттилоотӣ; ниҳоят, пайдо шудани рақибони қавӣ ба ВАО-и анъанавӣ: расонаҳои мустақили алтернативӣ, инчунин шабакаҳои иҷтимоӣ, ки бахусус барои насли наврас манбаи асосии иттилоот гардидаанд.

Таҳлили сабабҳои паст шудани боварӣ ва шавқу ҳавас ба ахборот муҳаррирони расонаҳои фаронсавиро водор намуд, ки принсипҳои кори худро аз нав дида бароянд. Маълум шуд, ки пешниҳоди анъанавии иттилоот ба аудиторияи имрӯз мувофиқ нест, зарурати ба роҳ мондани муколама бо хонанда ва пайдо кардани механизмҳое ба вуҷуд омадааст, ки эътимод ва хоҳиши гирифтани иттилоотро на танҳо аз шаклҳои алтернативии ВАО, балки аз расонаҳои анъанавӣ низ зиёд мекунад.

Дар ҷустуҷӯи роҳҳои раҳоӣ аз буҳрон муҳаррирони якчанд расона тасмим гирифтанд, ки барои таҳияи барномаи нави фаъолият дар ҷараёни муколама бо аудитория, ки эътимоди онро ба ВАО барқарор мекунад, имкониятҳои худро муттаҳид намуда, «машваратҳои шаҳрвандӣ» ташкил намоянд.

Бо ҳамин мақсад шурои деонтология ва миёнаравӣ бо рӯзноманигорон таъсис дода шуд. Бояд гуфт, ки шурои мазкур мақоми сензуравӣ нест, зеро вай фикри худро баъди чопи мақола, телевизион ва радио баён мекунад ва ҳуқуқ надорад, ки ҷазои ҷиноятӣ, молиявӣ ва дигар навъи ҷазоҳоро муайян кунад.

Ҳамин тариқ, ин ниҳод дар ҳалли баҳсҳои байни рӯзноманигорон, ноширон ва аудитория ҳамчун миёнарав ва ҳакам амал мекунад. Ҳадафи он эҷоди фарҳанги рӯзноманигории ростқавл ва барқарор кардани эътимод ба ВАО тавассути муколама бо аудитория мебошад.

Намояндагони ин шуро рад намекунанд, ки дар баробари шикоятҳои асоснок алайҳи рӯзноманигорон, масалан, афроде ҳастанд, ки ба асли таҳқиқоти мустақили журналистӣ таваҷҷуҳ надоранд ва ҳадафи онҳо бадном кардани як рӯзноманигор аст. Аз ин рӯ, шуро ҳар як парвандаро бодиққат тафтиш мекунад ва шикоятҳои беасосро ба таври оммавӣ нашр мекунад, ки

дар ниҳоят ба муқобили худи бадномкунандагон бармегардад.

Сониян, шуро байни иттилооти ВАО, ки ба меъёрҳои касбӣ ҷавобгӯ аст ва баёни озод, ки мисли ҳама гуна бозии бидуни қоида ба чаҳорчӯби деонтологӣ мувофиқат намекунад, сарҳад муқаррар кардааст, ки хатари хабарҳои қалбакӣ ва тақаллуби афкори ҷомеаро пешгирӣ мекунад.

Шуро ба муколамаи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор: нашрияи ВАО-и таҳририявӣ ва иқтисодӣ, иттиҳодияҳои рӯзноманигорон, гурӯҳҳои мустақили таҳқиқотии журналистӣ, федератсияи нашрияи касбӣ, расонаҳо ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд.

Бо вуҷуди як қатор бартариҳое, ки ҷомеаи журналистӣ дар натиҷаи таъсиси шуро оид ба деонтология ва миёнаравӣ ба даст овард, бо вуҷуди ин маълум шуд, ки мухолифон нисбат ба ҷонибдорон бештар буданд; роҳбарони зиёда аз 20 расона ҳамроҳ шудан ба онро рад карданд. Намояндагони ин нашрияҳо дар номаи кушоди дастаҷамъонаи худ сабабҳои радди худро баён кардаанд, ки яке аз онҳо заминаи сиёсии таъсиси шуро аст.

Воқеан, камтар аз якуним сол баъд аз интихоб шудани Эммануэл Макрон ба мақоми президенти Ҷумҳурии Фаронса, 22 декабри соли 2018 қонун дар бораи мубориза бо сӯистифода аз иттилоот қабул шуд, ки дар ҷомеаи ин кишвар бо номи қонуни хабарҳои қалбакӣ маъруф аст. Гап дар сари он аст, ки қонуни нав имкон медиҳад, ки ҳангоми интихобот (президентӣ, парлумонӣ ё Парлумони Аврупо) тартиби тезонидашуда ҷорӣ карда шавад, ки дар он судя метавонад дар давоми 48 соат ҳама гуна маълумоти беасосро дурӯғ эътироф кунад ва барои паҳнкунандаи он ба ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар намояд.

Ин қонун шабакаҳои иҷтимоӣ аз қабили Фейсбук, Твиттер ва ғайраро муваззаф кардааст, ки принсипи шаффофиятро риоя кунанд, яъне бевосита нишон диҳанд, ки кадоме аз матолибро дар заминаи асосҳои тиҷоратӣ ҷойгир мекунанд. Илова бар ин, тибқи ин қонун, шурои телевизион метавонад фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи давлатҳои дигар ё расонаҳои таҳти таъсири хориҷа қарордошта, агар онҳо «барои дидаю дониста маълумоти бардурӯғро бо мақсади таъсир расонидан ба натиҷаи интихобот» паҳн кунанд,

боздорад.

Аз ин шарҳу тавзеҳот ба натиҷае расидан мумкин аст, ки деонтологияи журналистика ва этикаи журналистӣ мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд буда, чун идомаи мантиқии ҳамдигар дониста мешаванд. Аммо чун мафҳуми алоҳида, аз он ҷое, ки бунёдгузори он И. Бентам мегӯяд, деонтология нисбатан мушаххастар мегардад ва ба таври конкретӣ масъулияту вазифаҳоро муайян намуда, иҷрои онҳоро низ тариқи риояи дастурҳо роҳнамоӣ мекунад.

Муҳаққиқ Сангин Гулов дар яке аз мақолаҳояш менависад, ки ташаккули ахлоқи касбӣ ҷараёни зинда ва мудовим буда, аз масоили муҳимтарин фаъолияти журналистӣ мебошад. Ба хусус, дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, боло рафтани нақши ВАО, пайдоиши имкониятҳои нав дар дастрасӣ ба иттилоъ, марзнописандии иттилоъ ва монанди ин, дар баробари меъёрҳои ҳуқуқиву касбӣ, меъёрҳои этикиву ахлоқӣ хеле муҳим арзёбӣ мешаванд. Дар фаъолияти ҳаррӯзаи журналистон мо ҳар лаҳза ба муаммоҳои ҳуқуқӣ ва бештар этикӣ рӯ ба рӯ мешавем. Дар ҷараёни фаъолияти худ журналистон вазифадоранд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ва этикиро риоя кунанд: «Меъёрҳои ҳуқуқиро қонунгузориҳо муайян ва танзим мекунанд, аммо дар хусуси меъёрҳои этикиву ахлоқии фаъолияти журналистӣ андешаҳо гуногун ва ҳатто баъзан хилофи якдигаранд. Бо вуҷуди ин, аксарият меъёр ва принсипҳои ахлоқии фаъолияти журналистиро эътироф карда, онҳоро ҳатмӣ медонанд» [53, с.259].

Аз ин нуктаи назар ҳам ба натиҷае расидан мумкин аст, ки таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика яке аз мавзуъҳои муҳиммест, ки ҳамчун мавзуи алоҳида дар деонтологияи журналистика баррасӣ мешавад. Ба ифодаи дигар, ин ҷиҳат ҳам метавонад бозгӯи моҳияти деонтологияи журналистика бошад.

Дар робита ба ин андешаҳо як мисоли маълуми ҷомеаи журналистии мамлакатро, ки солҳо қабл буд, вале чун намунаи возеҳи падидаи деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик дониста мешавад, тазаккур додан мехоҳем.

Сухан атрофи баҳси судии Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким бо

ҳафтаномаи «Самак» аст, ки соли 2013 шуруъ шуда, то соли 2015 давом карда буд. Ҳамчун падидаи деонтологӣ ин баҳсро аз он ҷиҳат мешиносем, ки дар он меъёри касбӣ ва ахлоқии журналистика бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба бархӯрд дучор гардид ва дар натиҷа, раванди мурофиаи судӣ то ба ин муддат кашида шуд.

Баҳс аз он сар зад, ки ҳафтаномаи «Самак» матлаберо зери унвони «Зиёиёни бемушкили тоҷик ё чаро зиёиён дар мулоқот бо президент танҳо мадҳия мехонанд» [318] ба табъ расонид. Дар ин матлаб, ки хислати таҳлилӣ дошт, иштибоҳан ба ҷойи Иттифоқи рассомон Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон омадааст, ки шоири тоҷик дар замони нақли нависандаи матлаб раисии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба уҳда дошта, аз ин худро таҳқиршуда ҳисобида, аз идораи ҳафтанома тавассути даъвои судӣ 150 ҳазор сомонӣ ҷуброни зарари маънавӣ талаб намуд.

Ҳол он ки идораи нашрия дар шумораи дигар тасҳеҳ додааст, ки мо барои хатои техникии худ аз шоир ва адабиётшиноси маъруф узр мепурсем. Ҳамчунин, идораи нашрия ду маротиба раддияи худи Аскар Ҳакимро низ чоп кардааст, аммо бо гузашти се моҳ аз нашри мақола ва тасҳеҳу раддияҳо ба идораи нашрия аз суди ноҳияи Фирдавсии пойтахт нусхаи аризаи даъвогӣ мерасад.

Раванди ин баҳси судӣ ҷолиб аст. Инро аз матолиби сомонаҳое, ки он замонро мавзуъро пайгирӣ мекарданд, мушоҳида кардан мумкин аст: 24-уми сентябр дар нахустин мулоқоти додгоҳии масъулини нашрияи «Самак» бо намояндагони шоир, Аскар Ҳаким, додрас аз Аскар Ҳаким 1050 сомонӣ боҷи давлатӣ талаб намудааст. Дилшоди Абдулмаҷид, масъули ҳафтаномаи «Самак» дар суҳбат гуфтааст, додрас ба далели он, ки Аскар Ҳаким, даъвои рӯёнидани 150 ҳазор сомонӣ ҷуброни зарари маънавиро пеш гузоштааст, талаб кард, ки аз рӯи қонун бояд ҷониби даъвогар дар ҳаҷми 0,7 фоиз ҳаққи даъворо супорад: «Махфиратҷон Азимова, додраси Додгоҳи ноҳияи Фирдавсӣ талаб намуд, ки дар муддати 10 рӯз ҷониби Аскар Ҳаким ба буҷаи давлат 1050 сомонӣ боҷ супоранд ва танҳо баъд аз ин баррасии даъвои ӯ оғоз хоҳад шуд» [348].

7 октябр дар сомонаҳо чунин иттилоъ пайдо шуд: «имрӯз дар Додгоҳи ноҳияи Фирдавсӣ мурофиаи додгоҳии шикояти Аскар Ҳакимов бо ҳафтаномаи «Самак» баргузор шуд ва бинобар пардохт нашудани боҷи ҷарима, парванда қатъ карда шуд. Иноятулло Иноятов, вакили мудофеи нашрияи «Самак» рӯзи 7-уми октябр ба Радиои Озодӣ гуфт, ки дар мурофиаи имрӯз, додгоҳи Фирдавсӣ бо назардошти он ки шоир маблағи 1050 сомонии боҷи давлатиро бар рӯи даъвои 150 ҳазор сомонааш алайҳи ҳафтаномаи «Самак» пардохт накард, ин парвандаро қатъ кард» [358].

Даҳ рӯз қабл додгоҳи ноҳияи Фирдавсӣ ба ҷониби даъвогар шоир Аскар Ҳаким муҳлат дода буд, ки андози 1050 сомониро пардохт кунад, вале бо гузашти муҳлат ин маблағ пардохта нашуд ва бо назардошти ин, парванда аз истеҳсолот гирифта шудааст.

Вале бо сипарӣ шудани қариб ду сол ин баҳс дубора рӯ зада, додгоҳи ноҳияи Фирдавсӣ ҳафтаномаи «Самак» ва рӯзноманигори он Шаҳбози Нурро ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ ҷарима кард. Аммо сармуҳаррири ҳафтанома мегӯяд, ки ба ин қарор розӣ нестанд: «Ҷасур Абдуллоев, сардабири ҳафтаномаи «Самак» 16 март гуфтааст, мурофиаи додгоҳие, ки бо даъвои Аскар Ҳаким аз болои ҳафтаномаи «Самак» дар додгоҳи Фирдавсӣ идома дошт, ҳафтанома ва муалифи мақоларо 10 ҳазор сомонӣ ҷарима кард. Абдуллоев афзудааст, ба ҳалномаи додгоҳи Фирдавсӣ розӣ шуда наметавонанд ва алайҳи он ба зинаи болоии додгоҳӣ шикоят хоҳад бурд».

Дар раванди баҳс вакили мудофеи нашрия низ бо хабарнигорон суҳбат карда, изҳор доштааст, ки «даъвои шоир Аскар Ҳаким барои маҳдуд кардани озодии сухан нигаронида шудааст. Мақолаи «Зиёиёни бе мушкили тоҷик» мақолаи таҳлилӣ-танқидӣ буда, дар он ягон иттилооти бардурӯғ ва пастзанандаи шаъну шараф вуҷуд надорад ва нашри он ба даъвогар ягон намуд зарари маънавӣ нарасондааст» [395].

Натиҷаи ин баҳси судӣ он шуд, ки идораи нашрия аз болои қарори суди ноҳияи Фирдавсӣ ба зинаи болоӣ шикоят бурд ва зинаи болоии суд дар асоси вақҳҳои вакили ҳимоятгари идораи нашрия ба суди ноҳияи Фирдавсӣ барои аз

нав дида баромадани қазия кӯшиш намуда, ҳама асосҳо ва паҳлуҳоро ба инобат гирад.

Суди ноҳияи Фирдавсӣ низ дубора ба ин баҳси судӣ таваҷҷуҳ намуда, дар бораи беҳаракат монондани баҳс ба даъвогар хабар дод ва ба ӯ маълумот пешниҳод намуд, ки дар асоси қонун, дар муҳлати муайян метавонад ба зинаи болоии суд мурочиат намояд. Дар ин муҳлат даъвогар шикоят накард, ҳамин тавр, бинобар сабаби гузаштани муҳлати даъво парвандаи мазкур аз истеҳсолоти судӣ гирифта шуд.

Дар ин баҳси судӣ, ки муфассал тазаккур додем, паҳлуҳои гуногуни падидаҳои деонтологӣ ба таври амалӣ дар журналистикаи тоҷик намудор мегардад; аввалан, нозукии масъалаҳои касбӣ ва ахлоқии журналистика, ки ҳангоми фаъолият ба инобат гирифтани онҳо ҳатмист.

Дар мисоли ҳамин баҳс, ки мувофиқи қоидаи маъмул дар журналистика, тасҳеҳи идораи ВАО ва ё нашри раддия худ нишони итмоми баҳс аст, яъне, зарурати идомаи он нест, чун масъала ҳал мешавад.

Шоистаи зикр аст, ин ҳатто муқаррароти қонунӣ ҳам ҳаст, ки идораи нашрияро вазифадор мекунад, тасҳеҳ диҳад ва ё раддияро дар муҳлати муайян ба нашр расонад.

Ба назари мо, зуҳуроти равшани деонтологияро дар муносибат бо Интернет низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои ахлоқӣ дар ин шабакаи умумиҷаҳонӣ ба миён омадааст.

Ҷомеаи шаҳрвандии мамлакат ва ё ба ифодаи дигар, ҷомеаи иттилоотии рақамӣ ба ин масъала солҳо қабл – соли 2013 таваҷҷуҳ намуда, таъкид карда буд, ки «мо аъзои ҷомеаи иттилоотии рақамӣ одобномаи шаҳрванди электрониро пазируфта, бар онем, ки меъёрҳои одоби ҳаёти воқеӣ дар ҳаёти виртуалӣ ҳам бояд пурра риоя гарданд. Меъёрҳои ҳамин одобнома ҳам дар муошират бо телефони ҳамроҳ (мобилӣ) ва ҳам дар шабакаи умумиҷаҳонии Интернет татбиқ мегарданд. Шакли кӯтоҳшудаи номи санади мазкур ЭТИКет аст, ки аз калимаҳои «мобикэт», «нетикэт», ки дар маҷмуъ одоб ё этикети дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК)-ро ифода

менамоянд, таркиб ёфтааст» [386].

Тарҳи Одобномаи шаҳрванди электронӣ аз 20 банд иборат аст: 1. Манфиатҳои ҷамъиятӣ ҳангоми истифода ва татбиқи ТИК ҳамеша бояд ба назар гирифта шавад. 2. Эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ дар фазои виртуалӣ шарт ва заруранд. 3. Риояи меъёрҳои забони давлатӣ ва арзишҳои миллӣ дар фазои виртуалӣ зарур аст. 4. Пахши расму наворҳои фаҳшомез ва дорои хусусияти порнографӣ норавост. 5. Таблиғу тарғиби терроризм бо тамоми зуҳуроташ ба воситаи ТИК норавост. 6. Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғон ва шахсони имконияташон маҳдуд вазифаи афзалиятнок дар фазои ТИК мебошад. 7. Истифодаи ТИК барои таъқиб, таҳқир, туҳмат, иғво, воҳима, ғаразварзӣ, маҳалгароӣ ва дигар амалҳои нораво ғайри қобили қабул аст. 8. Табъизи миллӣ, забонӣ, динӣ, нажодӣ ва ҷинсӣ дар фазои виртуалӣ раво нест. 9. Эҳтироми моликияти зеҳнӣ ҳатмӣ буда, бо истифода аз ТИК асардуздӣ раво нест. 10. Одоби муошират ҳангоми истифодаи ТИК бояд риоя гардад; муошират дурударози безарурат, истифодаи садоҳои гӯшхарош, суханони қабеҳу беодобона ва баланд гӯш кардани мусиқӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ раво нест. 11. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бояд тарзе истифода шаванд, ки ба фароғати дигарон халал ва ба саломатии онҳо зарар нарасонанд. 12. Аз таҷҳизот ва воситаҳои технологии дигарон бе иҷозат истифода бурдан беодобист. 13. Маълумоти инфиродии ҳар шахс дар фазои виртуалӣ дахлнопазир буда, истифодаи беиҷозати он норавост. 14. Сухан ва иттилооти шахси дигарро таҳриф кардан норавост. 15. Шарҳи беодобонаи андешаи дигарон ва посухи беодобона ба он қобили қабул нест. 16. Ба воситаи ТИК ҳарзанома (спам) фиристодан ҷоиз нест. 17. Сӯиистифода аз донишу малакаи нокифояи технологию иттилоотии дигарон норавост. 18. Истифодабарандаи ТИК барои маълумоти интишоркардаи худ масъул мебошад. 19. Истифодабарандаи ТИК барои риоя намудани одоб дар фазои виртуалӣ масъул аст. 20. Волидайн дар истифодаи ТИК аз ҷониби фарзандони ноболиғ масъул мебошанд.

Асомуддин Атоев, раиси Анҷумани фароҳамкунандагони Интернет дар Тоҷикистон ҳадаф аз таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи «Одобномаи шаҳрванди электронӣ»-ро ҳалли мушкили заифии фарҳанги иттилоотии ҷомеа унвон кард, ки ба гуфтаи вай дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳақорату таҳқири истифодабарандагон як амри маъмулӣ шудааст. Ӯ аз он изҳори нигаронӣ кард, ки бо он, ки алфози қабеҳ дар кӯчаву хиёбонҳо муқаррарист, аммо бо фарогир шудани Интернет ин падидаи номатлуб рӯи саҳна баромад: Ин чиз аз ҳаёти воқеии мо рӯйи шабакаи интернет баромад. Як шабакае, ки ҳама ҷоро фарогир аст ва онро ҳама дида метавонад. Сипас он чораҳое, ки бисёр маъмул гарштаанд, бастани сайтҳо. Бо вуҷуди он, ки ин амалҳо ғайриқонуниянд, аммо он ба ҳукми анъана даромадааст». Асомуддин Атоев аз он изҳори нигаронӣ кард, ки бо он, ки алфози қабеҳ дар кӯчаву хиёбонҳо муқаррарист, аммо бо фарогир шудани Интернет ин падидаи номатлуб рӯи саҳна баромад: «Ин чиз аз ҳаёти воқеии мо рӯйи шабакаи интернет баромад. Як шабакае, ки ҳама ҷоро фарогир аст ва онро ҳама дида метавонад. Сипас он чораҳое, ки бисёр маъмул гарштаанд, бастани сайтҳо. Бо вуҷуди он, ки ин амалҳо ғайриқонуниянд, аммо он ба ҳукми анъана даромадааст. Бо таваҷҷуҳ ба коста шудани фарҳанги истифодабарии Интернет аз сӯи муштариён, бештари ширкатдорони ҳамоиш ба ҳар чӣ зудтар қабул шудани «Одобномаи шаҳрванди электронӣ» таъкид карданд. Ин аст, ки Хилватшоҳи Маҳмуд, мудири гурӯҳи расонаҳои «Озодагон» қабули ин лоиҳаро қадаме ба сӯй ҷомеаи мутамаддини электронӣ унвон кард. Ҷаноби Маҳмуд муътақид аст, ки дар сурати қабул шудани ин «Одобнома», озодии баён нақз нахоҳад шуд. Вай мегӯяд, «Ҳануз ҳам дар ҷомеа ё фазои вертуалӣ ашхоси гумном ё фейкҳо фаъолият мекунанд, ки ҷомеаро ба гумроҳӣ мебаранд. Ҳар гуна баҳсҳои нозарурро ба ҷомеа мегузоранду ба таҳқиру таҳвини шахсиятҳои гуногун даст мезананд.

Яке аз нахустин назарияҳо дар бораи ҷомеаи шабакавӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ба миён омад. Муаллифи яке аз ин назарияҳо, ҷомеашиноси испанӣ Кастелие мегӯяд, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) боиси тағйир ёфтани муносибатҳои бесобиқа дар

ҷомеаи башарӣ шуд.

Ин андешаи Кастелие дар миёни коршиносони бисёр кишварҳо ҳамовозӣ ёфт, зеро ба фикри ағлаб, инсонҳо шабакаҳои иҷтимоиро месозанд ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дар навбати худ, аз фазои маҷозӣ ба ҳаёти воқеӣ баромада, ба инсонҳо таъсир мерасонанд ва онҳоро тағйир медиҳанд. Аммо нахустин бор қоидаҳои одоби рақамиро дар фазои маҷозӣ соли 1994 Вирҷиния Ши дар китоби худ «Нетикет» иброз дошт, ки он аз 10 банд иборат буд ва ин бандҳо минбаъд дар одобномаҳои кишварҳои зиёди ҷаҳон истифода шуданд.

Ба назари мо, тавре аз ин маълумотҳо бармеояд, таваҷҷуҳ ба одобномаи интернетӣ аз оғози оммавияти он вуҷуд дошт ва имрӯз ин зарурат равшантар ба назар мерасад, зеро бархӯрди муносибатҳо дар сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ гувоҳи онанд, ки ба муназзими рафтор ҳамеша эҳтиёҷ ҳаст. Аслан, пешрафти технологияи навин ва ҷорӣ гардидани дар раванди фаъолияти журналистӣ низ махсусиятҳои худро дорад, ки ба таври табиӣ ҷанбаҳои мусбат ва манфӣ пайдо мекунанд ва ин самтҳо ба масъалаи ахлоқи касбӣ низ бевосита алоқаманд мегарданд.

Муҳаққиқ Олга Смирнова ҳам ба он назар аст, ки рақамисозӣ, сарфи назар аз имкониятҳои азими он, як мушкили бузург, имтиҳони ҷиддӣ ба журналистикаи касбӣ ва пеш аз ҳама, барои ахлоқи касбии журналист мебошад. Дар шароити рақамисозӣ сарҳадҳои касб норавшан мешаванд, ҳама метавонанд дар омодасозӣ ва ҷойгиркунии мундариҷа дар фазои рақамӣ ширкат кунанд, аз ҷумла ғайрикасбиҳо, ки ҳатто дар бораи принсипҳои касбӣ, ахлоқӣ, масъулият барои фаъолияти худ ва таъсире, ки онҳо метавонанд ба вуҷуд оваранд, тасаввурот надоранд. Дар ин ҳолат рақобат байни мутахассисон ва ғайрикасбиҳо ба вуҷуд меояд, ки дар он ғайрикасбиҳо ба воситаи «усулҳои ғайри варзишӣ»: фаврият, ҳассосият ва дигар имкониятҳои муосир, бидуни ба эътибор гирифтани принсипҳои касбӣ ва ахлоқӣ амал карда, диққати тамошобинонро бештар ҷалб менамоянд ва гӯё дар ин рақобат ғолиб меоянд. Аммо мутахассисон бо вуҷуди дар рақобат будан, боз ҳам ба принсипҳои касбӣ ва меъёрҳои ахлоқии касби худ созиш мекунанд. Ин боиси

коҳиши талабот ба худ ва кори худ ва дар натиҷа, коҳиши эътимод ба журналистика мегардад, зеро аудитория дар чунин ҳолат намедонад, ки матолиби пешниҳодшуда чӣ тавр аст, ҳатто аксар вақт наметавонад дарк намояд, ки маълумоти аз ҷиҳати касбӣ омодашуда ва аз ҷиҳати ахлоқӣ тасдиқшуда дар куҷост ва матолиби қалбакию бешармона дар куҷо аст.

Ба назари мо, хуб аст, ки бо вуҷуди дар шароити рушди имкониятҳои техникӣ дар рақобати носолим қарор доштан рӯзноманигорони касбӣ боз ҳам ба принсипҳои касбӣ ва меъёрҳои ахлоқии касби худ садоқат нишон медиҳанд ва барои риояи онҳо кӯшиш менамоянд; яке аз навъҳои зуҳуроти деонтологиро дар ҳамин маврид низ мушоҳида кардан мумкин аст, зеро ин ҷо масъалаи шинохти меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ, тафовути онҳо аз ҳамдигар арзи вуҷуд мекунад, ки барои ғайрикасбиҳо бехабарӣ аз ин махсусиятҳои касбӣ осон ба охир намерасад.

Муҳаққиқ Галина Лазутина ҳамчун коршиноси Шурои (коллегияи) ҷамъиятии шикоятҳо алайҳи матбуоти Русия дар ин бобат андешаҳои арзишманд дорад. Ӯ дар посух ба суоли он ки оё дар наворҳое, ки тавассути интернет паҳн мешаванд, меъёрҳои ахлоқи касбии журналист бояд риоя шаванд ё на, менависад, ҷустуҷӯи ҷавоб бори дигар ин мушоҳидаҳоро тасдиқ мекунад: масъалаҳои ихтилофии ахлоқии муосирро аксар ҳолат бо ҳамин сабаб таҳлил кардан душвор аст, ки меъёри арзёбии онҳо дигаргуна аст; меъёри арзёбии маводди матбуот меъёрҳои одоби касбии рӯзноманигор аст, аммо феълан дар Интернет иттилооти дорои хусусияти гуногуншакл, аз ҷумла маълумоте, ки умуман ба журналистика дахл надорад, паҳн мешавад, вале дар ҳар ҳамин ҳол ҳам, аз болои ин матнҳо шикоятҳо ворид мегарданд. Ин чунин маъно дорад, ки имкониятҳои технологии инқилоби рақамӣ майдони паҳнсозиро тавассути Интернет барои ҳама нуктаҳои назар, аз нигоҳи ҳадаф ва мазмун аз ҳам тафовути куллӣ доранд, фароҳам сохтааст. Дар байни ин муаллифон рӯзноманигорони касбӣ, блогнависоне, ки бо ангезаҳои гуногун дар ташаккули муошират оммавӣ саҳм доранд, мансабдорон, фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳатто онҳое ҳастанд, ки суҳбат кардан ва худро нишон

доданро дӯст медоранд.

Аз ин ҷост, ки Интернет пур аз матлаб аст ва бисёре аз онҳо хатарноканд, зеро онҳо метавонанд тасаввуроти ҷомеаро дар бораи ҳодисаҳои рухдода ба самти нодуруст баранд. Дар ин ҳолат проблема пайдо мешавад: меъёрҳои ахлоқие, ки рӯзноманигории касбӣ барои таъмини эътимоднокии гузоришҳои худ таҳия кардааст, ба аксари иттилооти интернетӣ мувофиқат намекунад, чун фазои расонаӣ барои аудиторияи васеъ ва иштирокчиёни сершумор боз шуда, як навъ ба тантанаи озодии баён табдил ёфтааст ва дар ин шароит на ҳамаи онҳое, ки дар ин фазо ҳастанд, омодаанд, ки ба танзими мустақилонаи рафтори худ тибқи ягон қоида таваҷҷуҳ кунанд, аз ин рӯ, дар назди қонун онҳо аз ҳар гуна хатар эмин нестанд. Дар чунин вазъият аъзои Шурои ҷамъиятӣ доир ба шикоятҳо алайҳи матбуот дар бораи ҷустуҷӯи роҳи халосӣ фикр накарда наметавонист: «ҳамин тариқ, ғояи ба ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи Шуро – Стандартҳои ахлоқии ВАО ворид кардани як қатор меъёрҳое ба вуҷуд омад, ки ба корбарони шабакаи Интернет риояи қоидаҳои муайяни рафторро дар муҳити рақамӣ тавсия медиҳанд» [135, с. 6].

Мо ҳам ба ин назари муҳаққиқи маъруфи самти этикаи касбии журналист Г.Лазутина мувофиқем, ки ғояи мазкур, яъне риояи меъёрҳои мушаххаси ахлоқӣ дар фазои боз барои ҳама муҳим аст: ҳам барои муаллифони матнҳои ҳаваскор ва ҳам барои аудиторияе, ки ба муҳокимаи онҳо мебароянд ва ҳам барои тамоми ҷомеа, чунки ҷомеа бояд аз хатари гумроҳшавӣ ҳифз карда шавад; барои ин зарур аст, ки муҳити интернет маҳсулнокии ғояҳоро дида, доир ба манфиатҳои умумӣ андеша намояд.

Аз ин андешаҳо, ки чун идомаи мантиқии ҳамдигар зарурати таҳияи одобномаи шаҳрванди электронӣ ва ногузирии риояи онро тақозо менамоянд, ба натиҷае расидан мумкин аст, ки имрӯз ба ин нуктаи муҳим таваҷҷуҳи хос мебояд.

Меъёрҳои ахлоқи касбии журналист чун муҳимтарин ҷузъи фаъолияти касбии ӯ ҳамеша ва дар ҳама маврид дар мадди назар буд, ҳаст ва хоҳад монд. Ин айниятест, ки борҳо ва борҳо собит шудааст. Ба он хотир мо ин ҳолатро

айният ном мебарем, ки дар ҳама гуна баҳсҳо ва муносибатҳои мубоҳисанок ҳатман аз мавҷуд будан ва сарфи назар гардидани меъёрҳои ахлоқӣ ва махсусан, меъёрҳои ахлоқи касбӣ ёд мешавад.

Аз ҳамин ҷост, ки муҳаққиқон ҳам ба ин ҷанбаи муҳим ишора ва таъкидҳо мекунанд. Ин таъкидҳо агар аз як ҷониб нишони зарурати ҳамешагии меъёрҳои ахлоқӣ бошанд, аз тарафи дигар мавҷуд будани ҳамин заруратро собит менамоянд, зеро тавре гуфтем, дар масъалаҳои мубоҳисаомез аввалин нуктае, ки хотиррасон мешавад, ахлоқ аст. Аз ин ҷост, ки ахлоқ ва меъёрҳои он чун мавзуъҳои мубрам арзи вуҷуд карда, боқӣ мемонанд.

Ин зарурат беҳуда нест, зеро ин ҳама таъкид ба хотири пешгирии ҳолатҳои баҳсбарангез ва роҳ додан ба нофаҳмиҳо аст. Аз ин нигоҳ, агар ба моҳияти меъёрҳои ахлоқӣ назар афканем, тақозои муҳимми онҳо пешорӯ қарор мегирад, ки ин таҳияи матлаби боэътимод мебошад. Яъне, вақте матлаби шоистаи эътимод пешниҳод шуд, ҳеҷ зарурате ба нофаҳмӣ намемонад.

Воқеан ҳам, меъёрҳои ахлоқии касбии журналист ҳамчун ҷузъи таркибии асосҳои журналистика барои эътимодбахш баромадани матлаби журналистӣ ниҳоят нақши барҷаста доранд. Омӯзиши вазъи равонии ҷомеа, дуруст муносибат намудан бо психологияи одамон, баёни афкори солим барои тақвияти мавқеъ, бо далелҳо собит намудани фикр, ба таври воқеӣ муносибат кардан, дарёфти асли моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ низ ба боварибахш гардидани матлаб мусоидат мекунанд, вале мо мехоҳем ба яке аз ин омилҳо – риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ бештар таваҷҷуҳ намоем.

Қабл аз баррасии омилҳо ба таври мушаххас моҳияти эътимоднокии матлаби журналистиро баён кардан мехоҳем. Дар ин маврид танҳо зикри он ки воситаҳои ахбор наметавонанд бидуни эътимоднокии матолибашон мавқее дар ҷомеа пайдо кунанд ва мондагору хотирмон бошанд, кифоя аст.

Муҳиммият, нозукӣ ва ҷолиби диққат, омили муҳимми комёбӣ будани меъёрҳои ахлоқи касбии журналистро он ҷиҳат бештар аён месозад, ки онҳо ҳам талаботи касбӣ ва ҳам меъёрҳои ҳуқуқиро аз дидгоҳи ахлоқ мавриди

баррасӣ ва инъикос қарор медиҳанд, зеро ин меъёрҳо бо кор гирифтан ба фитрати инсон, дар такя ба он журналистонро водор месозанд, ки ба садои виҷдони худ гӯш диҳанд, моҳияти фаъолияти касбии худро бори дигар пеши назар оранд ва баъдан амал кунанд.

Бо мисолҳои мушаххас аз шабакаҳои иҷтимоӣ вазъи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбиро мавриди баррасӣ қарор додан мехоҳем. Ҳангоми баррасӣ ба он ҷиҳат асосан таваҷҷуҳ мекунем, ки рӯзноманигорон то кадом андоза ба меъёрҳои ахлоқи инсонӣ ва касбӣ диққат мекунанд ва барои риояи онҳо кӯшиш менамоянд, зеро рушди василаҳои технологии замони муосир, имкониятҳои фаровони шабакаҳои иҷтимоӣ нақши корбаронро хеле барҷаста гардонида, дар баъзан маврид имконияте медиҳад, ки ҳар нафар худро гӯё рӯзноманигор тасаввур кунад ва ибрози ақида намуда, ҳатто ба майдони баҳс ворид шавад.

Чун мавриди сухан аст, ин нуктаро таъкид кардан мехоҳем, ки мутаассифона, имрӯзҳо дар фазои тоҷикии шабакаҳои иҷтимоӣ бархе нафароне пайдо мешаванд, ки майдони фарохи шабакаҳои иҷтимоиро макони худнамоӣ ва таблиғи худ бо амалҳои ғайриахлоқӣ ва бадахлоқона медонанд ва ҳар гуна ки мехоҳанд, сурату навор мегузоранд. Ин ҳама ба ахлоқи ҷомеа бетаъсир нест.

Бисёр хуб аст, ки мақомоти дахлдор, асосан раёсати корҳои дохилии пойтахт ва вилоятҳо саривақт ба ин гуна наворҳо вокуниш менамоянд, ин гуна нафаронро, ки киордорҳои ғайриахлоқӣ доштанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб мекунанд ва муҳимтар аз ҳама, тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ нодуруст, ғайриахлоқӣ ва ғайриқонунӣ будани чунин амалҳоро ба онҳо мефаҳмонанд, то дигарбора такрор накунанд. Аз нигоҳи мо, ин бисёр муҳим аст, зеро таъмини низому тартибот дар ҷомеа аз мавҷуд будани сатҳи баланди ахлоқӣ сарчашма мегирад ва ахлоқ ҳифз мешавад, ки ҷомеа ҳам бонизом пеш хоҳад рафт.

Муҳиммияти меъёри ахлоқ аст, ки он ҳатто дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин санади олии ҳуқуқӣ ҷой дорад. Дар банди сеюми моддаи 14-и Конститутсия омадааст: Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд

танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Яъне, ҳимояи ахлоқи ҷомеа дар қатори мафҳумҳои асосии давлатдорӣ, ба монанди асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, тамомияти арзӣ ниҳоят муҳим дониста мешавад.

Ба назари мо, ин меъёри муҳим нишони мақому эътибори бамаротиб болои Конститутсияи кишвари соҳибистиқлоли мо мебошад, зеро ба ҳар яки мо маълум аст, ки санади олии ҳуқуқии кишвари мо бо меъёрҳои инсонпарваронаи худ дар даҳгонаи беҳтарин конститутсияҳои дунё қарор дорад.

Меъёри мазкурро низ мо дорои чунин хусусият медонем, чунки ҳимояи ахлоқи ҷомеа ба хотири эҳтироми шахсият ва ҳуқуқу озодиҳои дигар аъзои ҷомеа ба роҳ монда мешавад; нозукии масъалаи ахлоқӣ дар он ифода меёбад, ки кирдори ғайриахлоқии як нафар ба дигарон таъсири манфии равонӣ мегузорад ва онҳо худро ҳамчун инсон таҳқиршуда меҳисобанд, аз ин рӯ, рафтори дилхоҳи як нафар наметавонад ҳамчун озодии ӯ дониста шавад, чун ин озодӣ омили баҳамзанандаи руҳияи дигарон ва ҳамин тавр, низоми ҷомеа мегардад.

Аз ин муҳокимаҳо ба натиҷае мерасем, ки амалҳои мақомоти дахлдори мо барои ҳифзи ахлоқи ҷомеа комилан дурусту мантиқӣ ва ҳатто муҳиму саривақтӣ мебошад, чун моҳияти озодӣ ва имкониятҳои фаровони шабакаҳои иҷтимоиро бархеҳо нодуруст мефаҳманд ва ба таври худ аз онҳо истифода кардан мехоҳанд. Аз ин нуктаи назар, вазъи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи инсонӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хуб аст, зеро ахлоқи ҷомеа назорат ва ҳифз мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар аксар ҳолат ин чораҷӯиҳо натиҷадоранд, яъне аз такрор шудани чунин амалҳо аз ҷониби шахсони дигар пешгирӣ мекунанд ва барои тозагии ахлоқии муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

Дар баробари ин, мо ба як масъалаи муҳимми тахассусӣ таваҷҷуҳ намудан мехоҳем. Ин масъала муносибати рӯзноманигорон бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Таври маълум, рӯзноманигорон ҳамеша дар ҳама ҳолат пешсафанд, чун тақозои касбашон ҳамин аст. Дар масъалаи муносибат бо шабакаҳои иҷтимоӣ низ ин суханро гуфтан мумкин аст, зеро онҳо аз корбарони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ ба шумор мераванд, ҳамон фаъолияти бевоситае, ки дар расонаҳо доранд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба миён мегузоранд, инчунин, дар саҳифаҳои худ мавзуъ ва масъалаҳои гуногунро ба миён мегузоранд, дар атрофи онҳо мунозираҳо ташкил мекунанд ва монанди ин фаъолиятҳои назаррас доранд, ки тавассути онҳо корбарони зиёдеро фаро мегиранд.

Дар намунаи мисоли мушаххас ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор медиҳем; моҳи декабри соли сипаришуда мулоқоти президенти Федератсияи Русия бо рӯзноманигорон ва саволу ҷавобҳо бо ӯ чун анъана баргузор гардид. Дар ин мулоқот як журналисти тоҷик Шамсиддин Бобоев ҳам чун намояндаи яке аз расонаҳои мустақили фазои иттилоотии кишвар – «СССР» ширкат намуд ва бо як суол ба сарвари давлати Русия мурочиат кард. Шоистаи зикр аст, ки ин мулоқот дар ҳамон шабу рӯзе баргузор гардид, ки як навраси 10 солаи тоҷик аз ҷониби як ҷавони 17 солаи рус дар заминаи ҳиссиёти миллатгароӣ ба қатл расид. Аз ҳамин ҷиҳат, иштироки журналисти тоҷик ва суолгузориаш мавриди баҳсу маҳкумкуниҳо қарор гирифт, зеро тарзи мурочиат, саволи ӯ ва пешниҳоди он ба корбарони шабакаи иҷтимоии Фейсбук, асосан рӯзноманигорон аслан қобили пазироӣ набуд ва онҳо аз ба таври шадид журналист ва нашрияеро, ки ӯ намояндагӣ мекард, мавриди интиқод қарор доданд; гуфтанист, ин интиқодҳо баъзан хислати таҳқиромез низ доштанд.

Ин баҳсҳо хеле фарох гардиданд, якчанд журналистони шинохта, ки саҳифаҳояшон хонандаи зиёде дорад, аз номи худ ба ин иштироку суолдиҳӣ вокуниш карданд, журналистро маҳкум карданд, дар ин баробар корбарони

зиёде дар шарҳи ин навиштаҳо назари худро баён намуда, масъаларо хеле густурда гардониданд.

Дар навбати худ сармуҳаррири ҳафтаномаи «СССР» низ ба хотири ҷилавгирӣ аз ин бархӯрдҳои шадид ҳатто мукотибаи шахсиро бо ин корманди худ ба иштирок гузошт, вале корбарон дигар чизеро ба инобат гирифтан намехостанд. Масъала аз доираи шахсияти журналист берун шуда, паҳлуҳои дигарро фаро гирифт ва чандин рӯз мавриди баҳсу муҳокимаҳо қарор дошт.

Аз нигоҳи мо, ин масъала пурра масъалаи ахлоқӣ буд; воқеан ҳам, чанде аз рӯзноманигороне, ки аз ин журналист интиқод карданд, ҳақ буданд, зеро бидуни таҳқири шахсияти ӯ, бо далелҳо аз суханронӣ ва суолгузориашро танқид карданд. Чун масъала хеле густурда гардида буд ва роҳбарияти нашрияи «СССР» ҳам дар ҷараёни он ҳама муҳокимаҳо қарор дошт, борҳо вокуниш кард, ҳатто фармоиши муҷозоти ин намояндаи худро пешниҳод кард, вале корбарони дигар ин ҳамаро сарфи назар мекарданд.

Иброз намудем, ки ин масъала пурра ахлоқӣ буд ва мо асосан ба муносибатҳои журналистон таваҷҷуҳ мекунем. Аз нигоҳи мо, мавқеи сардабири нашрия аз нигоҳи ахлоқӣ комилан дуруст буд, зеро ӯ интиқоди ҳамкасбонро қабул дошт, барои фаҳмотар шудани мавзуъ чанд маротиба кӯшиш кард ва гилаи ҷиддие аз ҳамкасбон дошт, ки мо ҳам ба он мувофиқем; ӯ худсафедкунӣ накарда, ба ҳамкасбон муроҷиат намуд, ки саҳифаҳояшонро назорат кунанд, таҳқири шахсиятро роҳ надиҳанд, вале ин амал ба пуррагӣ иҷро нашуд, аз ин рӯ, масъала ҳам аз нигоҳи касбӣ ва ҳам ахлоқи касбӣ бештар печида гардид.

Ҳамин ҷо масъалаи нозуки касбию ахлоқӣ ба миён омад, ки бояд ҷомеаи журналистӣ ба он вокуниши воқеӣ нишон медод; ин амал қисман анҷом дод шуд, вале пурра набуд. Ин ҳолат вазъи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбиро дар шабакаҳои иҷтимоӣ баёнгар аст: майдони фарохи шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки мавқеъҳо баён карда шаванд, вокунишҳо сурат гиранд. Хуб аст, ки дар мавридҳои муқаррарӣ баҳсҳо оромона ҷараён мегиранд, вале печидагии вазъият, ба ҳам омадани рӯйдодҳои ба ҳам таъсиргузор ба масъала

ранги дигар мебахшанд. (Яъне, вазъияти он иштирокчиро аз ҳар нигоҳ ба назар гирифтан лозим буд ва ба дигар корбароне, ки шадидан дар мисоли як нафар журналистонро медиданду изҳори назар мекарданд, ҳолатро фаҳмонидани журналистони дигар нишони ҳамраъйии касбӣ буд).

Ба назари мо, муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ, зарурати ба эътибор гирифтани онҳо, таваҷҷуҳ намудан ба онҳо дар чунин мавридҳои ҳассос бештар ба назар мерасанд ва асолати касбиро ба миён гузошта, садоқат ба онро тарғиб мекунанд.

Ин мавзуе, ки баррасӣ гардид, аз нигоҳи мо, ҷанбаи деонтологӣ ҳам дорад, зеро вақте масъала ба таври оммавӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз нигоҳи ахлоқӣ муҳокима мешавад, табиист, меъёрҳои ҳуқуқӣ низ вайрон мешаванд, корбарон ба эҳсосот дода шуда, ҳар гуна суханҳо менависанд, вале аз натиҷаи он намеандешанд, ки метавонад оқибати ҳуқуқӣ дошта бошанд.

Як масъалаи дигар, ки ба назари мо, чун зуҳуроти деонтологӣ дониста мешавад, аз ҷониби расонаҳо ба сифати сарчашмаи ахбор дониста шудани маълумоти аз ҷониби шахсиятҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳнгардида мебошад.

Масалан, 16 октябри соли 2024 муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Мирхоҷа дар саҳифаи худ дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук бахшида ба зодрӯзи раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим матни табрикотии шӯхиомезе ба ин мазмун навишт, ки имрӯз дар иттифоқ ҷаласаи навбатӣ баргузор гардид ва аъзои раёсат ба хулосае омад, ки осори устод Нозим Қосим барои дарёфти ҷоизаи Нобел пешниҳод шавад ва ҳамзамон, муҳлати раисии ӯ ба Иттифоқии нависандагон то соли 2040 тамдид гардад.

Матни мазкур ҳамчун сарчашмаи маълумот аз ҷониби сомонаҳои ду расонаи дар фазои иттилоотии кишвар шинохташуда – Азия-плюс ва Тоҷикистон (пресса.тҷ) дониста шуд ва онҳо ба таври ҷиддӣ дар сомонаи худ ин хабарро ҷой дода, ҳатто навиштанд, ки дар ин бора ба мо муовини раиси иттифоқ хабар дод. (Ин нукта ҳам боиси зикр аст, ки онҳо сарлавҳаҳои худро

ба ин хабар гузоштанд, ки яке аз онҳо чунин буд: Низом Қосим то соли 2040 раиси Иттифоқи нависандагон мемонад).

Аммо рӯзи баъдӣ ин сарчашмаи иттилоъ боз ҳам дар саҳифаи шахсии худ навишт, ки як шӯхии зодрӯзӣ аз ҷониби аксарият ҷиддӣ пазируфта шуд, ки то ин ҳаддро интизор набудам.

Пас аз ин эътироф хабарҳои мазкур, ки ба ин сарчашмаи маълумот истинод мекарданд, аз ин сомонаҳо бардошта шуданд.

Ба назари мо, ин зуҳуроти деонтологӣ аст, ки расонаҳо ба ин ҳолат борҳо дучор шудаанд. Ин ҷо масъалаи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳам омадаанд: онҳое, ки чунин хабарро ҳамчун маълумот ба аудиторияи худ пешниҳод карданд, имкон доштанд, ки дурустию саҳеҳии онро муайян кунанд, чун воқеияти чунин хабар чандон боваркарданӣ набуд, зеро дар зери ин матн шарҳҳое ҳам буданд, ки ба дурустии он бо шубҳа менигаристанд.

Масалан, нафарони огоҳ навиштанд, ки интихоби раис марбут ба аъзои раёсат нест, балки раиси иттифоқро анҷумани ин муассисаи эҷодии ҷамъиятӣ тариқи овоздиҳӣ ба муҳлати муайян интихоб мекунад ва раёсат дар доираи маҳдуд ҳеҷ гоҳ ба ин кор ҳуқуқ надорад.

Аз нигоҳи мо, чунин амал сарфи назар кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳам наандешидани оқибатҳои ҳуқуқии масъала мебошад, зеро агар кормандони расонаҳо ба ин масъул воқеан ҳам, муроҷиат мекарданд, шояд ӯ шӯхӣ будани матнро мегуфт, вале онҳо онро ҷиддӣ пиндошта, аз номи худ чун хабар пешниҳод намуданд. Ҳатто тавре баён карданд, ки гӯё бо ин сарчашмаи иттилоъ ҳамсуҳбат шудаанд.

Фарқ накардани меъёри ахлоқ аз ҳуқуқ ва ё махсус алоқаманд донистани онҳо, бо ҳам дар ҳоли барҳӯрд қарор додани ин меъёрҳо аз падидаҳои деонтология дар журналистика мебошанд. Дар ин мисол ин ҷиҳат ҳам мушоҳида мешавад, зеро аз лиҳози ҳуқуқӣ низ масъала ҳалшуда ба ҳисоб меравад, зеро раванди ҳалли баҳс риоя шудааст; чопи тасҳеҳ ва раддияҳо дар назар аст, аммо боз ҳам давом додан нишони ҳадафмандона будани идома мебошад.

5.2. Ҷанбаҳои амалии равобити меъёрҳои этикию ҳуқуқӣ

Деонтология, ба ифодаи дигар рукни муҳимми ахлоқи инсонӣ мебошад ва асосан ба меҳвари аслии маънавии инсон – виҷдон такя мекунад. Аз ин нигоҳ, ин падида болотар аз меъёрҳои ахлоқу касбияту қонун аст. Яъне, вақте ба истилоҳ, виҷдон ором мегирад, бояд хотима бахшид, аммо бо вуҷуди ин, идома додани баҳс гувоҳи хоста ва ё ғарази дигар аст.

Деонтология аз нуктаи назари дигар, риояи ҳамин таносуб аст. Дар ҳоли ба бархӯрд дучор гардидани меъёрҳо дар сатҳи аввал ҳал намудани он аст, яъне, ба эътибор гирифтани он ки бе зарурати рӯйоварӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ бо роҳи мусолиҳа ҳал намудани масъала, ба созиш расидани тарафҳо мебошад.

Ба ифодаи дигар, деонтология зуҳуроте миёни ин меъёрҳост ва дар ҳадди таносуб нигоҳ доштани муносибатҳо мебошад; агар масъала дар ҳадди таносуб ҳал нашавад, пас ба ҳудуди меъёрҳои ҳуқуқӣ ворид мегардад, ки дар ин сурат ҳал гардидани он давомдор мешавад, зеро меъёрҳои ҳуқуқӣ мушаххас ва бо қувваи қонунӣ таъминшуда мебошанд ва табиист, ки риояи онҳо зарур ва ҳатмӣ аст.

Аз ин рӯ, ҳадаф аз баррасиии ин гуна масоил ҳам дар ҳамин ҳудуд – дар ҳудуди таносуб ҳаллу фасл гардидани он аст, ки ба назари мо, самаранокии бештар хоҳад дошт.

Чунин масоил зарурати таваҷҷуҳи бештар ба деонтологияро ба вуҷуд овардааст, зеро аз дидгоҳи дигар, деонтология такмили этикаи касбии журналист ҳам ҳаст, аз ин нуктаи назар, ба ҷанбаҳои назариявии ташаккули он диққат додан мувофиқи мақсад аст.

Ҳарчанд баъзе нукоти назари интиқодии муҳаққиқ Л.Винская, ки менависад, мутаассифона, деонтология ҳамчун низоми донишҳо дар бораи рафтори дурусти журналист, дар бораи параметрҳои ахлоқии ӯ, дар бораи муносибатҳо бо одамон бо истифодаи асосҳои касбӣ ба дараҷаи зарурӣ шинохта нашудааст, дар барномаҳои таълимии донишгоҳҳо ҳам деонтологияи

журналистика ҳамчун фанни мустақил омӯхта нашудааст, танҳо ба наздикӣ дар барномаҳои магистрӣ деонтология дар доираи маҳдуд ҷой дода шуд. Мо набояд фаромӯш кунем, ки имрӯз ҷомеаи расонаӣ ба фаҳмиши дақиқи низоми худтанзимкунӣ ниёз дорад ва дар боло рафтани ин фаҳмиш деонтология саҳми муҳим дорад. Ҳамин омил нишони таваҷҷуҳи бештар ба деонтология бояд бошад.

Ончунон ки дар ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ баробари алоқамандӣ тафовути меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ тазаккур меёбад, мо низ аз нигоҳи худ мавҷуд будани марзе миёни меъёрҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро дар журналистика бо мисоли мушаххас аз матбуоти муосир (қазияи вобаста ба ҳафтаномаи «Самак») муайян кардем, ки нозукии муносибатҳои ахлоқӣ ва аҳамияти онҳоро баён менамояд.

Ба ин монанд баҳси судии дигар, ки ба назари мо, намунаи равшани зуҳури деонтология буд, вале бо натиҷаи на чандон дилхоҳ ба анҷом расид, баҳси судии зиёиён бо муҳаррири нашрияи «Азия-плюс» Олга Тутубалина буд.

Тутубалина дар як навиштаи худ зери унвони «Ғайризиёиёна дар бораи зиёиён» [329] доир ба нақши зиёиён дар ҷомеа андешаронӣ карда, аз Ленин иқтибос меорад, ки онро як зумра иттифоқҳои эҷодӣ ва шахсиятҳои алоҳида таҳқир ба унвони худ қабул карда, ба суд мурочиат карданд. Тафсилоти ин баҳси судӣ, ки наздики ҳафт моҳ дар чанд марҳила баргузор гардида, дар охир бо ҷаримаи ҳафтанома ва журналист анҷом ёфт, аз ҷониби коршиносони Анҷумани миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон пайгирӣ шудааст.

Ба назари мо, дар ин баҳс на масъулияти ҳуқуқӣ, балки масъулияти ахлоқии журналист ҷой дошт. Аз ҷониби дигар, «нафароне пайдо шуданд, ки байни ақида ва факт фарқ нагузошта, журналист Олга Тутубалинаро барои иқтибоси овардааш аз Ленин ба суд доданд» [53, с. 262].

Ато Мирхоҷа, муовини сардабири рӯзномаи «Ҷумҳурият» гуфтааст, ки рӯзноманигор аз доираи одоби касбӣ берун омада, аз ғараз ин қадар олим, адиб, духтур, муаллим, журналист, оҳангсоз, рассом, мураббӣ, сиёсатмадор,

донишҷӯ ва ғайраро, ки дар Тоҷикистон зиндагиву кор мекунанд, наҷосат унвон кардааст: «Дар мақола суханони Ленин оварда мешаванд, ки аз сӯи рӯзноманигор таҳриф шудаанд. Ленин дар як номааш ба Горкий ҳарфи «г»-ро истифода бурдааст ва рӯзноманигор онро наҷосат хондааст. Мо гуфтем, ин «гадость» - «расвоӣ» аст. Агар одами дуруст он қадар ҳам ба хашм ояд, ин суханонро намегӯяд» [401].

Нашрияи «Рӯзгор» дар посух ба саволи хонанда доир ба ин баҳс чунин ҷавоб додааст: «... бо истифода аз озодии баён ин гуна изҳори назар кардааст, вале ин дарки маънавии ӯст. Пас зарур аст, ки бо интишори мақола ба ӯ фаҳмонд, ки ту ҳақ нестӣ. Бо далел бояд исбот кард. Мавқеи мо он аст, ки набояд баҳс ба додгоҳ мерафт. Мебоист дар ҳамон нашрия посухи арзишманд дода мешуд» [328].

Дар робита ба матлаби Олга Тутубалина мудири кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллӣ, дотсент Сангин Гулов гуфт, «Тутубалина қонунро вайрон накардааст, гумон мекунам, даъвогарон алайҳи ин журналист иштибоҳ мекунанд, зеро ин масъала бештар ҷанбаи ахлоқӣ дорад, на ҳуқуқӣ. Сангин Гулов таъкид намуд, ки меъёрҳои ахлоқӣ низ ба таври умум дар матлаби Тутубалина нақз нашудаанд, чун муаллиф аз иқтибос кор бурда, сухани Ленинро дар мавриди зиёиён истифода кардааст» [357].

Нуриддин Қаршибоев, раиси Ассосиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон ҳам дар мизи гирд дар мавзуи «Мурофиаҳои додгоҳии расонаҳо. Чӣ тавр волоияти қонунро бояд таъмин кард?» [366] бо ширкати намояндагони мақомот, расонаҳо, вакилони дифоъ ва коршиносон баргузор шуда буд, вобаста ба ин баҳси судӣ чунин изҳори назар карда буд: Аввал. «Азия – Плюс» ва Олга Тутубалинаро барои овардани иқтибос ҷарима бастанд. Дуввум. Ин назари шахсии Олга Тутубалина буд, факт вуҷуд надошт. Тибқи меъёрҳои байнулмилалӣ, барои ибрози ақида набояд шахс мавриди таъқиб ва пайгирӣ қарор гирад. Сеюм. Ягона шахсе, ки метавонист аз Олга Тутубалина шикоят барад, Бозор Собир буд. Матлаб ба бозгашти ӯ ба Душанбе рабт дошт, на каси дигар. Меҳмон Бахтӣ, раиси Иттифоқи

нависандагон ва бақия даъвогаронро ҳеҷ кас, бахусус Оинномаи созмонҳояшон, ваколатдор накардааст, ки аз номи тамоми зиёиёни тоҷик ҳамчун даъвогар дар додгоҳ баромад кунад.

Натиҷаи қазия ин шуд, ки суди ноҳияи Фирдавсӣ Олга Тутубалина ва нашрияи «Азия-плюс»-ро ба пардохти 30 ҳазор сомонӣ ва нашри раддия уҳдадор кард. Суди шаҳри Душанбе низ ин қарорро бетағйир гузошт. Пас аз ин нашрия рӯзи 21 август дар шумораи ахири худ се варианти раддияро ба даъвогарон пешниҳод кард. Аввал, танҳо суханони Владимир Ленин аз мактубаш ба Максим Горкий дар таърихи 15 сентябри соли 1919 иқтибос мекунад, ки зиёиёнро наҷосати миллат хонда буд. Дар варианти дуввуми раддия омадааст, ки Владимир Илич Ленин калимаи «г…» - ро бо мӯлнуқта истифода кардааст ва даъвогарон дуруст мегӯянд, ки шояд Ленин он калимаро дар назар надошт, ки нашрия пурра овард, балки шояд дигар калима, масалан, «Гибралтар» - ро дар назар дошт. Раддияи сеюм ин аст, ки «панҷ иттиҳодияи эҷодӣ – Академияи улум, Иттиҳоди нависандагон, Иттиҳоди рассомон, Иттифоқи оҳангсозон, Иттифоқи меъморон дар шахси роҳбаронашон Мамадшо Илолов, Меҳмон Бахтӣ, Фаррух Хоҷаев, Қудратулло Ҳикматов, Баҳром Юсупов ва се шаҳрванди Тоҷикистон – мудири шуъбаи санъати Академияи улум Аскаралӣ Раҷабов, ёвари раиси Иттифоқи нависандагон Ҳикмат Раҳматов ва духтури пӯст Дилбар Абдиева «г...»-и миллат нестанд, яъне ба дил наздик нагиред: Ленин шуморо дар назар надошт, балки зиёиёни буржуазии Русияро дар назар дошт, ки шумо ба онҳо аслан рабте надоред. Умед Бобохонов, сармуҳаррири «Азия плюс» ва муаллифи ин раддияҳо, ба Радиои Озодӣ гуфт, сабаби пешниҳоди раддияҳо дар ин буд, ки аслан намедонистанд қарори судро чӣ тавр иҷро кунанд, аз ин хотир, дар машварат бо вакили дифоъи даъвогарон ин се раддияро пешниҳод кардаанд: «Мо омодаем, ки ҳарчи қонун мегӯяд, иҷро кунем. Додгоҳ қарор бароварад, мо онро иҷро мекунем. Агар даъвогарон хоҳанд, ки узр пурсем ва додгоҳ онҳоро дастгирӣ кунад, ин корро хоҳем кард, зеро мо шаҳрвандони эҳтиромкунандаи қонунҳои кишвари худ ҳастем» [392].

Сармуҳаррири «Азия-плюс» эълон кард, ки мувофиқи қарори суд дар муҳлати се моҳ бояд ин қарор иҷро шавад ва бо ба супоридани маблағ шуруъ карда, 5 ҳазор сомонии онро супоридем.

Аммо мувофиқи қонунгузорӣ онҳо ҳуқуқӣ шикоят ба зинаи болоии судро доштанд ва «дар асоси шикояти ҷавобгарон Суди олии Тоҷикистон ҳукми суди ноҳияи Фирдавсиро то анҷоми баррасии шикоят боздошт» [365].

Аз нигоҳи мо, ин ду намунае, ки мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, далели возеҳи зуҳуроти деонтологӣ дар журналистика мебошанд, чун дар ҳарду намуна ҳам тафовут нагузоштан миёни меъёрҳои ахлоқу ҳуқуқ ва ба эътибор нагирифтани нозукиҳои ахлоқии фаъолияти журналистию ҳама ҷанбаҳои ҳуқуқии масъала мушоҳида мешавад.

Намунаи дигарро мавриди баррасӣ қарор медиҳем; 16 декабри соли 2022 ҳафтаномаи «Пайк» дар саҳифаи фейсбукии худ зери унвони «Дар хобгоҳи ДДК шабона чӣ ҳодиса мегузарад?» матлабе нашр гардонида буд, ки ба вокунишҳои шадиди касбӣ дучор шуд. Дар ин матлаб асосан сухан атрофи вохӯрии ноиби ректор оид ба тарбия бо волидони донишҷӯёне буд, ки фарзандонашон дар хобгоҳи донишгоҳ зиндагӣ мекунанд. Дар матлаб пурра аз забони ноиби ректор оид ба тарбия нақл мешавад. Ин масъули донишгоҳ бо нигаронӣ иброз медорад, ки дар хобгоҳ тартибот риоя намегардад ва як мушоҳидаи худро мегӯяд, ки бо мақсади назорат як нимашабӣ ба хобгоҳ рафтааст ва шоҳиди ҳолати ногувор гардидааст. Дар муроҷиат ба волидон, хоҳиш мекунад, ки телефони духтарҳоятонро тафтиш кунед, ба зисту таҳсилашон бепарвоӣ накунед, зери назорат гиред. Ҳатто аз сари эҳсос мегӯяд, ки ҳар шаб мошинҳои сиёҳшишаро мебинам, ки духтарҳо ба онҳо нишаста мераванд. Ба ин монанд, аз ҷониби ӯ боз чанд сухани эҳсосии дигар баён шудаанд.

Ин матлаб фавран аз ҷониби корбарони шабакаи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, номзади илмҳои филологӣ, рӯзноманигор, сармуҳаррири нашрияи «Анвори дониш»-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ дар матлабе зери унвони «Аз барои кайк пӯстинро

намесӯзонанд» онро таҳлил намуда, менависад, ки «ба назари ман, 6 банди «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» (намунаи соли 2009) сарфи назар шудааст. Аз ҷумла, а) рисолати ВАО ва журналист: ҳақиқатнигорӣ, воқеиятнигорӣ, адолат, гуногунандешӣ ва эҳтироми ҳуқуқи инсон, б) сареҳияти ахбор: ВАО ва журналист бояд назару андешаҳои гуногунро беғаразона ва бидуни таҳриф ба нашр расонанд, в) ақида, далел ва гумону тахмин: ВАО ва журналист дар байни мафҳумҳои ақида, далел (факт) ва гумону тахмин фарқ мегузоранд. Баёни андешаи ашхос мавриди санҷиш ва бозпурсӣ қарор намегирад, г) иффати миллӣ ва эҳтироми фарҳанги ғайр: ВАО ва журналист бояд иффат ва фарҳанги миллиро ҳангоми инъикоси ҳама гуна матолиб пос доранд. Аз тарғиби фисқу фуҷур, ки боиси косташавии иффати миллӣ мегардад, худдорӣ кунанд, ғ) эҳтироми ҳаёти шахсӣ: ВАО ва журналист ба ҳаёти шахсии афрод эҳтиром мегузоранд. Интишори маълумот бояд бо иҷозати ашхос ва риояи маҳрамии аснод сурат гирад. Лаҳзаҳои ҳаёти хусусии шахсиятҳо, ки арзиши иҷтимоӣ доранд, дар ВАО инъикос шуда метавонанд. Ҳамзамон ҳуқуқи фардии ашхосе, ки дар қазия дохил нестанд, риоя шавад, д) ҳифзи шаъну шараф ва эътибори шахс: Паст задани шаъну шараф ва эътибори шахс бо алфози қабеҳ, калимаю ибораҳои таҳқиромез ва аксу тасвири номуносиб, ҳамчунин туҳмат ва ситоиши нобарҷо хилофи одоби касбии журналист аст» [345].

Ӯ ҳамчунин, менависад, «мардуми оддӣ, ки аслан аз касбияти журналистика бехабаранд, ҳарфҳое гуфтанд, ки ҳиҷ ногуфтанӣ. Ман хаёл кардам, ки дар даврони ваҳшоният зиндагӣ дорем» [345].

Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ дар ин матлабаш ҳамчунин, аз нуктаи назари «мутахассисони касбӣ» ёдовар мешавад, ки ин матлабро ғайриҳирфавӣ хондаанд. Масалан, Ҳуринисо Ализода, рӯзноманигори собиқадор навиштааст, ки «барои як ё ду духтари сабукпо, ки дар ҳама давру замон ва ҳама макон буданду ҳастанд, кӣ ба журналист ҳуқуқ додааст, ки ахлоқи ҳама духтарони донишҷӯро зери суол бибарад? Оё ин муаллифи тезқалам ё ҳангомачӯ фикр намекунад, ки барои духтарон, хоса барои духтарони маҳал

латма задан ба шаънашон чӣ паёмаде дорад? Дар асри XXI ҳам бошем, шояд ҳамин як даҳсолаи охир масъалаи ба хондан рафтани духтарони минтақаи Кӯлоб ҳалли худро ёфтаву онҳоро барои гирифтани маълумоти олӣ иҷозат медиҳанд. Ин «журналисти таҳқиқотҷӯ» масъалаи дигар наёфтааст, ки соати 12 аз паси кадом духтаре мепояду баъд ҳамаашонро «бо як дос дарав» мекунад? Оё намеандешад, ки ин қадар духтарони ДДК падару модар, хоҳару бародар ва хешу ақрабову ҳамсояву ҳамдеҳа доранд. Онҳо дар бораи ҳар яки инҳо чӣ фикр мекунанд? Магар дигар ба онҳо бовар карда барои таҳсил иҷоза медиҳанд? Чаро ин гуна масоили тақдирсозро бо чунин сабукфикрӣ расонӣ мекунед? Дуруст аст, ки ягон номи мушаххас несту касе наметавонад шуморо ба суд бидиҳад. Вале суди виҷдон дар қиболи бадномии кулли духтарони донишҷӯ чӣ? Суолҳо хеле зиёданд, вале ахлоқи касбӣ иҷоза намедиҳад онҳоро ин ҷо гузорем. Вале ҳамчунин матолиби шармандасози бедалел бояд аз саҳифа пок карда шавад. Андеша бояд! Вазифаи журналист шарманда кардан нест. Ин кори ҷомеа аст, ки рафтори ғайриахлоқиро маҳкум кунад. Ин масъаларо бод надиҳед, обрӯи духтарони хушодобро нигаҳ доред. Онҳо хеле зиёдтаранд аз чанд каҷрафтор» [345].

Бобоҷони Шафеъ, рӯзноманигори таҷрибадор гуфтааст, ки «ин чӣ касбият аст, ин чӣ бемаънигӣ? Ин чӣ арзёбист, ки як сабукпоро ба кулли духтарон нисбат медиҳанд? Пас, он падару модари деҳотӣ магар ҳаққи бадгумонӣ аз донишгоҳҳо надоранд? Айб аст ба журналист. Аслан ҳатто як нафар ҳам бошад бояд нанависӣ» [345].

Маҳбуба Камолова, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, рӯзноманигори таҷрибадор ҳам навиштааст, ки «ба фикрам сайди ин журналисти тезқалам барор нагирифтааст, ки чунин маводро омода кардааст. Ҳар як нафар пеш аз навиштани чунин матлаб бояд фаромӯш насозад, ки ин духтар хоҳар ва духтари нафаре аст. Ба ҷавонмард паст задани шаъну шарафи духтарон намезебад. Бовар дорам, ки бародари мо Аҳмади Иброҳим намегузорад номи духтарон доғдор шавад. Пеш аз расонӣ кардани чунин мавод андеша бояд кард!» [345].

Саъдӣ Маҳдӣ, номзади илмҳои филологӣ, директори Академияи ВАО-и Тоҷикистон навиштааст, ки «дар ин масъала ман фикри худро мегӯям, ки ҷонишини ректор оид ба тарбия дар маҷлиси дохилии донишгоҳ масъалаҳои тарбиявӣ, ки бештар хусусияти шахсӣ (обрӯи духтар) доранд, матраҳ кардааст. Мухбири муҳтарам Худойдоди Ислом аз рӯи этикаи журналистӣ набояд ин масъалаҳоро расонаӣ - оммавӣ мекард ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мекард! Ин оқибати ногувор (барои духтар) дошта метавонад. Дӯсти ман сармуҳаррир, ки масъалаҳои мазкурро аз ман хубтар мефаҳмад, дар маҷлиси дохилии редаксия ин масъаларо бинад, вале ҳаргиз онро оммавӣ накунад» [345].

Афшини Муқим, рӯзноманигор, котиби матбуотии Кумитаи корҳои оид ба дин, анъана ва ҷашну маросимҳо навиштааст, ки «ончи ноиби ректор дар як ҷаласаи маҳдуд гуфтааст, ба падару модарон рабт дорад, аз ин рӯ, набояд расонаӣ мешуд. Ин гапе нест, ки ба умеди як матлаб ба иззати нафси донишҷӯдухтарон расем» [345].

Пас аз зикри андешаҳои журналистони шинохта Ҷ. Рустамшоҳ менависад: «Аз ин рӯ, аз дӯстам Худойдоди Ислом хоҳиш мекунам, ки ин андешаҳоро аввалан хуб ҳазм кунад, мақоларо покиза намояд ва аз духтарони хобгоҳ узр пурсад. Дигар ягон гапи гуфтанӣ надорам. Қазоват ба худи журналист аст» [345].

Воқеан ҳам, чунин бархӯрди муносибу саривақтии касбӣ боис гардид, ки ин матлаб аз саҳифаи фейсбукии ҳафтанома бардошта шавад.

Алоқамандии бевоситаи ин матлаб, ки мо ба он ба таври муфассал муносибат кардем ва ҳатто шарҳҳои корбарони фаъол ва рӯзноманигорони ботаҷрибаро низ пурра зикр намудем, дар он ифода меёбад, ки тавре Ҳуринисо Ализода, раиси Шурои ВАО-и Тоҷикистон низ мегӯяд, масъалаҳои ахлоқӣ масъалаҳои ҷузъӣ нестанд, бо онҳо сарсарӣ муносибат кардан мумкин нест, зеро онҳо аз масъалаҳои тақдирсоз ба шумор мераванд.

Дар мисоли ҳамин матлаб ба таври возеҳ мебинем, ки то кадом андоза марзи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ муайян мешавад; онҳое, ки дар бораи ин

матлаб изҳори назар кардаанд, иброз медоранд, ки дар ин маврид меъёрҳои ҳуқуқӣ чандон нақши назаррас надоранд, зеро инҷо ягон ҳуқувайронкунӣ нест, ҳеҷ кас аз лиҳози қонунӣ журналистро барои ин матлабаш ба ҷавобгарӣ намекашад, зеро ӯ гӯё вазифаи хабаррасонии худро иҷро намуда, аз як мушкили ҷомеа бонги изтироб задааст.

Яъне, ин ҷо бар хилофи ягон моддаи қонунҳои соҳавӣ амал кардан ба мушоҳида намерасад, ҳарчанд ин хулоса аз нигоҳи аввал аст ва таваҷҷуҳ намудан ба ҷузъиёти пешниҳоди маълумот асосҳои ҳуқуқиро пайдо месозад.

Баррасии этика ва ҳуқуқ ҳамин лаҳзаи ҳассос ва тафовути куллиро нишон медиҳад, ки инъикоси як рӯйдод метавонад аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳеҷ мушкиле надошта бошад, аммо оқибатҳои ногувору ҳатто тасаввурнашавандаи ахлоқӣ дошта бошад, аз ин рӯ, ин муҳиммият ва нозукиҳо ҳангоми фаъолият бояд ҳамеша дар мадди назар бошад.

Ба назари мо, ин ҳам нишони алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ аст, ки як матлаб метавонад аз лиҳози ахлоқӣ мушкиле надошта бошад, аммо оқибати ҳуқуқӣ дошта метавонад; ин ҳолатҳо хеле кам ба назар мерасанд, чун дар аксар ҳолат меъёрҳои мазкур ба ҳам алоқамандии бевосита дошта бошанд.

Як масъалаи муҳимми дигар ба назари мо, таваҷҷуҳи журналистон ба моддаҳои кодекси ҷиноятӣ будани таҳқиру туҳмат алоқаманд аст, ки мо болотар дар ин бора мисолҳои мушаххасро таҳлил намудем. Дар мисоли он баҳсҳои судӣ мебинем, ки талошҳои журналистон барои аз кодекси ҷиноятӣ бардоштани моддаҳои мазкур дар воқеъ, дуруст будааст, зеро раванди ин баҳсҳои судӣ нишон медиҳад, ки журналистон на танҳо аз меъёрҳои ахлоқии касби худ, балки аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ва муқаррароти қонунӣ низ ба хубӣ огоҳанд ва онҳоро риоя мекунанд. Барои мисол, дар ҳамин намунаи охир ҳам, ки яке аз баҳсҳои давомдору пурсарусадо буд, роҳбари яке аз расонаҳо низ зикр мекунад, ки мо ба хотири пешгирии ба вуҷуд омадани баҳси судӣ изҳороти адвокатро ба таври ихтисор чоп кардем, ҳол он ки адвокати мазкур тамоми масъулиятро ба уҳда гирифта буд ва мегуфт, барои ҳама суханонам далел дорам.

Ҳамин буд, ки ҷомеаи журналистии мамлакат бо ҳар роҳу восита барои ба кодекси гражданӣ гузаштани моддаҳои мазкур кӯшиш мекард. Ин кӯшишу пешниҳодҳо ниҳоят натиҷа дод; Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик дар санаи 10 марти соли 2012 пешниҳод намуд, ки моддаҳои мазкур ба қонунгузории гражданӣ вобаста карда шаванд:

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «Мавқеи ман ҳамчун Сарвари давлат, ҳамчун ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, кафили ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон чунин аст: ҳар шахс, сарфи назар аз касбу кор ва мақому манзалаташ дар ҷомеа бояд барои аъмоли худ дар назди қонун ҷавоб гӯяд, зеро дар назди қонун ҳама баробаранд ва ба ҳеҷ кас имтиёз ё афзалият дода намешавад. Аз ин лиҳоз, баҳсҳое, ки миёни нашрияҳо ва объектҳои танқидшаванда ба миён меоянд, бояд аз тариқи судҳо ҳаллу фасл карда шаванд. Вобаста ба ин, мехоҳам як масъаларо хотирнишон намоям. Дар қонунгузории соҳа ҳолатҳое низ ҳастанд, ки дар доираҳои рӯзноманигорон ва коршиносон боиси баҳсҳои доманадор шудаанд. Аз ҷумла, мубоҳисаҳо дар атрофи моддаҳои 135 ва 136-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи онҳо рӯзноманигорон барои таҳқиру туҳмат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, кайҳо ба ҳама маълуманд. Бо дарназардошти тағрибаи қонунгузории ҷаҳони мутамаддин ва бо истифода аз ваколатҳои конститутсионии худ пешниҳод менамоям, ки моддаҳои вобаста ба таҳқиру туҳмат аз қонунгузории ҷиноятӣ ба қонунгузории гражданӣ гузаронида шаванд. Аз ин рӯ, ба Вазорати адлия супориш дода мешавад, ки лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро вобаста ба ин масъала таҳия ва ба Ҳукумат пешниҳод намояд» [393].

Ин мавқеи устувори Сарвари давлат боис гардид, ки моддаҳои мазкур ба кодекси гражданӣ гузаронида шаванд, ки пас аз он хавфи боз шудани парвандаҳои ҷиноятӣ алайҳи журналистон ва воситаҳои ахбори омма хеле кам шуд, яъне ҳолатҳои сӯиистифода камтар гардид.

Ин намунаҳои баҳсҳои судӣ далели онанд, ки рӯзноманигорон дар

фаъолияти худ ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мутаносибан муносибат доранд; онҳо дар баробари риояи меъёрҳои ахлоқӣ муқаррароти қонунҳоро низ дар назар доранд ва ҳангоми иншову нашри матолиб онҳоро ба эътибор мегиранд. Дар ҳама намунаҳое, ки зикрашон рафт, ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад.

Дар ҳисоботи раиси Шурои ВАО-и Тоҷикистон Ҳуринисо Ализода низ ба ин масъала таваҷҷуҳи хос зоҳир шуда, иброз гардид, ки давоми солҳои мавҷудияти Шуро (аз соли 2009 то соли 2024. Маълумоти мазкур аз соли 2024 аст. Р.Х.) «ҳамасола аз 6 то 30 аризаи вайронкунии Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби ВАО ва журналистон баррасӣ гардида, то имрӯз бештар аз 150 ариза баррасӣ гардидааст, ки аз ин шумора танҳо 7 ҳолат то баррасии суд бурда шудааст. Аз рӯйи ин мурофиаҳо қарорҳои зерин бароварда шудаанд: 4 муҷозоти ҷаримавӣ нисбат ба ВАО ва журналистон, 2 созиши сулҳҷӯёна ва як парванда бе баррасӣ гузошта шудааст» [290].

Ба назари мо, ин маълумот низ далели он аст, ки журналистон ба масъалаи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи хос доранд; давоми 15 сол ворид гардидани 150 аризаи шикоятӣ, ки танҳо 7 тои он то суд рафтааст, нишони он аст, ки ин даъвоҳо чандон ҷиддӣ ҳам набудаанд, зеро дар аксар ҳолат бо як суҳбат ва фаҳмонидани асли масъала шикоятҳо ҳалли худро ёфтаанд. Баҳсҳои то суд расида ҳам ба он андозае ҷиддӣ набуданд; бо муҷозоти ҷаримавӣ ҳалли худро ёфтаанд, ки нишондоди хуб ва таносуби риояи меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқӣ ҳангоми фаъолият ба шумор меравад.

Масъалаи муҳимми дигар дар фаъолияти Шурои ВАО-и Тоҷикистон ин дар остонаи даҳумин солгарди таъсиси шурои мазкур бознигарӣ ва дар шакли нав қабул намудани санади ахлоқии он буд, ки да сатҳи зарурӣ анҷом дода шуд; агар қаблан Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон аз 17 банд иборат буд, пас аз 3 майи соли 2021 ин меъёрҳо 10 бандро ташкил медиҳанд.

Сабабу омилҳои ин тағйироти ҷиддӣ дар чандин нишастҳои ҷомеаи журналистӣ баррасӣ ва муҳокима гардид. 12 сол пеш, вақте ки «Репортеры без границ» Тоҷикистонро дар Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати озодии баён беҳтарин дониста буд [394], ҷомеаи журналистии Тоҷикистон меъёрҳои ахлоқи касбии рӯзноманигоронро қабул кард. Ҳуҷҷатро рӯзноманигорон аввалин шуда дар минтақа таҳия кардаанд, ки он 17 меъёрро дар бар мегирифт ва дар таҳияи он тамоми ҷомеаи ВАО кор мекарданд. Рӯзноманигорон ин қоидаҳоро дар плакатҳои калони кабуд чоп карда, дар ҷойҳои намоёни нашрияҳои худ овехта буданд. Меъёрҳо хеле сода буданд: рисолати рӯзноманигор ва ВАО, ростгӯйӣ, айният, адолат, гуногунандешӣ; интишори назарҳои гуногун, далелҳо тасдиқ ва ҳуқуқҳои инсон эҳтиром шаванд.

Аммо пас аз гузашти 12 сол вазъият дигар шуд ва зарурати бознигарии пурраи меъёрҳо ба миён омад. Лилия Гайсина, хабарнигори сомонаи «Новий репортёр» [390] ин мавзуъро муфассал бо фаъолони ҷомеаи журналистӣ ба миён гузошта, онро аз ҳар ҷиҳат мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ба назари ӯ, «акнун баъзе аъзои шуро вайронкунандагони асосии меъёрҳои худ мебошанд, коршиносони ташкилот мониторинг мегузаронанд, дуршавиро аз меъёрҳо муайян мекунанд, аммо натиҷаҳои онҳо ба ҷуз аз баҳс чизи дигареро ба бор намеоранд. Инчунин, меъёрҳои ахлоқӣ дар ин муддат кӯҳна шуданд. Шуро кайҳо гуфта буд, ки ҳуҷҷат бояд нав карда шавад ва дар натиҷа лоиҳаи нав таҳия гардид» [390].

Барои ин гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки онро Шаҳло Акобирова, сарвари ташкилоти ҷамъиятии «Хома» роҳбарӣ мекунад. Дар гурӯҳ Зеваршо Муҳаммад, дабири кулли Шуро, рӯзноманигорону коршиносони маъруф - Қироншоҳ Шарифзода, Иршод Сулаймонӣ, Илҳом Ҷамолиён, Ранжет Ятимов, Сӯҳроб Пӯлодов ва инчунин, раиси Иттифоқи журналистони Литва Дайниус Рачавичус ворид мешаванд. Дар муҳокимаи санади лоиҳа дигар рӯзноманигорон низ ширкат варзиданд. Онҳо чизҳое барои гуфтан доштанд, зеро меъёрҳо ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, дар он қоидаҳои наву тавсифи муфассал ворид кардаанд. Вале ба ҳар ҳол боз ҳам савол боқӣ мемонад, ки оё

расонаҳо ин меъёрҳоро риоя хоҳанд кард? Ва агар накунанд, пас чӣ хоҳад шуд?

«Шуро ҳеҷ гуна абзори сари расонаҳо фишор оварданро надорад. Худи рӯзноманигорон бояд ба риояи меъёрҳои ахлоқии рӯзноманигорӣ манфиатдор бошанд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки муҳтавои босифат эҷод карда, аз ҳолатҳои ногувор, ба монанди қазияҳои судӣ пешгирӣ кунанд. Аммо сарфи назар аз манфиатҳои ошкор, меъёрҳои ахлоқӣ барои бисёриҳо арзишманд буданд. Журналистикаи тоҷик дар ҳолати бӯҳронӣ қарор гирифтааст. Стандартҳо вайрон карда мешаванд, арзишҳо тағйир ёфтаанд, расонаҳои озод камтар шудаанд, сифати ВАО ба таври ҷиддӣ бад шудааст. Агар мо он чизе, ки ҳоло рух дода истодааст дарк накунем, ман намедонам, ки мо бо ин ҳол ба куҷо мерасем. Расонаҳо мавқеи худро дар мониторинге, ки Шурои ВАО мегузаронад, аз даст медиҳанд. Масалан, даҳ моҳи соли 2020 коршиносон 384 қонуншиканиро аз ҷониби 44 расонаҳои онлайн муайян карданд. Аксар вақт, рӯзноманигорон меъёри «Ҷудо будани эҷодиёт аз тиҷорату реклама» -ро нодида мегиранд. Ин қоида 170 маротиба вайрон карда шудааст. Баъзе мунаққидон моро айбдор мекунанд, ки на ҳама вақт маводди тиҷоратиро аз маводди таҳририӣ ҷудо мекунем. Барои онҳо мегӯям, алахусус барои мунаққидон, шумо дигар расонаҳоро хонда бинед. Хуб, биёед ҷиддӣ назар кунем. Кӣ ғайр аз мо таблиғотӣ будани матлаб ё маводро ишора мекунад?» [390].

Ӯ гуфтааст, ҳар ҳафта байни нашрияву шуъбаи таблиғ дар бораи чӣ гуна ҷойгир кардани муҳтавои тиҷорӣ, баҳсҳои ҷиддӣ сар мезанад: «Гап сари он аст, ки ба таблиғдиҳандагони Тоҷикистон тамғагузорӣ шудани муҳтаво маъқул нест ва шояд, ки онҳо бо баъзе аз расонаҳо ба мувофиқа расанд. Дар чунин ҳолат натанҳо мутобиқи меъёрҳои ахлоқӣ, балки тибқи (моддаи 5) қонун «Дар бораи таблиғ», васоити ахбори омма ҳуқуқи гирифтани пул барои ҷойгир кардани таблиғот ҳамчун маводди иттилоотӣ, таҳририӣ ва муаллифӣ, бидуни нишон додани ибораи дар асоси таблиғ надоранд. Илова бар қоида дар бораи муҳтавои тиҷорӣ, рӯзноманигорон дар Тоҷикистон бандҳои «Асардуздӣ

(плагиат)» ва «Ислоҳи хато»-ро низ сареан вайрон мекунанд. Мо бо бисёре аз нашрияҳои маҳаллӣ тамос гирифтем, ки муҳтавои моро бидуни ишораи ҳуқуқи муаллифӣ истифода мекунанд. Гипперлинкҳоро ишора намекунанд, манбаи иттилоотро нишон намедиҳанд. Ин расонаҳо агентиҳо ва рӯзномаҳои бузурги мустақил мебошанд; онҳо матни муаллифии дар инфографика нишондодашударо беадабона бурида, ҳангоми пешниҳоди даъво боз баҳс ҳам мекунанд. Вобаста ба банди «Ислоҳи хато», дар меъёрҳои ахлоқии мавҷуда тартиби оддии раддия навишта шудааст. Аммо ҳатто васоити ахбори омма на ҳамавақт онро эҳтиром мекунанд» [390].

Дар идомаи андешаҳои худ афзудааст, ки «дар ҷомеае, ки озодии сухан ҳамчун арзиши демократӣ муаррифӣ нашуда, ба он эҳтиром гузошта намешавад, меъёрҳои ахлоқӣ риоя нахоҳанд шуд. Зеро арзиши баландтарини рӯзноманигорӣ озодии баён аст. Ин арзиш аз даст меравад ва оқибат вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ мебошад. Пас аз он, рӯзноманигорон, муҳтавои «Фермаи ҷавоб»-ро муҳокима карданд, ки дар онҳо муаллифони номаълум дар бораи рӯзноманигорони алоҳидаи тоҷик ё нашрияҳо чизҳои бад менависанд. Ин жанр барои ҷумҳурӣ нав нест ва он ба стандартҳои Шуравӣ мувофиқат мекунад. Вале дар солҳои охир матлабу мақолаҳо аз ин силсила на танҳо дар расонаҳои давлатӣ, балки дар ВАО-и мустақил ҳам пайдо шудан гирифтанд. Ҳамааш аз ҳамин оғоз ёфт, ки моро ба қисмҳо ҷудо карданд: онҳое, ки шикаста шуданду ва онҳое, ки не. Мо ҳамеша ба ду гурӯҳ тақсим будем, – расонаи давлативу мустақил, баъд русзабону тоҷикзабон. Ҳоло мо ба онҳое тақсим мешавем, ки чеҳраи худро гум кардаанд ва онҳое, ки тибқи қоидаҳо кор кардан мехоҳанд. Шояд онҳое, ки шикастаанд, дигар илоҷе надоштанд. Вале боз онҳое ҳастанд, ки худсарона меъёрҳоро ба назар нагирифта, фаъолият мекунанд» [390].

Ба гунаи мисол тазаккур меёбад, ки «дар солҳои 2012 ё 2013, баъзе рӯзноманигорону расонаҳо ба навиштани мавод алайҳи сиёсатмадорони оппозитсионӣ ба таври дағал шурӯъ карданд. Иҷозат доданд, ки онҳоро таҳқир кунанд. Дар баробари ин, рӯзноманигорони дигар ба муқобили чунин

фаъолият дар ВАО корро оғоз карданд ва мо ба ду урдугоҳ тақсим шудем. Фикр мекунам, ки касе ба ивази чунин муҳтаво кафолати амниятӣ гирифтааст, касе аз кор дар ин режим даст кашидааст, нашрияҳо баста шуданд. Дар натиҷа, мо ба хулосае омадем, ки на худи рӯзноманигорон ва на аудитория ба ВАО эътимод надоранд. Аз ин рӯ, арзиши ВАО на танҳо барои ҳамкорону аудитория, балки дар назди таблиғдиҳандагон ва муассисаҳои байналмилалие поён мешавад, ки рӯзноманигорони маҳаллиро дастгирӣ мекунанд. Дар сатҳи ҷаҳонӣ, ҳатто ситораҳои журналистикаи ҷаҳониву вебнависоне, ки аудиторияи миллионнафара доранд, иҷозат дода намешавад, ки меъёрҳои ахлоқиро сарфи назар кунанд. Ниҳоят, ин раванд ба Тоҷикистон хоҳад расид. Бо меъёрҳои қаблӣ кор кардан аллакай душвор буд. Вақте ман ҳамчун роҳбари Шурои ВАО кор мекардам, баъзан мо намефаҳмидем, ки чӣ гуна муроҷиат кардан лозим аст. Масалан, вақте мо ба шабакаҳои иҷтимоӣ назар мекардем. Лоиҳаи ҷории ҳуҷҷат бо назардошти расонаҳои нав таҳия шудааст ва илова бар ин, мо чунин ҳӯҷҷатҳоро, ки ҳамкорони мо дар дигар кишварҳо тартиб додаанд, истифода бурдем. Ба ақидаи ӯ, барои таблиғи меъёрҳои таҷдидшуда бояд онҳоро расонаиву маъмул ва доимо назорату муҳокима кард. Мо бояд баҳс кунем ва ин сӯҳбатҳои душвор хоҳад буд» [390].

Шурои ВАО мегӯяд, ки «пас аз қабули стандартҳои нави ахлоқӣ онҳо муҳтаворо ба тариқи дигар назорат хоҳанд кард. Нахуст ташкилот ба нақша гирифтааст, ки ҳисоботи мониторингро оммавӣ гардонад. Баъдан, Шуро ҳуқуқи таҳлили на танҳо он расонаҳоро дорад, ки ба узвияти ин созмон шомиланд» [390].

Ба гуфтаи коршиноси Литва Дайниус Рачавичус, «Шурои ВАО бояд ба ҳар як иштирокчии бозор маълумот диҳад: ҳар расонае, ки меъёрҳои ахлоқиро риоя намекунанд, наметавонанд як бозигари босифати рақобат дар бозор шаванд: Шумо, албатта, метавонед қоидаҳои ҳадди ақалро истифода баред ва Запорожетсро истеҳсол кунед. Вале агар шумо мехоҳед, ки Porsches истеҳсол кунед, ба шумо стандартҳои баланд лозиманд. Ин фаҳмиши Шурои ВАО аст, ки бояд ба рӯзноманигорон фаҳмонад: меъёрҳоро риоя кардан муфид аст. Ғайр

аз ин, бояд расонаро интихоб кард, бо онҳо мақсаднок кор бурд, намунаҳои беҳтаринро нишон дод. Коршинос меафзояд, ки коршиносони худи шуро онҳое, ки иҷрои меъёрҳои ахлоқиро назорат хоҳанд кард, бояд нақши «фармоишгарони ростқавл»-ро иҷро кунанд. Агар шумо дидед, ки гангренаи рӯзноманигорӣ сар шудааст, шумо бояд дар ин бора бигӯед. Огоҳ кунед, ки ба душворӣ дучор мешавед, шумо бемор ҳастед, ин хеле муҳим аст» [390].

Ёқуб Ҳалимов умедвор аст, ки расонаҳои Тоҷикистон метавонанд ягон чизи умумӣ пайдо кунанд, муттаҳид шаванд ва ба ҳамбастагӣ расанд, ки дар меъёрҳои ахлоқӣ навишта шудааст: «Бидуни он риояи онҳо мушкил аст. Барои наҷоти журналистикаи тоҷик мо бояд тақсим шуданро ба расонаҳои давлатӣ ва мустақил қатъ кунем, чизи муштараке пайдо карда, ҳамбастагӣ дошта бошем. Танҳо вақте эҳтироми якдигарро меомӯзем, мо метавонем дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ сӯҳбат кунем. Мо бояд аз донишҷӯён оғоз кунем, посбони кӯҳнаро дубора тарбия кардан душвор аст. Чун онҳо одат кардаанд, ки ҳама чизро бо қолибҳо чен кунанд. Ман чунин мисол меорам: вақте дар мактаб мехондам, ҳамсинфонам маро таҳқир мекарданд ва ман хеле хавотир будам, ки духтарам ҳам бо ин дучор меояд. Аммо вай бо ин рӯ ба рӯ нашуд, зеро дар насли ӯ ҳамдардӣ мавҷуд аст. Қабули меъёрҳои ахлоқӣ барои донишҷӯёни имрӯза осонтар хоҳад буд. Танҳо онҳо ба муаллимоне ниёз доранд, ки моҳияти худро дуруст ба онҳо мерасонанд. Олга Тутубалина мегӯяд, ки вазъро дар нашрияҳои худ тағйир додан лозим аст: Барои мо душвор аст, мо ҳануз ҳам ба хатоҳо роҳ медиҳем. Аммо дар маҷмуъ, «Азия-Плюс» ҳамеша ҳудуди чизи иҷозатшударо медонист. Рӯзноманигорон, пеш аз ҳама, эҳтироми худро дониста, пас ҳамкасбону аудиторияи худро эҳтиром хоҳанд кард» [390].

Ин андешаҳои мухталиф, ки дар маҷмуъ, ба дастгирии мавҷуд будану ташаккул ёфтани меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ равона гардидаанд, моҳиятан алоқамандии амалии меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқиро низ тақвият мебахшанд. Ба назари мо, он ҷанбаи масъала, ки ба тарбияи рӯзноманигорони ҷавон рабт дорад, бештар аҳамиятнок мебошад.

Ташкилоти ҷамъиятии Анҷумани (ассосиатсияи) миллии воситаҳои

ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон (АМВАОМТ) ҳам бо роҳбарии журналист Нуриддин Қаршибоев аз замони таъсис то имрӯз, ки ҳудуди бештар аз 25 солро дар бар мегирад, дар ташаккули фарҳанги ахлоқӣ ва ҳуқуқии журналистон, дар ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо ҳангоми дучор гардидан ба баҳсҳои судӣ ҳамеша ва дар ҳама ҳолат амал кардааст. Таҳқиқи масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии журналистикаи муосир ин далелро пеш меорад, ки дар ҳама баҳсҳо ин ташкилот бо изҳорот ва ёриҳои амалии ҳуқуқӣ баромад кардааст.

Профессор Денис Маккуэйл, муҳаққиқи британиёӣ оид ба медиа-коммуникатсия дар пажуҳишаш якчанд нақшҳои нави калидӣ барои рӯзноманигорони муосирро муайян мекунад. Ӯ муътақид аст, ки «маҳз дар замони гузариши ҷомеаҳо принсипҳои ахлоқии рӯзноманигорӣ хеле равшан намудор гардида, ташаккул меёбанд» [224, с.3].

Воқеан ҳам, метавон гуфт, ки дигаргуниҳои ҷиддӣ дар раванди фаъолияти журналистӣ, пеш аз ҳама, ба шеваи робитаи журналист бо аудиторияи ӯ алоқаманд аст; инчунин, бояд ба эътибор гирифт, ки тағйироти куллӣ дар сохтори сиёсию иҷтимоии ҷомеа боиси ба вуҷуд омадани тасаввурот ва арзишҳои хоси ҷомеаи нав мегардад, аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ низ дидгоҳи тамоман навро тақозо мекунад, ки инро дар мисоли ҷомеаи журналистии замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар мисоли ин баҳсҳо метавон ба натиҷае расид, ки журналистон ба масъалаи риояи меъёрҳои ахлоқии касби худ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибати воқеъбинона доранд ва онҳоро ба қадри тавон иҷро менамоянд. Профессор М. Муродов ҳам менависад, ки «ҳарчанд фаъолияти эҷодӣ қолабу чаҳорчӯбаи муайянро намеписандад, аммо аз риояи имконияти ҳуқуқӣ ва қонунияти нигорандагӣ истисно нест: Истифодаи имконоти ҳуқуқӣ дар раванди эҷод ба хираду масъулияти касбии эҷодкор вобаста аст: Авомили ҳуқуқӣ раванди фаъолиятро ба манфиати шахси эҷодкор самт бахшида, ӯро ба мустақилияти эҷодӣ ва масъулияти касбӣ водор менамояд. Ба ин маънӣ, раванди эҷод, хоса ҷараёни фаъолияти эҷоди журналистиро бидуни ҷанбаҳои

ҳуқуқӣ ва донистану риоя намудани онҳо наметавон тасаввур кард» [164, с. 13].

Аммо бо вуҷуди ин, ҳолатҳои сарфи назар гардидани меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми фаъолият ба назар мерасад, ки профессор И.Усмонов дар мақолаи «Таҳқиқи сабабҳои ҳуқуқӣ ва маънавии ба ҷавобгарии судӣ ҷалб гардидани ВАО дар Тоҷикистон» ба тафсил ва бо мисолҳо онҳоро зикр мекунад, ки «чизи бештаре хостани воситаҳои ахбори омма (инҳо аз мо қарздоранд гуфтанҳо), нашри таҳқиқҳо ва хулосаҳои ғайриилмӣ, аз пеши худ ҳукм карданҳо, зиёд будани суханҳои барнокашида, афсонабофиҳо, ҳангомасозиҳо, фарқ накардани рост аз дурӯғ, рӯҳияи бечорагӣ, сахтгӯиҳо, дурушту дағалона навиштанҳо аз ҷумлаи инҳоянд» [398].

Аз ҳамаи ин нуктаҳои назар ва баррасии мисолҳо ба натиҷае расидан мумкин аст, ки муҳиммияти масъалаҳои деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик эҳсос гардида, баррасии онҳо низ дар сатҳи бояд сурат гирифта истодааст, аммо ҳануз ҳам ба бознигарӣ, таваҷҷуҳи хос ва эҳсоси баланди масъулият ниёз дорад.

ХУЛОСА

Дар баробари пешрафтҳои бесобиқае, ки инсоният дар самти илму фановарӣ ба онҳо ноил шудааст, барои ташаккули маънавии шахсияти инсон низ ҳамеша зарурате вуҷуд дорад, ки иқдомҳое дар ҳамин сатҳу дараҷа амалӣ карда шаванд. Мо ҳам ба ин нуктаи назари маъмул мувофиқем, ки ҷанбаҳои маънавӣ барои комилтар шудани шахсияти инсон бештар аз сарватҳои моддӣ аҳамият доранд, зеро ниёзҳои маънавии инсон бештар аз талаботи моддии ӯст. Аз назари мо, иқдоми бузурге, ки барои ташаккули инсон аз лиҳози маънавӣ мусоидат мекунад, таваҷҷуҳи хос ба ахлоқи инсон аст, зеро ахлоқ заминаи дурусти дарку азхудкунии дигар илму донишҳо мебошад ва маънавиёти инсонро ба самти дуруст роҳнамоӣ мекунад.

Яке аз сабабҳои аслии ба вуҷуд омадани мушкилоти ахлоқӣ дар тамоми ҷаҳон ҳамин нобаробарии рушди илму технология ва номукаммалии ахлоқии инсон аст. Аз ин рӯ, то вақте миёни байни пешрафтҳои илмиву фановарӣ ва камолоти ахлоқии инсон таносуб ба вуҷуд наояд, хатари заволи ҷомеа вуҷуд хоҳад дошт, ки ин нуктаи муҳим ба дурнамои ҷомеаи инсонӣ дахл дорад ва ояндаи башариятро дар назар дорад. Ҳастии маънавии инсон дар заминаи садоқат ва эътимод бар дигарон бунёд мегардад, зеро инсон ҳамеша ниёзманди робитаҳои самимию пойдори дӯстона бо дигарон аст, чун ӯ мавҷуди иҷтимоӣ аст мебояд дар пайвастагии иҷтимоӣ қарор дошта бошад.

Вижагиҳои ба худ хоси ҳар як инсон заминаи зиндагии иҷтимоии ӯро фароҳам мекунанд ва дар асоси ҳамин махсусиятҳо дарки робитаи пойдор ва имкони эътимод ба дигарон - ахлоқ имконпазир мегардад ва ҳамин аст, инсон бо ғаризаи зотии худ эҳсос мекунад, ки ахлоқ ин тарзи андеша ва кирдори осеб нарасонидан ба худ ва дигарон аст. Таъбири ниёгони мо «ахлоқ – қонуни нонавишта ва қонун – ахлоқи дарҷёфта» ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад, чун дар зиндагӣ арзишҳое ҳастанд, ки эътирофу эҳтиром ва риояи онҳо сабаби давоми ҳастӣ мегардад.

Ба таври мушаххас, пайгирӣ ва баррасиҳо вобаста ба ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика ва рӯзноманигории тоҷик ба мо имкон

доданд, ки ба чунин натиҷаҳо расем:

1. Масъалаи меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ новобаста аз муҳиту замон ва шаклу равияи матбуот вуҷуд доштаву боқӣ мемонад, чун таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки масъалаи одоби касбӣ дар журналистика дар шароити ба вуҷуд омадани озодии баён боз ҳам возеҳтар гардидааст. Ҳамчун мафҳум озодӣ мафҳуми муқаддас дониста мешавад ва хеле васеъ, доманадор низ мебошад, махсусан, дар сохтори демократии ҷомеа фарохии он равшантар эҳсос мегардад. Он имкониятҳо медиҳад, вале дар ин баробар масъулият дорад. Баъзан фаромӯш гардидани масъулият боиси сӯиистифодаи озодӣ мегардад; фаҳмиши он низ дар аксар ҳолат нодуруст сурат мегирад, ки такя ба он боиси нофаҳмиҳо мегардад [4-М; 5-М].

2. Қазияи маҷаллаи ҳаҷвии «Шарли Эбдо»-и Фаронса ҳарчанд ба экстремизм алоқаманд аст, аммо нишон медиҳад, ки фаҳмиши нодурусти озодии сухан чӣ гуна оқибатеро метавонад ба дунбол дошта бошад. Дар кишвари мо низ чунин фаҳмиши нодуруст бо мақсади маҳкум намудани террористон сурат гирифт; амали ҳаҷвнигорони фаронсавӣ имтиҳони дигарандешии мазҳабӣ унвон гардид, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар доираи озодии баён намеғунҷад, зеро озодӣ ин пеш аз ҳама, масъулият унвон гардидааст; агар чунин амал озодӣ бошад, пас ин худ таҳқири озодӣ аст. Ба назари мо, таҳқир, табъиз ҳеҷ гоҳ нишони озодӣ ва озодии баён нест. Гирдиҳамоиҳои мухталифи вобаста ба ин қазия гувоҳи онанд, ки осон аз даст додани арзишҳо чӣ оқибатеро дар пай доранд; солимӣ ва устувории инсон бар пояи эътиқод, бовар ва эҳтиром қоил будан ба арзишҳои асили умумибашарӣ ва махсусиятҳои миллӣ пойдор аст [6-М; 7-М].

3. Мо бо масъалаи озодӣ, озодии сухан муфассал муносибат доштем, аз нигоҳи муҳаққиқон мафҳуму моҳияташро шарҳ додем, зеро моҳияти мавзуъ ба он сахт пайванд аст ва ба он натиҷа расидем, озодии баёне, ки имрӯз дар ҷомеаи демократӣ таблиғ мешавад, зарурати риояи дучанди ахлоқро тақозо мекунад. Дар робита ба ин, як нуктаи аз назари худ муҳимро таъкид намудем, ки ба масъулияти озодии сухан вобаста аст. Дар тамаддуну адабиёти мо ба

сухан ҳамчун мафҳуми муқаддас муносибат мешавад ва аз ҳамин ҷост, ки ба поку азиз будани он, масъулияти бузург доштани суханвар таъкид мегардад; ифодаҳои маъмулу машҳури қадимӣ, ба монанди сухан аз арши барин баҳри покон ба замин омадааст, беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст, сухани хуш ҳаёти ҷону тан аст, сухан дониста гӯй, то дӯстро душман нагардонӣ, сухани хуб морро аз лонааш мебарорад, гуфтори беҳуда набояд бошад, магӯ нохуш, ки посух нохуш ояд, сухан бисёр дону андаке гӯй ва монанди инҳо аз фармудаҳои бузургворонае ҳастанд, ки ба муқаддас будан ва масъулияти бузург доштани суханварӣ таъкид менамоянд. Инчунин, натиҷае ҳосил шуд, ки дар шароити таблиғи озодии сухан ва ҷомеаи демократӣ низ ин фармудаҳо боз ҳам муҳиммияти худро нигоҳ медоранд, зеро дар онҳо на маҳдудият, балки масъулият барои сухан иброз мегардад ва таваҷҷуҳ ба онҳо дар рӯзноманигории муосир муҳим аст [7-М; 9-М; 10-М].

4. Таблиғи нодурусти озодӣ аз ҷониби гурӯҳҳои муайяни манфиатхоҳ боиси фаҳмишҳои нодуруст мегардад. Масалан, костагии мақоми зан дар ҷомеа, бо баҳонаи озодӣ, бо сӯиистифода аз рағбати инсонӣ занро ба ашё табдил додан (чун дар аксар кишварҳо дигар ба зан ҳамчун олиҳаи зебоӣ, офарандаи волотарин эҳсосу нафосат, иффату назокат, орзуҳои ширин на, балки чун «мавҷудоти бемағзи ҷаззобияти зоҳирӣ»-дошта муносибат мекунанд. Зиёда аз ин, ҳатто бетаваҷҷуҳӣ ба чун ашё будани зан далели нафратовари расман иҷозат дода шудани ҳамҷинсгароӣ аст, ки ҳолати ба таври сунъӣ ба фасоди ахлоқӣ ва вартаи нобудӣ кашонидани инсоният мебошад). Ин амал нишони аз раванди табиии рушд берун кардани ҷомеаи инсонӣ аст; чун инсон табиатан на ба ин, балки ба оне ки гуфтем, ниёзманд аст. Дар кишварҳои аврупоие чун Олмону Фаронса раванди гароиши бештар ба арзишҳои умумиинсонӣ, ки асосан бар меъёрҳои ахлоқи инсонӣ такя мекунанд, гувоҳи он аст, ки занони бошуур кӯшиши дарёфти мақоми аслӣ ва шоиставу сазовори худро доранд. Ин нукта ҳам пӯшида нест, ки талошҳои бадномсозӣ ва поймолкунии арзишҳои аслию табиии инсон низ ҳадафмандона сурат мегирад, то ба инсон барои инсонвор зиндагӣ кардан халал расонида

шавад; ин нукта муҳим аст, ки ба мазмуни мутлақ таблиғ гардидани озодӣ нишони мавҷуд набудани он мебошад [19-М; 21-М; 23-М].

5. Бахши дигари кори мо ба меъёрҳои ҳуқуқии умумӣ ва соҳаи журналистика алоқаманд аст. Дар ин робита ба ин нуктаи назар, ки мегӯяд, тамоми қонунҳо ва созишномаҳои ҷамъиятӣ барои он ҳам ба иҷро мерасанд, ки бар усули ахлоқӣ бино шудаанд, таваҷҷуҳ намуда, аз нигоҳи худ онро муҳим шуморидем; ба масъалаи пайдоиш, ташаккул ва алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намуда, умумият ва тафовути онҳоро низ аз нигоҳи муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор додем. Хулосаи мо аз ин баррасиҳо он аст, ки ин мафҳумҳо дар маҷмуъ, барои ҷомеаи инсонӣ ва махсусан, дар журналистика заминаҳои бавуҷудоӣ ва ташаккули худро дошта, чун ниёзи табиӣ зуҳур кардаанд; яъне дар ҳоле мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки буданашон эҳтиёҷ пайдо шуд ва он ба таври иҷбор набуд, балки барои ҳифзи асолати касбӣ ва пешрафту ташаккули касб арзи вуҷуд кардаанд [8-М;12-М; 18-М; 26-М; 27-М].

6. Аз таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика, масъалаҳои илмиву назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика, зарурат ва аҳамияти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар фаъолияти журналистӣ, раванди қабули асноди расмӣ доир ба меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик маълум гардид, ки дар ҳама баррасиҳои назариявӣ ба муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳам ҳуқуқӣ авлавият дода мешавад ва онҳо дар меҳвари андешаҳо қарор мегиранд. Баррасии назарияҳо собит менамояд, ки моҳияти меъёрҳои мазкурро дар маҷмуъ, манфиати ҷомеа ташкил медиҳад, аз ин рӯ, муносибат ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва ҳуқуқии соҳа чун ҷузъи муҳимтарини фаъолият ба эътибор гирифта мешавад, чун дарк гардидааст, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ василаи муҳимми ҳимояи шаъну шараф ва мақому эътибори журналистону дигар қишрҳои ҷомеа мебошанд; дар ҳама баррасиҳои муҳаққиқон иброз мегардад, меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳз барои он шакл гирифтаву низом пайдо мекунанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ таъмин гардида, ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои ҷомеа ҳифз карда шавад; ин маънӣ дар

журналистика низ ба таври хоси худ зуҳур карда, ташаккул меёбад [8-М; 9-М; 12-М; 14-М].

7. Натиҷаи баррасии раванди қабули асноди расмӣ оид ба меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик ҳамин аст, ки он як раванди мунтазам ва бо мурури замон тағйирпазиру давомдор мебошад, ки дар аксар ҳолат ба самти мувофиқ равона буда, пазироӣ ва ҷараёни татбиқашон натиҷаҳои назаррас ҳам дорад; дар ин баррасиҳо ин натиҷа ҳам ҳосил шуд, ки қабули асноди расмии ахлоқӣ бо мақсади ҳимояи озодии матбуот сурат гирифтааст, зеро эътироф шудааст, ки вақте ба воситаҳои ахбор озодии сухан ба таври конститутсионӣ кафолат дода мешавад, вале он ба таври бояд эҳсос намегардад, яъне агар ВАО худро танзим карда натавонист, пас воситаи дигаре лозим мешавад, ки онро пурра идора намояд ва дар ин сурат мустақилият, ин шарти муҳимтарини фаъолияти касбии журналист аз байн меравад [8-М; 26-М].

8. Баррасии омилҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар воситаҳои ахбори оммаи мамлакат, таъсири омилҳои ахлоқӣ дар шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҳқиқи ҳамбастагии ҷараёни муносибатҳо бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таърихи кӯшишҳои худтанзимкунӣ дар Тоҷикистон маълум намуд, ки кишвари соҳибистиқлоли мо низ дар ин самт ҳамқадами ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ будан мехоҳад, барои ин кӯшишҳо ҳам сурат гирифтаанд, вале ҷараёни мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ин кӯшишҳо чандон муваффақ набуданд, ки ин сабабҳои худро дорад. Ба назари мо, кӯшиши муваффақонае, ки бо қабули санади алоҳида - Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон ва ташкили механизми назорати иҷрои он - таъсиси ташкилоти ҷамъиятии Шурои ВАО-и Тоҷикистон анҷомид, ҳануз нишони дарки аслу моҳияти масъала набошад ҳам, вале фаъолияти Шуро давоми солҳои мавҷудият гувоҳи он аст, ки агар он дар доираи низомнома ва оинномаи худ амал намояд, муваффақ буда метавонад [1-М; 2-М; 3-М; 4-М]

9. Натиҷаи баррасиҳо нишон медиҳад, ки воситаҳои ахбори омма,

махсусан, матбуоти мустақил ба василаи худтанзимкуние ниёз доранд, зеро мушкилоти зиёде дар ҷомеаи журналистӣ вуҷуд дорад. Барои аз миён бурдани мушкилот, барои муайян кардани сабабҳои объективию субъективии ихтилофоти дохилӣ ва талош барои ба ҳам омадани онҳо (журналистон) сохторе зарур аст, ки воқеан мустақил ва ҳадафаш рушди журналистикаи миллӣ бошад. Шурои ВАО ба сифати чунин сохтор шинохта мешавад ва месазад, ки ба ҳадафи олии худ содиқ бошад. Сатҳи муносибатҳо бо гузашти солҳо нишон медиҳад, ки ба моҳияти аслӣ расидан мумкин аст, зеро дар замони сармоядорӣ ва рақобат барои ба даст овардани маблағи бештар расонаҳоро баъзан душмани ҳам мегардонад; ҳолатҳои паст задани шаъну шараф ва таҳқир зиёд ба назар мерасад. Дар чунин вазъият ягона воситаи муттаҳидӣ ниҳоди ахлоқӣ буда метавонад, чун барои ҳимояи шаъну шараф ва эътибори касбӣ мусоидат мекунад [9-М; 11-М; 13-М].

10. Баррасии раванди ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ моро ба хулосае расонид, ки риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ омили муайянкунандаи ҳақиқатнигорӣ ва бетарафии касбӣ аст; ҳақиқат масъалаи муҳимтарине дар ҳаёти инсон аст, ки онро мо аз нигоҳи муҳаққиқон баррасӣ намудем, вале дар маҷмуъ, дар фаҳмиши ом он мазмуни адолат, баробарӣ, ҳамдилӣ, ягонагӣ ва осоиштагиро дорад. Дар фаъолияти журналистон мо онро дар инъикоси беғаразонаву бетарафонаи воқеияти рӯйдодҳои ҷомеа мебинем, ки ҳолатҳои таҳрифи он зиёд ба назар мерасад. Замони муосир асри иттилоот ном гирифтааст ва «ҷанги иттилоотӣ» истилоҳи маъруфе дар муборизаҳои сиёсӣ ва бозиҳои глобалӣ дониста мешавад; масали маъруфи «ҳақиқат қурбонии аввалини ҳама гуна ҷанг аст» ба фаъолияти журналистон робитаи бевосита дорад. Муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ маҳз дар чунин ҳолат арзи ҳастӣ мекунад, ки воситаҳои ахбор набояд силоҳ бошанд. Тавассути воситаҳои ахбор тафаккури оммаро бозӣ дорондан ҳадафи абарқудратҳост, вале масъалаи муҳим он аст, ки бо дарки мубрамияти меъёрҳои ахлоқ аз воситаи амаликунанда будан бояд даст кашид [19-М; 20-М; 21-М; 25-М].

11. Таъмини инсон бо ахбори аз меъёр зиёд ба вайроншавии мувозинат

дар фаъолияти фикрӣ оварда мерасонад ва ба пайдоиши шаклҳои гуногуни бемориҳои рӯҳӣ низ иртибот дошта метавонад; чунин ҳолат вайрон кардани низому суботи ҳаёти инсонӣ аст. Баррасиҳо гувоҳи онанд, ки раванди берун омадан аз чунин ҳолатҳо ба назар мерасад; таваҷҷуҳ ба меъёрҳои ахлоқӣ, ҳангоми риоя нагардидани онҳо ҷиддӣ муносибат кардан бо гунаҳкорон гувоҳи аз даст надодани рисолати аслӣ дар ҷомеа аст. Аз ҷониби дигар, риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ нишони ҳимояи рисолат ва шарафи касбӣ аст, чун дар замони муосир имкони бештари интихоби иттилоъ доштан ғаризаи зотии инсонро ба ҳаракат даровардааст; майнаи сари инсон қудрат дорад, ки дар асоси сарчашмаҳои зиёд ва муқоисаи онҳо ҳақиқатро дарёбад, ин аст, ки омили муҳимми эътимоднокӣ риояи меъёрҳои ахлоқӣ дониста мешавад; чун дар расонае, ки инъикоси аслии воқеият ба назар расид, таваҷҷуҳ ба он бештар мегардад [6-М; 7-М; 17-М].

12. Як андешаи маъмули дигар дар рӯзноманигории байналмилалии муосир вуҷуд дорад, ки фарқ гузоштан миёни таблиғгар ва хабарнигорро иброз медорад, чун хабарнигор аз одоби касбӣ наметавонад ҷудо бошад; чунин тафриқагузорӣ, ки барои таблиғгар одоберо қоил нест, ҳолати хатарноке дорад; вақте таблиғгар дар симои хабарнигор - журналист намудор гардида, арзишҳои касбии ӯро сарфи назар мекунад. Журналистика бояд аз чунин хатарҳо дур қарор гирад, то бадном нагардад. Дар ин раванд ҳолати нигаронкунандаи журналистикаи тоҷик хислати косибӣ касб кардани он аст, ки моҳият, мавқеъ ва нуфузи иҷтимоии журналистикаро аз миён мебарад; ақидаҳое, ки дар пай ҳадафи журналистикаро ба сатҳи косибӣ расонидан доранд, хатаре ба соҳа ҳастанд. Журналистика илм аст ва онро бояд омӯхт, чун омӯзиши таҷриба, фаъолияти бевосита (амалия) монеаи аслии мустақилияти касбӣ мегардад, чун даҳҳо ҳақоиқ ва воқеаи шабеҳ тақозо мекунад эътироф намоем беҳтарин «соҳибистеъдод», ки назарияи касби худро намедонад, косиб аст ва дар ҳалли воқеаи андаке душвор лолу ноилоҷ мемонад, раҳгум мезанад ва ба ин васила хонандагонашро ба роҳи ғалат мебарад. Пайомади ногувори косибӣ аз нигоҳи ахлоқӣ дар он ифода меёбад,

ки яке аз залилатҳои он ба бузургманишӣ расондан аст. Зарурати таҳсилоти журналистиро он меъёри ахлоқӣ тақвият мебахшад, ки соҳибкасб ба касби хеш эҳтиром дорад ва онро азиз медорад; дар чунин ҳолат муносибати байни ҳамкасбон низ на чун бегонагон, балки самимона ва боэҳтиром сурат мегирад; нафаре, ки аз назарияи касб бохабар аст, рӯҳи журналистӣ дорад ва он барояш манбаъ ва маънии зиндагӣ аст, соҳибистеъдодҳои дигар журналистикаро чун ҷаҳишгоҳе барои маъруфият ва шинохташавӣ истифода кардан мехоҳанд; дар чунин ҳолат мавқеи иҷтимоӣ ва шарафу эътибори касбӣ коста мегардад [1-М; 2-М; 16-М; 22-М; 24-М].

13. Масъалаи муҳими дигари журналистикаи муосир, ки дар аксар санадҳои ахлоқӣ ба он таваҷҷуҳ мешавад, риояи принсипи бетарафии журналист аст; ин масъала нозук мебошад, чун журналистро ба диллема рӯ ба рӯ месозад. Аз натиҷаи таҳқиқи мо бармеояд, танҳо андеша сари меъёрҳои ахлоқ метавонад интихоби роҳи дуруст бошад, чун виҷдон, ки қарори ахлоқӣ мебарорад, аксаран, хато намекунад. Мисолҳои журналисти шведӣ Эрик Фихтелиус аз таҷрибаи як шабакаи радиоӣ чанд мисол меорад, ки ба масъалаи риояи принсипи бетарафӣ дахл доранд ва дар аксар ҳолат қарори ниҳоии ахлоқӣ боиси роҳи ҳалли мусолиматомези масъалаҳои диллемавӣ будааст. Дар маҷмуъ, бетарафии касбӣ дар фаҳмиши мо, беғаразӣ, садоқат ба дигар принсипҳои касбӣ аст [8-М; 26-М].

14. Пайгириҳо нишон дод, ки этикаи журналистӣ омили муҳими муайянкунандаи ҳақиқатнигорӣ ва бетарафии касбӣ аст, чун дар баъзе ҳолат риояи принсипи касбӣ наметавонад журналистро аз маҳкумияти оммавӣ нигоҳ дорад. Доир ба меъёрҳои ахлоқии муқарраргардида низ чунин гуфтан мумкин аст, чунки бо тақозои шароит зарурати риоя нагардидани онҳо низ ба миён меояд, вале дар ин маврид хулосаи ахлоқӣ, виҷдон, ҳамият, фаросат ва маърифати инсон аҳамияти аввалиндараҷа касб мекунанд. Муҳиммияти ахлоқ низ дар он ифода меёбад, ки ба ҳайсияти инсонӣ такя мекунад. Мушаххасан, метавон ба натиҷае расид, ки дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ заминаҳои мушаххаси худро

доранд, ки аз марҳилаҳои муайян иборат мебошанд ва чун ин меъёрҳо вобаста ба талаботи замон дигаргун мешаванд, боз ҳам дар такомул хоҳанд буд. Меъёрҳои ҳуқуқии журналистика ҳам дорои заминаҳои мушаххаси ташаккул буда, аз марҳилаҳои муайян иборат аст ва ин даврaҳо бо махсусиятҳои худ хосияти ҷомеаро низ нишон дода, фарогири ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти журналистӣ ва танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқии онҳо мебошанд [22-М; 26-М].

15. Баррасиҳо моро ба натиҷае оварданд, ки дар пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистика нақши меъёрҳои этикӣ ниҳоят барҷаста мебошад ва шароити муосир ҳолатеро ба вуҷуд овардааст, ки фарқи чандон ҷиддие миёни меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба назар намерасад. Ба гунаи мисол, намунае, ки вобаста ба як банди «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» ва муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тазаккур ёфт, гувоҳи он аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ моҳиятан дар ҳама муқаррароти қонунҳо мавқеи худро доранд ва сарчашмаи онҳо ба шумор мераванд. Андешаҳои ҳуқуқшиносон низ баёнгари он аст, ки пайвандии бевоситаи меъёрҳои мазкур ҳамеша вуҷуд доштанд ва зикри тафовути ин меъёрҳо низ аз ҷониби муҳаққиқон нишони устувории меъёрҳои ахлоқӣ мебошанд. Ба натиҷае расидем, ҳар як меъёре, ки дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷой мегирад, асосҳои ахлоқӣ дорад, вале мо боз ҳам ба он мавқеъ ҳастем, ки ҷомеаи инсонӣ набояд ба он сатҳе расад, ки ҳама меъёрҳои ахлоқӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ мақом пайдо кунанд ва чун меъёри ахлоқ шинохта шаванд, зеро ахлоқ рамзи инсоният аст, ҳуқуқ бошад, расмият ва зарурат мебошад, ҳарчанд шароити муосири замон баъзан тақозо менамояд, ки меъёрҳои рафтору амал хислати расмӣ-қонунӣ пайдо кунанд [26-М; 27-М].

16. Вобаста ба вижагиҳои санадҳои ахлоқии идораҳои воситаҳои ахбори оммаи ҷудогона ба натиҷае расидем, ки аз вижагиҳои аслии санадҳои ахлоқии идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори омма ин мушаххастар будани онҳост, зеро махсус ба кормандони ҳамон расона равона гардида, дар бандҳои алоҳида ва дар мавридҳои зарурӣ таъкид мегардад, ки меъёрҳои мазкур меҳвари фаъолияти корманди идораро ташкил медиҳанд. Аз нигоҳи мо, ин махсусият

хеле аҳамиятнок аст, зеро санадҳои умумӣ танҳо ба касб ишора карда, ба таври умумӣ журналистро уҳдадор мекунанд, вале дар ин маврид масъулият дучанд мегардад, зеро ин ҷо хосияти касб ва уҳдадории бевосита ба ҳам меоянд. Махсусияти дигари чунин санадҳо ҷузъи муҳимми тартиботи дохилиидоравӣ будани онҳост, ки ба назари мо, ин ҷанбаи муҳим раванди татбиқи меъёрҳои ахлоқиро беҳтар мегардонад ва боиси сифатан беҳтар гардидани кори ҳамон расона мешавад. Чунин натиҷа ҳосил шуд, ки ҳамин омили муҳим – таъкиди зарурати риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ, ки аз марҳилаи умумӣ будан ба зинаи мушаххасӣ расидаанд, ин меъёрҳоро дар як сатҳ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор медиҳанд, зеро баррасии ин аснод нишон дод, ки риояи онҳо аз ҷониби кормандон ҳатмӣ аст. Вижагии дигари ин аснод босифаттар гардонидани матолиби расонаҳоест, ки онро қабул кардаанд; ҳамон ҳадафе, ки оҷонсии “Ворорӯд” назди худ гузошта буд (кӯшиши байналмилалӣ сохтани доираи фаъолияти худ) аз аҳдофест, ки расидан ба он тавассути пазироӣ ва татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ имконпазир мегардад. Дар мисоли гурӯҳи расонаҳои “Азия-плюс”, ки санади он ҳам мавриди баррасӣ қарор гирифт, метавон ба натиҷае расид, ки дар муқоиса бо дигар расонаҳо матолиби ин гурӯҳ сатҳу сифати беҳтар дорад, чун ба арзишҳои касбию ахлоқӣ эҳтиром мегузорад ва риояи ҳатмии онҳоро аз кормандони худ низ тақозо мекунад. Санадҳои Би-Би-Сӣ ва Рейтер низ далели ҳамин сухан ҳастанд, ки қабули санади алоҳидаи ахлоқӣ ба манфиати кор аст [4-М; 17-М].

17. Баррасии ин аснод моро ба хулосае овард, ки ҳарчанд таҷрибаи қабули санади марбут ба этикаи касбӣ дар ин расонаҳо нисбат ба собиқаи фаъолияти онҳо камтар аст, аммо ин чунин маъно надорад, ки то қабули санади алоҳида меъёрҳои ахлоқӣ барои ин расонаҳо дар меҳвари фаъолият қарор надошт, чун аз оиннома ва низомномаи дохилии онҳо бармеояд, ки меъёрҳои мазкур дар шаклҳои дигар вуҷуд доштанд. Тақозои замон ва боз ҳам муҳимтар гардидани меъёрҳои ахлоқӣ боиси он гардидааст, ки ин расонаҳо меъёрҳои ахлоқи касбиро дар шакли санади алоҳида қабул карда, барои ҳифзи манфиатҳои муассисаи худ ба раванди татбиқи онҳо низ таваҷҷуҳи хосса

зоҳир намоянд [1-М; 2-М; 15-М].

18. Дар мисоли матлаби ҳафтаномае, ки бо он ва вокунишҳояш муфассал муносибат кардем, ба натиҷае расидем, ки масъалаҳои ахлоқӣ масъалаҳои ҷузъӣ нестанд, бо онҳо сарсарӣ муносибат кардан мумкин нест, зеро онҳо аз масъалаҳои тақдирсоз ба шумор мераванд. Ба назари мо, дар мисоли ҳамин матлаб марзи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ муайян мешавад; онҳое, ки дар бораи ин матлаб изҳори назар кардаанд, иброз медоранд, ки дар ин маврид меъёрҳои ҳуқуқӣ чандон нақши назаррас надоранд, зеро инҷо ягон ҳуқувайронкунӣ нест, ҳеҷ кас аз лиҳози қонунӣ журналистро барои ин матлабаш ба ҷавобгарӣ намекашад, зеро ӯ гӯё вазифаи хабаррасонии худро иҷро намуда, аз як мушкили ҷомеа бонги изтироб задааст. Баррасии этика ва ҳуқуқ ҳамин лаҳзаи ҳассос ва тафовути куллиро нишон медиҳад, ки инъикоси як рӯйдод метавонад аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳеҷ мушкиле надошта бошад, аммо оқибатҳои ногувору ҳатто тасаввурнашавандаи ахлоқӣ дошта бошад, аз ин рӯ, ин муҳиммият ва нозукиҳо ҳангоми фаъолият бояд ҳамеша дар мадди назар бошад. Ин ҳам нишони алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ аст, ки як матлаб метавонад аз лиҳози ахлоқӣ мушкиле надошта бошад, аммо оқибати ҳуқуқӣ дошта метавонад; ин ҳолатҳо хеле кам ба назар мерасанд, чун дар аксар ҳолат меъёрҳои мазкур ба ҳам алоқамандии бевосита дошта бошанд [12-М; 15-М].

19. Баррасии зуҳуроти деонтологӣ ҳамчун идомаи мантиқии алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ва ҳам зарурати таваҷҷуҳи хос дар замони муосир ба масъалаҳои марбут ба деонтология дар мисоли якчанд намунаи баҳсҳои судӣ бо рӯзноманигорон ба натиҷае расонид, ки дар аксар ҳолат журналистон ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва муқаррароти қонунҳои соҳавӣ таваҷҷуҳи бевосита зоҳир кардаанд; яъне, сатҳи риояи онҳо ба таври бояд ба роҳ монда шудааст. Инчунин, тақрибаи Шурои воситаҳои ахбори омма низ давоми 15 соли фаъолият нишон медиҳад, ки таносуб миёни риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистикаи муосири тоҷик вуҷуд дорад. Дар ин баробар, ки чун дастовард дониста мешавад, ин нуктаҳо ҳам маълум

гардиданд, ки ҳануз ҳам дар ҷомеаи журналистӣ ба ташаккули маърифати ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ зарурат ҳаст; ҳарчанд дар мисолҳои мушаххас таваҷҷуҳи хоси онҳо ба меъёрҳо мушоҳида мешавад, вале дар матлабҳои алоҳида ҳолатҳои сарфи назар кардани меъёрҳои ахлоқӣ ба назар мерасанд [12-М].

20. Таҳқиқ ин нуктаи ҷолибро низ собит намуд, ки ҷомеаи журналистӣ дар ташаккули қонунгузории соҳавии худ ташаббусҳои дурусту созанда дорад ва умедворкунанда аст, ки дар аксар ҳолат аз ҷониби шохаи ҳокимият, ки марбут ба қабули қонун аст, ин пешниҳодҳо пазируфта шудаанд. Масалан, баҳсҳои доманадори судӣ доир ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибор, ки чун ҷуброни зарари маънавӣ маблағҳои ҳангуфтеро тақозо доштанд, ҷомеаи рӯзноманигориро водор сохт, то ба мақомот расман пешниҳод намоянд, ки ин масъаларо ба таври ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ҳаҷми мушаххаси ҷуброни зарари маънавиро вобаста ба сатҳу дараҷаи он муайян намоянд, чун ин гуна талабҳо ҳарчанд бо он натиҷаҳо ҳал намешаванд, вале таҳдиде ба фаъолияти озоди расонаҳо мебошанд. Инчунин, кӯшишҳои ҷомеаи иттилоотӣ барои таҳияи кодекси иттилоот, ки мақсади муттаҳид сохтани қонунҳои соҳавиро дорад, чун ташаббуси хуб арзёбӣ мегардад, зеро дар сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифт, вале ба назари мо, ин кор чандон имконпазир нест, чунки механизми танзими воситаҳои ахбори омма аз ҳам тафовут доранд ва ҳангоми муттаҳид сохтан ин ҷанбаҳо ноаён мемонанд ва ин боис мегардад, ки дар таҳияи кодекс ихтилоф ба вуҷуд ояд. Зуҳуроти як андоза навро дар журналистикаи тоҷик дар мисоли намунаҳои мушаххас ба баррасӣ гирифта, ба натиҷае расидем, ки зарурати таваҷҷуҳ ба масъалаҳои деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик ба вуҷуд омадааст. Таҳлили ҷанбаҳои деонтологӣ ин воқеиятро бармало месозад, ки дар шароити муосир зарурати ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил ёфтани меъёрҳои ахлоқӣ бештар гардидааст; ин зарурат аз як ҷониб, агар аз нигоҳи ахлоқӣ нишони заволи ахлоқии ҷомеа бошад (чун дар як маврид ба чунин хулоса намудем ва инро аз нигоҳи худ дуруст мешуморем), аз тарафи дигар, нишони талаботи табии ҷомеа низ ҳаст [16-М; 17-М; 18-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Таҳқиқ маълум намуд, ки масъалаҳои ахлоқӣ дар ҳама давру замон аз аҳамияти хосе бархӯрдор буданд, вале дар замони муосир аз муҳимтарин мавзуъҳои рӯз на танҳо барои журналистика, балки дар ҷомеа гардидаанд; рушди ҷомеаи иттилоотии муосир, ки имкони дастрасӣ ба иттилоъ ва сарчашмаи маълумот буданро барои аксарият ба вуҷуд овардааст, ин воқеиятро бармало месозад.

Ҳарчанд дар шароити муосир бо рушди босуръати техникаву технология имконияти рушди воситаҳои иттилоърасонӣ низ ба вуҷуд омадааст, аммо бо вуҷуди ин муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ боқӣ мемонад. Баъзан афкоре мушоҳида мешавад, ба монанди он ки ахлоқи рӯзноманигорӣ дар шароити муосир чандон аҳамиятнок нест, зеро имрӯз расонаҳо моликияти шахсону ширкатҳои алоҳида ҳастанд ва барои манфиати онҳо амал менамоянд, аз ин рӯ, дар боби ахлоқ суҳбат кардан чандон мувофиқ нест. Аммо боз ҳам таҳлилу андешаҳои дигар ва ба назари мо, воқеияти замони муосир муҳимтарин нақши таъсиргузории расонаҳоро дар риояи меъёрҳои ахлоқӣ ба вуҷуд меоранд.

1. Ҳангоми баррасиҳо маълум гардид, ки озодии сухан ҳамчун мафҳуми меҳварии журналистикаи муосир ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар журналистикаи байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ мерасонад ва заминаю сарчашмаи онҳо ба шумор меравад, аз ин рӯ, зарурати таваҷҷуҳи боз ҳам бештар ба он барои истифодаи пурсамар вуҷуд дорад.

2. Имрӯз зарурати таваҷҷуҳи бештар ба ташаккули матбуоти мустақил дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои мутамаддин ба миён омадааст, зеро ҳолати расонаҳо ва таҳлили ҷанбаҳои ахлоқию ҳуқуқии фаъолияти онҳо нишон медиҳад, ки дар асоси як низоми мушаххас шакл гирифтану амал кардан бештар ба манфиати кор аст.

3. Фаъолияти созмонҳои касбӣ ва ташаккулу рушди онҳо чандон чашмрас

нест, ҳол он ки тавре маълум гардид, ҷомеаи касбӣ ба як созмони ташаккулёфтаи тахассусии воқеӣ ниёз дорад.

4. Таваҷҷуҳи шахсиятҳои ҷомеаи журналистӣ ба ташаккули касбияти худ дар ҷомеа низ дар сатҳи бояд нест; ҷомеаи журналистӣ ба шахсиятҳое ба мисли Акбаралӣ Сатторов (Акбари Саттор, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар солҳои 2006-2015), ки ҳамчун шахси масъул ҳамеша дар фикри ҳифзи обрӯ ва шаъну шарафи касбу ҳамкасбон буд, эҳтиёҷманд аст (ин эътирофи худи ҷомеаи журналистӣ аст, ки гӯё Акбари Саттор бо рафтани худ журналистикаро низ ҳамроҳи худ бурд). Албатта, имрӯз низ Иттифоқи журналистон вуҷуд дорад, раис ва раёсати он ҳам дар доираи оииномаи фаъолият корҳоеро анҷом медиҳанд, аммо дар он сатҳе, ки Акбаралӣ Сатторов барои ҳамраъйӣ, муттаҳидӣ, ҳифзи ҳамкасбон дар баҳсҳои мухталиф анҷом медод, нестанд. Инро мо дар асоси ҳамон эътирофи чанде аз рӯзноманигорони саршинос ва ҳам мушоҳидаҳо дар солҳои охир баён медорем.

5. Масъалаи муҳимми ахлоқии имрӯз тафовут нагузоштан миёни манфиатҳои шахсӣ (тиҷоратӣ) ва принсипҳои касбӣ мебошад, ки оқибат ба нестии онҳо меорад; маълум аст, ки дар шароити муосир ба роҳ мондани фаъолият хеле душвор мебошад, вале минбари касбиро ба майдони тиҷорати шахсӣ табдил додан ба эътибори касбӣ иснод меорад. Ҳарчанд таҷрибаҳои умедворкунандаи касбӣ дар мисоли як расонаи мустақил (Азия Plus), ки ҳамеша кӯшиши нигоҳдории асолати касбиро мекунад, вуҷуд дорад, вале ҳолатҳои нигаронкунандаи зикршуда ҳам ба назар мерасанд, ки набояд чунин бошад. Ҳолатҳои ба рукуд дучор гардидани матбуоти мустақили замоне фаъол ҳам маҳз бо ин сабаб бояд дарси ибрат бошад.

6. Бо назардошти вазъи замон, ки ба ҳолати тамоми соҳаҳо таъсири худро мерасонад ва дар доираи тақозои худ ба шаклгирии ҷузъҳои муҳимми онҳо мусоидат менамояд, муносибат намудан бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ зарурати касбӣ гардидааст. Заминаҳои пайдоишу ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистика чун масъалаҳои муҳимми илмӣ-назариявӣ ва амалии фаъолияти журналистӣ боқӣ мемонанд ва

аҳмиятнокии худро бештар нишон хоҳанд дод; ҳарчанд мавзуъ ва масъалаҳои ахлоқӣ дар журналистика собиқаи дерин доранд, дар марҳилаҳои гуногуни ташаккул ба онҳо дар шаклҳои мухталиф муносибат шудааст, аммо имрӯз ин воқеият аст, ки дар амалия сарфи назар намудани онҳо бар зарари кор аст.

7. Ба вуҷуд омадани асноди худтанзимкунии фаъолияти воситаҳои ахбори омма чун нишони муҳиммияти онҳо зуҳур кардааст, зеро масъалаи шинохти возеҳи ин аснод ба миён омада, то андозае ба шаклгирии онҳо мусоидат кардааст. Ҳамакнун зарурати риояи онҳо чун масъалаи муҳимми амалӣ ба амалан вуҷуд омадааст. Ба эътибор гирифтани таҷрибаи байналмилалӣ ҳамчун омили таъсиргузор барои ташаккули меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар журналистикаи тоҷик мусоидат кардааст, аз ин рӯ, ҳангоми фаъолият зарурати такя намудан ба онҳо ҳамеша вуҷуд дорад.

8. Шоистаи таъкид аст, ки махсусиятҳои миллӣ низ ҳамеша бояд дар мадди назар бошанд; яъне, дар такя ба таҷрибаи байналмилалӣ махсусиятҳои минтақавӣ ва миллии санадҳоро низ бояд ба эътибор гирифт .

9. Дастовардҳои техникиву технологӣ ба пайдоиши зуҳуроти нав боис гардидаанд, ки муҳимтарини он ба вуҷуд омадани журналистикаи интернетӣ ва журналистикаи мултимедиавӣ мебошад. Ин падида ба табиати маъмулии мавҷудияти воситаҳои ахбори омма ва вазъи муносибатҳо бо меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ таъсир гузоштааст, ки дарки воқеии ин таъсир ба манфиати фаъолияти касбии журналистон аст.Меъёрҳои ҳуқуқӣ низ дар журналистикаи муосир дар баробари меъёрҳои ахлоқӣ аз муҳимтарин масъалаҳо ба шумор мераванд ва аз лиҳози расмӣ ҳатто муҳимтар аз меъёрҳои этикӣ дониста мешаванд. Шароити муосири замон ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ мусоидат карда, ҳамчунин, барои ба муҳокимаи умумии ҷомеаи журналистӣ гузошта шудани ин аснод имкон додааст. Аз ин ҳама имкониятҳо бо назардошти манфиатҳои касбӣ истифодаи дуруст мебояд.

10. Таҷрибаи байналмилалии аз ҷониби ширкатҳои алоҳида қабул намудани санади дохилии ахлоқӣ заминае барои ташкили чунин амал дар расонаҳои дохилӣ гардида, натиҷаи дилхоҳ додааст, аз ин рӯ, зарурати амал

намудан аз рӯйи нишондоди онҳо талаботи рӯз аст.

11. Яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир пайдоиш ва рушди босуръати ҳуши маснуӣ ё худ зеҳни сунъӣ мебошад, ки ба тамоми соҳаҳо таъсири мушаххаси худро гузошта истодааст. Ин таъсир дар журналистика низ хеле назаррас аст. Муҳимтарин масъалаи ахлоқии умумӣ дар ин зимн истифодаи дурусту манфиатноки он аст. Дар журналистика ин муҳиммият боз ҳам бештар аст, зеро имкониятҳои технологии паҳни иттилоот хавфи пахши маълумоти дурӯғу таҳрифшударо бениҳоят зиёд гардонидааст; истифодаи ғаразнок аз зеҳни сунъӣ як хавфи дигар аст. Аз ин рӯ, дар чунин шароит риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ҳамчун муҳимтарин масъала зуҳур мекунад.

12. Як ташбеҳи мушовири илмии худро лозим ба зикр медонем, ки барои мо имкони пешниҳоди як тавсияи дигарро дод: замоне, ки автомобил вуҷуд надошт, зарурат ба таҳияи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, воситаҳои танзимкунӣ, мақомоти махсуси танзимгар набуд, ҳаракати нақлиёт ба таври бисёр сода, (шоистаи таъкид аст, ки маҳз тавассути ахлоқи умумии инсонӣ) танзим мешуд, аммо пайдоиш ва рушди босуръати саноати мошинсозӣ, ниҳоят маъмул гардидани он чунин шароитро ба вуҷуд овард, ки бояд ҳатман ва бо тарзу усулҳои хос, асосан дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим шавад. Ба ин монанд, дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ зарурати ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил додани қисме аз принсипҳои журналистӣ ва меъёрҳои ахлоқи шабакавӣ ба вуҷуд омадааст, зеро саводи расонаӣ яке аз масъалаҳои бисёр муҳим ва мубрами замони муосир ба шумор меравад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Адабиёти илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ:

1. Абдуллоев М.А. Таджикская публицистика и национальная идентичность [Текст] / М.А Абдуллоев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
2. Абдуллаев, М.А., Нуралиев А.Н. Этические проблемы в системе деонтологии журналистики. К вопросу о взаимосвязи этики и культуры журналиста [Текст] / М.А. Абдуллаев, А.Н. Нуралиев // Актуалные проблемы журналистики (сборник научных статей). – Душанбе, 2015. – С.8-14
3. Авраамов, Д.С. Профессиональная этика журналистики [Текст] / Д.С. Авраамов. – М.: Мысль, 1991. – 255 с.
4. Авраамов, Д.С. Профессиональная этика журналиста: Учебное пособие [Текст] / Д.С. Авраамов. – М.: МГУ., 1999. – 224 с.
5. Аграновский, В.А. Ради единого слова: Журналист о журналистике [Текст] / В.А. Аграновский. – М., 1978. – 168 с.
6. Аграновский, В.А. Профессия: иностранец [Текст] / В.А. Аграновский. – М.: Мысль, 1989. – 145 с.
7. Азимов, А. Публисистика ва замони муосир [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2004. – 138 с.
8. Актуальные проблемы журналистики / Сборник научных статей. – Душанбе, 2015. – 276 с.
9. Александров, Д.Н. Логика. Риторика. Этика [Текст] / Д.Н. Александров. – М., 2004. – 168 с.
10. Американский характер. Импульс реформаторства [Текст] / Сборник статей. – М., 1995. – 319 с.
11. Анисимов, С.Ф. Мораль и поведение [Текст] / С. Ф. Анисимов. – М.: Мысль, 1979. – 142 с.

12. Апресян, Р. Г. Из истории европейской этики нового времени [Текст] / Р.Г. Апресян. – М., 1986. – 79 с.
13. Апресян, Р.Г. Идея морали и базовые нормативно-этические программы [Текст] / Р.Г. Апресян. – М., 1995. – 67 с.
14. Асрори сухан [Матн]/ Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Хуҷанд, 2017. – 336 с.
15. Афанасьев, В.Г. Научно-теническая революция, управление, образование [Матн] / В.Г. Афанасьев. – М., 1972. – 431 с.
16. Афанасьев, В.Г. Системность и общество [Текст] / В.Г. Афасеньев. – М.: Политиздат, 1980. – 157 с.
17. Афсахзод, А.А. Вопросы журналисткой этики в контексте национальных нравственных координат (на примере пехлевийской литературы) (по специальностям Медиакоммуникация и журналистика и Литературы народов мира (таджикская литература)) // Докт. дисс. [Текст] / А.А. Афсахзод. – Душанбе, 2024. – 346 с.
18. Багерстам, Э. Свобода прессы в демократическом обществе: настольная книга по этике прессы [Текст] / Э. Багерстам. – М., 1992. – 127 с.
19. Бакштановский, В.И. Моральный выбор личности: альтернативы и решения [Текст] / В.И. Бакштановский. – М.: Политиздат, 1983. – 224 с.
20. Бакштановский, В.И., Согомонов Ю.В. Моральный выбор журналиста [Текст] / В.И. Бакштановский, Ю.В. Согомонов. – Тюмень, 2002. – 448 с.
21. Бакштановсий, В.И., Согомонов Ю.В. Этика профессии: миссия, кодекс, поступок [Текст] / В.И. Бакштановский, Ю.В. Согомонов. – Тюмень, 2005. – 378 с.
22. Бандурин, А.П. Социальная регуяция: рационалное и иррациональное [Текст] / А.П. Бандурин. – Ростов-на-Дону, 2005. – 330 с.
23. Бахтин, М. М. Эстетика словесного творчества [Текст] /М.М. Бахтин. – М.: Искусство, 1986. – 444 с.
24. Баъзе масъалаҳои публистситикаи замони Истиқлол. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн]. – Душанбе, 2018. – 120 с.

25. Бобнева, М.И. Социальные нормы и регуляция поведения [Матн] / М.И. Бобнева. – М., 1978. – 189 с.
26. Бобоҷонова, М. Муаммои этикаи касбӣ дар матбуоти давраи Шуравӣ / М. Бобоҷонова [Матн] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2016. – №4 (49). – 131-136
27. Бобоҷонова, М.С. Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ (дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд) [Матн] / М.С. Бобоҷонова. – Душанбе, 2019. – 160 с.
28. Бобоҷонова, М.С. Махсусиятҳои татбиқи қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар ОИТ «Ворорӯд» [Матн] / М.С. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2023. – №2 (95). – 136-141
29. Богданов, В.Л., Засурский, Я.Н. Власть, зеркало или служанка?: энциклопедия жизни современной российской журналистики. Том 2. [Текст] / В.Л. Богданов, Я.Н. Засурский. – М., 1998. – 323 с.
30. Большаков, Е.В. Соотношение морали и права в истории общественной мысли: этико-философский анализ [Текст] / Е.В. Большаков. – Иваново, 2015. – 163 с.
31. Больц, Н. Азбука медиа [Текст] / Н. Больц. – М., 2011. – 136 с.
32. Брентано, Ф.О происхождении нравственного познания [Текст] / Ф.О. Брентано. – СПб: Алетейя, 2000. – 186 с.
33. Бухарцев, Р.Г. Вопросы профессиональной этики журналиста [Текст] / Р.Г. Бухарцев. – Свердловск, 1975. – 42 с.
34. Бухарцев, Р. Г. Творческий потенциал журналиста [Текст] / Р.Г. Бухарцев. – М., 1985. – 140 с.
35. Бялт, В.С. Право и мораль в системе социального регулирования [Текст] / В.С. Бялт // Ленинградский юридический журнал. – Сп-б, 2015. – №3 (41). – С. 9-16.

36. Вартанов, А.С. О методологических подходах к изучению средств массовой коммуникации [Текст] / А.С. Вартанов. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1985. – 165 с.
37. Васоити электронии ахбор ва армонҳои миллӣ [Матн]/ Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 2015. – 158 с.
38. Вигерлинг, К. Этика СМИ [Текст] / К. Вигерлинг. – М., 2003. – 260 с.
39. Воробьев, Г.Г. Твоя информационная культура [Текст] / Г.Г. Воробьев. – М.: Мол. гвардия, 1988. – 303 с.
40. Воскобойников, Я.С., Юрьев В.К. Журналист и информация. Профессиональный опыт западной прессы [Текст] / Я.С. Воскобойников, В.К. Юрьев. – М., 1993. – 204 с.
41. Ворошилов, В.В. Журналистика. Учебник. 4-е издание [Текст] / В. В. Ворошилов. – М., 2002. – 656 с.
42. Ворошилов, В.В. Право и этика в журналистике [Текст]/ В.В. Ворошилов. – СПб., 2004. – 160 с.
43. Гарин, И.И. Что такое этика, культура, религия? [Текст] / И. И. Гарин. – М., 2002. – 847 с.
44. Глобальные проблемы и общечеловеческие ценности [Текст]. – М.: Прогресс, 1990. – 495 с.
45. Головко, Н.А. Свобода и моральная ответственность [Текст]/ Н.А. Головко. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1973. – 198 с.
46. Горохов, В.М. Основы журналистского мастерства [Текст]/ В.М. Горохов. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1989. – 135 с.
47. Горелов, А.А. Этика: Учебное пособие [Текст]/ А. А. Горелов, Т.А. Горелова. 2-е изд. – М., 2007. – 416 с
48. Гузориши телевизионӣ [Матн]. – Душанбе, 2000. – 41 с.
49. Гулмуродзода, П. ВАО ва ҷомеаи демократӣ [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе, 1996. – 77 с.
50. Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе, 2006. – 164 с.

51. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 96 с.
52. Гулов, С. Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар телевизион [Матн] / С. Гулов, Л. Киёнпур. – Душанбе, 2011. – 136 с.
53. Гулов, С. Риояи этикаи касбӣ – шарти муҳимми фаъолияти журналистӣ [Матн] / С. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2013. – №4-6. – С.259-263
54. Гулов, С. Муқаддимаи журналистика [Матн] / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе, 2014. – 176 с.
55. Гулов, С. Истиқлолият ва рушди журналистикаи тоҷик / С. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). – 2018, №1. - С.251-257
56. Гусейнов, А.А., Краткая история этики [Текст]/ А.А. Гусейнов. – М.: Мысль, 1987. – 589 с.
57. Гусейнов, А. История этики [Текст] / А. Гусейнов. – М., 1989. – 284 с.
58. Гусейнов, А.А. Этика [Текст] / А. А. Гусейнов, Р. Г. Апресян. – М., 2000. – 472 с.
59. Гусейнов, А.А. История этический учений (учебник) [Текст] / А.А. Гусейнов. – М., 2003. – 911 с.
60. Громов, Е.С. Начало эстетических знаний [Текст] / Е.С. Громов. – Москва, 1984. – 336 с.
61. Глобус (Мультидисциплинарный сборник научных публикаций) [Текст]/ Материалы XXVII Международная научно-практическая конференция «Достижения и проблемы современной науки». – СПб., 2018. – 68 с.
62. Ғаззолӣ, М. Ахлоқ [Матн] / М. Ғаззолӣ. – Душанбе, 1993. – 104 с.
63. Давронов, Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо [Матн] / Д. Давронов. – Душанбе, 2007. – 156 с.
64. Давронов, Д. Сухан ва мавқеи суханварӣ дар телевизион [Матн] / Д.Давронов. – Душанбе, 2009. – 100 с.
65. Дар моварои сухан (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]. – Душанбе, 2018. – 216 с.
66. Дар партави Паём (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]. – Душанбе, 2015. – 96 с.

67. Дар ҷустуҷӯи ҳақиқат [Матн]. – Душанбе, 2005. – 156 с.
68. Дастури ҳуқуқӣ барои журналист (маълумотнома) [Матн]. – Душанбе, 2006. – 88 с.
69. Деннис, Э. Профессиональная этика журналиста: Беседы о масс-медиа [Текст] / Э. Деннис, Д. Меррилл. – М., 1997. – 383 с.
70. Джураева, М.Р. Коммуникативно-прагматический анализ устойчивых формул общения в современных таджикских СМИ [Текст]/ М.Р. Джураева. – Душанбе, 2017. – 255 с.
71. Дзялошинский, И.М. Российский журналист: некоторые особенности личности и профессиональной деятельности [Текст]/ И.М. Дзялошинский. – М., 1996. – 300 с.
72. Дзялошинский, И.М. Профессиональная этика журналиста [Текст] / И.М. Дзялошинский. – М.: Юрайт, 2017. – 422 с.
73. Дидро, Д. Принципы нравственной философии [Текст]/ Д. Дидро. – М., 2002. – 232 с.
74. Добрович, А. Б. Общение: наука и искусство [Текст]/ А.Б. Добрович. – М.: Знание, 1980. – 168 с.
75. Дорский, А. Ю. Правовое обеспечение связей с общественностью [Текст] / А.Ю. Дорский. – СПб., 2003. – 107 с.
76. Доценко, Е. Л. Психология манипуляции [Текст] / Е.Л. Доценко. – М.: Мысль, 1996. – 198 с.
77. Дробницкий, О.Г. Проблемы нравственности [Текст]/ О.Г. Дробницкий. – М.: Изд-во Моск. унта, 1977. – 200 с.
78. Дымова, И.А. Профессиональная этика журналиста [Текст] / И.А. Дымова. – Оренбург, 2013. – 164 с.
79. Евстафеева, Е.А. Правосознание сотрудников уголовно-исполнительной системы сразличными личностными характеристиками [Текст] / Е.А. Евстафеева. – Челябинск, 2015. – 217 с.
80. Журналист в поисках информации [Текст]. – М.: Галерея, 2000. – 112 с.

81. Журналист в поисках информации (Сборник материалов для работников СМИ) [Текст]. – М., 2004. – 112 с.
82. Журналистика в Таджикистане: профессиональный справочник для журналистов [Текст]. – Душанбе, 2006. – 136 с.
83. Журналист и этика. Мнения журналистов в зеркале обследования кодекса профессиональной этики [Текст]. – М.: Вагриус, 1995. – 114 с.
84. Журналистика и политика [Текст]. – М.: МГУ, 1987. – 174 с
85. Журналистика ва замони муосир (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]. – Душанбе, 2018. – 128 с.
86. Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2008. – 64 с.
87. Журналистикаи байналхалқӣ II (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2010. –136 с.
88. Журналистикаи байналхалқӣ III (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2011. – 44 с.
89. Журналистикаи байналхалқӣ – IV (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2012. – 136 с.
90. Журналистикаи байналхалқӣ – V (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2013. – 144 с.
91. Журналистикаи байналхалқӣ – VI (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2014. – 144 с.
92. Журналистика дар Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2006. – 136 с.
93. Журналистика: масъулияти касби ҷамъиятӣ (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) [Матн]. – Душанбе, 2006. – 78 с.
94. Законы и практика СМИ в странах СНГ и Балтии (сравнительный анализ) [Текст]. – М.: Галерея, 1999. – 333 с.
95. Законы и практика СМИ в одиннадцати демократиях мира [Текст]. – М., 1996. – 250 с.
96. Замони муосир ва журналистика [Матн] / Материалҳои конференсияи байналхалқӣ. – Душанбе, 2011. – 166 с.

97. Засорина, Т. Профессия журналист [Текст] / Т.Засорина, Н. Федосова. – Ростов-на-Дону, 1999. – 298 с.
98. Захарова, В.И. Соотношение правовых и этических норм в деятельности журналиста и специалиста по связам с общественностью. Российских и зарубежных опыт / В.И. Захарова // Коммуникология. – 2015. – С.101-127
99. Зиёзода, Т.Н. Ҳуқуқи инсон [Матн] / Т.Н. Зиёзода, М.А. Маҳмудзода, А.Г. Холиқзода. – Душанбе, 2022. – 192 с.
100. Ибодов, Дж. Основы правовых знаний для журналистов Таджикистана [Текст] / Дж. Ибодов. – Душанбе, 2004. – 368 с.
101. Имомзода, М. Роҳнамои ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / М. Имомзода, Ҷ. Саъдуллоев. – Душанбе, 2021. – 79 с.
102. Интернет и гласность [Текст]. – М.: Галерея, 1999. – 184 с.
103. Истиқлолият ва журналистикаи муосир (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]. – Душанбе, 2006. – 97 с.
104. Казаков, Ю.В. Саморегулирование журналистского сообщества: Опыт. Проблемы [Текст] / Ю.В. Казаков. – М., 2001. – 656 с.
105. Казакова, В. А. Социальные проблемы профессиональной этики журналиста [Текст] / В. А. Казакова. – М., 2002. – 157 с.
106. Камолиддинов, Б. Сухан гуфтию дурр суфтӣ (ё рӯ бо рӯ бо микрофон) [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2007. – 72 с.
107. Камолиддинов, Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2007. – 52 с.
108. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2015. – 400 с.
109. Кант, И. Лекции по этике [Текст] / И. Кант. – М., 2000. – 432 с.
110. Карим, Б. Тоҷикистон: дурнамои рушд [Матн] / Б. Карим. – М., 2004. – 288 с.
111. Кембелл, Р. Ташкили кори шуъбаи ахбор [Матн] / Р. Кембелл. – Душанбе, 2010. – 88 с.

112. Киёнпур, Л. Риояи меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ дар телевизион (дар мисоли ахбори телевизиони ББС (форсӣ) ва телевизиони Садо ва Симои Ҷумҳурии исломии Эрон). – Душанбе, 2012. – 185 с.
113. Ким, М.Н. Технология создания журналистского произведения [Текст] / М.Н. Ким. – Спб., 2001. – 320 с.
114. Кин, Д. Средства массовой информации и демократия [Текст] / Д. Кин. – М.: Политиздат, 1994. – 216 с.
115. Князев, А.А. Энциклопедический словарь журналистских терминов [Текст] / А.А. Князев. – Бишкек, 2005. – 159 с.
116. Корконосенко, С. Г., Ворошилов В. В. Право и этика СМИ [Текст] / С. Г. Корконосенко, В. В. Ворошилов. – СПб., 1995. – 239 с.
117. Корконосенко, С. Г. Основы журналистики [Текст] / С. Г. Корконосенко. – М., 2001. – 287 с.
118. Корконосенко, С.Г. Теория журналистики: моделирование и применение [Текст] / С.Г. Корконосенко. – СПб., 2010. – 108 с.
119. Кравцов, В. Н. Право и поведение [Текст] / В.Н. Кравцов. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1978. – 206 с.
120. Краткий юридический справочник для журналиста [Текст]. – М.: Права человека, 1997. – 208 с.
121. Кудрявцев, Ю.В. Нормы права как социальная информация [Текст] / Ю.В. Кудрявцев. – М.: Мысль, 1981. – 186 с.
122. Кузнецов, Г. Так работают журналисти ТВ [Текст] / Г. Кузнецов. – М., 2000. – 224 с.
123. Кумылганова, И.А. Нравственные критерии в профессиональной этики журналиста [Текст] / И.А. Кумылганова. – М., 1992. – 196 с.
124. Конститутсия ва қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Маҷмуаи қонунҳо. – Душанбе, 2005. – 100 с.
125. Кошифӣ, Ҳ.В. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» [Матн] / Ҳ.В. Кошифӣ. – Душанбе, 1991. – 320 с.

126. Қутбиддинов, Б. Воқеияти тасвир [Матн] / Б. Қутбиддинов. – Душанбе, 2014. – 124 с.
127. Қутбиддинов, Б. Имконот ва марзҳо дар роҳи ҷолибсозии мавод / Б. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмуаи мақолаҳо). Қисми VI. – Душанбе, 2014. – С. 34-38
128. Қутбиддин, Б. Роҳ ба сӯи эҷод [Матн] / Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2015. – 108 с.
129. Қутбиддинов, А.Ҳ. Хосияти публитсистика [Матн] / А.Ҳ. Қутбиддинов, Ҷ.М. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
130. Лазарев, В.В. Теория государство и право [Текст] / В.В. Лазерев. – Ташкент, 2007. – 736 с.
131. Лазутина, Г. В. Профессиональная этика журналиста [Текст] / Г. В. Лазутина. – М., 2000. – 208 с.
132. Лазутина, Г. В. Основы творческой деятельности журналиста [Текст]/ Г. В. Лазутина. – М., 2010. – 240 с.
133. Лазутина, Г.В. Профессиональная этика журналиста [Текст] / Г.В. Лазутина, И.Н. Денисова. – М., 2017. – 197 с.
134. Лазутина, Г.В., Денисова И.Н. Профессиональная этика журналиста [Текст] / Г.В. Лазутина, И.Н. Денисова. – М., 2022. – 241 с.
135. Лазутина, Г. К проблеме этики в онлайн-коммуникации: поиск выхода / Г. Лазутина // МедиаТренды (экспертный взгляд факультета журналистики МГУ на события в СМИ). – М., 2020. – №4. – С.6
136. Ламбет, Э. Б. Приверженность журналистскому долгу. Об этическом подходе в журналистской профессии [Текст] / Э.Б. Ламбет. – М., 1998. – 318 с.
137. Лозовский, Б.Н. Деонтология журналистики [Текст]/ Б.Н. Лозовский. – Екатеринбург, 2004. – 116 с.
138. Ломоносов, М. В. Рассуждение об обязанностях журналистов при изложении ими сочинений, предназначенное для поддержания свободы

философии [Текст] / Ломоносов М. В. Избр. произв. Т.1. – М., 1986. – 593 с.

139. Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо» [Матн]. – Бохтар, 2025. – 716 с.
140. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири Интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» [Матн]. – Кӯлоб, 2025. – 193 с.
141. Мамонтова, О.И. Развитие основных институтов саморегулирования СМИ в мире / О.И. Мамонтова // Вестн. Моск. ун-та. сер. 10. Журналистика. 2010. № 5. – С.63-71
142. Максимов, Л.В. К понятию «объект морали» / Л.В. Максимов // Этическая мысль. Выпуск 10. – М., 2010. – С.20-38
143. Мансурзода, М.А., Қодирзода, Ғ.Н. Алоқамандии ахлоқ ва меъёрҳои ҳуқуқ: таҳлили мухтасар / М.А. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. №3 (47). – С.36-41
144. Марченко, М.Н. Государство и право в условиях глобализации [Текст] / М.Н. Марченко. – М., 2009. – 400 с.
145. Маслов, А.С. Этические стандарты региональной журналистики: аспеекты изучения / А.С. Маслов // Вестник ВГУ. Серия: Филология. Журналистика. – 2011. - №1. – С.149-158
146. Материалы по тематике: Модели саморегулирования деятельности прессы (мировая практика) [Текст]. – Душанбе, 2007. – 45 с.
147. Материалы по тематике: Этический кодекс журналиста [Текст]. – Душанбе, 2007. – 33 с.
148. Материалы Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Часть 2) [Текст]. – Душанбе, 2024. – 214 с.

149. Маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма [Матн]. – Душанбе, 2014. – 408 с.
150. Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ [Матн] / Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд, 2023. – 242 с.
151. Меликов, У. Ҳолати ҳуқуқии журналист [Матн] / У. Меликов. – Душанбе, 2005. – 112 с.
152. Меликов, У. Иттилоот дар интернет: танзими ҳуқуқӣ [Матн] / У. Меликов. – Душанбе, 2011. – 104 с.
153. Мельник, Г.С. Основы творческой деятельности журналиста [Текст] / Г.С, Мельник, А.Н. Тепляшина. – СПб., 2004. – 242 с.
154. Мельник, Г.С. Общения в журналистике: секреты мастерства [Текст] / Г.С. Мельник. – СПб., 2006. – 217 с.
155. Мирзоалӣ, С. Хабар: аз Машриқ то ба Мағриб [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2009. – 196 с.
156. Мирзоев, Ғ. Фалсафа дар саволу ҷавоб [Матн] / Ғ. Мирзоев. – Душанбе, 2013. – 256 с.
157. Моисеев, В. Журналистика и журналисты [Текст] / В. Моисеев. – Киев, 2002. – 408 с.
158. Моральный выбор [Текст]. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1980. – 344 с.
159. Муллоев, Ш.Б. Проблемы жанрово-тематических особенностей таджикской публицистики времен Великой Отечественной войны: 1941-1945гг. / авт. дисс. на соис. уч. степени докт. фил. наук [Текст] / Ш.Б. Муллоев. – Душанбе, 2013. – 49 с.
160. Муратов, С. А. Нравственные принципы тележурналистики: Опыт этического кодекса [Текст] / С.А.Муратов. – М., 1997. – 55 с.
161. Муратов, С. А. ТВ – эволюция нетерпимости (История и конфликты этичный представлений) [Текст]/ С.А. Муратов. – М., 2000. – 241 с.
162. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист. Қисми 1 [Матн]/ М.Муродов. – Душанбе, 2007. – 64 с.

163. Муродов, М. Сотсиологияи журналистика [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2009. – 100 с.
164. Муродов, М. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ дар раванди эҷоди журналистӣ / М.Муродов // Замони муосир ва журналистика (материалҳои конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2011. – С.13-19
165. Муродов, М. Аз се шохаи як илм [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2014. – 232 с.
166. Муродов, М. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ [Матн] / М.Муродов. – Душанбе, 2022. – 256 с.
167. Муқим, Ҷ. Радиои «Озодӣ»: Ҳақиқат ва дурӯғ [Матн]/ Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2000. – 180 с.
168. Муқим, Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2006. – 71 с.
169. Муқим Ҷ. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2006. – 124 с.
170. Муқим, Ҷ. Дастур барои радиожурналистони ҷавон [Матн]/ Ҷ. Муқим, А. Нӯъмонов. – Душанбе, 2010. – 120 с.
171. Мухтори, К. Социальная коммуникация и СМИ: формирование общественного мнения [Текст] / К. Мухтори. – Душанбе, 2021. – 140 с.
172. Мухторӣ, Қ. Хадамоти матбуотӣ ва робита бо ҷомеа [Матн] / Қ Мухторӣ. – Душанбе, 2015. – 128 с.
173. Муъминҷонов, З. Эволюция Таджикского телевидения в годы независимости / З. Муминджонов. – Душанбе, 2021. – 336 с
174. Назаретян, К.А. Журналистская этика: тенденция развития [Матн] // Этическая мысль; под ред. А. А. Гусейнова. – М., 2010. – Вып. 10. – С. 213-234
175. Назаров, В.Н. Прикладная этика [Текст]/ В.Н. Назаров. – М., 2005
176. Назарова, Ю.В., Толкачев, Е.А. Профессиональная этика журналиста в контексте конфликта интересов / Ю.В. Назарова, Е.А. Толкачев // Манускрипт. Т.14. – 2021. – №6. – С.1134-1137

177. Неруи сухан (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]. – Хуҷанд, 2014. – 252 с.
178. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе, 1989. – 176 с.
179. Нуралиев, А. Асосҳои ҳуқуқии журналистика [Матн]/ А. Нуралиев. – Душанбе, 2005. – 203 с.
180. Обновление морали и перспективы этики [Текст]. – М., 1990. – 262 с.
181. Одоби сухан (маҷмуаи маълумот) [Матн]. – Душанбе, 2013. – №1. – 27 с.
182. Панченко, А.О. Практика саморегулирования СМИ в контексте национальных медиасистем Великобритании и Германии / А.О. Панченко // Научные ведомости. Серия гуматарные науки. 2013. № 20 (163). – С.163-173
183. Печенев, В.А. Истина и справедливость [Текст]/ В.А. Печенев. – М.: Политиздат, 1998. – 254 с.
184. Писарев, Д.И. Основные проблемы врачебной этики и медицинской деонтологии [Матн]/ Д.И. Писарев. – М., 1969. – 192 с.
185. Письменная, Е.В. Профессиональная этика в деловой прессе [Текст] / Е.В. Письменная. – М., 2004. – 174 с
186. Полетаев, Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ [Матн]/ Э. Полетаев. – Душанбе, 2005. – 280 с.
187. Попов, Л. А. Этика [Текст] / Л.А. Попов. – М.,1998. – ... с.
188. Поттер, Д. Рӯзноманигории мустақил [Матн] / Д. Поттер. – Душанбе, 2011. – 148 с.
189. Пронин, Е.И. Выразительные средства журналистики [Текст]/ Е.И. Пронин. – М., 1980. – 178 с.
190. Прохоров, Е П. Введение в журналистике [Текст] / Е.П. Прохоров. – М., 2002. – 287 с.
191. Прохоров, Е.П., Пшеничный, Г.М., Хруль, В.М. Правовые и этические нормы в журналистике [Текст] / Е.П. Прохоров, Г.М. Пшеничный, В.М. Хруль. – М., 2004. – 222 с.

192. Прохоров, Е.П. Журналистика и демократия [Текст] / Е.П. Прохоров. – М., 2011. – 298 с.
193. Путеводитель по саморегулированию СМИ (Сборник информации) [Текст]. – Вена, 2008. – 116 с.
194. Рассолов, М. М. Информационное право [Текст] / М.М. Рассолов. – М., 1999. – 168 с.
195. Рахимджонов, Х.У. Этические нормы как механизм саморегулирования в журналистских сообществах Таджикистана [Текст] / Х.У. Рахимджонов. – Душанбе, 2017. – 176 с.
196. Раҳимҷонов, Х.У. Меъёрҳои этикаи касбӣ дар журналистикаи тоҷик [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе, 2018. – 184 с.
197. Рэндалл, Д. Универсальный журналист (перевод с анг.) [Текст] / Д. Рендалл. – М., 1996. – 140 с.
198. Рихтер, А.Г. Правовые основы журналистики [Текст] / А.Г. Рихтер. – М., 2002. – 352 с.
199. Рогожа, М.М. Моральный поступок и моральное действие: критерии оценки / М.М. Рогожа // Этическая мысль. Вып. 10. – М., 2010. – С.39-60
200. Рустамзода, Д.А. Профессионально-этические проблемы радиожурналистики в условиях глобализации [Текст] / Д.А. Рустамзода. – Душанбе, 2021. – 166 с.
201. Рубинов, А. Частная жизнь журналиста [Текст] / А. Рубинов. – М., 1994. – 288 с.
202. Сайидзода, З. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба паёмадҳои манфии ҷаҳонишавӣ [Матн] / З. Сайидзода. – Душанбе, 2014. – 260 с.
203. Саидзода, З. Тоҷикистони муосир: Масъалаҳои мубрами Истиқлоли миллӣ [Матн] / З. Саидзода. – Душанбе, 2016. – 608 с.
204. Саъдизода, Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дисс... ном. илм. ҳ. [Матн] / Ҷ. Саъдизода. – Душанбе, 2017. – 241 с.

205. Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 1997. – 72 с.
206. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт [Текст] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2000. – 256 с.
207. Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2005. – 96 с.
208. Свобода и ответственность [Текст]. – Душанбе, 2000. – 104 с.
209. Свитич, Л. Г. Профессиональное развитие будущего журналиста [Текст] / Л.Г. Свитич. – М., 1989. – 223 с.
210. Свитич, Л.Г. Профессия журналист [Текст] / Л.Г. Свитич. – М., 1996. – 186 с.
211. Свитич, Л.Г. Журналист и его работа [Текст]/ Л.Г. Свитич, А.А. Ширяева. – М., 1998. – 191 с.
212. Сиберт, Ф. Четыре теории прессы [Текст]. – М.:1. Вагриус, 1998. – 224 с.
213. Сиберт, Ф. Чор назарияи матбуот [Матн] / тарҷ. Усмонов И. – Душанбе, 2014. – 212 с.
214. Симонова, Н.Б. Формирование профессиональных этических норм в журналистике: внутрикорпоративная необходимость и внешнее влияние (начало XX в.) / Н.Б. Симонова // Научного журнала Новосибирского государственного университета. – 2021. - №3. – 90-95
215. Словарь по этике [Матн]. – М.: Политиздат, 1981. – 430 с.
216. Смирнова, О. Журналисты все меньше думают об этической стороне профессии / О. Смирнова // МедиаТренди (экспертный взгляд факультета журналистики МГУ на события в СМИ). – М., 2020. - №4. – С.2
217. Соболевский, А.В. Этика успешного журналиста [Текст]/ А.В. Соболевский. – Новосибирск, 2004. – 123 с.
218. Сохибназарбекова, Р.М. Вопросы саморегулирования СМИ в постсоветских странах Центральной Азии Актуальные проблемы журналистики / Р.М. Сохибназарбекова // Сборник научных статей. – Душанбе, 2015. – С.32-44

219. Содиқов, А. Аз таърихи афкори ахлоқии мутафаккирони Шарқ [Матн]/ А. Содиқов. – Душанбе, 1999. – 176 с.
220. Современная журналистика в аспекте деонтологии (сборник научных статей) [Текст]. – М., 2017. – 126 с.
221. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2003. – 552 с.
222. Средства массовой информации и судебная власть (проблемы взаимодействия) [Текст]/ отв. ред. А. К. Симонов. – М., 1999. – 100 с.
223. Средства массовой информации и правовые вопросы защиты чести и достоинства // под ред. Г. В. Винокурова, А. Г. Рихтера, В. В. Чернышова. М., (Журналистика и право. – 2004. – Вып. 44). – С. 45-51
224. Стефанова, С. Этические и правовые нормы в работе журналистов Болгарии и Испании [Текст] / С. Стефанова. – СПб., 2016. – 139 с.
225. Талбонӣ, А.Ш. Фалсафаи амалии Қутбиддини Шерозӣ [Матн]/ А.Ш. Талбонӣ. – Душанбе, 2022. – 368 с.
226. Телевизионная журналистика [Текст]. – М., 2000. – 305 с.
227. Теплюк, В. М. Этика журналисткого творчества [Текст] / М. В Теплюк. – М., 1980. – 172 с.
228. Теплюк, В. М. Социальная ответственность журналиста [Текст]/ М. В. Теплюк. – М., 1984. – 207 с.
229. Тертычный, А.А. Информационная безопасность и возможности саморегулирования журналистики / А.А. Тертычный // Вестник МГУ. Сер. 10. Журналистика. – 2005. №3. – С. 46-54.
230. Трошкин, Ю. В. Права человека [Текст] / Ю.В. Трошкин. – М.: Мысль, 1997. – 233 с.
231. Усмонов, И. Назарияи публисистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 142 с.
232. Усмонов, И. Журналистика. Қисми 1 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2001. – 480 с.
233. Усмонов, И. Одоби сухан [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 83 с.

234. Усмонов, И. Журналистика. Қисми 3 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2008. – 448 с.
235. Усмонов, И. Назаре ба таҳқиқот дар соҳаи журналистика [Матн]/ И.Усмонов. – Душанбе, 2008. – 65 с.
236. Усмонов, И. Жанрҳои публисистика [Матн] / И.Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
237. Усмонов, И. Журналистика. Қисми 4 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.
238. Усмонов, И. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ [Матн] / И.Усмонов, М.Муқимов, А.Қутбиддинов, С.Мирзоалӣ. – Душанбе, 2011. – 223 с.
239. Усмонов, И. Шарҳи «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 64 с.
240. Ученова, В. В. Творческие горизонты журналистики [Текст]/ В.В. Ученова. – М., 1976. – 159 с.
241. Федотов, М.А. Правовые основы журналистики [Текст]/ М.А. Федотов. – М., 2002. – 168 с.
242. Фихтелиус, Э. Даҳ қоидаи журналистика [Матн] / Э. Фихтелиус. – Душанбе, 2010. – 136 с.
243. Хасанова, Т.Г. Концептуальное пространство СМИ современного Таджикистана в условиях смены парадигм трансформации общества / авт. дисс... докт. фил. наук [Текст] / Т.Г. Хасанова. – Душанбе, 2022. – 46 с.
244. Хомидов, Д.Б. К вопросу об информационной безопасности и этике журналиста / Д.Б. Хомидов // Актуальные проблемы журналистики / Сборник научных статей. – Душанбе, 2015. – С.86-93
245. Хоҷаев, Қ. Суханварӣ [Матн] / Қ. Хоҷаев. – Душанбе,1997. – 108 с.
246. Ҳайдаров, Ф. Равзанаи нигоҳ [Матн] / Ф. Ҳайдаров, С. Гулов, Б. Қутбиддинов. – Душанбе, 2015. – 108 с.
247. Ҳамад, С. Дар суҳбати соҳибдилон (маҷмуи мусоҳибаҳо) [Матн] / С. Ҳамад. – Душанбе, 2007. – 291 с.

248. Ҳасанов, С., Ҳасанов, М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ [Матн] / С. Ҳасанов, М. Ҳасанов. – Хуҷанд, 2005. – 412 с.
249. Ҳодизода, Р. Ахлоқ ва ҷомеа [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 118 с.
250. Человек и общество в древнем мире [Текст]. – М., 1998. – 186 с.
251. Черменина Е.Г. Профессиональная этика журналиста / Учебное пособие [Текст] / Е.Г. Черменина. – Бишкек, 2013. – 156 с.
252. Шарипова, Г. Аснодиасосии байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқи башар // Г. Шарипова, Ҷ. Рачабов. – Душанбе, 1999. – 80 с.
253. Школа мастерства (Творческое наследие Отахона Латифи) [Текст]. – Душанбе, 2009. – 132 с.
254. Четвернин, В.А. Введение в курс общей теории права и государства [Текст] / В.А. Четвернин. – М., 2003. – 204 с.
255. Черниловский, З.М. Всеобщая история государства и права [Текст] / З.М. Черниловский. – М., 1996. – 576 с.
256. Чернов, А.А. Становление глобального информационного общества [Текст] / А.А. Чернов. – М., 2003. – 232 с.
257. Ҷумъаев, М. Дар бораи баъзе меъёрҳои ҳуқуқии фаъолияти журналистӣ / М. Ҷумъаев // Паёмномаи фарҳанг. – 2014, №1(25). – С.72-81
258. Шагдарова, Б.Б. Профессионально-этические ориентиры в современной журналистики [Текст] / Б.Б. Шагдарова. – М., 2014. – 79 с.
259. Шарифзода, Қ. Озодӣ ва масъулияти сухан [Матн] / Қ. Шарифзода. – Душанбе, 2014. – 116 с.
260. Шарифзода, Қ. Марҳалаҳои рушд ва вазъи имрӯзаи матбуоти даврии тоҷик [Матн] / Қ. Шарифзода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи озодии матбуот. – Душанбе, 2022. – С.3-8
261. Шарифзода, Қ. Пайдоиш ва таҳаввулоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ВАО [Матн] / Қ. Шарифзода // Материалы Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды

развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Часть 2) [Текст]. – Душанбе, 2024. – С.169-175

262. Шокиров, Ғ.А., Расулзода, Н. Проблемаҳои илмии мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ: ҷанбаҳои назариявӣ [Матн] / Ғ.А. Шокиров, Н. Расулзода // Паёми ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2021, №1 (86). – С.104-110
263. Шевченко, А.В. Государственная служба и СМИ: правовое регулирование отношений [Текст] / А.В. Шевченко. – М., 2007. – 159 с.
264. Шиллингер, Э. Проблемы и перспективы журналистской этики в России [Текст] / Э Шиллингер. – М., 1996. – 24 с.
265. Ширяева, А.А. Журналистское образование: Взгляд социолога [Текст] / А.А. Ширяева и др. – М., 1997. – 24 с.
266. Шопенгауэр, А. Свобода воли и нравственность [Текст] / А. Шопенгауэр. – М.: Республика, 1992. – 448 с.
267. Шостак, М. И. Репортер: профессионализм и этика [Текст] / М.И. Шостак. – М., 2001. – 192 с.
268. Шум, Ю. Таҳқиқоти журналистӣ: аз назария ба амалия [Матн] / Ю. Шум. – Душанбе, 2004. – 192 с.
269. Юркина, А.В. Этические дилеммы в журналистике: дискуссия в профессиональном сообществе [Текст] / А.В. Юркина. – СПб., 2017. – 86 с.
270. Юрков, А.А. Этика журналистского творчества [Текст] / А.А. Юрков. – СПб., 2003. – 142 с.

II. Сарчашмаҳо

а) Санадҳои тахассусӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ

271. Актуальные проблемы обеспечения доступа к информации. – Журналистика и право [Текст]. – М., 2004. – Вып. 35. – С. 6-10.
272. Всеобщая декларация прав человека (Извлечение) // Сборник нормативно-правовых актов РТ в сфере СМИ [Текст]. – Душанбе, 2014. – С. 7

273. Декларация принципов американского общества редакторов газет (АОРГ) / Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С.168-170.
274. Закон РТ «О праве на доступ к информации» // Сборник нормативно-правовых актов РТ в сфере СМИ [Текст]. – Душанбе, 2014. – С.35-43.
275. Закон РТ «Об обращениях граждан» // Сборник нормативно-правовых актов РТ в сфере СМИ [Текст]. – Душанбе, 2014. – С.44-52.
276. Иоганнесбургские принципы. Национальная безопасность, свобода самовыражения и доступ к информации // Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С.136-142.
277. Каноны журнализма (США) / Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С.162-164.
278. Кодекс профессиональной этики российского журналиста / Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С.196-199.
279. Кодекс поведения (Великобритания) / Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С.171-172.
280. Кодекс практики (Великобритания) / Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С.172-176.
281. Кодекс профессиональной этики журналиста / Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С.189-195
282. Кодекс этики общества профессиональных журналистов США / Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С.165-167
283. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» // Маҷмуаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи воситаҳои ахбори омма [Матн]. – Душанбе, 2014. – С. 8-23.
284. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» // Маҷмуаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи воситаҳои ахбори омма [Матн]. – Душанбе, 2014. – С. 24-35.
285. Материалҳои тренинги Шурои ВАО: «Принсипҳо ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ» (8-9 июни соли 2023) [Матн]. – Душанбе, 2023. – С.17-20.

286. Международные принципы журналистской этики / Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С.133-136.
287. Международных этических принципов деятельности журналиста / Профессиональная этика журналиста [Текст]. – М., 2003. – С.17-23.
288. Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2009. – 16 с.
289. Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2021. – 12 с.
290. Мизи гирд оид ба натиҷаҳои лоиҳаи «Мониторинги ВАО-и Тоҷикистон» [Матн]. – 2024, 13 декабр // Ҳисоботи Шурои ВАО. – 2024. – С.4-7
291. Московская хартия журналистов / Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С. 204-206
292. Правила профессиональной этики для сотрудников МТРК «Мир» // Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С. 160-162
293. Правовые и этические нормы в журналистике (Сборник документов) [Текст]. – М., 2004. – 222 с.
294. Правовые и этические нормы журналистской деятельности в документах [Текст]. – М., 1997. – 174 с.
295. Право и этика в работе журналиста [Текст]. – М., 1996. – 124 с.
296. Принципы публицистики (Германия) // Правовые и этические нормы в журналистике [Текст]. – М., 2004. – С. 177-188
297. Профессиональная этика журналиста [Текст] / Документы и справочные материалы. – М., 1999. – 135 с.
298. Санадҳои танзимкунандаи фаъолияти Шурои ВАО [Матн]. – Душанбе, 2010. – 31 с.
299. Сборник нормативно-правовых актов Республики Таджикистан в сфере средств массовой информации [Текст]. – Душанбе, 2014. – 408 с.
300. СМИ и Интернет: проблемы правового регулирования [Текст] / авт.-сост. В.Н. Монахов. – М., 2003. – С. 29-36.

301. Третьякова, О. В. Роль журналистики в формировании правовой культуры общества [Текст] / О.В. Третьякова // Журналистика в мире политики: гуманистическое измерение. – СПб., 2007. – С.47-56
302. Техника юридической безопасности для журналиста [Текст] / сост. В.В. Авдеев. – М., 1997. – С. 77-82
303. Хартия исламский СМИ / Материалы по тематике: Этический кодекс журналиста [Текст]. – Душанбе, 2007. – С. 7-9
304. Чӣ тавр ба баҳси судӣ роҳ надиҳем? (Дастур барои журналистон) [Матн] – Душанбе, 2014. – 98 с.
305. Шурои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон (маълумотнома) [Матн]. – Душанбе, 2010. – 20 с.
306. Этическая хартия для СМИ (Польша) / Материалы по тематике: Этический кодекс журналиста [Текст]. – Душанбе, 2007. – С. 10-11.
307. Этический кодекс Федерация арабских журналистов / Материалы по тематике: Этический кодекс журналиста [Текст]. – Душанбе, 2007. – С.12-13.
308. Этический кодекс журналистов (Венгрия) / Профессиональная этика журналиста [Текст]. – М., 2003. – С. 17-19.
309. Этический кодекс для работников прессы, радио и телевидения (Швеция) / Профессиональная этика журналиста [Текст]. – М., 2003. – С.21-24.
310. Этический кодекс телеканал «аль-Джазира» / Материалы по тематике: Этический кодекс журналиста [Текст]. – Душанбе, 2007. – С.12-13.

б) Маводди матбуоти даврӣ

311. Аз идора [Матн] // Нигоҳ. – 2014. – 18 декабр.
312. Андешаҳои бебунёд [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2010. – 25 ноябр.
313. Ваҳдати миллии тоҷикон устувор аст [Матн] // Мароми пойтахт. – 2011. – 26 июн.
314. Ғорати рӯирости терминалҳо [Матн] // Миллат. – 2010. – 13 май.

315. Дар Иттифоқ Рӯдакиро мефурӯшанд [Матн] // Тоҷикистон. – 2014. – 4 сентябр.
316. Дар ҳошияи чанд туҳматнома [Матн] // Нигоҳ. – 2014. – 19 ноябр.
317. Журналисты приняли Этический кодекс [Текст] // Азия-Plus. – 2009. – 21 октябр.
318. Зиёиёни бемушкили тоҷик ё чаро зиёиён дар мулоқот бо президент танҳо мадҳия мехонанд [Матн] // Самак. – 2013. – 21 март.
319. Кӯри худу бинои мардум [Матн] // Миллат. – 2010. – 10 июн.
320. Кодекс ё хӯсаи тарс? [Матн] // Фараж. – 2008. – 24 июл.
321. Кодекси ахлоқӣ барои кӣ зарур аст? [Матн] // Нигоҳ. – 2008. – 24 июл
322. Кодекси одоби журналистӣ [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1999. – декабр.
323. Коҳини маъбади Омун даъвои юсуфӣ намуд [Матн] // Озодагон. – 2009. – 28 май.
324. Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Варорӯд» [Матн] // Варорӯд. – 2003. – 3 март.
325. Қонун маҳалгароӣ дар маводҳои журналистонро танзим мекунад? [Матн] // Имрӯз News. – 2011. – 30 март.
326. Матбуоти хусусӣ: риояи ахлоқ шарт аст [Матн] // Ҷумҳурият. – 2009. - 3 март.
327. Матбуоти озод хизмати ҳамаро мекунад [Матн] // Озодагон. – 2010. - 27 октябр.
328. Мавқеи хонанда [Матн] // Рӯзгор. – 2013. – 17 июл.
329. Неинтеллигентно об интеллигенции [Матн] // Азия-Plus. – 2013. – 30 май.
330. Писароне, ки «дарди сар»-и падар шуданд [Матн] // Имрӯз News. – 2012. –16 октябр
331. Посух ба чанд саволе, ки парда аз руйи ҳақиқат мебардорад [Матн] // Тоҷикистон. – 2014. – 18 декабр.
332. Свобода слова выродилась в свободу скорблять [Матн] // Комсомольская правда. – 2015. – 14-20 январ.

333. Суханшинос най, профессор, хато ин ҷост! [Матн] // Миллат. – 2010. – 24 ноябр.
334. Тавсияи Галучопстянӣ [Матн] // СССР. – 2010. – 30 сентябр.
335. Тарош аз тешаи худ ҷодаи хеш [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2000. - 24 март.
336. Тасҳеҳ [Матн] // Тоҷикистон. – 2013. – 31 январ.
337. Тасҳеҳ [Матн] // Чархи гардун. – 2010. – 28 июл.
338. Устод Айнӣ эродро мепазируфт [Матн] // Миллат. – 2010. – 1 декабр.
339. Чаро Шурои ВАО камэътибор аст? [Матн] // Миллат. – 2010. – 29 сентябр.
340. Чу дидӣ, ки нобинову чоҳ аст... [Матн] // Нигоҳ. – 2014. – 26 ноябр.
341. «Чархи гардун»-ро ба суд кашиданд [Матн] // Чархи гардун. – 2010. – 18 август
342. Яҳудо, Шамъун ва «Нигоҳ» [Матн] // Нигоҳ. – 2009. - 21 май.
343. «06008 аз ман 10 сомонӣ ришва гирифт!» [Матн] // Имрӯз-News. – 2011. – 4 март.

в) Манбаъҳои электронӣ

344. Авторы закона о печати рассказали, как в стране рождалась свободная пресса [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: https://lenta.ru/articles/2015/07/13/smi/
345. Аз барои кайк пӯстинро намесӯзонанд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: anvor.tj/2020/12/18/аз-барои-кайк-пӯстинро-намесӯзонанд
346. Амнияти иттилотиро чӣ гуна метавон таъмин кард? [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: sadoimardum.tj/maorif/amniyati-ittilotiro-ch-guna-metavon-ta-min-kard/
347. Амнияти иттилоотӣ: Чаро рушду пешрафт ва ҳатто бақои давлатҳоро ба он рабт медиҳанд? [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://javonon.tj/news/social/amniyati-ittiloot-charo-rushdu-peshraft-va-atto-ba-oi-davlat-oro-ba-on-rabt-medi-and/

348. Аскар Ҳаким аз «Самак» ҷубронпулӣ талаб кард [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/society/20130607/askar-akim-az-samak-ubronpul-talab-kard
349. Ахлоқ – асоси маърифати ҳуқуқӣ. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://mit.tj/article/ ахлоқ-асоси-маърифати-ҳуқуқи
350. Ахлоқ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://farazh.tj/sahifai-asosy/jomea/ahloq-hamchun-shakli-shuuri-jamijaty
351. Ахлоқи рӯзноманигорӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://school.cabar.asia/tj/video/marat-mamadshoev-ahlo-i-r-znomanigor/
352. Ба додгоҳ кашида шудани се нашрияи дигар [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/1943054.html
353. Ба қонуни матбуоти даврӣ ва дигар ВАО иловаҳо ворид мегарданд- ҳадаф таҳкими амнияти иттилоотист [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: khovar.tj/2016/02/ba-onuni-matbuoti-davr-va-digar-vao-ilova-o-vorid-megardand-adaf-ta-kimi-amniyati-ittilootist/
354. Ба шарафи Рӯзи Конститутсияи Тоҷикистон дар Кумитаи телевизион ва радио ҳамоиши тантанавӣ доир шуд. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://khovar.tj/2021/11/ba-sharafi-r-zi-konstitutsiyai-to-ikiston-dar-kumitai-televizion-va-radio-amoishi-tantanav-doir-shud
355. Баҳси гарми собиқ депутат бо «Чархи гардун» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/16794495.html
356. Баҳси додгоҳии Рустам Ҳукумов бо «Имрӯз News» махфӣ шуд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://ruzgor.tj/ijtimo/9331-bahsi-dodgohii-rustam-hukumov-bo-imruz-news-makhfi-shud-7024.html
357. Баҳси одоби журналистони тоҷик ва нигоҳе ба қазияи Тутубалина [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodagon.com/index.php?newsid=13577

358. Баҳси «Самак» бо Аскар Ҳаким қатъ шуд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/25129111.html
359. Гуманитарные науки [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: https://www.hse.ru/science/hum/
360. Дар бораи мо [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.asiaplustj.info/tj/info/about
361. Деонтология журналистики: от Ломоносова до информационного общества XXI века. [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: https://sibac.info/conf/philolog/x/27577
362. Деонтология французской журналистики в современном политическом контексте [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: https://philnauki.mgimo.ru/jour/article/view/356/353
363. Додрасҳо бо нашрияҳо мусолиҳа накарданд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/1965643.html
364. Додгоҳ нашрияи «AsiaPlus» ва сардабири онро ҷарима кард [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.bbc.com/tajik/news/2014/02/140224_mm_court_media
365. Додгоҳи олӣ ҳукми Олга Тутубалинаро боздошт [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/tjk-suporeme-court-suspended-olga-tutubalinas-verdict/25467016.html
366. Журналист дар додгоҳ. Чӣ бояд кард? [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/how-to-defent-press-freedom-in-tajik-courts/26717726.html
367. Журналистикаи касбӣ ва қавӣ аз байн намеравад [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL:https://halva.tj/tj/articles/talk/ra_ab_mirzo_zhurnalistikai_kasb_va_av_az_bayn_nameravad
368. Закон о печати и других средствах массових информации [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: http://www.libussr.ru/doc_ussr/usr_16715.htm

369. Закон СССР от 14 марта 1990 г. N 1360-I [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: http://constitution.garant.ru/history/ussr-rsfsr/1977/zakony/185465/
370. Имоми Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://peshina.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=2562
371. Иск судей к газетам: процесс завершен окончательно: [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/laworder/20110506/isk-sudei-k-gazetam-protsess-zavershen-okonchatelno-0
372. Каких этических принципов придерживается одно из крупнейших международных агентств Reuters? [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: presscouncil.ru/novosti/novosti-kollegii/5939-kakikh-eticheskikh-printsipov-priderzhivaetsya-odno-iz-krupnejshikh-mezhdunarodnykh-agenstv-reuters
373. Кодекси ахлоқи журналист [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: www.nansmit.tj/archive
374. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: htpps//mmk.tj/content/кодекси-ҷинояти-ҷумҳурии-тоҷикистон
375. Кодекс профессиональной этики росссийкого журналиста [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: http://www.ruj.ru/_about/code_of_professional_ethics_of_the_russian_journalist.php -
376. Кодекс этики [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: www.media.tj/wp-content/uploads/2023/06/кодекс-этики.docx
377. Қонуни нави матбуот ба ҳукумат «нафоридааст» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/qonuni-navi-matbuot-ba-hukumat-naforidast-/33155113.html

378. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар васоити ахбори омма» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://medialaw.asia/document/-895
379. Мафҳуми илмии асосҳои этикаи касбӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: открытых образовательных ресурсов: oer.cict.tj
380. Маърифати ҳуқуқӣ – унсури асосии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: www.avkd.tj/tg/khabarho/3223-ma-rifati-huquqi-unsuri-asosii-akhloqi-hamidai-insoni.html
381. Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL:m+ediacouncil.tj/mejorhoi-ahloqii-faolijati-zhurnalisti-dar-tojikiston
382. Мурофиаи нашрияҳои мустақил мавқуф гузошта шуд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/1945829.html
383. Нахустин «ҳукми сафед»-и хабарнигори тоҷик [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodagon.com/index.php?newsid=171
384. Ойинҳо ва савгандҳои журналистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/1184725.html
385. Одобномаи интернетӣ. Аз ҷонибдор то мухолиф [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/25026933.html
386. Одобномаи шаҳрванди электронӣ (Этикет) [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.babilon-t.com/index.php/tj/akhborot/321-odobnomai-shakhrvandi-elektroni-etiket
387. Парлумони ҶТ тарҳи тағйиру иловаҳо ба қонуни матбуотро напазируфт [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://sputnik.tj/20160203/1018335009.html
388. Пешвои миллат ва ташаккули системаи сиёсиву демократикунонии ҷомеа [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.hgu.tj/news/post/pesvoi-millat-tasakkuli-sistemai-siesi-va-demokratikunonii-omea.html

389. Редакционные ценности Би-би-си [Эл. ресурс] // Режим доступа: URL: https://www.bbc.com/russian/institutional/2011/02/000000_g_editorial_values
390. Рӯзноманигорони тоҷик «меъёрҳои ахлоқии нав»-ро таҳия карданд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: [https://newreporter.org/tj/2021/04/13/r-znomanigoroni-to-ik-meyor-oi-ahlo-ii-nav-ro-ta-iya-kardand/
391. Самак аз сӯи додгоҳ 10 ҳазор сомонӣ ҷарима шуд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https:// https://sputnik.tj/20150316/1014793900.html
392. Се варианти «сулҳ»-и «Азия-Плюс» бо зиёиёни тоҷик [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/asia-plus-offers-3-ways-to-solve-its-dispute-with-tajik-intellectuals/26543158.html
393. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj/node/222
394. Таджикистан лучший в Центральной Азии по показателям свободы слова [Электроный ресурс] // Режим доступа: URL: https://avesta.tj/2009/10/21/tadzhikistan-luchshij-v-tsentralnoj-azii-po-pokazatelyam-svobody-slova/
395. Талаби 150 000 сомонӣ аз сӯи Аскар Ҳаким даъвои хушку холист [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: www.ozodagon.com/index.php?newsid=10625
396. Таҳияи қонуни нав дар Тоҷикистон. Мушкилӣ аз байн меравад? [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/tahiyai-yak-qonuni-nav-dar-tojikiston/32948579.html
397. Тарафдор - 31. Муқобил - 0. Одобномаи интернетӣ қабул шуд [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodagon.com/index.php?newsid=12911
398. Таҳқиқи сабабҳои ҳуқуқӣ ва маънавии ба ҷавобгарии судӣ ҷалб гардидани ВАО дар Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ:

URL: https://www.khoma.tj/khoma/2018/09/09/таҳқиқи-сабабҳои-ҳуқуқи-ва-маънавии-ба-ҷавобгарии-суди-ҷалб-гардидани-вао-дар-тоҷикистон

399. Таъмини амнияти иттилоотӣ дар Тоҷикистон: вазъ ва дурнамо [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: khovar.tj/2020/06/tamini-amniyati-ittiloot-dar-to-ikiston-vaz-va-durnamo
400. Таъсиси шурои ахлоқии журналистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://www.ozodi.org/content/article/1865421.html
401. Шикояти эҷодкорон ва донишмандон алайҳи Тутубалина [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://www.ozodi.org/content/tajik-intellectuals-complain-to-court-against-journalist-olga-tutubalina/25017988.html
402. Шонси умед барои журналистони тоҷик [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodagon.com/index.php?newsid=579
403. «Ҳукми танқиди раис» ё чаро Одобнома бояд риоя шавад? [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://farazh.tj/sahifai-asosy/farhang/ukmi-tanqidi-rais-jo-charo-odobnoma-bojad-rioja-karda-shavad/
404. Эҳтимоли оштии се додрас бо се нашрия [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.ozodi.org/a/2008852.html

Б) РЎЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

I. Монография:

[1-М] Рахимджонов, Х.У. Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике (монография) [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 176 с.

[2-М] Раҳимҷонов, Х.У. Меъёрҳои этикаи касбӣ дар журналистикаи тоҷик (монография) [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 184 с.

II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[3-М] Раҳимҷонов, Х.У. Ташаккули меъёрҳои этикаи касбии журналистон дар пасманзари Ваҳдати миллӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 309-312.

[4-М] Раҳимҷонов, Х.У. Риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ – омили коста гардидани эътимод [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 308-311.

[5-М] Раҳимҷонов, Х.У. Влияние глобализации на этические ценности [Матн] / Х.Раҳимҷонов // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2018. – №4 (57). – С. 140-142

[6-М] Раҳимҷонов, Х.У. Сомонаҳо ва ҳассосиятҳои ахлоқи миллӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 285-290.

[7-М] Раҳимҷонов, Х.У. Ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №1(84). – С.136-139.

[8-М] Раҳимҷонов, Х.У. Нигоҳе ба вазъи риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар ВАО-и электронӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд. – 2020. – №1(62). – С. 137-140.

[9-М] Раҳимҷон, Х. Вусъати эҳтиром ва ташаккули риояи меъёрҳои забони давлатӣ дар воситаҳои ахбори омма [Матн] / Х. Раҳимҷон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе. – 2022. – №4(80). – С. 206-214.

[10-М] Раҳимҷон, Х. Ҷанбаҳои ахлоқии имиҷсозиҳо дар воситаҳои ахбори омма [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. № 3(32). – С. 12-20.

[11-М] Раҳимҷон, Х. Этика ва қонун: марз, шинохт ва таҳлил [Матн] / Х.Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7. – С.278-285.

[12-М] Раҳимҷон, Х. Нақди расонаӣ ва одоби баҳсҳои касбӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 250-256.

[13-М] Раҳимҷон, Х. Нигоҳе ба нозукиҳои касбӣ ва ахлоқии нишастҳои матбуотӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 246-254.

[14-М] Раҳимҷон, Х. Деонтологияи журналистика: моҳият, пайдоиш ва ташаккул [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 263-269.

[15-М] Раҳимҷон, Х. Нашрияҳои соҳавӣ: вазъият ва дурнамо (дидгоҳи маҷмуии ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ) [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С.376-383.

[16-М] Раҳимҷон, Х. Масъулияти ахлоқии журналист ва муборизаҳои иттилоотӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2024. – №4-2(37). – С. 238-243.

[17-М] Гулов, С., Раҳимҷон, Х. Меъёрҳои этикиву ҳуқуқии журналистика дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / С. Гулов, Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №3-1 (40). С. 198-203.

III. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[18-М] Rahimjon, Kh., Olimiyon, S. The importance of national in the era of civilizational clashes [Text] / Kh. Rahimjon, S. Olimiyon, // American Journal of Education and Learninig. – New-York, 2025. – Volume 3. – P. 887-892.

[19-М] Раҳимҷонов, Х.У. Несоблюдение этических норм – один из профессиональных проблем современной СМИ [Матн] / Х. Раҳимҷонов // ГЛОБУС (материалы Международная научно-практическая конференция «Достижения и проблемы современной науки»). – Санкт-Петербург, 2018. – С. 36-40.

[20-М] Rahimjonov Kh.U. The professional moral norms during the globalization of values [Матн] / Kh. Rahimjonov // «European multi science journal», Budaörs (Будапешт, Венгрия). – 2018. – №14. – С.23-25.

[21-М] Раҳимҷон, Х. Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи риояи меъёрҳои этикаи касбӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Асрори сухан (маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд, 2017. – С.187-191.

[22-М] Раҳимҷон, Х. Мулоҳизаҳо перомуни баъзе масъалаҳои ахлоқии ВАО-и муосир [Матн] / Х. Раҳимҷон // Дар моварои сухан (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2018. – С. 106-111.

[23-М] Раҳимҷонов, Х.У. Шикасти арзишҳо ва расонаҳо [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2019. – №4 (67). – С. 362-373.

[24-М] Раҳимҷон, Х. Дар шинохти деонтологияи журналистика [Матн] / Х. Раҳимҷон // Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ / Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд, 2023. – С.167-171.

[25-М] Раҳимҷон, Х. Набардҳои иттилоотӣ ва масъулияти журналистӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Материалы Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Часть 2). – Душанбе, 2024. – С. 164-168.

[26-М] Раҳимҷон, Х. Ҷомеаи журналистӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва барҳӯрди фарҳангу тамаддунҳо». – Бохтар, 2025. – С.479-483.

[27-М] Раҳимҷон, Х. Таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар воситаҳои ахбори омма [Матн]/ Х. Раҳимҷон // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир». – Кӯлоб, 2025. – С. 152-155.